Д.Ш. САНГИНОВ, И.М. ШАРИФОВ

Ба истиқболи 20 солагии қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 65 солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида мешавад

# ҲУҚУҚИ РАҚОБАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ВАСОИТИ ТАЪЛИМӢ

Душанбе – 2014

УДК: 346 (075)
ББК: 67.4 (2 тадж)

Сангинов Д.Ш., Шарифов И.М. Ҳуқуқи рақобати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ. Душанбе.: «ЭР-граф», 2014. 200с.

Муқарризон:
Раҷабов М.Н. - номзади илмӣои ҳуқуқ, дотсент
Мирбобоева Р.В. - номзади илмӣои ҳуқуқ, дотсент
Мирзоев П.З. - номзади илмӣои ҳуқуқ, дотсент
Қурбонов Қ.Б. - номзади илмӣои ҳуқуқ, дотсент

Васоити таълимӣ бори аввал бо забони давлатӣ омода шуда, дар асоси барномаи таълимии фан тамоми масъалаҳои ҳуқуқи рақобатро дар асоси саволу ҷавоб пайдарпай дар худ таҷассум намудааст.

Воситаи таълимӣ барои донишҷӯён, аспирантҳо, омӯзгорони факултет ва мактабҳои олии ҳуқуқшиносӣ, ҳамчунин барои тамоми ашхосе, ки зимни иҷрои фаъолияташон қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба рақобатро мавриди истифода қарор медиҳанд, пешбинӣ шудааст.

© Сангинов Д.Ш., Шарифов И.М. 2014.

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА ……………………………………………......
МАЪХАЗҲОИ ТАВСИЯШУДА БАРОИ ТАМОМИ МАВЗӮҲОИ ҲУҚУҚИ РАҚОБАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МАТНИ ЛЕКСИЯ АЗ ФАННИ ҲУҚУҚИ РАҚОБАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ……………………………………………..
МАВЗӮИ 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ РАҚОБАТ ………………………………………………………………
МАВЗӮИ 2. БОЗОР: МАФҲУМ ВА ТАРКИБ ……………………
МАВЗӮИ 3. МАФҲУМ, НИЗОМ ВА ВАЗИФАҲОИ ҲУҚУҚИ РАҚОБАТ ………………………………………………………………
МАВЗӮИ 4. ҚОНУНГУЗОРИИ ТАНЗИМКУНАНДАИ РАҚОБАТ ВА ИНҲИСОР ……………………………………………...
МАВЗӮИ 5. СУБЪЕКТОНИ ҲУҚУҚИ РАҚОБАТ ………………...
МАВЗӮИ 6. МАҚОМОТИ ЗИДДИИНҲИСОРӢ …………………..
МАВЗӮИ 7. ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ ВА НАМУДҲОИ ОН
МАВЗӮИ 8. РАҚОБАТИ БЕВИҶДОНОНА ………………………..
МАВЗӮИ 9. НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ ЗИДДИИНҲИСОРӢ ОИД БА РАҚОБАТИ ИҚТИСОДӢ ДАР БОЗОРИ МОЛ ………………
МАВЗӮИ 10. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР БОРАИ РАҚОБАТ ДАР БОЗОРИ МОЛ ………
МАВЗӮИ 11. ҲИФЗИ СОҲИБКОРОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РАҚОБАТИ НОМУСОИДИ ХОРИҶӢ …………..
МАВЗӮИ 12. СУБЪЕКТОНИ ИНҲИСОР ВА МАҚОМОТИ ТАНЗИМКУНАНДАИ ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО …………………………..
МАВЗӮИ 13. ВОСИТАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМКУНАНДАИ ИНҲИСОР ……………………………………………………………..
ЗАМИМА:
БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ҲУҚУҚИ РАҚОБАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН …..................... ………………………………………
1. ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲИМОЯ ВА ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРӢ»
2. ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ РАҚОБАТ ВА МАҲДУДКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ ДАР БОЗОРҲОИ МОЛ» ……………………………………………………..
3. ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МОНОПОЛИЯҲОИ ТАБИӢ» ……………………………………...
4. ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ
САНҶИШИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН » ……………………………………….
5. ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ САВДО ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ» ……………………………………………..

# МУҚАДДИМА

Ҳуқуқи соҳибкор ба рақобат ҳамчун як ҷузъи таркибии ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва ба ҳайси як ваколати субъекти фаъолияти соҳибкорӣ баромад мекунад. Ин бо роҳи ба амал баровардани имкониятҳои ҳуқуқии соҳибкор ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти худ ва ба амал баровардани ҳаракатҳои рақобатнок бо дигар соҳибкорон барои ба даст овардани фоидаи зиёд ба воситаи фурӯши афзалиятноки мол (кор, хизмат) ба харидорон, амалӣ карда мешавад. Ҳуқуқ ба рақобат барои он зарур аст, ки субъекти соҳибкорӣ имконияти бо инҳисориён муқобилият карданро дошта бошад.

Мазмуни ҳуқуқи рақобатро чунин ваколатҳо ташкил медиҳанд:

- ваколат ба ҳаракатҳои худ;
- ваколати талабкунӣ;
- ваколатҳо барои ҳимоя.

Ба амал баровардани ҳаракатҳои рақобатнок боиси халалдор намудани дигар субъектҳои соҳибкорӣ мегардад, вале чунин халалрасонӣ ба ҳуқуқвайронкунӣ алоқаманд намебошад. Дахл намудан ба манфиати рақибон маънои талабкунии ҳимояи судиро надорад, чунки муносибат дар савдо - ин мухолифати доимии манфиатҳои рақибон мебошад, ки ғолибияти яке аз онҳо боиси муфлисшавии тарафи дигар мегардад, ки новобаста аз оқибати ногувор, қонунӣ мебошад.

Мувофиқи қисми 2 моддаи 3 КГ шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои граждании худро бо ирода ва ба манфиати худ амалӣ мегардонанд . Манфиати асосии соҳибкори рақибро гирифтани фоида бо роҳи мағлуб намудани рақиб ва ҷалб намудани талаботи истеъмолкунандагон ташкил медиҳад.

Имконияти расонидани халал аз моҳияти ҳуқуқ ба рақобат бармеояд. Мағлуб шудан дар муборизаи рақобатнок ё кам шудани фоида ё муфлисшавии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун қисмати таркибии таваккали соҳибкорӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, омода намудани воситаи таълимии аз фанни «Ҳуқуқи рақобати Ҷумҳурии Тоҷикистон » ба забони тоҷикӣ амали зарурӣ баҳри иҷрои супоришҳои сарвари давлат дар самти рушди соҳибкорӣ ва вазифаҳои таълиму омӯзиши донишҷӯён, инчунин воситаи тарғибу ташвиқи донишҳои илман асоснок дар соҳаи соҳибкорӣ мебошад.

Мақсадҳои асосии ин фан ба донишҷӯёни мактабҳои олии ҷумҳурӣ додани таълимоти илмӣ оид ба ҳуқуқи рақобат; бозор: мафҳум ва таркиби он; мафҳум, низом ва вазифаҳои ҳуқуқи рақобат; қонунгузории танзимкунандаи рақобат ва инҳисор; субъектҳои рақобат; мақомотҳои зидиинҳисорӣ; фаъолияти зидиинҳисорӣ ва намудҳои он; рақобати бевиҷдонона; назорати давлатии зиддиинҳисорӣ аз болои рақобати иқтисодӣ дар бозори молу молиявӣ; ҷавобгари барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бозори мол ва молиявӣ; ҳифзи соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рақобти хориҷии номусоид; субъектони инҳисорӣ ва мақомоти танзимкунандаи фаъолияти онҳо ва воситаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи инҳисор мебошад.

## МАЪХАЗҲОИ ТАВСИЯШУДА БАРОИ ТАМОМИ МАВЗӮҲОИ ҲУҚУҚИ РАҚОБАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


1. Каримов А.К. Проблемы правового обеспечения конкурентной деятельности в Республике Таджикистан. / Отв. ред. д.ю.н., проф. Рахимов М.З., – Душанбе: ООО «Контраст», 2010. – 174 с
2. Конкурентное право России. Алешин Д.А., Артемьев И.Ю. и др. М.: 2012. - 392 с.
3. Махмадшоев Ф.А. Прововое обеспечение индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан. – Душанбе: «ЭР грвф», 2012.
4. Монополизм и антимонопольная политика. / Отв. ред. А. В. Барышева М., 1994. - 238 с.
5. Раҳимов М.З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ: Қисми 1. Душанбе: Деваштич, 2002. - 253 с.
6. Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. – Душанбе: «Сино», 1998. – 176 с.
7. Раҳимов М.З., Каримов А. Қ. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол». Душанбе, «Шуҷоиён», 2011, 184 саҳ.
8. Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебное пособие. Душанбе: «ЭР-граф», 2013. - 500с.
9. Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебное пособие. Второе издание с изменениями и дополнениями. Душанбе: «ЭР-граф», 2013. - 600с.
10. Сангинов Д.Ш. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи соҳибкорӣ (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). Воситаи таълимӣ. Душанбе. 2013. 256 саҳ.
11. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): Воситаи таълимӣ // Душанбе: «ЭР-граф», 2014. - 500 саҳ.
12. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / д.и.ҳ.. проф. Исмоилов Ш.М. – Душанбе: «Деваштиҷ», 2007
13. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон »/ Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. Душанбе: "Эр-граф", 2012. – 152 с.
14. Тохиров Н.Ф., Халиков А.Г. Развитие законодательной деятельности в Таджикистане. (1917-2007г.). – Душанбе: «Эҷод», 2009.
15. Тотьев К.Ю. Конкурентное право (правовое регулирование конкуренции). Учебник. М.: Издательство РДЛ, 2000. - 352с.
16. Тотьев К. Ю. Конкуренция и монополии. Правовые аспекты регулирования. М., 1996. - 264 с.
17. Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълимӣ. Қисми 1. Душанбе: Прогресс, 2009. – 473 с.

# МАТНИ ЛЕКСИЯ
# АЗ ФАННИ ҲУҚУҚИ РАҚОБАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Мавзӯи 1. Маълумоти умумӣ оид ба ҳуқуқи рақобат**

1. Мафҳум, функсияҳо ва намудҳои рақобат.
2. Мафҳум ва намудҳои инҳисор.
3. Танзими рақобат ҳамчун фаъолияти давлат.

*1. Мафҳум, функсияҳо ва намудҳои рақобат*

**Рақобат** - мусобиқаи озоди субъектҳои хоҷагидор, ки амалиёти мустақилонаи онҳо имконияти таъсиррасонии яктарафаи ҳар кадоми онҳоро ба шароити умумии муомилоти мол дар бозори моли дахлдор ба таври самарабахш маҳдуд менамояд. Рақобат – (аз калимаи лот. Concurrere – бархурд) – муборизаи субъектони мустақили иқтисодӣ барои захираҳои иқтисодии маҳдуд мебошад. Ин ҷараёни иқтисодӣ таъсиррасонии мутақобила, алоқамандии мутақобила ва муборизаи байни корхонаҳои ба бозор барояндаро таъмин намуда, ба мақсади таъмини имконияти хуби фурӯши маҳсулоти худ ҷиҳати қонеъ намудани талаботҳои гуногуни истеъмолкунандагон равона гардидааст.

Қонунгузор **нишонаҳои** зерини рақобатро муайян намудааст:

- мазмуни рақобатро мусобиқаи (муборизаи) субъектони хоҷагидор дар бозор ташкил медиҳад;
- мусобиқа дар кирдори субъектони хоҷагидор ифода меёбад;
- натиҷаи мусобиқа барои яктарафа маҳдуд кардани имкониятҳои субъектони хоҷагидор дар бозор равона гардидааст.

Рақобат дорои **функсияҳои** танзимнамоӣ, мақсаднокӣ,тақсимкунӣ, ва назорат мебошад.

1) Танзимнамоӣ. Барои он ки дар бозор соҳибкор ҷойгир шавад бояд талаботи харидоронро таъмин намояд ва маҳсулоте истеҳсол намояд, ки барои харидорон писанд бошад.

2) Мақсаднокӣ. Барои рақобати соҳибкор имконият ва таваккал дар якҷоягӣ ҷой дошатнаш зарур аст. Корхонае, ки маҳсулоти хушсифатро пешниҳод мекунад ё онро бо хароҷоти кам истеҳсол мекунад, фоида ба даст меорад (санксияи мусбӣ). Корхонае, ки ба хоҳиши муштариён амал намекунад ва ё қоидаи рақобатнокиро дар бозор риоя намекунад, зарар мебинад ва ё дар бозор доираи фаъолияташ маҳдуд карда мешавад (санксияи манфӣ).

3) Тақсимкунӣ - имконият медиҳад, ки даромад байни корхона ва хоҷагии хонагӣ мувофиқи ҳиссаи самараноки онҳо тақсим гардад. Ин ба ғояи подошдиҳӣ аз рӯи натиҷа, ки дар муборизаи рақобатӣ ҳукмфармо аст, ҷавобгӯ мебошад.

4) Назорат. Рақобат қувваи иқтисодии ҳар як корхонаро маҳдуд ва назорат мекунад. Дар ҳамин вақт рақобат ба харидор имконияти интихоб намуданро дар байни якчанд фурӯшанда медиҳад. Чи қадаре, ки рақобат мукаммал бошад, ҳамон қадар нархҳо адолатнок

мешаванд. Сиёсат дар соҳаи рақобат ба он равона аст, ки рақобат тавонад вазифаашро иҷро намояд. Ғояи ҳукмфармои «рақобати пешравандаи мувофиқ» ба ҳайси мақсади сиёсат дар соҳаи рақобат пешниҳод мекунад, кинавоварӣ зуд бо фишори рақобат ҷорӣ мегардад, ҷараёни техникӣ инкишоф меёбад, корхона ба шароити тағйирёбанда мувофиқ мешавад.

Манфиати мусбии рақобат дар бисёр ҳолатҳо аз он шартҳое вобаста аст, ки дар доираи он амал мекунанд. Одатан се шарти пешакиро ҷудо мекунад, ки ҳастии он барои амалнамоии механизми рақобат зарур аст: якум, баробарии агентҳои иқтисодӣ, ки дар бозор амал мекунад (бисёртар аз шумораи корхона ва истеъмолкунандагон); дуюм, хусусияти маҳсулоти истеҳсолнамудаи онҳо (сатҳи якхелагии маҳсулот); сеюм, озодии даромад ва баромад ба бозор (пеш аз ҳама набудани монеа барои даромадан дар намуди иттиҳодҳо ва сохтор).

Дар айни ҳол якчанд намуди рақобат, ё сохторҳои бозорро фарқ мекунанд.

1) Рақобати мукаммал (тоза) дар шароитҳои зерин ба вуҷуд меояд:

- мавҷудияти зиёди корхонаҳои хурд, ки дар бозор маҳсулоти якхеларо пешниҳод мекунад. Дар ин ҳолат ба истеъмолкунанда фарқ надорад, ки ин маҳсулотро аз кадом корхона ба даст меорад;

- ҳиссаи ҳар як корхона дар ҳаҷми умумии пешниҳоди бозори маҳсулоти мазкур ҳамон қадар кам аст, ки ҳама қарори он оид ба баланд ва паст кардани нарх ба мувозинати нархи бозор таъсир намерасонад;

- даромад ва баромади корхонаҳои нав ба бозор мутлақо озод аст;

- дастрасии ин ё он корхона ба маълумот оид ба вазъи бозор, нархҳои мол ва захираҳо, хароҷотҳо, сифати мол, техникаи истеҳсолот маҳдуд нест.

2) Рақобати номукаммал - рақобате, ки бо ин ё он сатҳ бо маҳдудкунии ошкорои соҳибкорӣ алоқаманд аст. Ба ин намуди рақобат хусусиятҳои зайл хосанд:

- шумораи ками корхонаҳо дар соҳаҳои соҳибкорӣ;

- доштани имконияти гурӯҳи соҳибкорон (ё ҳатто як соҳибкор);

- худсарона ба вазъияти бозор таъсир расондан;

- барои дохил шудани соҳибкорони нав ба бозор монеаҳо вуҷуд дорад;

- маҳсулоти монанди ивазкунандаро, ки истеҳсолкунандагони ба он афзалият диҳанд ҷой надорад.

3) Рақобати инҳисорӣ - омезиши рақобати мукаммал ва номукаммал мебошад. Хусусиятҳои хоси ин намуди рақобат чунинанд:

- шумораи зиёди корхонаҳои хурди маҳсулоти гуногунро пешниҳодкунанда;

- даромад ва баромад ба бозор чун қоида ба ягон мушкилот алоқаманд нест;

- дар сифат, намуди зоҳирӣ ва дигар хислатҳои маҳсулотҳои истеҳсолнамудаи корхонаҳои гуногун фарқият ҷой дорад, ки ин маҳсулотҳоро беҳамто мекунад.

*2. Мафҳум ва намудҳои инҳисор*

**Инҳисор** – ҳолати истисноии субъекти хоҷагидор дар бозор мебошад. Ҳолати истисноии субъекти хоҷагидор дар он ифода меёбад, ки як субъект дар дасти худ аксарияти истеҳсолот ва муомилоти мол (кор, хизматрасон)-ро қарор дода, онро ба манфиати худ барои ҳукумронӣ аз болои истеъмолкунандагон ва дигар иштирокчиёни бозор истифода мебарад. Инҳисор (монополия) аз калимаи юнонӣ monos - як ва poleo -мефурӯшам бармеояд. Дар шароити инҳисор як корхона фурӯшандаи ягонаи маҳсулот мебошад, ки монандаш мавҷуд нест. Барои дохил шудан ба бозор ба дигар корхонаҳо монеа ҷой дорад.

Дар айни ҳол 3 **намуди** асоси инҳисор маълум аст:

- инҳисори пӯшида (қонунӣ) – инҳисоре, ки аз рақобат ба воситаи маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ҳифз карда мешавад. Масалан инҳисори давлатӣ, инҳисори ба патент асосёфта.

- инҳисори табиӣ – соҳаи иқтисодиёт, ки танҳо дар мавриди пешбурди фаъолият аз ҷониби як субъекти хоҷагидор фаъолона руд менамояд.

- инҳисори кушода (муваққатӣ) - инҳисоре, ки як субъекти хоҷагидор муваққатан таминкунандаи моли муайян дар бозор мебошад ва то мӯҳлати муайян рақиб надорад.

Дар баробари ин намудҳои инҳисор дар айни ҳол чунин намудҳои иловагӣ пайдо шудаанд:

- Монопсония. Агар харидор ягона бошад, пас ин рақобат монопсония (аз юнон. monos - як ва opsonia - харидан) номида мешавад. Дар шароити монополия чун қоида фурӯшанда бурд мекунад. Монопсония бошад ба харидор бартарият медиҳад.

- Инҳисори дутарафа. Дар баъзе соҳаҳо инҳисори дутарафа вомехӯрад - вақте, ки дар бозор як фурӯшанда ва як харидор (масалан, дар соҳаи истеҳсолоти ҳарбӣ, фармоишгар давлат буда, маҳсулотсупоранда корхонаи ягона мебошад).

- Олигополия. Бисёртар дар мамлакатҳои иқтисоди бозоргонӣ олигополия (аз юнон. oligos - кам ва poleo - мефурӯшам) ба вуҷуд меояд. Ин намуди рақобат мавҷуд будани якчанд корхонаи бузургро дар бозор имкон медиҳад, ки метавонад ҳам якхела (оҳан) ва ҳам гуногун (автомобил) бошад. Даромадани корхонаҳои нав ба соҳа мушкилотро пеш меорад. Хусусияти олигополия ин алоқаи мутақобилаи корхонаҳо дар қабули қарор оид ба нарх ба маҳсулоти худ мебошад.

*3. Танзими рақобат ҳамчун фаъолияти давлат*

Танзимнамоии давлатӣ – ин маҷмӯи чораҳои мақомотҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, ки дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба мақсади мукаммалгардонии низоми иҷтимоию иқтисодӣ ба амал бароварда мешавад. Мақсади танзими рақобат ҳамчун фаъолияти давлат ба воситаи се функсияи асосӣ амалӣ карда мешавад:

1) ташкили шароити алишавии фарҳангӣ бозордорӣ: муайян намудани шакли моликияти субъектони хоҷагидор ва қоидаи идоракунӣ; таъсиси дастгоҳи таъминкунандаи иҷрои шартномаҳо; пешгирии баҳсҳо миёни субъектони хоҷагидор ва ҳалли онҳо бо тартиби судӣ; ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони харидори маҳсулоти субъектони хоҷагидор; муқаррар намудани низоми пулӣ; муқаррар намудани стандарт ва ченак ба маҳсулот.

2) ба нақшанирии стратегии илм ва пешравии илмию техникӣ.

3) ҳалли масъалаҳои макроиқтисодӣ: ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ; икишофи нисбии иқтисодиёт; суръати инкишофи иқтисодиёт; мувозинати иқтисоди берунаи мамлакат; сатҳи шуғли аҳолии қобили меҳнати мамлакат; ҳифзи иҷтимоӣ.

Назорат ва танзими давлатии рақобат да ду гурӯҳ - бевосита ва бавосита ҷудо мешавад. Назорати бавосита низоми имтиёзҳо ва андоз, сиёсати махсуси нарх, танзими шуғли аҳолӣ, тайёрии касбӣ ва азнавтайёркунӣ, таъмини иттилоот ва таъсис додани инфрасохтори инкишофёфтаро дар бар мегирад. Ба назорат ва танзими бевоситаи давлатӣ инҳо дохил мешаванд: назорати молиявӣ, экологӣ, санитарӣ ва сӯхторӣ, инчунин назорат ба сифат ва сертификатонии маҳсулот.

Мудохилаи давлат ба соҳаи рақобат ба ин ҳолатҳо алоқаманд аст:

- пешгирии садамаҳои экологӣ ва ҳалли масъалаҳои экологӣ;
- мубориза бар зидди ҷиноятбкориҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ;
- бартараф намудани бӯҳрони иқтисодӣ ва хавфҳои иҷтимоӣ;
- назорат ба истифодаи захираҳои умумимиллӣ;
- функсияи идоракунии давлат:
- пешгӯии ҳолатҳои инҳисор ва бартараф намудани онҳо;
- таъминоти иттилоотӣ ва назорати иҷрои меёрҳо ва маҳдудиятҳо;
- таъмини моддию техникӣ ва молиявии лоиҳаҳои умумимиллӣ.

Танзими рақобат ҳамчун фаъолияти давлат барои иҷрои вазифаҳои зайл равона гардидааст:

- пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона;
- мусоидат ба ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ дар асоси рушди рақобат ва соҳибкорӣ;
- назорати давлатӣ ба риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ;
- ғайриинҳисорӣ кардани истеҳсол ва муомилоти мол;
- назорати иҷрои қонунгузории зиддиинҳисори ҳангоми таъсис, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор менамояд.

**Мавзӯи 2. Бозор: мафҳум ва таркиб**

**1.** Мафҳум, намуд ва таркиби бозор.

2. Мавқеи ҳукумфармоии субъектони хоҷагидор дар бозори мол.

*1. Мафҳум, намуд ва таркиби бозор*

Аввалин маротиба ибораи бозори озод аз ҷониби ҳуқуқшинос ва иқтисодчии Испанӣ Хуан де Матенсон дар нимаи дуюми асри 16 дар назарияи арзиши субъективӣ истифода бурда шудааст.

**Бозор** ин низоми муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар ҷараёни истеҳсолот, муомилот ва тақсимоти мол ба вуҷуд меояд, инчунин муомлоти воситаи пулӣ ба ҳисоб меравад. Бозор дар якҷоягӣ бо тараққиёти истеҳсолот, бо ба мубодила ҷалб намудани на танҳо молҳои истеҳсолшударо, инчунин молҳое, ки натиҷаи меҳнат намебошанд, инкишоф меёбад. Дар шароити ҳукмфармоии муносибатҳои бозоргонӣ ҳама муносибатҳои одамон дар ҷамъият ба хариду фурӯш фаро гирифта шудааст. Бозор соҳаи мубодилаест, ки алоқаи байни агенти истеҳсолоти ҷамъиятро дар шакли хариду фурӯш, яъне алоқаи истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, истеҳсолот ва истеъмолотро ба амал мебарорад.

**Намудҳои бозор** вобаста ба асосҳои гуногун тасниф карда мешаванд:

1. Вобаста ба ҳудуд: маҳалӣ, минтақавӣ, давлатӣ, байналмилалӣ.
2. Вобаста ба иштирокчиёни дар муомилот ширкаткунанда: истеъмолкунандагон, истеҳолкунандагон, фурӯшандагони мувақатӣ, корхонаҳои давлатӣ.
3. Вобаста ба объекти муомилот: воситаҳои истеҳсолӣ, мол ва хизмат, молиявӣ, моликияти зеҳнӣ.
4. Вобаста ба сатҳи рақобат: рақобатнок, рақобати инҳисорӣ, олигополӣ, инҳисорӣ.
5. Вобаста ба навъи мол: маҳдуд, пурра, омехта.
6. Вобаста ба риояи қонуният: қонунӣ, ғайриқонӣ, сиёҳ.
7. Вобаста ба таъминот: баробар (талабот=пешниҳодот), камчин, зиёдатӣ.
8. Вобаста ба инкишофёбии озодии иқтисодӣ: озод, танзимшаванда.
9. Вобаста ба хислати фурӯш: яклухт, чакана.
10. Вобаста ба объекти фурӯш: асъор, мол, кор, қоғазҳои қиматнок.

Бозори мол- соҳаи муомилоти моле, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё қисмати он молҳои ивазкунанда ё баҳамивазшаванда надорад, ки вобаста ба имконияти иқтисодии харидор барои ба даст овардани мол дар қаламрави дахлдор ва мавҷуд набудани чунин имконият берун аз ҳудуди он муайян мегардад.

Бозори фурӯши чакана – маҷмӯи молу мулке, ки аз қитъаи замини аз ҳудуди ҳамшафат ҷудо ва бо объектҳои дар он қарордошта, аксаран

аз объектҳои шабакаи савдои хурди чаканаи дорои вазифаи мутамаркази хизматрасонӣ, идоракунӣ ва муҳофизатӣ иборат буда, барои фурӯши молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасонии маишӣ) дар асоси нархҳои озоди бевосита ҳангоми бастани шартномаҳои хариду фурӯши чакана ва шартномаҳои пудратии маишӣ муайяншуда пешбинӣ гардидаанд.

Бозори универсалӣ – бозори фурӯши чакана, ки дар он камтар аз ҳаштод фоизи миқдори умумии ҷойҳои савдо барои фурӯши як навъи мол таъин гардидааст.

Бозори махсусгардонидашуда – бозори фурӯши чакана, ки дар он бештар аз ҳаштод фоизи миқдори умумии ҷойҳои савдо барои фурӯши як навъи мол таъин гардидааст.

Бозори кооперативии кишоварзӣ – бозори маҳсулоти кишоварзӣ, ки он аз ҷониби ташкилоти мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли кооперативи истеъмолӣ ба қайди давлатӣ гирифташуда идора карда мешавад.

Бозори кишоварзӣ – бозори махсусгардонидашуда, ки дар он фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ монда мешавад.

**Таркиби бозор** аз субъект ва объект иборат аст. Субъекти бозор фурӯшанда ва харидор ба ҳисоб меравад. Ба ҳайси фурӯшанда ва харидор истеъмолкунанда (як ё якчанд шахс), фирма (корхона), давлат баромад мекунад. Бисёр субъектони бозор ҳам ба ҳайси харидор ва ҳам ба ҳайси фурӯшанда баромад мекунад. Ҳама субъектони хоҷагӣ дар бозор «равиши» алоқаманди хариду фурӯшро таъсис дода, ба ҳамдигар таъсири зич мерасонад. Объекти бозор мол (кор, хизматрасонӣ) мебошад. Ба сифати мол на танҳо молҳои истеҳсолшуда, инчунин омилҳои истеҳсолот (меҳнат, сармоя) баромад мекунад.

**Сабаби асосии пайдоиши бозор** ин маҳдудияти табиии қобилияти истеҳсолкунии одамон мебошад. Ҳатто одами қобилиятноктарин метавонад танҳо шумораи ками неъматҳоро истеҳсол кунад. Дар ҷамъият на танҳо имкониятҳои истеҳсолии одамон, балки ҳама дигар омилҳои истеҳсолот (замин, техника, ашёи хом) низ маҳдуд аст. Шумораи умумии онҳо ҳадди худро дорад, ба ягон соҳа татбиқ намудани он, имконияти истифодаи чунин имкониятро ба дигараш истисно мекунад. Дар назарияи иқтисод ин падида қонуни маҳдуд будани захираҳо ном гирифтааст. Маҳдудуяти захираҳо бо роҳи мубодилаи як мол ба моли дигар дар бозор бартараф карда мешавад. Сабаби пайдоиши бозор вобастагии иқтисодии молистеҳсолкунандагон низ мебошад. Барои он, ки онҳо тавонанд натиҷаи меҳнати худро ихтиёрдорӣ кунанд. Ба мубодилаи неъматҳо танҳо истеҳсолкунандагони мустақил, мухтор ва қарори хоҷагӣ қабул намуда метавонад машғул шавад. Вобастагии иқтисодӣ маънои онро дорад, ки худи истеҳсолкунанда ҳал мекунад, ки кадом маҳсулотро истеҳсол кунад, чигуна онро истеҳсол кунад, ба кӣ ва дар куҷо онро

онро фурӯшад. Режими ҳуқуқии асосии ҳолати вобастагии иқтисодӣ режими моликияти хусусӣ мебошад. Мубодилаи маҳсулоти меҳнати инсонӣ дар навбати аввал ҳастии моликияти хусусиро пеш меорад. Бо тараққиёти моликияти хусусӣ хоҷагии бозоргонӣ низ инкишоф ёфт.

**Вазифаи бозор.** Вазифаи асоситарини бозор – ба танзимдарорӣ мебошад. Дар танзимнамоии бозоргонӣ таносуби талабот ва пешниҳод, ки ба нархҳо таъсир мерасонад, аҳамияти калон дорад. Нарх боло равад ба васеъкунии истеҳсолот, пастшавии нарх ба камкунии истеҳсолот хабар медиҳад. Дар шароити имрӯза иқтисод на танҳо бо «дасти ноаён», ки А. Смит навишта буд, балки бо дасти давлатӣ низ идора мешавад. Аммо бозор дар бисёр вазъиятҳо мувозинати иқтисодиро муайян намуда, нақши танзимнамоии худро нигоҳ медорад. Бозор ҳамчун танзимкунандаи истеҳсолот, талабот ва пешниҳод баромад мекунад. Ба воситаи механизми қонунӣ арзиши талабот ва пешниҳод, таносуби зарурии истеҳсолот дар иқтисод муқаррар мегардад. Бозор вазифаи ҳавасмандгардониро иҷро мекунад. Ба воситаи нарх он ҷорӣ намудани дастовардҳои пешрави илмию техникӣ, кам кардани хароҷот ба истеҳсоли маҳсулот ва баланд бардоштани сифати он, васеъ намудани намунаҳои мол ва хизматрасониҳоро ҳавасманд мекунад. Вазифаи дигари бозор иттилоотӣ мебошад. Бозор ба худ сарчашмаи ғании маълумот, дониш, маълумоти ба субъекти хоҷагидор зруриро дарҷ мекунад. Вай дар бораи сифат, намуна ва хизматрасониҳо,ки ба он ворид карда мешавад маълумот медиҳад. Мавҷудияти иттилоот ба ҳар як субъект имконият медиҳад, ки истеҳсолоти худро бо шароити тағйирёбандаи бозор муқоиса кунад. Вазифаи миёнравии бозор дар он зоҳир мегардад, ки дар иқтисоди бозоргонии мӯътадил бо рақобати пешрафта истеъмолкунанда имконияти интихоби маҳсулоти қулайро дорад. Ба фурӯшанда бошад имконияти интихоби харидори мувофиқро медиҳад. Бозор вазифаи тозакунандаро иҷро мекунад. Он истеҳсолоти ҷамъиятро аз воҳидҳои беқуввати иқтисодӣ, ноустувор тоза мекунад ва баръакс субъектони манфиатовар, ӯҳдабаро ва пешравро дастгирӣ мекунад. Бозор имконият медиҳад, ки масъалаҳои сатҳи зиндагӣ, сохтор ва самаранокии истеҳсолотро ҳал намоем. Бозор имконият медиҳад то арзишҳои ҷамъиятиро истифода барем. Бозор худ арзиши тамаддунии ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Он имконияти худро дар мамлакатҳои тараққиёфта, инкишофёфта новобаста аз хусусиятҳои миллӣ, мафкуравӣ нишон медиҳад. Дастгоҳи бозор иқтисодиётро аз камчинии мол ва хизматрасонӣ озод мекунад. Чи дар назария ва чи дар амалия иқтисоди бозоргонӣ бисёртар дар ҳудуди он захираҳое кам нест, ки мамлакат онҳоро дорад. Камчинӣ ба манфиати иштирокчиёни бозор мухолифат мекунад. Мухолифат байни пайдоиши талабот ва пешниҳод имконият дорад. Онҳо ба патенсиали илмию техники дар ҷамъият мавҷудбуда, мавҷудияти захираҳо вобаста буда, хислати муваққатӣ дорад. Бозор дар байни истеҳсолот ва истеъмол вазифаи зинаи алоқамандкунандаро иҷро мекунад. Бозор ба ҳама марҳалаи

азнавистеҳсол – истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмол таъсир мерасонад. Ба ин маъно бозор низоми худтанзимкунандаи ҳамаи зинаҳо аст, ки дар зери таъсири доимии талабот ва пешниҳод қарор дорад. Ба воситаи вазифаи иҷтимоӣ бозор истеҳсолкунандагонро тафриқа мекунад. Вай ба давлат имконияти хубро барои ба даст овардани адолати иҷтимоӣ дар иқтисодиёти миллӣ медиҳад, ки ба даст овардани он дар шароити давлатдории тоталитарӣ имкон надошт.

Принсипҳои асосии амалкунии иқтисоди бозоргонӣ инҳо мебошанд:

- озодии фаъолияти иқтисодӣ, хоҷагӣ ва соҳибкории хусусӣ ва гурӯҳи иҷтимоӣ;
- бартарияти истеъмолкунанда;
- дар назди истеъмолкунанда намуди махсуси ҷавобгарӣ ба вуҷуд меояд ва истеъмолкунанда хоҳиш, ирода ва табъи худро ба истеҳсолкунанда мефармояд;
- нархгузорӣ дар бозор. Нарх дар бозор дар натиҷаи савдои фурушанда ва харидор, таъсири мутақобилаи талабот ва пешниҳод ба вуҷуд меояд;
- муносибатҳои шартномавӣ;
- рақобат;
- танзими давлатии бозор ва муносибатҳои бозоргонӣ. Ба ҳайси воситаи танзимнамоии бозор барномаҳои давлатӣ, андозбандӣ, низоми молию қарзӣ ва бонкӣ дохил мешавад.
- шаффофияти иқтисод. Ташкилотҳои хоҷагӣ ва соҳибкорон ҳуқуқи амали намудани амлиётҳои иқтисодии беруниро бо риоя намудани шартҳои муайян ва маҳдудиятҳо доро мебошад;
- таъмин намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

Дар бозор фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ, молҳои саноатӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, меваҷоти растаниҳои худрӯй, дигар молҳои истеъмолӣ ва ғайристеъмолӣ, инчунин чорво амалӣ карда мешавад. Савдо дар бозор дар объектҳои савдо бо фароҳам овардани шароити зарурии хариди мол, иҷрои корҳо, хизматрасонӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯши мол бо истифодаи таҷҳизоти савдо ва таҷҳизоти технологии савдо (пештахта, пешдӯкон, яхдон ва дигар таҷҳизот), асбобҳои ченаки вазн мутобиқи талаботи санитарию гигиенӣ, зидди сӯхтор, ҳифзи табиат ва дигар талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон реҷаи кории бозорҳои давлатиро муқаррар ва ғайридавлатиро мувофиқа менамояд. Фурӯшанда дар ҷойи савдо бояд дорои чунин мавод бошад:

– овеза бо нишондоди номи ташкилот, иттилоот дар бораи макони ҷойгиршавии он;
– китоби сабти арзу шикоят ва пешниҳодот;
– ҳуҷҷатҳое, ки манбаи воридшавии молҳоро нишон медиҳанд;

– ҳуҷҷатҳое, ки сифат ва бехатарии молҳоро тасдиқ мекунанд;

– дафтарчаи тиббии намунаи муқарраргардида;

– корти фурӯшанда.

Ташкили фурӯши мол (иҷрои кору хизматрасонӣ) дар бозор ба зиммаи маъмурияти бозор вогузор карда мешавад. Дар доираи фаъолияти мазкур маъмурияти бозор ҳамарӯза санҷиши талаботи зеринро амалӣ менамояд:

– корти фурӯшанда бо зикри насаб, ном, номи падари фурӯшанда ва номи ташкилот;

– ҷойҳои савдои аз ҷониби онҳо ишғолкардашуда;

– ҳангоми ошкор шудани ҳолатҳои риоя накардани талаботи зикргардида, тадбирҳои бартараф кардани онҳоро меандешад ё дар ҳамон рӯз мақомоти дахлдори назоратӣ ва санҷиширо огоҳ месозад.

Маъмурияти бозор ӯҳдадор аст, ки баҳисобгирии маблағ ва молу мулкро ба роҳ монад, талаботи муқаррарнамудаи қонунгузориро ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо субъектҳои савдо дар бозор риоя намояд, субъектҳои савдоро дар бораи тағйир ёфтани тарифи пардохт дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯз огоҳ намояд. Аз ҷониби ташкилот ва маъмурияти бозор иҷро накардани ӯҳдадориҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи онҳо гузошташуда (риоя накардани меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон, талаботи бехатарии зидди сӯхтор, санитарию эпидемиологӣ, ҳифзи муҳити зист, пешниҳод накардани иттилоот ба мақомоти дахлдори назоратӣ ва ғайра) метавонад боиси ба ҷавобгарӣ кашидани ҳам ташкилот, ҳам шахсони мансабдори он, аз ҷумла манъ кардани фаъолияти ташкилот гардад. Ба зиммаи маъмурияти бозор ӯҳдадории пешбурди феҳристи фурӯшандаҳои бозор ва феҳристи шартномаҳо дар бораи пешниҳоди ҷойҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ вогузор карда мешавад. Иттилоот оид ба феҳристҳои зикргардида метавонад аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади назорат дархост карда шавад.

Субъектҳо барои фаъолият кардан дар бозори мол ва хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ объектҳои асосӣ ва ғайриасосии махсус таҷҳизонидашудаи доимӣ ва сайёрро истифода мебаранд. Ҷойгиркунонии объектҳои зерин дар бинои истиқоматӣ, дар дохили бинои ба таври иловагӣ сохташуда, инчунин бинои иловагии дар манзили истиқоматӣ сохташуда манъ аст:

– объектҳои реҷаи корашон баъди соати 23.00;

– ҳаммом ва саунаҳо;

– объектҳои хӯроки умумӣ бо миқдори беш аз 50 ҷойи нишаст ё майдони умумии беш аз 250 метри мураббаъ бо истифодаи дастгоҳи пахши мусиқӣ;

– шустагарӣ ва хушкашӯӣ (ба истиснои бунгоҳҳои қабул ва шустагариҳои худхизматрасон бо иқтидори то 75 кг дар як рӯзи корӣ);

– студияҳои сабти овоз;

– маҳдудиятҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

Дар объектҳои савдо, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ ҷойгиркунонии толорҳои бизнеси бозӣ, автоматҳои бозӣ ва ғайра, ба истиснои толорҳои бозиҳои кӯдакона манъ аст. Объектҳои асосӣ, ғайриасосии доимӣ ва бозорҳои бо асбобу анҷоми махсуси савдою технологӣ ҷиҳозонидашуда мувофиқи хулосаи комиссияи давлатии қабул ба истифода дода мешаванд. Ҳангоми аз ҷониби субъекти савдои чакана, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишии ғайридавлатӣ қабул намудани қарор дар бораи реҷаи кори шабонарӯзии объект чунин реҷа тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқа карда мешавад.

Бозор аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси озмун ва талаботи меъморӣ ва шаҳрсозӣ ташкил карда мешавад. Ҳангоми зарурати ташкили ин ё он намуди бозор ҳолатҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

– зарурати таъмини аҳолии маҳалли муайян бо ин ё он намуди мол;

– мавҷудияти қитъаи замин барои ташкили бозор;

– баҳисобгирии талаботу пешниҳоди сокинони маҳалли мазкур.

Ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда, ки барои ташкили бозор заруранд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд. Тарҳкашӣ, азнавтарҳкашӣ ва сохтмони биноҳои бозор, таҷдид ва навсозии биноҳо, иморатҳо, иншоот ва биноҳои дар онҳо мавҷудбуда аз ҷониби маъмурияти бозор бо риояи меъёру қоидаҳои меъморӣ, шаҳрсозӣ, санитарию гигиенӣ ва иморатсозӣ, талаботи асосие, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар намудааст, амалӣ гардонида мешаванд. Таҷҳизонидан ва нигоҳдории бозор, таваққуфгоҳи воситаҳои нақлиёт, ҷойҳои истифодабарии умум, мавзеъ барои ҷойгиркунонии воситаҳои оташнишонӣ ва аз сӯхтор огоҳкунандаи шаҳрвандон ҳангоми рух додани ҳолатҳои садамавӣ ва фавқулодда, ҷойи муносиб барои насби маводи иттилоотию маълумотӣ оид ба қоидаю тартиби фаъолият дар бозор, маъмурияти бозор ва роҳбари он, дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва таъминкунандаи робита бо мақомоти дахлдори назоратӣ, инчунин рақамҳои телефони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор (рақами телефонҳои «Робитаи мустақим») барои муроҷиати шаҳрвандон аз ҷониби маъмурияти бозор амалӣ гардонида мешаванд. Дар бозорҳои фурӯши маводи истеъмолӣ лабораторияҳо (байторӣ, санитарӣ ва ғайра) барои ташхиси маводи фурӯшии хӯрокворӣ ташкил карда мешаванд. Ҳангоми фурӯши молҳо (иҷрои кору хизматрасонӣ) бо истифодаи воситаҳои ченак (тарозу, санги тарозу, зарфҳои

ченакдор, метрҳо ва ғайра) бо мақсади аз ҷониби харидорон санҷидани саҳеҳии нарх, андоза ва вазни молҳои харидашуда (иҷрои кору хизматрасонӣ) дар ҷойи муносиби бозор асбобу анҷоми ченкунандаи ҷавобгӯи қоида ва меъёрҳои метрологӣ насб карда мешаванд. Ба мақомоти корҳои дохилӣ, инчунин бо талаби мақомоти назоратӣ ва санҷишӣ ба кормандони онҳо барои иҷрои ӯҳдадориҳояшон бояд дар бозор утоқи доимӣ ва ё муваққатӣ ҷудо карда шавад.

Маъмурияти бозор вазифадор аст:

– бозорро дар ҳолати дахлдори санитарӣ ва техникӣ, ки ҳифзи муҳити зист, бехатарии эпидемиологӣ, эпизоотӣ ва экологиро дар мавзеи ҷойгиршавии он таъмин менамояд, нигоҳ дорад, инчунин барои бартараф ва нест кардани манбаъҳои бемориҳои сироятӣ ва паразитӣ ё паҳншавии ин бемориҳо ҳангоми пайдо шудани онҳо мусоидат намояд;

– барои ташкили савдо, аз ҷумла барои қабул, нигоҳдорӣ, фурӯши мол (иҷрои кору хизматрасонӣ), таъминот бо барқу об, гармӣ ва канализатсия шароити зарурӣ фароҳам оварад;

– нигоҳдории бехатари молеро, ки барои нигоҳдорӣ супурда мешавад, таъмин намояд;

– талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор иҷро намояд;

– дигар талаботи пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

Ҷойҳои савдо дар бозор дар асоси нақшае, ки маъмурияти бозор дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба назорати таъмини бехатарӣ аз сӯхтор, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, назорати таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист ва оид ба назорати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таҳия ва тасдиқ намудааст, ҷойгир карда мешаванд. Ташкил ва пешниҳоди ҷойҳое, ки дар нақшаи ҷойгиркунонии нуқтаҳои савдо пешбинӣ нашудаанд, манъ аст. Ба маъмурияти бозор мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти зиддиинҳисорӣ ҳангоми тақсими ҷойҳои савдо ба миён гузоштани шартҳои маҳдудкунанда манъ аст. Ҳангоми тартиб додан ва тасдиқ намудани нақшаҳои ҷойгиркунонии ҷойҳои савдо дар бозорҳои универсалӣ маъмурияти бозор барои анҷом додани фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба шахсоне, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагии ёрирасони шахсӣ доранд, бо боғдорӣ, обчакорӣ ва чорводорӣ машғуланд, аз рӯи миқдори муайяннамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар ҳудуди он бозор ҷойгир аст, ҷойҳои савдо пешбинӣ ва ҷудо менамояд. Маълумотеро, ки ҳангоми бастани шартнома дар бораи ҷудо намудани ҷойи савдо пешниҳод мегардад, бо ҳуҷҷат тасдиқ кардан зарур аст. Арзиши шартнома оид ба пешниҳоди ҷойи савдо аз

ҷониби маъмурияти бозор муайян карда мешавад. Зимни имконнопазирии истифодаи ҷойи савдо аз ҷониби шахсе, ки дар бораи ҷудо кардани ҷойи савдо шартнома бастааст, дар ҳолатҳои боздоштани мӯҳлати амал ё бекор кардани шартнома ё қатъи фаъолияти маъмурияти бозор маъмурияти бозор дар назди ин шахс мутобиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад. Ҳангоми тартиб додан ва тасдиқ намудани накшаи ҷойгиркунонии ҷойҳои савдо дар бозори кишоварзӣ ва бозори кооперативии кишоварзӣ маъмурияти бозор вазифадор аст бевосита ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои фурӯши мол ба миқдори муқаррарнамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аммо на камтар аз панҷоҳ фоиз аз шумораи умумии онҳо ҷойҳои савдоро пешбинӣ ва пешниҳод намояд. Ҷойҳои савдо дар бозори кишоварзӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин ба шахсоне, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагии ёрирасони шахсӣ доранд, бо боғдорӣ, обчакорӣ, чорводорӣ машғуланд, ба таври соддакардашуда ва бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мӯҳлати на зиёда аз 6 моҳ ҷудо карда мешаванд. Фурӯшанда мол (иҷрои кору хизматрасонӣ)-ро дар бозор танҳо дар сурати мавҷудияти корти фурӯшанда, ки зимни бастани шартнома дар бораи пешниҳоди ҷойи савдо дода мешавад, ба фурӯш мебарорад. Корти фурӯшанда ҳангоми бастани шартнома дар бораи ҷудо кардани ҷойи савдо ба расмият дароварда, ба ҳар як фурӯшанда дода мешавад ва дар сари сина насб гардида, нисбат ба ҳамаи ҷойҳои савдои дар он зикрёфта дар доираи як бозор эътибор дорад. Дар бозор (ба истиснои бозорҳои махсусгардонидашуда ва универсалӣ) фурӯши молҳое, ки савдои озоди онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ ё маҳдуд карда шудааст, инчунин фурӯши маҳсулоти зерин манъ карда мешавад:

– тамоку, нӯшокиҳои спиртӣ, маҳсулоти алкоголӣ ва оби ҷав;

– маҳсулоти консервшудаи истеҳсоли хонагӣ, маҳсулоти кулинарии аз гӯшт, моҳӣ ва маҳсулоти қаннодии дар хона тайёргардида;

– молҳои таъиноти маишии аз нигоҳи техникӣ мураккаб;

– ҳомилҳои иттилоотии компютерӣ;

– молҳои кимиёӣ барои рӯзгор, пестисидҳо ва агрокимиёҳо;

– маснуоти пиротехникӣ;

– маснуот аз металлҳои қиматбаҳо бо сангҳои қиматбаҳо, аз металлҳои қиматбаҳо бо сангҳои нимқиматбаҳо ва сунъӣ, сангҳои қиматбаҳои сайқалдодашуда;

– автомобилҳо, ядакҳо ва агрегатҳои рақамгузоришудаи онҳо.

Назорати риояи талаботи савдо ва ташкили фаъолияти бозорҳо, ки Қонуни мазкур муқаррар намудааст, аз ҷониби мақоми ваколатдори

давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколаташон амалӣ гардонида мешавад.

*2. Мавқеи ҳукумфармоии субъектони хоҷагидор дар бозори мол*

Мавқеи ҳукмфармоӣ- мавқеи махсуси як ё якчанд субъектҳои хоҷагидор дар бозори моле, ки ивазкунанда ё молҳои баҳамивазшаванда (минбаъд- моли муайян) надорад, ҳамчунин ба вай (онҳо) имконият медиҳад ба шарту шароити умумии муомилот дар бозори моли дахлдор таъсири ҳалкунанда расонад ё дохил шудани дигар субъектҳои хоҷагидорро ба бозор мушкил гардонад.

Мавқеи ҳукмфармоӣ инчунин мавқеи субъекти хоҷагидоре шуморида мешавад, ки ҳиссаи он дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз зиёдро ташкил диҳад, ғайр аз ҳолатҳое, ки субъекти хоҷагидор исбот кунад, ки сарфи назар аз баланд гардидани андозаи нишондодашуда мавқеи он дар бозор ҳукмфармо намебошад.

Мавқеи субъекти хоҷагидор дар сурате низ мавқеи ҳукмфармоӣ шуморида мешавад, ки ҳиссаи он дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз камро ташкил диҳад, агар ин ҷиҳат аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар асоси устувории ҳиссаи субъекти хоҷагидор дар бозор, андозаи нисбии ҳиссаи ба рақобаткунандагон тааллуқдошта ва (ё) имконияти дар бозор дохил гардидани рақибони нав ё дигар меъёри бозори молиро тавсифкунанда, муқаррар гардида бошад. Мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор дар ҳолате эътироф намешавад, ки агар ҳаҷми маҳсулот дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз зиёд набошад, ба истисноии ҳолатҳое, ки дар поён зикр гардидаанд.

Мавқеи ҳар кадоме аз якчанд субъектҳои хоҷагидор ҳукмфармо эътироф карда мешавад, агар нисбати онҳо шартҳои зайл иҷро гардида, субъектҳои хоҷагидор исбот накардаанд, ки мавқеи онҳо ҳукмфармо намебошад:

-маҷмӯи ҳиссаи на бештар аз се субъектҳои хоҷагидор, ки ҳиссаи хар кадоми онҳо аз ҳиссаи дигар субъектҳои хоҷагидор дар ин бозор аз панҷоҳ фоиз зиёдтар аст. Агар ҳиссаи ҳатто яке аз субъекти хоҷагидори зикршуда аз панҷ фоиз камтар бошад, қоидаи мазкур татбиқ намегардад;

-маҷмӯи ҳиссаи на бештар аз панҷ субъектҳои хоҷагидор, ки ҳиссаи ҳар кадоми онҳо аз ҳиссаи дигар субъектҳои хоҷагидор дар ин бозор аз ҳафтод фоиз баландтар аст. Агар ҳиссаи ҳатто яке аз субъектҳои хоҷагидори зикршуда аз панҷ фоиз камтар бошад, қоидаи мазкур татбиқ намегардад;

-андозаи нисбии ҳиссаи чунин субъектҳои хоҷагидор устувор аст ё ба ҳамин бозори мол дастрасии рақибони нав маҳдуд мебошад;

-моли аз ҷониби чунин субъектҳои хоҷагидор фурӯхташаванда (харидашаванда) наметавонад дар раванди истеъмол (аз ҷумла

истеҳсолот) ба моли дигар иваз карда шавад, болоравии нархи мол боиси пастравии талаботи хоси он шуда наметавонад.

Мавқеи субъекти хоҷагидор- субъекти монополияи табиӣ дар бозори мол, ки дар ҳолати инҳисори табиӣ қарор дорад, ҳукмфармо мебошад.

**Мавзӯи 3. Мафҳум, низом ва вазифаҳои ҳуқуқи рақобат**

1. Мафҳум ва мазмуни ҳуқуқи рақобат.
2. Ғояҳои ҳуқуқи рақобат.
3. Ҳуқуқи рақобат ҳамчун соҳаи илми ҳуқуқ ва фани таълимӣ.

*1. Мафҳум ва мазмуни ҳуқуқи рақобат*

Иборан ҳуқуқи рақобат (Competition Law) гуногунмаъност. Метавонем онро ба 4 маъно дарк намоем:

1) ҳуқуқи рақобат ҳамчун институти ҳуқуқ.
2) ҳуқуқи рақобат ҳамчун соҳаи қонунгузорӣ.
3) ҳуқуқи рақобат ҳамчун соҳаи илм.
4) ҳуқуқи рақобат ҳамчун фани таълимӣ.

Мустақилияти ҳуқуқи рақобат бо қабули қонунҳои алоҳида дар бораи ҳифзи озодии рақобат дар охири асри 19 (дар ИМА – Қонуни Шерман соли 1890, дар Олмон – Қонун дар бораи рақобати бевиҷдонона соли 1896) вобаста аст. Ватани ҳуқуқи рақобат ИМА ҳисобида мешавад, ки онро ҳуқуқи антитрестовски (Antitrust Law) ном мебурданд. Ин ном ба он вобастаги дошт, ки аввалан меъёрҳои ҳуқуқи антитрестовски бар зиддӣ инҳисор равона гардида буданд. Ҳуқуқи антитрестовски ИМА танзимкунандаи на танҳо муносибатҳои бо инҳисор вобаста инчунин маънкунии рақобати бевиҷдононаанд.

**Ҳуқуқи рақобат** ин институти ҳуқуқи соҳибкорӣ аст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро тавасути меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба инкишофи рақобат ва маҳдуд кардани инҳисорӣ танзим менамояд.

**Предмети ҳуқуқи рақобат**ро ду гурӯҳи муносибатҳо ташкил медиҳанд:

1. муносибатҳои бо рақобат вобаста;
2. муносибатҳо дар бахши инҳисор.

Муносибатҳои ба рақобат вобаста ба инҳоянд:

- фаъолияти рақибони воқеан дар бозор ҷойдошта ва ҳамкории байни онҳо;
- фаъолияти рақибони потенсиалӣ;
- танзими давлатии таркиби суъективии бозор;
- маҳдуднамоии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдолнона;
- назорати зидиинҳисории рақобати иқтисодӣ;
- пешгирии рақобати хориҷии зараррасон;
- ёрии давлатӣ ба субъектони хоҷагидор ва додани имтиёзҳои гуногун;
- танзими монеаҳои воридшавӣ ба бозор ва баромадан аз он.

Муносибатҳо дар бахши инҳисор дар чунин ҷараён ҷой доранд:

- фаъолияти суъектони инҳисори таъбии ва танзими он;
- танзими рақобати давлатӣ ва мувақатӣ.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳар як гурӯҳ дорои чунин нишонаҳои умумӣ мебошанд:

- ин муносибатҳо ҳангоми амалинамудани фаъолияти соҳибкорӣ ва раванди танзимнамоӣ бавуҷуд меоянд;

- дар доираи ин алоқаҳо муносибатҳои амудӣ (байни соҳибкорон) ва уфуқиро (байни соҳибкор ва давлат) динад мункин аст:

- субъекти ин муносибатҳо соҳибкорон мебошанд, ки дар бозор дорои мавқеи гуногуни иқтисодиянд;

- мақомоти ваколатдори давлатӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ (тасиррасони ба корхонаҳои алоҳида) ва макроиқтисодӣ (танзими сохтори бозори молӣ ва молиявӣ) вазифаҳои қонунгузориро ҳал менамоянд.

*2. Ғояҳои ҳуқуқи рақобат*

**Ғояҳои ҳуқуқи рақобат** ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1. Умумиҳуқуқӣ, ба монандӣ озодии фаъолияти иқтисодӣ, танзими давлатии муносибатҳои бозоргонӣ ва қонуният.

2. Махсус:

- дастгирии рақобати бовиҷдонона. Давлат нигоҳдорӣ ва содагардонии асосҳои рақобатнокии бозорро ҳамчун механизми танзимкунандаи асосӣ кафолат медиҳад, ҳама шаклҳои инҳисорро маҳдуд менамояд, ба инҳисори таъбии ва давлатӣ таъсир мерасонад, инчунин қонунгузориеро амали менамояд, ки барои зиёд шудани шумораи молтаъминкунандагон, харидорон ва дигар субъектон дар бозор мусоидат намляд.

- маън кардани фаъолияти иқтисодии барои инҳисор ва рақобати бевиҷдонона равона шуда.

- танзими махсуси бахши инҳисори табиӣ ва давлатӣ.

- ягонагии фазои иқтисодӣ.

- тафриқагузорӣ ва ҳифзи манфиатҳои хусусӣ ва умумӣ;

- фаъолнокии танзими зидиинҳисорӣ.

- маъни суистифода.

- мувофиқати назорати пешаки ва минбаъдаи зиддиинҳисорӣ.

- ҳифзи молистеҳсолкунандагони ватанӣ аз рақобати бевиҷдононаи хориҷӣ.

*3. Ҳуқуқи рақобат ҳамчун соҳаи илми ҳуқуқ ва фани таълимӣ*

**Илми ҳуқуқи рақобат** фаъолияти илмиест, ки ба омузиши низоми донишҳо доир ба роқабат, инҳисор, рақобати бевиҷдонона ва танзими ҳуқуқии онҳо равона гардидааст. Мақсади илми ҳуқуқи рақобат номбарнамоӣ, исботсозӣ ва пешгуии равандҳои ҳуқуқӣ ва ҳодисаҳо дар бахши рақобат аст. Асоси назариявии ҳуқуқи рақобатро илми иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ташкил медиҳад.

**Предмети илми ҳуқуқи рақобат**ро худи ҳуқуқи рақобат ҳамчун соҳаи қонунгузорӣ, амалияи тадбиқи он аз ҷониби соҳибкорон ва мақомоти давлатӣ, таърихи бавуҷудоӣ ва инкишофи ҳуқуқи рақобат, тарзу воситаҳои омузиши ва мукамалнамоии ҳуқуқи рақобат инчунин ҷанбаи мусбӣ ва манфии танзими ҳуқуқии рақобат ташкил медиҳанд.

**Вазифаи асосии илми ҳуқуқи** рақобат муайяннамоии ҳолати воқеии танзими ҳуқуқии рақобат ва коркарди роҳои ҳифз ва дастгирии доираи рақобатноки фаъолияти соҳибкорӣ аст.

Илми ҳуқуқи рақобат дар давлатҳои хориҷӣ дар баробари ҳуқуқи рақобат рушд намуда истодааст. Далели ин гуфтаҳо он аст, ки дар хориҷа ҳар сол зиёда аз 100 мақолаю асраҳо оид ба проблемаҳои ҳуқуқи рақобат чоп мегардад. Дар ин бахш натанҳо олимон балки марказҳои махсуси илмӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ фаъолият мебаранд (масалан Донишкадаи антитерстии ИМА).

Дар фарқият аз давлатҳои хориҷа илми ҳуқуқи рақобат дар Тоҷикистон айни ҳол танҳо дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад, ки бо сабабҳои субъективӣ ва объективӣ оҳиста –оҳиста пеш меравад. Аммо талаботи ҳуқуқшиносон ба донишҳои ҳуқуқӣ дар ин бахш доимо меафзояд ва сабабаш дар он аст, ки қонунгузорӣ мураккаб мегардад, амалияи судӣ зиёд шуда истодааст, мушкилоти муҳим ва ҳалталаб рӯз то рӯз пайдо гардида истодааст. Ҳамаи ин омилҳо далели зарур будани назарияи ҳуқуқи рақобат ва такмили он дар асоси қонунгузории фаъоли рақобат мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба илми ҳуқуқи рақобат асарҳои Раҳимов М.З., Исмоилов Ш.М., Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М., Бозоров Р.Б., Каримов А., Сангинов Д.Ш. ва дигарон бахшида шудааст.

Дар заминаи ин таҳлили илмӣ зарурати омузиши фани ҳуқуқи рақобат ҳамчун фани таълимӣ ба миён меояд. Дар айни ҳол дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳуқуқи рақобат ҳамчун фани таълимӣ (курси махсус) ба донишҷӯёни курси 4-уми шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибона дар заминаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат аз ҷониби дотсентон Сангинов Д.Ш. ва Бозоров Р.Б. дарс дода мешавад.

**Мавзӯи 4. Қонунгузории танзимкунандаи рақобат ва инҳисор**

1. Қонунгузории дар бораи рақобат дар бозори мол.
2. Қонунгузорӣ дар бораи инҳисори танзимшаванда (муваққатӣ, давлатӣ ва табиӣ).

*1. Қонунгузории дар бораи рақобат дар бозори мол*

Низоми бозоргоние, ки дар айни ҳол дар кишвари мо бунёд гардидааст ба воситаҳои гуногун (худтанзимнамоӣ ва танзимнамоии марказӣ) танзим карда мешавад. Асоси худтанзимнамоӣ қонунҳои объективии иқтисодӣ мебошанд. Масалан қонуни талабот ва пешниҳодот. Натиҷаи ин танзимнамоӣ аз назари манфиатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа на ҳамавақт мусбӣ аст. Аз ин рӯ, худтанзимнамоиро бояд дуруст намуд ва бо чораҳои таъсиррасонии мақсадноки низоми иқтисодӣ пурра сохт, ки мақсади он кам кардани омилҳои манфии дар бозор бамиёноянда мебошад. Чунин таъсиррасони бо ёрии танзими давлатии иқтисодиёт амали мегардад ва яке аз намудҳои он танзими рақобат мебошад. Таъиноти ин танзимнамоӣ дар мувозинат қарор додани рақобат, пешгирӣ ва бартарафсозии амали зиддиҳуқуқии субъектони раванди иқтисодӣ мебошад, ки ба механизми муборизаи рақобатнок халал мерасонанд. Танзими меъёрӣ дар муқаррар намудани қоидаҳои рафтори субъектони хоҷагидор ва назорат аз болои фаъолияти онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода меёбад. Дар баробари ин танзимнамоии мақсаднок дар он иникос мегардад, ки аз ҷониби давлат мақомоти махсус таъсис дода мешавад ва он ваколатдор мегардад, ки таъсиррасонии мусбӣ ва манфиро дар бозор назорат намояд, дар мавриди ҳуқуқвайронкунӣ нисбати субъекти хоҷагидор чораҳои дахлдор андешад.

Танзимнамоии меъёрӣ ба воситаи маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амали мегардад, ки онҳро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1) қонунгузории зиддиинҳисорӣ;

2) дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои тавсиявӣ дар бораи рақобат.

Қонунгузории зиддиинҳисорӣ низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аст, ки қоидаҳои танзимнамоии истеҳсолот ва дастгирии рақобати бевиҷдонона, пешгирӣ, маҳдуднамоӣ, бартарафсозии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдононаро дарбар мегирад. Қонунгузории зиддиинҳисорӣ танзимкунандаи муносибатҳои байни субъектони фаъолияти соҳибкорӣ ва байни ин субъектону давлат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Қонунгузории зиддинҳисорӣ чунин санадҳоро дарбар мегирад:

- Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд;

- санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;
- қонунҳои конститутсионӣ;
- кодексҳо, қонунҳо;
- қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фармоишҳои вазоратҳо ва дигар мақомоти давлатӣ, инчунин қарорҳои кумитаҳои давлатӣ;
- қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;
- қарорҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе;
- қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо;
- қарорҳои раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо;
- қарорҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот.

Барои муайян намудани таркиби қонунгузории зиддиинҳисорӣ баъзе аз санадҳоро тасниф менамоем:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол” 28 июли соли 2006, № 198 қабул гардида, асосҳои ташкиливу ҳуқуқии маҳдудкунӣ ва қатъ кардани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдононаро муайян намуда, барои барпо намудан ва самарабахш амал кардани бозорҳои мол шароит муҳайё менамояд. Қонуни мазкур аз 7 боб ва 28 модда иборат аст. Қонуни мазкур муносибатҳоеро фаро мегирад, ки ба рақобат дар бозорҳои молии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Дар ин муносибатҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот иштирок мекунанд. Қонун инчунин дар ҳолатҳое истифода бурда мешавад, ки амалиёт ва созишномаҳои аз тарафи шахсони мазкур ва мақомоти номбаршуда берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутаносибан содир ё басташуда боиси маҳдудияти рақобат мешаванд ва ё шуда метавонанд, ё худ дар бозорҳои молии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси дигар оқибатҳои манфӣ мешаванд. Қонуни мазкур ба муносибатҳои вобаста ба объектҳое, ки ба ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ алоқаманд мебошанд, паҳн намегардад, ғайр аз ҳолатҳое, ки созишномаҳои ба истифодабарии онҳо ба маҳдудкунии рақобат нигаронида шуда бошанд. Муносибатҳои вобаста ба фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдононаи бозорҳои хизматрасонии молиявӣ, ғайр аз ҳолатҳое, ки муносибатҳои дар ин бозорҳо пайдошаванда ва рақобати бозорҳои мол таъсир мерасонанд, бо дигар

санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ” 19 марти соли 2013, № 943 қабул гардидааст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба ташкил, танзим ва назорати савдо ва хизматрасонии маишӣ, инчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ барои савдо ва хизматрасонии маишӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ба мол, иҷрои корҳо ва хизматрасонии маишӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Қонуни мазкур муносибатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидорро вобаста ба ташкил ва амалӣ намудани савдо ва хизматрасонии маишӣ, инчунин муносибатҳои субъектҳои хоҷагидорро ҳангоми савдо ва хизматрасонии маишӣ танзим менамояд. Муқаррароти Қонуни мазкур нисбат ба ташкил ва амалӣ намудани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба савдои хориҷӣ, савдо дар биржаҳои молӣ, инчунин хариду фурӯши коғазҳои қиматнок, объектҳои молу мулки ғайриманқул, маҳсулоти таъиноти истеҳсолию техникӣ, аз ҷумла қувваи барқ ва энергияи гармӣ татбиқ намегардад. Шартҳо ва тартиби фурӯши молҳое, ки муомилоти онҳо дар байни субъектҳои хоҷагидор маҳдуд аст, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд. Муносибатҳои вобаста ба ташкили бозорҳои чаканафурӯшӣ, фурӯши мол дар бозорҳои чаканафурӯшӣ ва хизматрасонии маишӣ тибқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонии маишӣ танзим карда мешаванд.

3. Низомнома оид ба тартиби ба мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани дархост ва огоҳинома тибқи талаботҳои моддаҳои 15 ва 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол" аз 26 июли соли 2011, №85. Низомномаи мазкур дар асоси талаботҳои моддаҳои 13, 15 ва 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол", бо мақсади такмили назорати муттаҳидшавии иқтисодӣ, амиқ муайян намудани параметрҳои сиёсати иқтисодӣ барои гузаронидани фарқият байни рақобати мусоидкунанда ва муттаҳидшавии иқтисодии зиддирақобат, аз он ҷумла ҳангоми таъсисдиҳӣ, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор, хариди саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дорои ҳуқуқи овоз дар сармояи оинномавии субъектҳои хоҷагидор таҳия шудааст.

4. Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи монополияҳои табиӣ", "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол", "Дар бораи

ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" ва "Дар бораи реклама" 26 июли соли 2011, №85. Қоидаҳои мазкур мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон " таҳия шуда, тартиби ташкил ва гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар соҳаи рақобат ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол, монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва фаъолияти рекламавиро (минбаъд қонунгузории зиддимонополӣ) муайян менамояд.

### *2. Қонунгузорӣ дар бораи инҳисори танзимшаванда (муваққатӣ, давлатӣ ва табиӣ)*

Қонунгузорӣ дар бораи инҳисори танзимшаванда дарбаргирандаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи инҳисори табиӣ ва далатӣ мебошанд. Маҳз ин намудҳои инҳисор дар айни ҳол зери танзими давлатӣ қарор доранд.

Ба ҳайси сарчашмаҳои асосии танзими ҳуқуқии инҳисор чунин санадҳо баромад мекунанд:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи монополияҳои табиӣ” аз 5 марти соли 2007,№ 235. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро оид ба монополияҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян месозад ва барои ба даст овардани мувозинаи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва субъектҳои монополияҳои табиӣ, ки дастрасии молҳои (кориҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшавандаи ин субъектҳоро ба истеъмолкунандагон ва фаъолияти самараноки субъектҳои монополияҳои табииро таъмин менамояд, равона шудааст. Қонуни мазкур муносибатҳоеро танзим мекунад, ки дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ) ба амал омада, бо мавҷудият ва фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ алоқаманд мебошанд. Муқаррароти Қонуни мазкур ба амалҳои (беамалии) субъектҳои монополияҳои табиӣ, муассисони (иштирокчиёни) онҳо, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд, низ паҳн мегарданд, агар ин амалҳо (беамалӣ) мухолифи Қонуни мазкур бошанд ва ба истеъмолкунандагони молҳои (кориҳои, хизматрасониҳои) монополияҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонида тавонанд. Амали Қонуни мазкур нисбати соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки фаъолияти ба соҳаи монополияи табиӣ тааллуқдоштаро танҳо бо бунёд ва истифодаи объектҳо бо мақсади таъмини эҳтиёҷоти худӣ амалӣ месозанд, татбиқ намегардад. Барои субъекти бозор, ки фаъолияти мутобиқи Қонуни мазкур ба соҳаи монополияи табиӣ тааллуқдоштаро анҷом медиҳад, танзим ва назорати давлатӣ танҳо нисбати чунин фаъолият татбиқ мегардад.

2. Низомномаи Комиссия оид ба масъалаҳои реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон аз аз 2 апрели соли 2005, №125. Комиссия оид ба масъалаҳои реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои

махсусан калон (минбаъд Комиссия) бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардидааст ва дар фаъолияти худ ба ӯ тобеъ мебошад. Қарорҳои Комиссия, ки мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон , дигар санадҳои меёрию ҳуқуқӣ ва Низомномаи мазкур қабул карда мешаванд, барои иҷро аз тарафи тамоми мақомоти ҳокимияти иҷроия ва субъектҳои хоҷагидорӣ, сарфи назар аз шакли моликият ва таъиноти идоравиашон ҳатмӣ мебошад. Дар ҳолати норозиги бо қарори Комиссия иҷрокунандагон ҳақ доранд, ки дар мӯҳлати даҳрӯза ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кунанд, ки хулосаи он дар масъалаи баҳсталаб охирин аст.

3. Низомнома оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор - доминантҳо ва инҳисорон аз 26 июли соли 2011, №850. Низомномаи мазкур дар асоси моддаи 13-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол" таҳия шуда, субъектҳои хоҷагидореро фаро мегирад, ки дар бозори моли муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо доранд, бо шумули хизматрасониҳое, ки ба онҳо имконият медиҳад ба рақобат таъсири ҳалкунанда расонанд, дохил шудани дигар субъектҳои хоҷагидорро ба бозор мушкил мегардонанд ё ба таври дигар фаъолияти озоди иқтисодии онҳоро маҳдуд месозанд. Низомнома муносибатҳоеро фаро намегирад, ки бо меъёрҳои ҳифзи ҳуsуsии ихтироот, намунаҳои саноатӣ, аломатҳои мол ва ҳуқуқи муаллифон танзим мешаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки ҳуқуқҳои дахлдор аз ҷониби соҳибони онҳо қасдан бо мақсади маҳдуд сохтани рақобат истифода мегарданд.

**Мавзӯи 5. Субъектони ҳуқуқи рақобат**

1. Субъектони хоҷагидор – рақибони воқеӣ ва потенсиалӣ.
2. Субъектони хоҷагидори мавқеи ҳукмфармоиро ишғолкунанда.
3. Шахсони бонуфуз ва гурӯҳи шахсон.

1. *Субъектони хоҷагидор – рақибони воқеӣ ва потенсиалӣ*

Субъектони ҳуқуқи рақобат ин иштирокчиёни мусобиқаи озод дар бозори мол мебошанд. Вобаста аз намуди бозор, хусусияти фаъолияти соҳибкорӣ ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқии корхона қонунгузорӣ субъектони хоҷагидор ва ташкилотҳои қарзиро аз ҳам ҷудо мекунад.

Субъектҳои хоҷагидор- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки фаъолияти хоҷагидориро ба амал мебароранд. Ба ҳайати субъектони хоҷагидор 3 гурӯҳи соҳибкорон навобаста аз ҷойи бақайдгирияшон дохил карда мешаванд:

1) ташкилотҳои тиҷоратӣ;

2) ташкилотҳоиғайритиҷоратӣ, ки фаъолияти соҳибкориро ба амал мебароранд;

3) соҳибкории инфиродии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ.

Ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) – шахсони ҳуқуқие (бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии (кредитии) ғайрибонкӣ, ки мақсади асосиашон гирифтани фоида буда, дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар қонун пешбинишударо иҷро менамоянд. Ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) аз рӯи ӯҳдадориҳои давлат ва давлат аз рӯи ӯҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) ҷавобгар намебошанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар онҳо чунин ӯҳдадориҳоро қабул карда бошанд. Ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) аз рӯи ӯҳдадориҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон аз рӯи ӯҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) ҷавобгар намебошанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар онҳо чунин ӯҳдадориҳоро қабул карда бошанд. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) дахолат кунанд. Барои таъсиси ташкилоти қарзӣ (кредитӣ), филиал ё намояндагии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъини кормандони роҳбарикунандаи онҳо розигии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ талаб карда намешавад. Ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) аз рӯи шартномаи махсуси дар асоси озмун басташуда метавонад супоришҳои ҷудогонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти давлатиро иҷро кунад, бо маблағҳои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ амалиёт ва ҳисоббаробаркуниҳо гузаронад. Чунин шартнома бояд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафайн, шарти назорати мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, инчунин тартиби ҳисоббаробаркунии байниҳамдигариро пешбинӣ намояд.

Барои исботи он, ки ин ва ё он субъекти хоҷагидор дар муносибатҳои рақотанок иштирок мекунад муайян намудани шакли ташкилию ҳуқуқии он ва ё намуди фаъолияти он басндa нест. Дар баробари ин зарур аст муайян намуд, ки он субъекти воқеӣ ва ё

потенсиалии бозори мол аст. Ин ҳолат дар натиҷаи таҳлили таркиби бозор ва муайян намудани факти ҳолати ҳукумфармои соҳибкор дар бозори мол муайян карда мешавад.

**Рақиби воқеӣ** субъекти хоҷагидор дар он ҳолат эътироф мегардад, ки агар он дар бозор молҳои якхела ва ё молҳои (корӣо, хизматӣо) ивазшавандаро таъмин кунад, инчунин метавонад дар бозор тез ва ҳисшаванда фаъолият намояд, имкониятҳои ӯ оид ба истеҳсоли маҳсулот ба монанди имкониятҳои дигар субъектони хоҷагидор аст. Рақибони воқеӣ метавонанд дар бозор тез чораҳои мушаххас андешанд, агар:

- дорои захираҳои муайян бошанд;
- иқтидори онҳо метавонад бе хароҷоти иловагӣ васеъ карда мешавад;
- иқтидори онҳо (ва ё қисми он), ки дар бозори моли дигар кор мекунад дар мӯҳлати кутоҳ барои истеҳсоли моли дигар омода карда мешавад ва бо қувва ва иқтидори субъектони хоҷагидори дигар аст.

**Рақибони потенсиалӣ** – субъектони хоҷагидорӣ, ки фаъолона дар бозор метавонанд моли (корӣ, хизматӣ) ҷудогона ва ивазшавандаро пешниҳод намоянд. Рақибони потенсиалӣ барои ворид гардидан ба бозор монаеҳои мавҷударо ошкор менамоянд, ҳаҷми хароҷоти эҳтимолиро баррасӣ мекунанд, аммо имконияти саривақт андешидани чораҳои заруриро надоранд.

*2. Субъектони хоҷагидори мавқеи ҳукумфармоиро ишголкунанда*

**Мавқеи ҳукмфармоӣ**- мавқеи махсуси як ё якчанд субъектҳои хоҷагидор дар бозори моле, ки ивазкунанда ё молҳои баҳамивазшаванда (минбаъд- моли муайян) надорад, ҳамчунин ба вай (онҳо) имконият медиҳад ба шарту шароити умумии муомилот дар бозори моли дахлдор таъсири ҳалкунанда расонад ё дохил шудани дигар субъектҳои хоҷагидорро ба бозор мушкил гардонад. Мавқеи ҳукмфармоӣ инчунин мавқеи субъекти хоҷагидоре шуморида мешавад, ки ҳиссаи он дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз зиёдро ташкил диҳад, ғайр аз ҳолатҳое, ки субъекти хоҷагидор исбот кунад, ки сарфи назар аз баланд гардидани андозаи нишондодашуда мавқеи он дар бозор ҳукмфармо намебошад. Мавқеи субъекти хоҷагидор дар сурате низ мавқеи ҳукмфармоӣ шуморида мешавад, ки ҳиссаи он дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз камро ташкил диҳад, агар ин ҷиҳат аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар асоси устувории ҳиссаи субъекти хоҷагидор дар бозор, андозаи нисбии ҳиссаи ба рақобаткунандагон тааллуқдошта ва (ё) имконияти дар бозор дохил гардидани рақибони нав ё дигар меъёри бозори молиро тавсифкунанда, муқаррар гардида бошад. Мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор дар ҳолате эътироф намешавад, ки агар ҳаҷми маҳсулот дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз зиёд набошад, ба истисноии ҳолатҳое, ки дар поён зикр гардидаанд. Мавқеи ҳар кадоме

аз якчанд субъектҳои хоҷагидор ҳукмфармо эътироф карда мешавад, агар нисбати онҳо шартҳои зайл иҷро гардида, субъектҳои хоҷагидор исбот накардаанд, ки мавқеи онҳо ҳукмфармо намебошад:

-маҷмӯи ҳиссаи на бештар аз се субъектҳои хоҷагидор, ки ҳиссаи хар кадоми онҳо аз ҳиссаи дигар субъектҳои хоҷагидор дар ин бозор аз панҷоҳ фоиз зиёдтар аст. Агар ҳиссаи ҳатто яке аз субъекти хоҷагидори зикршуда аз панҷ фоиз камтар бошад, қоидаи мазкур татбиқ намегардад;

-маҷмӯи ҳиссаи на бештар аз панҷ субъектҳои хоҷагидор, ки ҳиссаи ҳар кадоми онҳо аз ҳиссаи дигар субъектҳои хоҷагидор дар ин бозор аз ҳафтод фоиз баландтар аст. Агар ҳиссаи ҳатто яке аз субъектҳои хоҷагидори зикршуда аз панҷ фоиз камтар бошад, қоидаи мазкур татбиқ намегардад;

-андозаи нисбии ҳиссаи чунин субъектҳои хоҷагидор устувор аст ё ба ҳамин бозори мол дастрасии рақибони нав маҳдуд мебошад;

-моли аз ҷониби чунин субъектҳои хоҷагидор фурӯхташаванда (харидашаванда) наметавонад дар раванди истеъмол (аз ҷумла истеҳсолот) ба моли дигар иваз карда шавад, болоравии нархи мол боиси пастравии талаботи хоси он шуда наметавонад.

Мавқеи субъекти хоҷагидор- субъекти монополияи табиӣ дар бозори мол, ки дар ҳолати инҳисори табиӣ қарор дорад, ҳукмфармо мебошад.

### *3. Шахсони бонуфуз ва гурӯҳи шахсон*

**Шахсони бонуфуз-** шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки қодиранд ба субъектҳои хоҷагидор, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ мегардонанд, таъсир расонанд.

Инҳо шахсони бонуфузи шахси ҳуқуқӣ шуда метавонанд:

-узви шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъӣ, узви мақомоти иҷроияи дастаҷамъии он, инчунин шахсе, ки салоҳияти мақомоти ягонаи иҷроияи онро амалӣ мегардонад;

-шахсоне, ки ба гурӯҳи ба шахси ҳуқуқӣ тааллуқдошта дохил мешаванд;

-шахсоне, ки ҳуқуқи дар маҷмӯъ зиёда аз бист фоизи овозҳоеро, ки ба саҳмияҳо (ҳиссаҳо) мувофиқ меоянд ва сармояи оинномавии ҳамин шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ мекунанд. Агар шахси ҳуқуқӣ иштирокчии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ бошад, он вақт ба қатори шахсони бонуфузи вай аъзои шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъӣ, инчунин шахсоне, ки салоҳияти мақомоти ягонаи иҷроияи иштирокчиёни гурӯҳи саноатию молиявиро амалӣ мегардонанд, дохил мешаванд.

Шахсони бонуфузи шахси воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ мегардонанд, шуда метавонанд:

-шахсоне, ки ба гурӯҳи ба шахси воқеӣ таалluқдошта дохил мешаванд;
-шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳайати он шахси воқеии мазкур ҳуқуқ дорад ба зиёда аз бист фоизи маҷмӯи умумии овозҳо, ки ба саҳмияҳо (ҳиссаҳо) мувофиқ меоянд ва сармояи оинномавии ҳамин шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ намояд.

**Гурӯҳи шахсон**- гурӯҳи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо як ё якчанд шартҳои зерин иҷро мегарданд:

-шахс ё якчанд шахс якҷоя дар натиҷаи созиш (амалиёти мувофиқашуда) ҳуқуқ доранд мустақим ва ғайримустақим (аз ҷумла дар асоси шартномаҳои хариду фурӯш, идоракунии боэътимод, фаъолияти якҷоя, супориш ё содир кардани дигар аҳдҳо) зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳисоби умумии овозҳоро, ки ба саҳмияҳо (ҳиссаҳо) мувофиқ меоянд ва сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ намоянд. Дар ин ҳолат таҳти ихтиёрдории ғайримустақим овозҳои шахси ҳуқуқӣ, имконияти ихтиёрдории воқеии ӯ ба воситаи шахсони сеюм, ки нисбати онҳо шахси якум ҳамаи он ҳуқуқу салоҳияти дар боло номбаршударо дорад, фаҳмида мешавад;

-шахс ё якчанд шахс дар асоси шартнома ё бо роҳи дигар имконият пайдо мекунанд, ки қарори қабулшавандаи дигар шахс ё шахсон, аз ҷумла шартҳои аз тарафи дигар шахс ё шахсон ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкориро муайян намоянд ё салоҳияти мақомоти иҷроияи дигар шахс ё шахсонро дар асоси шартнома ба ҷо оваранд;

-шахс ҳуқуқи таъин намудани мақомоти иҷроияи ягона ё зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати мақомоти иҷроияи дастаҷамъии шахси ҳуқуқӣ ё бо пешниҳоди ӯ зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъии шахси ҳуқуқиро дорад;

-шахси воқеӣ метавонад салоҳияти мақомоти ягонаи иҷроияи шахси ҳуқуқиро иҷро намояд;

-худи ҳамон шахсони воқеӣ, ҳамсарони онҳо, падарону модарон, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳо ё шахсоне, ки ҳамон шахси ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст, зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати мақомоти иҷроияи дастаҷамъӣ ё шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъии ду ва зиёда шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Мақомоти идоракунии дастаҷамъии ду ва зиёда шахсони ҳуқуқӣ инчунин мақомоте мебошад, ки бо пешниҳоди ҳамон шахсони ҳуқуқӣ зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъӣ интихоб мешавад;

-худи ҳамон шахсони воқеӣ, ҳамсарони онҳо, падарону модарон, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳо ё шахсони ҳуқуқӣ мустақилона ё ба воситаи намояндаҳо (вакилон) дар маҷмӯъ ва зиёда аз панҷоҳ

фоизи овозҳое, ки ба саҳмияҳо (ҳиссаҳо) мувофиқ меоянд ва сармояи оинномавии ҳар кадоми аз ду ва зиёда шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан доранд;

-шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ мустақилона ё ба воситаи намояндаҳо (вакилон) дар маҷмӯъ зиёда аз панҷоҳ фоизи овозҳоеро, ки ба саҳмияҳо (ҳиссаҳо) мувофиқ меоянд ва сармояи оинномавии шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд ва худи он шахсони воқеӣ- ҳамсарони онҳо, падарону модарон, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳо, ки ҳамон як шахси ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст, зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати мақомоти иҷроияи дастаҷамъӣ ё шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъии дигар шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан доранд.

**Мавзӯи 6. Мақомоти зиддиинҳисорӣ**

1.Мақомоти зидиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳолати ҳуқуқии он.

2. Комиссия оид ба масъалаҳои реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон.

3. Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон .

4. Тартиби ба мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани дархост ва огоҳинома.

5. Танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор - доминантҳо ва инҳисорон.

*1.Мақомоти зидиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳолати ҳуқуқии он*

Мақомоти зидиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Низомномаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 майи соли 2010, № 227 қабул гардидааст. Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Хадамот) мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи ҳимоя ва рушди рақобат, пешгирӣ, маҳдудкунӣ, қать намудани фаъолияти инҳисорӣ, танзими давлатӣ ва назорат дар соҳаи фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ амалӣ менамояд.

Хадамот дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон , Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи монополияҳои табиӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи реклама" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон , инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ва Низомномаро дастури амал қарор медиҳад. Хадамот вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо бевосита ва тариқи мақомоти маҳаллии худ амалӣ менамояд. Хадамот фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳотро оид ба масъалаҳои сиёсати зиддиинҳисорӣ, ҳимоя ва рушди рақобат, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ ҳамоҳанг месозад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ мақомоти идоракунӣ буда, барои татбиқи сиёсати зиддиинҳисорӣ дар соҳаи инкишофи бозорҳо ва рақобати соҳибкорӣ масъул мебошад.

Ба вазифаҳои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дохил мешаванд:

-пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона;

-мусоидат ба ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ дар асоси рушди рақобат ва соҳибкорӣ;

-назорати давлатӣ ба риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ функсияҳои асосии зеринро иҷро менамояд:

-оид ба ғайриинҳисорӣ кардани истеҳсол ва муомилоти мол чораҳо меандешад;

-иҷрои қонунгузории зиддиинҳисориро ҳангоми таъсис, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор назорат менамояд;

-хариди саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дорои ҳуқуқи овозро дар сармояи оинномавии субъектҳои хоҷагидор, ки метавонад боиси ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидор дар бозорҳои мол гардад ё ба маҳдудияти рақобат оварда расонад, назорат менамояд;

-ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои такмили оид ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва истифодаи амалии он таклифҳо пешниҳод менамояд ва лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии вобаста ба кори бозор ва инкишофи рақобат хулоса мебарорад;

-ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба гузаронидани тадбирҳои барои инкишофи бозорҳои мол ва рақобат мусоидаткунанда тавсияҳо медиҳад.

Фаъолияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ва сохтори он бо Низомномаи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад ва бо дигар қонунҳо муайян карда мешавад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад:

-мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидорро муқаррар намояд. Тартиби ташкил ва пешбурди Феҳристи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармоиро доранд мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ муайян ва тасдиқ мекунад;

-дар сурати мавҷуд будани аломатҳои вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар бораи он парванда оғоз намуда, онро баррасӣ намояд ва аз рӯи натиҷаи баррасии он қарор барорад ва субъектҳои хоҷагидор барои иҷрои ҳатмӣ амрияҳои зайлро қабул намояд:

- дар бораи қатъ намудани амали мувофиқашуда ва (ё) қатъ намудани иштирок дар созишномаи маҳдудкунандаи рақобат ва қатъ кардани сӯиистифодаи субъекти хоҷагидор аз мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозор, инчунин иҷрои амале, ки ба таъмин намудани рақобат нигаронида шудааст;

- дар бораи қатъ намудани вайронкунии қоидаҳои дастрасии ғайритабъизӣ ба молҳо (корҳо, хизматрасонӣ);

- дар бораи анҷом додани амал оид ба таъмини рақобат ҳангоми назорати давлатӣ, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст;

- дар бораи қатъ кардани рақобати бевиҷдонона;

- дар бораи роҳ надодан ба амале, ки ба вайронкунии рақобат ва қонунгузории зиддиинҳисорӣ таҳдид менамояд;

- дар бораи барқарор кардани вазъе, ки то вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ мавҷуд буд;

- дар бораи иҷрои амалиёте, ки ба таъмини рақобат ҳангоми анҷом додани назорате, ки ба расонидани ёрии давлатӣ нигаронида шудааст;

- дар бораи бастани шартномаҳо дар хусуси дигар кардани шартҳои шартномаҳо ё бекор кардани шартномаҳо;

- дар бораи ба буҷети давлатӣ гузаронидани даромаде, ки дар натиҷаи вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ ба даст омадааст;

- дар бораи дигар кардан ё маҳдуд намудани истифодаи номи фирмавӣ;

- дар бораи иҷрои талаботи иқтисодӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва дигар талаботе, ки ба рафъ ва огоҳонии минбаъд ба миён наомадани шароитҳои табъизӣ нигаронида шудааст;

- дар бораи иҷрои амалиёте, ки ба таъмин намудани рақобат нигаронида шудааст;

- дар бораи қатъ намудани вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва рафъи оқибатҳои он;

- ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони мансабдори онҳо амрияҳои зайл содир намояд, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошад:

- дар бораи бекор кардан ё тағйир додани санадҳои қабулнамудаашон, ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон менамояд;

- дар бораи бекор кардан ё тағйир додани шартномаҳое, ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунанд;

- дар бораи қатъ намудани дигар вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ;

- дар бораи иҷрои амале, ки ба таъмин намудани рақобат нигаронида шудааст;

- дар ҳолате, ки агар мақомоти ҳокимияти давлатӣ функсияи назоратӣ ва санҷишро дар бозорҳои мол иҷро кунанд, мақомоти зиддиинҳисорӣ дар хусуси ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ мутобиқ гардонидани санадҳо ва амали чунин мақомот пешниҳод ирсол созад;

- нисбат ба субъектҳои хоҷагидор, роҳбарони онҳо, шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, инчунин шахсони мансабдори

мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои вайрон намудани қонунгузории зиддиинҳисорӣ тибқи ҳолатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ чораҳо андешад;

- дар бораи вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ бо даъво, ариза ба суд муроҷиат кунад, аз ҷумла:

- дар бораи пурра ё дар қисми мухолифат ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ беэътибор донистани санадҳои меъёрии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

- дар бораи пурра ё дар қисми мухолифат ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ беэътибор донистани шартномаҳо;

- дар бораи ҳатман бастани шартнома;

- дар бораи тағйир додан ё бекор намудани шартнома;

- дар бораи барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои муайяннамудаи қонунгузории зиддиинҳисорӣ;

- дар бораи ба буҷети давлатӣ гузаронидани даромаде, ки дар натиҷаи вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ ба даст омадааст;

- дар бораи истифодаи чораҳои зарурӣ барои вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ нисбат ба шахсе, ки ба вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ роҳ додааст;

- дар бораи беэътибор донистани савдоҳо (озмунҳо);

- дар бораи азнавташкилдиҳии маҷбурии шахсони ҳуқуқӣ (дар шакли тақсимкунӣ, ҷудокунӣ), ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунанд;

- ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба истифода ва (ё) вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар суд иштирок кунад;

- фехристи субъектҳои хоҷагидорро, ки дар бозорҳои моли Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо доранд, пеш барад;

- дар воситаҳои ахбори омма қарор ва дастури мақомоти зиддиинҳисориро, ки манфиатҳои доираи номуайяни шахсонро дар бар мегирад, нашр намояд;

- ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба гузаронидани чорабиниҳое, ки ба рушди рақобат дар бозорҳои мол равона гардидаанд, тавсияҳо диҳад;

- бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва тибқи тартиби муқарраргардида бо ташкилотҳои байналмилалӣ, мақомоти давлатҳои хориҷӣ дар доираи салоҳияти худ мубодилаи иттилоотро анҷом диҳад;

- ҳолати рақобатро дар бозорҳои мол таҳлил кунад;

- барои субъекти хоҷагидор дар бозори молҳои дахлдор мавқеи ҳукмфармо муқаррар созад;

- риояи қонунгузории зиддиинҳисориро аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони воқеӣ тафтиш намуда, аз онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асноди зарурӣ, иттилоот ва дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ тавзеҳот мегирад, ба мақомоти оперативию ҷустуҷӯӣ дар бораи иҷрои корҳои оперативию ҷустуҷӯӣ муроҷиат кунад;

- бо мақсади иҷрои масъалаҳои ба зиммааш гузошташуда тавсияҳои методӣ оид ба муайян кардани навъи шартномаҳо, тартиби танзими муайян намудани нархҳои (тарифҳои) субъектҳои хоҷагидор ё сатҳи ниҳоии онҳо, ки дар бозори молии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо доранд, низомнома оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор – доминантҳо ва инҳисорон, қоида оид ба тартиби гузаронидани тафтиши риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои ваколатдори мақомотҳои зикршударо анҷом диҳанд, низомнома оид ба тартиби ба мақомоти зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани дархост ва огоҳинома тибқи талаботи моддаҳои 15 ва 16 Қонуни, қоидаҳоро оид ба муайян намудани мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор дар бозорҳои молӣ, тартиби баррасии парвандаҳоро дар хусуси вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ намояд;

- тарифҳои хизматрасонии пулакиро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва субъектҳои хоҷагидории ба доираи идоракунии онҳо дохилбударо ба мувофиқа расонад;

- бо мақсади пешгирии маҳдудсозӣ ва бартараф намудани рақобат ҳангоми хусусигардонии корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ иштирок намояд;

- тарифҳои хизматрасонии субъектҳои хоҷагидорро, ки дар бозорҳои моли муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо ва инҳисориро ишғол мекунанд, ба мувофиқа расонад;

- ба мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҷорӣ ё бекор намудани иҷозатномаҳо, квотаҳо, тағйир додани тарифҳои гумрукӣ ва дигар намуди дастгирии давлатӣ таклифҳо пешниҳод менамояд;

- оид ба бастани ҷарима ба субъектҳои хоҷагидор, додани ҷазои маъмурӣ ба роҳбарони онҳо, шаҳрвандон, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти

худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои вайронкуниҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ, ғайр аз ҳолатҳои вайронкунии тартиботи муқарраргардидаи нархгузорӣ мутобиқи қонунгузории монополияҳои табиӣ, қарор қабул кунад;

- тибқи тартиби муқарраргардида дар хусуси вуҷуд доштан ё надоштани маҳдудияти рақобат дар бозори мол ҳангоми татбиқ, тағйир додан ва қатъ гардидани амали тарифи гумрукӣ ва дар бораи ҷорӣ кардани чораҳои ғайритарифӣ хулоса диҳад;

- масъалаҳои татбиқи қонунгузории зиддиинҳисориро шарҳ диҳад;

- дигар ваколатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрию ҳуқуқиро анҷом диҳад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ бо мақсади мусоидат намудан ба инкишофи бозорҳои мол ва рақобат, дастгирии соҳибкорӣ ва ғайриинҳисорӣ намудан ба мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои зайл тавсияҳо медиҳад:

-додани қарзи имтиёзнок, инчунин оид ба кам кардани андозҳо ё аз онҳо озод намудани субъектҳои хоҷагидоре, ки маротибаи аввал ба бозори моли муайян дохил мешаванд;

-ташкил ва инкишофи сохторҳои ба ҳамдигар монанд дар соҳаҳои истеҳсолот ва муомилот, аз ҷумла аз ҳисоби қарз;

-маблағгузории чорабиниҳо оид ба зиёд кардани истеҳсоли мол бо мақсади бартараф намудани мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидори алоҳида;

-иштироки сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили корхонаҳо бо маблағгузории хориҷӣ.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар амалӣ гардондани барномаҳои ғайриинҳисорӣ, инкишофи рақобат ва дастгирии соҳибкорӣ иштирок менамояд.

Хадамот дар соҳаҳои муқарраргардидаи фаъолият ваколатҳои зеринро анҷом медиҳад:

- татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи пешгирии фаъолияти инҳисорӣ, ҳимоя ва рушди рақобат, танзими фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ;

- таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба таъмини ҳимояи рақобат дар кишвар, фароҳам овардани шароитҳои ҳуқуқӣ ва дигар шароит, ки ба ташаккули рақобати солим дар бозорҳои мол ва рушди он мусоидат менамояд;

- таҳияи пешниҳодот оид ба татбиқи чорабиниҳое, ки ба пешгирии фаъолияти инҳисорӣ, ҳимоя ва рушди рақобат, танзими фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи

истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ нигаронида шудааст;

- ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот ва иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидор оид ба гузаронидани чорабиниҳои ба мусоидати ҳимоя ва рушди рақобат, пешгирии маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона нигаронидашуда, танзими фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ тавсияҳо медиҳад;

- андешидани чораҳо оид ба ғайриинҳисорӣ кардани истеҳсол ва муомилоти мол, пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣҳ ва рақобати бевиҷдонона;

- таъмини иҷрои қонунгузории зиддиинҳисорӣ ҳангоми таъсис, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор ва иттиҳодияҳои онҳо;

- муқаррар намудани мавқеи ҳукумфармоии субъектҳои хоҷагидор, инчунин муайян ва тасдиқ намудани тартиби пешбурди Феҳристи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукумфармо ва инҳисорӣ доранд;

- тибқи қонунгузории ҷорӣ ба мувофиқа расонидани тарифҳои хизматрасонии пулакии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва субъектҳои хоҷагидоре, ки ба доираи идоракунии онҳо дохиланд;

- вазъияти иқтисодии бамиёномадаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди татбиқи тадбирҳои танзими давлатии фаъолияти субъектҳои монополияи табиӣ таҳлил ва пешбинӣ намуда, пешниҳодотро оид ба рушду такмили муносибатҳои рақобати солим дар бозори молҳои муайян ва тағйири низоми танзими давлатии субъектҳои монополияи табииро, ки ба таъмини болоравии самаранокии фаъолияти иқтисодии субъектҳои мазкур ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон нигаронида шудаанд, омода месозад;

- татбиқи чораҳо оид ба қатъ намудани амалӣои мувофиқашуда ва (ё) қатъ намудани иштирок дар созишномаи маҳдудкунандаи рақобат ва қать кардани суистифодаи субъекти хоҷагидор аз мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозор, инчунин иҷрои амалӣое, ки ба таъмин намудани ҳимояи рақобат ва пешгирии рақобати бевиҷдонона нигаронида шудааст;

- мусоидат ба ташаккули муносибатҳои бозори дар асоси омилҳои ҳимоя ва рушди рақобат ва муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ;

- оид ба тағйир додан ва бекор намудани шартномаҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол, монополияҳои

табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ мухолифат мекунанд, амрияҳо қабул намояд;

- дар сурати вайрон намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол, монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва фаъолияти рекламавӣ андешидани чораҳои дахлдор нисбати субъектҳои хоҷагидор, роҳбарони онҳо, шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

- Феҳристи субъектҳои монополияҳои табииеро, ки нисбати онҳо танзими давлатӣ ва назорат татбиқ мегардад, тартиб медиҳад, пеш мебарад ва барои аз он хориҷ кардан қарор қабул мекунад;

- усулҳои танзимро, ки барои субъекти мушаххаси монополияи табиӣ истифода мегарданд, муайян месозад;

- шартномаҳои намунавиро, ки аз ҷониби субъектҳои монополияҳои табиӣ бо истеъмолкунандагон баста мешаванд, таҳия ва тасдиқ менамояд;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида оид ба такмил додани қонунгузорӣ дар бораи монополияҳои табиӣ пешниҳодҳо ирсол менамояд;

- таҷрибаи татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи монополияҳои табииро ҷамъбаст карда, хулоса мебарорад ва дар асоси он тавсияҳои методӣ таҳия ва тасдиқ менамояд;

- қарорҳои барои субъектҳои монополияҳои табиӣ иҷрояшон ҳатмиро доир ба ҷорӣ намудан, тағйир додан ё қатъ кардани танзим, доир ба истифодаи усулҳои танзим, аз ҷумла доир ба муқаррар кардани тарифҳо қабул менамояд;

- дар доираи салоҳияти худ нисбат ба қонунвайронкунии мавҷудбудаи соҳаи монополияҳои табиӣ оид ба пешгирии вайронкунӣ ва бартараф намудани оқибатҳои он қарор қабул менамояд;

- тарифҳои молҳои (корҳои, хизматрасонии) танзимшавандаи субъектҳои монополияҳои табиӣ ё ҳадди ниҳоии онҳоро бо назардошти талабот ба сифати онҳо, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияти онҳо муқаррар шудаанд, тасдиқ менамояд;

- дар мавриди тағйири хароҷот оид ба тағйир додани тарифҳои молҳои (корҳои, хизматрасонии) субъектҳои монополияҳои табиӣ ташаббус зоҳир менамояд;

- дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор дар соҳаи фаъолияти нархгузорӣ, тартиб ва шартҳои гузаронидани азнавнархгузории воситаҳои асосии субъекти монополияҳои табииро тасдиқ менамояд;

- масъалаҳои татбиқи қонунгузории зиддиинҳисориро шарҳ медиҳад;

- таъмини назорати давлатӣ вобаста ба сармоягузориҳои субъекти монополияи табиӣ дар истеҳсоли (фурӯши) молҳое (корӣое,

хизматрасоние), ки нисбат ба онҳо мутобиқи қонунгузорӣ дар бораи монополияи табиӣ танзим сурат намегирад;

- назорати давлатиро барои ҳама гуна аҳдҳое, ки дар натиҷаи он субъекти монополияи табиӣ ҳуқуқи моликиятро ба воситаҳои асосӣ, ки барои истеҳсоли (фурӯши) молҳои (корӣо, хизматрасонӣ) мутобиқи қонунгузории монополияҳои табиӣ танзимшаванда истифода бурда мешаванд ё истифода бурда намешаванд, соҳиб мегардад, таъмин менамояд;

- назоратро ҳангоми аз ҷониби субъекти хоҷагидор ё субъекти монополияҳои табиӣ фурӯхтан, иҷора додан ва ё бастани аҳди дигаре, ки дар натиҷаи он субъектҳои мазкур ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва истифода ё ҳуқуқи моликиятро ба қисми воситаҳои асосии субъекти монополияи табиӣ, ки барои истеҳсоли (фурӯши) молҳои (корӣо, хизматрасонӣ) мутобиқи қонунгузорӣ танзимшаванда истифода бурда мешаванд ё истифода бурда намешаванд пайдо мекунад, таъмин менамояд;

- амалӣ намудани назорати давлатӣ ҳангоми азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии субъектҳои монополияи табиӣ;

- мувофиқакунонии қоидаҳо, шартномаҳои намунавии хизматрасонии гази табиӣ, барқ ва гармӣ, алоқаи барқӣ, обрасонӣ, канализатсия, хоҷагии манзилию коммуналӣ, ки батанзимдарории ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳоро ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳо ба истеъмолкунандагон дар бар мегирад;

- назорати фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ, субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармоиро доранд оид ба иҷрои шартҳои шартномаҳои басташудаи онҳо бо истеъмолкунандагон дар бораи расонидани кору хизматрасонӣ;

- тасдиқи сметаи тарифии субъектҳои монополияҳои табиӣ ва назорати иҷрои онҳо;

- ба мувофиқа расонидани сметаи солонаи хароҷоте, ки ба таъмири ҷорӣ ва асосии субъектҳои монополияҳои табиӣ алоқаманд мебошад;

- тасдиқи меъёрҳои талафоти техникии субъектҳои монополияҳои табиӣ;

- ба субъектҳои монополияҳои табиӣ доир ба қатъи вайронкунии қонунгузорӣ дар бораи монополияҳои табиӣ, аз ҷумла оид ба бартараф намудани оқибатҳои он, оид ба бастани шартнома бо истеъмолкунандагоне, ки бояд ҳатман ба онҳо хизмат расонида шавад (маҳсулот пешниҳод карда шавад), оид ба ворид намудани тағйирот ба шартномаҳо, инчунин барои ба буҷет гузаронидани тамоми маблағи фоидаи дар натиҷаи амалӣои вайрон кардани қонунгузории монополияҳои табиӣ бадастомада, амрияҳои иҷроишашон ҳатмӣ медиҳад;

- таҳия ва тасдиқи низомнома оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор - доминантҳо ва инҳисорон;

- назорати хариди саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дорои ҳуқуқи овозҳо дар сармояи оинномавии субъектҳои хоҷагидор, ки метавонанд, боиси ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидор дар бозорҳои мол гарданд ё ба маҳдудияти рақобат оварда расонанд;

- таъмини назорати давлатӣ аз рӯи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ, қонунҳо дар бораи монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ;

- бо мақсади пешгирии маҳдудсозӣ ва бартараф намудани рақобати носолим, иштирок намудан дар савдоҳо ва музоядаҳо ҳангоми хусусигардонии корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ;

- ирсол намудани пешниҳодот ба мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҷорӣ ё бекор намудани иҷозатномаҳо, квотаҳо, тағйир додани тарифҳои гумрукӣ ва дигар намуди дастгирии давлатӣ;

- тибқи тартиби муқарраргардида додани иҷозати пешакӣ барои фароҳам овардани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ;

- назорати талаботи зиддиинҳисорӣ оид ба гузаронидани озмун барои ҷойгир намудани фармоишҳо ҷиҳати молрасонӣ, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ;

- таҳлил намудани ҳолати рақобат дар бозорҳои мол;

- тибқи тартиби муқаррагардида додани хулосаҳо вобаста ба вуҷуд доштан ё надоштани маҳдудияти рақобат дар бозори мол ҳангоми татбиқ, тағйир додан ва қатъ гардидани амали тарифи гумрукӣ ва ҷорӣ кардани чораҳои ғайритарифӣ;

- бо мақсади иҷрои масъалаҳои ба зиммаи ӯ гузошташуда, таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба муайян кардани навъи шартномаҳо, тартиби танзими муайян намудани нархҳои (тарифҳои) субъектҳои хоҷагидор ё сатҳи ниҳоии онҳо, ки дар бозорҳои молии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо ё инҳисорӣ доранд;

- пешгирӣ ва қатъ намудани далелҳои рекламаҳои номуносиб, ки аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ роҳ дода шудаанд;

- қабули шаҳрвандон, пурра ва саривақт баррасӣ намудани муроҷиати хаттӣ ва шифоҳии шаҳрвандон, қабули қарор оид ба онҳо ва дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намудани ҷавоб ба аризадиҳандагон;

- дар доираи салоҳияти худ ҳифзи маълумоте, ки дорои сирри давлатӣ ва тиҷоратӣ мебошанд;

- ташкили омодагии касбии кормандони Хадамот, такмили ихтисос, баланд бардоштани тахассус ва таҷрибаомӯзии онҳо, инчунин тайёр намудани мутахассисон ва такмилдиҳии касбии онҳо дар масъалаҳои марбут ба соҳаи фаъолияти Хадамот;

- дар асоси тартиби муқарраргардида ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатии дигар кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият;

- ҷамъоварӣ, нигаҳдошт, баҳисобгирӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти Хадамот ворид мешаванд;

- ваколатҳои дигареро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи Хадамот вогузоштааст, иҷро менамояд.

6) Хадамот бо мақсади татбиқи ваколатҳо дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ҳуқуқ дорад:

- аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ маълумотеро, ки барои қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои таҳти салоҳияти Хадамот қарордошта заруранд, дархост намуда гирад;

- дар доираи салоҳияти худ ва ваколатҳои додашуда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад кунад, оид ба масъалаҳои ба имзо расонидани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳамкориҳои ҳимоя ва рушди рақобат, монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ гуфтушунид доир намояд;

- ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки салоҳияти (функсияи) назоратӣ ва санҷишро дар бозорҳои мол иҷро мекунанд, ҷиҳати мутобиқ гардонидани санадҳои онҳо ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ пешниҳодҳо ирсол намояд;

- ҷиҳати таъмини сиёсати давлатӣ оид ба ташкили чорабиниҳои ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон нигаронидашуда ва барҳам додани рақобати бевиҷдонона иштирок намуда, ҳамкории мутақобилаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро (ассотсиатсия ва иттифоқҳои онҳо) дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таъмин намояд;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида оид ба бастани ҷарима нисбати мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдори онҳо, инчунин нисбати субъектҳои хоҷагидор, ташкилоту муассисаҳо ва роҳбарони онҳо қарор қабул намояд;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои такмили қонунгузррии зиддиинҳисорӣ, монополияҳои табиӣ, дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва реклама пешниҳодот манзур намояд;

- дар доираи салоҳияти худ қарорҳое қабул намояд, ки иҷрои онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, субъектҳои хоҷагидор ва дигар ташкилотҳо ҳатмӣ мебошанд, аз ҷумла вобаста ба масъалаҳои ҳимоя ва рушди рақобат, танзими монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ;

- дар доираи ваколатҳои додашуда Ҷумҳурии Тоҷикистон ро ҳангоми гуфтушунидҳои мустақим дар соҳаи ҳимоя ва рушди рақобат, танзими монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ намояндагӣ кунад, шарт ва тартиби

бастан ё бекор кардани санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро муайян намояд, имзо гузорад, ба қайд гирад ва дар доираи салоҳияти худ риояи шартҳои онҳоро назорат кунад;

- дар таҳия ва мувофиқасозии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба ҳимоя ва рушди рақобат, танзими фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ иштирок намояд;

- барои интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаи муқарраргардидаи фаъолият, эълонҳои расмӣ, дигар мавод оид ба масъалаҳои таҳти салоҳияти Хадамот ва мақомоти маҳаллии он тибқи тартиби муқарраргардида воситаҳои чопии иттилооти оммавиро таъсис диҳад;

- барои баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ташкилотҳои илмӣ, дигар ташкилотҳо, олимон ва мутахассисонро ҷалб намояд;

- дар соҳаи муқарраргардидаи фаьолият мақомоти ҳамоҳангсоз, машваратӣ ва экспертӣ (шӯроҳо, комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ), аз ҷумла мақомоти байниидоравиро таъсис диҳад;

- ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдори онҳо, инчунин субъектҳои хоҷагидор, ташкилоту муассисаҳо ва роҳбарони ин субъектҳо амрияҳое ирсол намояд, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошанд;

- дар суд ба сифати даъвогар ва ҷавобгар ҳангоми баррасии парвандаҳои вобаста ба татбиқ ва вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи монополияҳои табиӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи реклама" иштирок намояд;

Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ро Сардор роҳбарӣ мекунад, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Сардор барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи Хадамот гузошташуда ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият масъулияти шахсӣ дорад. Сардор дорои муовинон, аз ҷумла як муовини аввал мебошад, ки онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд. Шумораи ниҳоии кормандон ва теъдоди муовинони Сардори Хадамотро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Воҳидҳои сохтории Хадамот, раёсатҳо ва шӯъбаҳои оид ба самтҳои асосии фаъолияти Хадамот мебошад.

Сардор: дар асос ва барои иҷрои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон , қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии

ҳуқуқиро дар шакли фармоиш қабул намуда, онҳоро тибқи тартиби муқарраргардида бекор мекунад, тағйир медиҳад ва тамдид менамояд; манфиатҳои Хадамотро дар мақомоти давлатӣ ҳимоя мекунад ва роҳбарии умумии фаъолияти Хадамотро амалӣ месозад; дар доираи салоҳияти худ фармоиш ва супориш медиҳад, ки иҷрои онҳо барои кормандони Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти маҳаллии Хадамот ҳатмӣ мебошанд; вазифаҳоро байни муовинони худ ва роҳбарони воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ тақсим мекунад; низомномаҳои воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти маҳаллии Хадамотро тасдиқ мекунад; кормандони Хадамотро тибқи тартиби муқарраргардида ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд; барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохтори маҳаллии худ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ розигии хаттӣ медиҳад; ҳайати мушовараро роҳбарӣ мекунад; тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизмати давлатӣ масъалаҳои вобаста ба адои хизмати давлатиро дар Хадамот ҳал менамояд; дар доираи фонди музди меҳнат ва шумораи кормандони муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷадвали штатии Хадамот ва сметаи хароҷотии нигаҳдошти Хадамотро дар доираи давраи дахлдори маблағгузорӣ, ки дар буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ гардидааст, тасдиқ мекунад; ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташаккули буҷети ҷумҳуриявӣ ва маблағгузории Хадамот пешниҳодҳо ирсол менамояд; дигар ваколатҳоро барои Хадамот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад. Маблағгузории хароҷоти нигоҳдории Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва дигар маблағҳо дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ буда, дорои мӯҳр бо сабти Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи худ бо забонҳои давлатӣ ва русӣ, мӯҳрҳои дахлдор, штампу бланкҳо мебошад ва аз суратҳисоби ягонаи Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблаҷгузорӣ мегардад.

Сохтори Дастгоҳи марказии Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст: Роҳбарият, раёсати ҳимоя ва рушди рақобат, раёсати танзими монополияҳои табиӣ, раёсати ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ, бахши таъминоти ҳуқуқӣ, бахши кор бо кадрҳо ва корҳои махсус, шӯъбаи корҳо, бахши муҳосибот.

Нақшаи идоракунии Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

-Дастгоҳи марказӣ

-Шӯъбаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

-Раёсати Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон (карор аз 2.10.2010 № 534)

-Раёсати Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд

-Шӯъбаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе

Кормандони ваколатдори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ бо мақсади иҷро намудани вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда ва дар асоси гузаронидани мониторинги бозор, шикояти воридшуда ва (ё) ҳангоми гумонбарии асоснок оид ба вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ барои шиносшавӣ бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар асоси талаби мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ доранд ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ба бинои субъектҳои хоҷагидор бемамониат ворид шаванд. Мақомоти корҳои дохилӣ дар доираи салоҳияти худ бояд ба кормандони мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ барои иҷрои вазифаҳои хизматиашон ёрӣ расонад. Субъектҳои хоҷагидор (роҳбарони онҳо), мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (шахсони мансабдори онҳо), шаҳрвандон, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ вазифадоранд бо талаби мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуҷҷатҳои саҳеҳ ва дигар ахбореро, ки барои фаъолияти қонунии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ заруранд, пешниҳод кунанд. Маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ, хизматӣ ва қонунан ҳифзшаванда ва маълумоте, ки мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳангоми иҷрои ваколати худ ба даст овардааст, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи Қонун бояд ошкор карда нашавад. Дар ҳолати аз тарафи кормандони мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ошкор кардани маълумоти дорои сирри хизматӣ ва тиҷоратӣ товони зарари расида мувофиқи қонунгузории гражданӣ ҷуброн карда мешавад.

### *2. Комиссия оид ба масъалаҳои реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон*

Низомномаи Комиссия оид ба масъалаҳои реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон 2 апрели соли 2005, № 125 қабул шудааст. Комиссия оид ба масъалаҳои реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон (минбаъд Комиссия) бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардидааст ва дар фаъолияти худ ба ӯ тобеъ мебошад. Қарорҳои Комиссия, ки мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меёрию ҳуқуқӣ ва Низомномаи мазкур қабул карда мешаванд, барои иҷро аз тарафи тамоми мақомоти ҳокимияти иҷроия ва субъектҳои хоҷагидори, сарфи назар аз шакли

моликият ва таъиноти идоравиашон ҳатмӣ мебошад. Дар ҳолати норозиги бо қарори Комиссия иҷрокунандагон ҳақ доранд, ки дар мӯҳлати даҳрӯза ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кунанд, ки хулосаи он дар масъалаи баҳсталаб охирин аст.

Мақсадҳои фаъолияти Комиссия инҳоянд:

- баҳо додан ба ҳолати ташкилию хоҷагидори, молиявию иқтисоди, истеҳсолию хоҷагидории субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон дар асоси ҳуҷҷатҳои таҳлилии вазоратҳо ва корхонаҳо;

- ташкили фаъолияти мақсаднок оид ба тайёр намудани нақшаҳои инфироди бо имконоти реструктуризатсия (додани корхона ба консессия, ба идораи беруна, аз нав ташкилдиҳи) ва ё худ хусусигардони аз рӯи лоиҳаҳои инфиродӣ;

- ташкили таҳияи барномаҳои реструктуризатсия (тайёр намудани бизнес-нақшаҳо, нақшаҳои амали корхонаҳои реструктуризатсияшаванда, маънидод намудани вазифаҳои нав ва бизнес-амалӣо, ташкили системаи нави ҳисобдори, нақшаи кормандон, таҳияи стратегия ва моделҳо);

- ташкили татбиқи барномаҳои реструктуризатсия (баррасии ҷузъ ба ҷузъи нақшаҳо, назорати мӯҳлати иҷро, ташкили ҳавасманди барои иштироки фаъолона дар иҷрои барномаҳо);

- мусоидат ба сармоягузории барномаҳои реструктуризатсия, аз ҷумла аз ҳисоби донорҳо (грантҳо ва кӯмаки техникии ташкилотҳои молиявии байналмилали).

Вазифаҳои Комиссия инҳоянд:

- равона намудани фаъолияти вазоратҳо, субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон барои тезонидани ҷараёни реструктуризатсия;

- тайёр намудани лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон ва ё хусусигардонии онҳо аз рӯи лоиҳаҳои инфироди.

Фаъолияти Комиссия дар шакли ҷаласаҳои мунтазами машварати баъди ворид гардидани пешниҳодоти вазоратҳо, субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон, лекин на камтар аз як ҷаласа ҳар моҳ гузаронида мешавад. Мӯҳлатҳои гузаронидани ҷаласа ва вақти он аз тарафи Раиси Комиссия муайян карда мешавад. Ҷаласаи Комиссия босалоҳият ҳисобида мешавад, агар дар он аз се ду ҳиссаи аъзоён иштирок дошта бошанд. Рӯзномаи ҷаласа аз рӯи аксарияти оддии овозҳои иштироккунандагони он тасдиқ карда мешавад. Тағйирот ба рӯзномаи ҷаласа аз рӯи пешниҳодоти аъзоёни Комиссия мумкин аст ворид карда шавад. Қарорҳои Комиссия протоколҳои ҷаласаҳои Комиссия мебошанд, ки аз тарафи Раиси Комиссия имзо мегарданд. Хароҷоте, ки бо фаъолияти Комиссия алоқаманд, аз ҳисоби маблағҳое, ки ба ихтиёри Кумитаи давлатии сармоягузори ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

гузошта мешаванд, пӯшонида мешаванд. Ҳайати Комиссия аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

### *3. Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи монополияҳои табиӣ", "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол", "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" ва "Дар бораи реклама" бо фармоиши Сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2011, №85 тасдиқ шудааст. Қоидаҳои мазкур мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон " таҳия шуда, тартиби ташкил ва гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар соҳаи рақобат ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол, монополияҳои табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва фаъолияти рекламавиро (минбаъд қонунгузории зиддимонополӣ) муайян менамояд.

Қоидаҳо, тартиби гузаронидани санҷишҳо, ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои кормандони ваколатдори мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддимонополӣ (минбаъд мақомоти ваколатдор) ва субъектони хоҷагидорро муайян мекунанд.

Мақсади санҷиш аз инҳо иборат аст:

- ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои хоҷагидор ва шаҳрвандон, таъмини риояи шартҳо ва талаботҳои қонунгузории зиддимонополӣ, огоҳкунӣ ва пешгирии қонунвайронкуниҳо дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор;
- сари вақт ошкор, пешгирӣ ва қатъ кардани қонунвайронкуниҳои зиддимонополӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар мерасонанд;
- муқаррар кардани сабаб ва шароитҳое, ки ба содир намудани онҳо мусоидат менамоянд;
- дидани чораҳо оид ба ҷуброни зарари расонидашуда;
- пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва қатъ кардани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона, мусоидат ба рушди рақобат ва соҳибкорӣ.

Кормандони ваколатдори мақомоти ваколатдор ҳангоми амалисозии санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ӯҳдадоранд:

- Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон , санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла Қонун "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Қоидаҳои мазкурро риоя намоянд;
- чораҳои зарурииро оид ба пешгирӣ ва огоҳкунии далелҳои вайронкунии қонунгузории зиддимонополӣ, ҷуброни зарари ба давлат расонидашуда, ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкорро тибқи қонунгузории пешбинишуда ба анҷом расонанд;

- ба поймол кардани манфиатҳои субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда ва шаҳрвандон роҳ надиҳанд;

- ба иштирок намудани намояндагони субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда, ҳангоми гузаронидани санҷиш монеъ нашаванд ва масъалаҳои вобаста ба мавзӯи санҷишро ба онҳо шарҳ диҳанд;

- санҷишро дар мӯҳлати 5 (панҷ) рузи корӣ бо риояи қатъии қарори мақомоти ваколатдор оид ба гузаронидани санҷиш бо тартибе, ки қонунгузорӣ дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳо пешбинӣ намудаанд, гузаронанд:

- нигоҳдории миқдорӣ ва сифатии санадҳо, намунаҳои таҳқиқӣ ва дигар маводҳое, ки муваққатан гирифта шудаанд ва ҳамчунин сари вақт баргардонидаи онҳоро таъмин намоянд:

- мавзӯъ ва моҳияти камбудиҳои ошкоргардидаро ба субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда шарҳ дода, тадбирҳоро баҳри бартараф намудан, амалӣ намуда, ба пинҳон кардани онҳо роҳ надиҳанд:

- барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда монеаҳо эҷод накунанд:

- аз ҳудуди субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда санадҳои санҷидашавандаро бе ризоияти дахлдор берун набароранд:

- санҷишро танҳо дар доираи салоҳияташон гузаронанд:

- ба субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда перомуни бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида таъиноти қонунӣ ва иҷрояшон ҳатмиро диҳанд:

- риояи сири давлатӣ, тиҷоратӣ ва дигар асрори қонунан ҳифзшавандаро таъмин намоянд.

Санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда метавонанд нақшавӣ ва ғайринақшавӣ бошанд. Санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор мутобиқи нақшаҳои гузаронидани санҷишҳо ба истиснои санҷишҳои ғайринақшавӣ ва такрорӣ амалӣ мегардад. Нақшаҳо солона, семоҳа ва моҳона мебошанд бо назардошти омилҳои зерин тартиб дода мешаванд: дараҷаҳои мушаххаси хавфнокии иншоотҳо вобаста аз таҳдиди онҳо ба ҳаёт ва саломатии аҳолӣ: таҳлили фаъолияти соли гузашта: таҳлили омории ҳуқуқвайронкуниҳо. Санҷишҳои нақшавии ҳар як субъекти хоҷагидор метавонад на зиёда аз як маротиба дар ду сол гузаронида шаванд, ба истиснои санҷишҳои объектҳои сатҳи хавфнокиашон баланд, ки зиёдтар аз як маротиба дар ду сол, аммо на бештар аз як маротиба дар шаш моҳ гузаронида мешаванд. Санҷиши нақшавии сайёр аз ҷониби мақомоти ваколатдор бо риояи маҷмӯи масъалаҳо дар мавқеъи ҷойгиршавии субъекти хоҷагидори санҷишшаванда ё дар мавқеъи ҷойгиршавии ҷузъҳои сохтори мустақили он, бо назардошти нақшаи кории пешбинишуда тибқи салоҳияти вазифавии мақомоти ваколатдор гузаронида мешавад. Санҷиши нақшавии сайёр оид ба риояи қонунгузории зиддимонополӣ бо қарори (фармони) Роҳбари мақомоти ваколатдор дар асоси талаботҳои моддаи 10 Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон " амалӣ карда мешавад. Барои гузаронидани санҷишҳои накшавӣ накша - ҷадвали санҷишҳо, ки аз ҷониби Роҳбари мақомоти ваколатдор тасдиқ шудааст, асос мешаванд. Санҷише, ки дар накшаҳои кории мақомоти ваколатдор пешбинӣ нашудааст ва метавонад бе огоҳкунии пешакии хаттӣ , новобаста ба миқдори санҷишҳои қаблан анҷомдода, гузаронида шавад, санҷиши ғайринақшавии сайёр маҳсуб меёбад. Санҷишҳои ғайринақшавӣ дар ҳолатҳои истисноии зерин анҷом дода мешаванд:

- бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо мақсади пешгирии ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулодда;

- бинобар мураккаб гардидани ҳолати санитарию эпидемиологӣ ва ё байторию санитарӣ;

- дар асоси аризаи хаттии субъекти хоҷагидор.

Барои гузаронидани санҷиш Фармоиши қабулшудаи мақомоти ваколатдор ва огоҳномаи ба субъекти хоҷагидор фиристодашуда дар бораи гузаронидани санҷиш асос мешавад. Асос - фармоиш дар бораи гузаронидани санҷиши мақомоти ваколатдор оиди риояи қонунгузории зиддимонополӣ бояд маълумоти зеринро дошта бошад: сана ва рақами бақайдгирии қарор (фармон); номи пурраи субъекти хоҷагидори санҷишшаванда; мавзӯъ ва мақсади санҷиш; мансаб, ному насаби кормандони ваколатдор; сана ва давомнокии гузаронидани санҷиш; имзои роҳбар. Дар сурати зарурат мақомоти ваколатдор лоиҳаи фармоишро нисбати ҷалб намудани коршиносон ба санҷиши субъекти хоҷагидори дахлдор бо тартиби муқарраршуда омода ва мувофиқа менамояд.

Вазифаҳои асосии санҷиш инҳо мебошанд:

- амалӣ намудани назорати давлатӣ оид ба риояи қонунгузории зиддимонополии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- сари вақт огоҳ, ошкор ва қатъ намудани амалҳое, ки аломатҳои вайрон кардани қонунгузории зиддимонополии Ҷумҳурии Тоҷикистон ро доранд, дидани чораҳо оиди бартараф намудани сабабҳои пайдо шудани ин қонунвайронкуниҳо ва шароитҳое, ки онҳоро мусоидат менамоянд;

- ҷамъоварии далелҳо тибқи аризаҳо ва парвандаҳо оид ба вайронкунии қонунгузории зиддимонополии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлили мутобиқати қарорҳо (фармонҳо)- и қабулшудаи субъектҳои хоҷагидор ба талаботҳои қонунгузории зиддимонополии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Пеш аз гузаронидани санҷиш мақомоти ваколатдор омӯзиши пешакӣ гузаронида, санадҳои меъёрие, ки фаъолияти субъекти хоҷагидори санҷишшавандаро танзим менамояд, таҳлил мекунад.

Субъекти хоҷагидори санҷишшаванда ҳуқуқ дорад:

- аз кормандони ваколатдор асоснокии гузаронидани санҷишро талаб намояд, бо ҳуҷҷатҳое, ки шахсияти санҷишкунандаро тасдиқ мекунад, шинос шавад;

- ба санҷиш шахсонеро рухсат намедиҳанд, ки асос (қарор, фармон) дар бораи гузаронидани санҷиш надоранд, ё агар мӯҳлатҳое, ки дар асоси (фармон, қарор) нишон дода шудааст, оғоз нагардидааст ё гузаштааст;

- аз мақомоти ваколатдор нусхаи санади санҷишро дар муддати 5 рӯзи корӣ пас аз анҷоми санҷиш талаб ва дастрас намояд;

- ба кормандони ваколатдор оид ба масъалаҳои вобаста ба санҷиш ва натиҷаҳои он баёнот пешниҳод намояд.

- аз натиҷаҳои санҷиш бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят намояд.

Субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда вазифадоранд:

- кормандони ваколатдорро ба субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда, ҳангоми дар онҳо будани асос (фармоиш) дар бораи гузаронидани санҷиш пешбинӣ шудааст, бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ ва қайди дахлдор дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо, иҷозат диҳанд;

- ҷиҳати фаъолияти муътадили кормандони ваколатдор шароитҳои заруриро муҳайё намоянд;

- мавод ва санадҳои барои гузаронидани санҷиши заруриро ба кормандони ваколатдор пешниҳод намоянд;

- қарорҳои мақомоти ваколатдорро ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳо дар мӯҳлатҳои муқарраршуда иҷро кунанд;

- ба кормандони ваколатдор ҷиҳати иҷрои вазифаҳои хизматиашон мусоидат намоянд;

- аз рӯи ҳамаи масъалаҳои вобаста ба санҷиш, хусусан далелҳои ошкоршудаи вайрон намудани қонунгузории зиддимонополии Ҷумҳурии Тоҷикистон баёноти хаттӣ диҳанд;

- ба оғози санҷиш дар рӯз ва соати муқарраршуда монеъ нашаванд.

Кормандони ваколатдор дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ доранд:

- ба ҳудуди субъекти хоҷагидори санҷишшаванда бо ҳамроҳии намояндаи он ворид шаванд;

- аз субъекти хоҷагидори санҷишшаванда санадҳои заруриро, ки ба мавзӯъ ва мақсади гузаронидани санҷиш бевосита марбутанд, талаб намуда, аз онҳо иқтибос ва нусха гиранд;

- аз роҳбари субъекти хоҷагидори санҷишшаванда оид ба масъалаҳои вобаста ба санҷиши фаъолияти он баёноти хаттӣ талаб намоянд.

Кормандони ваколатдор ба дастрасии бемонеа ба ҷойҳои нигоҳдории маълумот, ки бевосита ба гузаронидани санҷиш вобаста мебошад аз ҷумла;

- компютерҳои субъекти хоҷагидори санҷишшаванда, барандагони магнитӣ ва ғайра;

- гирифтани нусхаҳои ин маълумот - ҳуҷҷатҳо;

- маълумотҳои оморӣ - иттилоотии дигар, ки ҷиҳати назорат ва риояи қонунгузории зиддимонополӣ бо аввалин дархости мақомоти ваколатдор, ройгон пешниҳод карда мешаванд.

Кормандони ваколатдор ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар доираи салоҳияти худ вазифадоранд:

- қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуқуқҳои субъектҳои хоҷагидорро риоя намоянд;

- ба субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда асос (фармон, қарор)-ро дар бораи гузаронидани санҷиш ва дигар ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намоянд;

- ба иштироки намояндагони субъекти хоҷагидори санҷишшаванда, ҳангоми гузаронидани санҷиш монеъ нашуда ба масъалаҳои вобаста ба гузаронидани санҷишро ба онҳо фаҳмонда диҳанд;

- нигоҳдошти миқдорӣ ва сифатии санадҳо ва маводи муваққатан гирифташуда, инчунин сари вақт баргардонидани онҳоро таъмин намоянд;

- барои фаъолияти муътадили субъекти хоҷагидори санҷишшаванда монеъа нашаванд;

- санадҳои санҷишшавандаро бе ризоияти пешакӣ аз ҳудуди субъектҳои хоҷагидори санҷишшаванда берун набароранд;

- баъд аз анҷоми санҷиш ба субъекти хоҷагидори санҷишшаванда дар бораи бартараф кардани камбудиҳои ошкоргардида амрияҳои қонунҳ ва иҷрояшон ҳатмиро диҳанд;

- риояи сири давлатӣ, тиҷоратӣ ва дигар асрори қонунан ҳифзшавандаро таъмин намоянд.

Рӯзи омадани кормандони ваколатдор ба субъекти хоҷагидори санҷишшаванда рӯзи аввали санҷиш маҳсуб меёбад. Дар рӯзи аввали санҷиш кормандони ваколатдор дар бораи мақсад ва мӯҳлатҳои санҷиш иттилоъ дода, ба роҳбари субъекти хоҷагидори санҷишшаванда (дар ҳолати набудани роҳбар ба шахсе, ки ӯро иваз менамояд) ҳуҷҷатҳоро дар бораи кормандони ваколатдор, ваколатҳои онҳо номгӯи масъалаҳое, ки ҳангоми гузаронидани санҷиш бояд муайян карда шаванд, манзур менамоянд. Вобаста ба вазифа ва мақсади санҷиш кормандони ваколатдор аз роҳбарияти субъекти хоҷагидори санҷишшаванда, хусусан роҳбарон ва аъзои мақомоти идоракунӣ, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ санадҳо, баёноти хаттию шифоҳӣ ва дигар иттилоот (аз ҷумла бо дастраси маҳдуд)- ро, ки ба вазифаҳо ва мақсади санҷиш вобаста буда, барои кормандони ваколатдор ҷиҳати амалӣ намудани вазифаҳои худ мутобиқи номгӯи саволҳои санҷиши аз тарафи роҳбари мақомоти ваколатдори тасдиқ шуда, дархост намоянд. Аз ҷумла: - фармоиши (қарори) мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, мақомоти идоракунии маъмурӣ - хоҷагидорӣ ва назоратӣ, вобаста ба фаъолияти субъекти хоҷагидори санҷишшаванда ва воҳидҳои сохтории он;

маълумот нисбати сохтори субъекти хоҷагидори санҷишшаванда бо нишондоди ному насаби роҳбарони воҳидҳои сохторӣ, мансаби онҳо, рақами телефони хизматии онҳо; протоколҳои машваратҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, мақомоти идоракунии маъмурӣ - хоҷагидорӣ ва назоратӣ, протоколҳои ҷамъомадҳои умумии саҳмдорон (иштирокчиён) ва ҷаласаҳои раёсат, шӯрои нозирон, мақомоти иҷроия ва нозирони субъекти хоҷагидори санҷишшаванда; ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ, бо назардошти матнҳои факсҳо ва телефонограммаҳо, маводи коргузории ҳамаи воҳидҳои субъекти хоҷагидори санҷишшаванда; фармонҳо, супоришҳо, қарорҳои роҳбарияти субъекти хоҷагидори санҷишшаванда; рӯйхати ҳамаи корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳои молиявӣ ва дигар шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ аз он, ки субъекти хоҷагидори санҷишшаванда дар онҳо ҳисса (саҳмия)-ро доро мебошад; рӯйхати ҳамаи корхонаҳо, ташкилотҳо бо назардошти ташкилотҳои фаръӣ, ки аз ҷониби субъекти хоҷагидори санҷишшаванда бо мақсади амалӣ намудани фаъолият ҷиҳати таҳвил ё фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ бо назардошти фаъолияти дилерӣ ё тақсимкунандагӣ, таъсис дода шудааст; рӯйхати саҳмдорони (иштирокчиёни) субъекти хоҷагидори санҷишшаванда. Дар ҳолати зарурат маълумот дар бораи саҳҳомони (иштирокчиёни) субъекти хоҷагидори санҷишшаванда, ки саҳмияҳои эмитенти мазкурро дар ихтиёр дорад ё идора менамояд, аниқ карда мешаванд; маълумот дар бораи намудҳои асосии фаъолияти субъекти хоҷагидори санҷишшаванда бо маълумотҳо дар бораи тайёр намудан ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо), бо шарҳи мушаххаси ин намудҳо ва ҳиссаи онҳо дар бозори молҳои дахлдор, инчунин маълумот дар бораи навъҳои маҳсулоти коркардашуда, дар давраи 1-2 соли гузашта; маълумот дар бораи арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда (корҳо, хизматрасониҳо) ва нархи ба фурӯшбаровардашуда; ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосиботӣ ва ҳисоботи молиявӣ; созишномаҳои ба имзо расидаи субъекти хоҷагидори санҷишшаванда оид ба таъминкунандагон ва истеъмолкунандагони молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), аз ҷумла оид ба савдои хориҷӣ; созишнома (қарор) дар бораи амалиётҳои мувофиқашуда; маълумот оиди гирифтани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ; маълумот оиди аз тарафи шахс (гурӯҳи шахсон) харид кардани саҳмияи (ҳиссаи) дорои ҳуқуқи овоз дар сармояи оинномавии субъекти хоҷагидори санчишшаванда, соҳиб шудан ба воситаҳои асосии истеҳсолот ё активҳои ғайримодӣ; созишнома дар бораи фаъолияти муштарак ва созишнома дар бораи иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ, корҳои тарроҳӣ ва кор карда баромадан; рӯйхати истеъмолкунандагони субъекти хоҷагидори санҷишшаванда аз рӯи намудҳои маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) бо нишон додани мавқеъи ҷойгиршавӣ, маълумот дар бораи ҳаҷм ва навъҳои маҳсулоти расонидашуда ба истеъмолкунандагони шартӣ, дар лаҳзаи санҷиш ва ду соли гузашта; маълумот дар бораи ҳамаи

таъминкунандагони маснуоти такмилдиҳанда, ашёи хом, мавод ва ҳаҷми онҳо; маводи иттилоотӣ, ки доимо ва давра ба давра аз ҷониби субъекти хоҷагидори санҷишшаванда (мактубҳои иттилоотӣ, тасвирҳои рекламавӣ, коркардҳои оморӣ, таҳлилӣ ва ғ.) бо зикри суроғаҳои қабулкунандаҳо фиристода (қабул карда) мешавад; санадҳои меъёрӣ, стандартҳо ва шартҳои техникӣ ва ғайра, ки ба субъекти хоҷагидори санҷишшаванда паҳн гаштаанд.

Баёнотҳои шифоҳии шахсони хизматӣ ва мансабдори субъекти хоҷагидори санҷишшаванда, ки дар онҳо оид ба мавҷуд будан ё набудани вайронкунӣ дарҷ шудаанд, дар санади аз ҷониби кормандони ваколатдор тартибгардида, ки аз ҷониби шахсони баёнот дода ба имзо расидааст, сабт мегардад. Дар санад нишон дода мешавад: таърих ва ҷои тартибдиҳии он, номи пурра ва ихтисоршудаи субъекти хоҷагидори санҷишшаванда, насаб, ном, номи падар ва вазифаи кормандони ваколатдор ва шахси хизматӣ ё мансабдори субъекти хоҷагидори санҷишшаванда, ки вобаста ба онҳо баёнотҳо ва шарҳи пурраи баёнотҳо дода шудаанд; шахсони баёнотдода пеш аз имзои санад, бояд бо хоҳиши худашон чунин нависанд: "Хондам, аз сухани ман дуруст навишта шудааст". Дар ҳолати аз ҷониби шахс рад намудани имзо кардани санад дар ин бора дар санад қайд карда мешавад. Дар ҳолате агар шахс зарур шуморад, ки ба баёнот қаблан барои худ равшанӣ андозад, ё ин, ки сабаби имзо накардани санадро маънидод намояд, ҳуқуқ дорад онро бо дасти худ дар ҳамин санад ё алоҳида, онро навишта замима намояд. Кормандони ваколатдор дар ҳолати зарурат, нусхаи (ксерокопияи) ҳуҷҷатҳои ба таври муқарраршуда, тасдиқшуда, нусха аз ҳуҷҷатҳо, маълумотномаҳо, инчунин баёноти хаттии бо имзои роҳбар ё ҷонишини вай ё роҳбарони дахлдори субъекти хоҷагидори санҷишшаванда тасдиқшударо, қабул менамояд. Сипас санад аз ҷониби кормандони ваколатдор имзо мегардад. Ҳангоми гузаронидани санҷишҳо шахси мансабдори мақомоти ваколатдор метавонад, ба нақшаи санҷишҳо, аз ҷумла мӯҳлатҳои гузаронидани санҷиш тағйироту иловаҳо дохил карда, онро тасдиқ намояд. Ҳангоми гузаронидани санҷишҳо, кормандони ваколатдор, ки санҷишҳоро мегузаронад бо мақсади мубодилаи иттилоот ва ҳамоҳангсозии амалӣо бо риояи талаботҳои қонунгузории зиддимонополӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти назоратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, ҳамкорӣ менамоянд.

Натиҷаҳои санҷиши кормандони ваколатдор дар шакли санад дар ду нусха мураттаб мегардад, ки вай бояд таҳлил, хулосаҳо ва таклифҳоро оид ба ҳамаи масъалаҳое, ки санҷида шудаанд фаро гирад. Кормандони ваколатдор, роҳбари субъекти хоҷагидори санҷишшаванда, дар сурати зарурат дигар кормандони масъули субъекти хоҷагидори санҷишшаванда ба санад имзо мегузоранд. Як нусхаи санад ба Роҳбарияти мақомоти ваколатдор пешниҳод мегардад, дигараш дар мӯҳлати на дертар аз панҷ рӯзи корӣ баъди анҷоми санҷиш таҳти имзо дар нусхаи аввали санад ба роҳбарияти

субъекти хоҷагидори санҷишшаванда ва дар мавриди набудани вай таҳти имзо дар санад бо зикри насаб ва вазифаи корманди санадро қабулкарда ба шӯъбаи умумии субъекти хоҷагидори санҷишшаванда супорида мешавад ё бо мактуби супоришӣ бо тасдиқи почтавӣ дар бораи фиристодан, тавассути почта равон карда мешавад. Дар санад бояд нишон дода шавад: маҳалли гузаронидани санҷиш, таърихи тартиб дода шудани маълумотнома (санад); мавзуъ ва мақсади санҷиш; вазифа, ному насаби кормандони ваколатдор, ки санҷишро анҷом додаанд; номи пурра, ному насаби роҳбарияти субъекти хоҷагидори санҷишшаванда; маълумот дар бораи санҷиши гузашта натиҷаҳои он, инчунин тадбирҳои андешидашуда нисбати бартарафсозии қонунвайронкуниҳои қаблан ошкоргашта; давраи санҷиш ва маълумотҳои умумӣ оид ба ҳуҷҷатҳо, маводҳо, ки аз ҷониби субъекти хоҷагидори санҷишшаванда барои гузаронидани санҷиш, пешниҳод шуданд; натиҷаи санҷиш оиди саволҳое, ки дар нақшаи санҷиш пешбинӣ шудааст; баҳои воқеӣ ба фаъолияти субъекти хоҷагидори санҷишшаванда нисбати риояи қонунгузории зиддимонополӣ; таклифҳо дар бораи андешидани чораҳо оид ба бартарафкунии вайронкунии қонунгузории зиддимонополӣ. Дар мавриди зарурат кормандони ваколатдор оид ба муҳокимаи пешакии машваратии санади санҷиш таклифҳо пешниҳод менамоянд. Дар баробари ошкор намудани вайронкунии ҷиддии қонунгузорӣ, сӯиистифода ва камбудиҳо дар фаъолияти субъекти хоҷагидори санҷишшаванда, дар давоми санҷиш барои бартарафсозии қонунвайронкуниҳои ошкоршуда, сӯистифода ва камбудиҳо ва минбаъд пешгирӣ намудани онҳо, тадбирҳои зарури андешида шаванд. Шахси мансабдори субъекти хоҷагидори санҷишшаванда, ки бо хулосаи дар санад зикрнамуда розӣ нест, ҳуқуқ дорад, ки фикри алоҳидаи худро ба таври хаттӣ ифода намояд, ки он замима мегардад. Шахси мансабдори субъекти хоҷагидори санҷишшаванда фикри алоҳидаро ифода карда, бояд санадро имзо намояд ва чунин тавзеҳот диҳад: "Бо эродҳое, ки дар фикрҳои алоҳида мавҷуданд". Дар сурати аз ҷониби Роҳбари субъекти хоҷагидори санҷишшаванда рад карда шудани имзокунии санад дар бораи натичаҳои санҷиш, кормандони ваколатдор ин амалро бо навиштаҷоти дахлдор ва имзоҳои худ дар охири санад, қонеъ мегардонанд. Ҳангоми мавҷуд будани эътироз ё эрод ба санади санҷиш, роҳбар ё шахсони дигари субъекти хоҷагидори санҷишшаванда, ки дар санад имзо мегузоранд, дар ин бора пеш аз имзоҳои худ на дертар аз се рӯзи корӣ аз рӯзи имзогузориашон огоҳ намуда, баёноти хаттӣ ё эътироз, ки ба санад низ замима мегардад пешниҳод мекунанд. Кормандони ваколатдор, инчунин аз дигар шахсони мансабдори субъекти хоҷагидори санҷишшаванда, ки ба қонунвайронкуниҳо ва сӯиистифодаи ошкоргашта, дахл доранд баёнот мегиранд. Дурустии баёнот, далелҳои дар баёнотҳои шахсони мансабдори субъекти хоҷагидори санҷишшавандаро кормандони ваколатдор бояд бодиққат санҷида баромада, дар мӯҳлати 15 рӯз дар

ин бора хулосаи хаттӣ пешниҳод намоянд. Ба ин мӯҳлат вақти барои қабули маълумот бо дархости мақомоти ваколатдор зарур буда, дохил намешавад. Дар ҳолатҳое, ки барои бартараф сохтани қонунвайронкуниҳои зиддимонополии дар давраи санҷиш ошкоршуда тадбирҳои таъҷилан андешидан зарур аст, санади мобайнӣ тартиб дода мешавад. Аз шахсони мансабдори субъекти хоҷагидори санҷишшаванда баёнот талаб карда шуда, ин ҳуҷҷатҳо таъҷилан ба Роҳбарияти мақомоти ваколатдор пешниҳод карда мешаванд ва дар ҳолати зарурат, огоҳинома ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ омода карда мешавад. Далелҳои дар санадҳои мобайнӣ қайд гардида, ба санади умумии санҷиш дохил карда мешавад. Натиҷаҳо дар санад дар асоси маълумотҳои санҷидашуда ва далелҳое, ки аз ҳуҷҷатҳои аслии дар субъекти хоҷагидори санҷишшаванда мавҷудбуда ё дигар маълумотҳо, ифода мегарданд. Ҳангоми мураттабсозии санади санҷиш воқеӣ будани пуррагии шарҳи далелҳо ва маълумотҳои ошкоршуда, бояд риоя карда шаванд. Ба санади санҷиш шомил намудани хулосаҳо ва маълумотҳои бо ҳуҷҷатҳо тасдиқнашуда манъ аст. Дар санад бояд нишон дод, ки кадом амалиётҳо ва ҳуҷҷатҳо дар кадом мӯҳлат, бо кадом усул, (интихобан ё комилан) санҷида шудаанд. Санад дар шӯъбаи умумии мақомоти ваколатдор ба қайд гирифта шуда, оид ба натиҷаҳои санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидори санҷишшаванда қарори дахлдор қабул карда мешавад. Баррасии парвандаҳо дар бораи вайронкуниҳои қонунгузории зиддимонополии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Тартибҳои баррасии парвандаҳо дар хусуси вайронкунии қонунгузории зиддимонополии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Шикояти субъекти хоҷагидор оиди қарор ва амали кормандони мақомоти санҷишкунанда тибқи моддаҳои 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон " ва моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудукунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол" баррасӣ карда мешавад. Дар натиҷаи баррасии шикояти субъекти хоҷагидор аз тарафи мақомоти санҷишкунанда ба суроғаи субъекти хоҷагидор ҷавоби асоснок таҳия карда мешавад.

Мақомоти санҷишкунанда ҳамаи санҷишҳои аз ҷониби онҳо гузаронидашудаи фаъолияти субектҳои хоҷагидор ва натиҷаҳои онҳоро ба ҳисоб гирифта, ба мақомоти оморӣ ҳисобот пешниҳод мекунанд. Фармоиш оид ба гузаронидани санҷишҳо, санадҳои санҷиш ва қарорҳои қабулшуда дар Дафтари бақайдгирӣ қайд карда мешавад. Мақомоти санҷишкунанда на камтар аз як маротиба дар як сол дар бораи кори худ оид ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар нашрияҳои Ҷумҳуриявӣ иттилоот интишор менамояд.

### *4. Тартиби ба мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани дархост ва огоҳинома*

Тартиби ба мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани дархост ва огоҳинома дар асоси

Низомнома оид ба тартиби ба мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани дархост ва огоҳинома тибқи талаботҳои моддаҳои 15 ва 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол" бо фармоиши Сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2011, № 85 тасдиқ шудааст. Низомномаи мазкур дар асоси талаботҳои моддаҳои 13, 15 ва 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол", бо мақсади такмили назорати муттаҳидшавии иқтисодӣ, амиқ муайян намудани параметрҳои сиёсати иқтисодӣ барои гузаронидани фарқият байни рақобати мусоидкунанда ва муттаҳидшавии иқтисодии зиддирақобат, аз он ҷумла ҳангоми таъсисдиҳӣ, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор, хариди саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дорои ҳуқуқи овоз дар сармояи оинномавии субъектҳои хоҷагидор таҳия шудааст. Барои мақсадҳои Низомномаи мазкур мафҳумҳои асосии моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол" истифода бурда мешаванд. Мутобиқи моддаи 15-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол" розигиии пешакии мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ҳангоми сурат гирифтани амалҳои зайл лозим аст:

- таъсис ва азнавташкилдиҳии иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидор;

- муттаҳидшавии шахси ҳуқуқӣ ё ҳамрох шудани шахси ҳуқуқӣ ба дигар шахси ҳуқуқӣ, агар арзиши умумии тавозуни активҳои онҳо (активҳои гурӯҳи шахсони онҳо) мувофиқи тавозуни охирин аз сад ҳазор ҳадди ақалли музди меҳнат бештар бошад;

- таъсиси шахси ҳуқуқӣ ҳангоми пардохти сармояи оиномавии он бо саҳмияҳо (ҳиссаҳо) ё молу мулки дигар шахси ҳуқуқӣ;

- барҳамдиҳӣ ва тақсимкунии (ҷудокунии) шахси ҳуқуқӣ, ки арзиши активҳояшон аз панҷоҳ ҳазор ҳадди ақалли музди меҳнат зиёд аст, агар ин боиси ташкил шудани шахси ҳуқуқӣ гардад, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармо дорад.

Ҳангоми таъсисдиҳӣ, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор ва иттиҳодияҳои онҳо шахсон ва мақомотҳои манфиатдор ба мақомоти ваколатдор дархост дар бораи розигӣ, маълумот дар бораи фаъолияти асосӣ, маҷмӯи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасонӣ) дар бозорҳои дахлдори мол пешинҳод менамоянд. Ба қайдгирии давлатии субъектҳои хоҷагидор ва иттиҳодияҳои онҳо, ки таъсис, азнавташкил ва барҳамдодашуданд, инчунин аз феҳристи ягонаи давлатӣ баровардани субъектҳои хоҷагидор аз тарафи мақомоти давлатии бақайдгиранда танҳо бо розигии пешакии мақомоти ваколатдор анҷом дода мешавад. Агар таъсиси (ҳамроҳшавии, муттаҳидшавии) субъектҳои хоҷагидор ба

маҳдудкунии рақобат оварда расонад, муассисони субъектҳои хоҷагидор, шахсон ё мақомоти қарор қабул карда, вазифадоранд бо талаби мақомоти ваколатдор барои барқарор намудани шароити зарурии рақобат чораҳо андешанд. Барои иҷро накардани талаботи мақомоти ваколатдор тибқи талаботи моддаи 20 Қонуни мазкур ба ҷавобгари кашида мешавад. Мутобиқи моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол" розигии пешакии мақомоти ваколатдор барои ҳолатҳои зерин зарур мебошанд:

- аз тарафи шахс (гурӯҳи шахсон) харид кардани саҳмияи (ҳиссаи) дорои ҳуқи овоз дар сармояи оиномавии субъекти хоҷагидор, ки дар натиҷа чунин шахс (гурӯҳи шахсон) ҳуқуқи ихтиёрдории бештар аз бист фоизи саҳмияҳои (ҳиссаҳои) харидгардидаро пайдо мекунад. Талаботи мазкур ба муассисони субъекти хоҷагидор ҳангоми таъсиси он дахл надорад, аз ҷумла:

- дар ҳамаи ҳолатҳои ба дастовардани саҳмияҳо (ҳиссаҳо) бо ҳуқуқи овоз дар сармояи оинномавии субъекти хоҷагидор (яъне, ба даст овардани имконияти амали намудани таҷассумёбии ҳуқуқи овоз дар саҳмияҳои (ҳиссаҳои) мазкур тибқи шартномаҳои хариду фурӯш, идоракунии боварҳ, супориш ва ё дигар намуди аҳдҳо, агар:

а) шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки аъзои гурӯҳи шахсон мебошанд, ва ё якчанд шахс - аъзоёни як гурӯҳи шахсон хоҳиши ба даст овардани ҳиссаи дилхоҳи саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дорои ҳуқуқи овоз дар сармояи оинномавии субъекти хоҷагидорро доранд, ҳамзамон:

- ба дастоваранда дар маҷмӯъ аллакай бо саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дар ихтиёрдоштааш ё дар ихтиёри гурӯҳи шахсон буда, ҳуқуқи ихтиёрдории бештар аз бист фоизи саҳмияҳои (ҳиссаҳои) ҳуқуқи овоз субъекти хоҷагидори мазкурро пайдо мекунад;

б) шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки аъзои гурӯҳи шахсон нестанд, нияти ба даст овардани ҳиссаи дилхоҳи саҳмияҳои (ҳиссаҳои) ҳуқуқи овоз дар сармояи оинномавии субъекти хоҷагидорро доранд, ҳамзамон:

- ба дастоваранда дар маҷмӯъ аллакай бо саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дар ихтиёрдоштааш, ҳуқуқи ихтиёрдории бештар аз бист фоизи саҳмияҳои (ҳиссаҳои) ҳуқуқи овоз субъекти хоҷагидори мазкурро пайдо мекунад;

Агар саҳмияҳои (ҳиссаҳои) иловагӣ бо ҳуқуқи овоз дар сармояи оинномавӣ танҳо байни шахсоне, ки саҳмдорони субъекти хоҷагидори мазкур, бе тағйири саҳми онҳо дар сармояи оинномавӣ тақсим гарданд, он гоҳ розигии мақомоти ваколатдор лозим нест.

- ҳангоми аз тарафи як субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) соҳиб ба воситаҳои асосии истеҳсолот ё активҳои ғайримоддии субъекти хоҷагидори дигар ё мавриди истифода қарор гирифтани онҳо, ки агар арзиши тавозуни амволи ташкилдиҳандаи мавзӯи аҳд аз даҳ фоизи арзиши тавозуни воситаҳои асосии истеҳсолот ва активҳои ғайримоддии субъекти хоҷагидори ҷудокунандаи амвол зиёд бошад, аз ҷумла:

- ҳангоми соҳиб шудан ё истифодаи (аз ҷумла, дар асоси шартномаҳои харид-фурӯш, иҷора, лизинг ва ғайра) воситаҳои асосии истеҳсолӣ ё активҳои ғайримоддӣ, агар:

а) субъекти хоҷагидоре, ки аъзои гурӯҳи шахсон мебошад, ё якчанд шахсон - аъзоёни як гурӯҳанд, мақсади ба даст овардани зиёда аз даҳ фоизи арзиши тавозуни воситаҳои асосии истеҳсолӣ ва активҳои ғайримоддии дигар субъекти хоҷагидорро (аз ҷумла, дар маҷмӯъ дошта) доранд;

б) субъекти хоҷагидоре, ки аъзои гурӯҳи шахсон намебошанд, мақсади ба даст овардани зиёда аз даҳ фоизи арзиши тавозуни воситаҳои асосии истеҳсолӣ ва активҳои ғайримоддии дигар субъекти хоҷагидорро (аз ҷумла, дар маҷмӯъ дошта) доранд;

- ҳангоми аз ҷониби шахс (гурӯҳи шахсон) ба даст овардани ҳуқуқҳоеро, ки дар натиҷаи онҳо шароити пешбурди фаъолияти соҳибкории субъекти хоҷагидор ё ин ки амалӣ гардонидани вазифаҳои мақомоти иҷроияи онро, муайян намояд, аз он ҷумла:

- бо дигар роҳ ба даст овардани ҳуқуқҳое, (аз ҷумла ба воситаи шарномаи супориши, шартнома оиди фаъолияти муштарак, шартномаҳо дар бораи идоракунӣ ва ё бо дигари усули монанд), ки метавонанд шароити пешбурди фаъолияти соҳибкории субъекти хоҷагидор ё ин ки амали намудани вазифаҳои мақомоти иҷроияи (минбаъд ҳуқуқ) онро, муайян намояд, агар:

а) шахсони ҳуқуқӣ ё воқеъии аъзои гурӯҳи шахсон, ё якчанд шахсонаъзои як гурӯҳи шахсон, ки дар якҷоягӣ нисбати субъекти хоҷагидор мақсади ба даст овардани ҳуқуқҳои муносибро, доранд;

б) шахсони ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки аъзои як гурӯҳи шахсон нестанд, нисбати субъекти хоҷагидор мақсади ба даст овардани ҳуқуқҳои муносибро, доранд.

Қарори мақомоти ваколатдор дар хусуси розигӣ оид ба иҷрои аҳдҳои дар банди 7-и Низомномаи мазкур нишондодашуда амали худро қатъ менамояд, агар чунин аҳдҳо дар муддати шаш моҳ аз рӯзи қабул гардидани қарори зикршуда иҷро нагардида бошад, нашуда бошанд. Розигии пешакӣ барои аҳдҳои дар Низомномаи мазкур нишон додашуда, дар ҳолатҳое зерин зарур мебошад:

- агар арзиши умумии тавозунии активҳои шахсон аз дусад ҳазор ҳадди аққали музди меҳнат зиёд бошад;

- агар яке аз шахсон субъекти хоҷагидоре мебошад, ки ба феҳристи субъектҳои хоҷагидори дорои мавқеи ҳукмфармо дохил карда шудааст ё харидор гурӯҳи шахсоне бошад, ки фаъолияти ҳамин субъекти хоҷагидорро назорат мекунанд.

Барои содир кардани аҳдҳое, ки дар Низомномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, шахсон вазифадоранд ба мақомоти ваколатдор дар бораи додани розигӣ барои пешниҳод кардани онҳо дархост диҳанд ва қабул кардани қарор мувофиқи номгӯи ахборе, ки мақомоти ваколатдор тасдиқ мекунад, маълумоти зарурҳ пешниҳод намоянд. Дар ҳолати иштироки шахси воқеӣ дар мақомоти иҷроия, шӯрои директорони

(шӯрои нозирони) ду ё зиёда субъектҳои хоҷагидор, ки арзиши умумии тавозуни активҳои аз сад ҳазор музди ҳадди аққали музди меҳнат зиёд бошад ва ё субъектҳои хоҷагидор, ки ба рӯйхати гурӯҳи молҳои якхела ё ба рӯйхати молҳои дараҷаи мухталифи ҷараёни истеҳсолу фурӯши якхела дохиланд, бояд мақомоти ваколатдор пас аз понздаҳ рӯзи дохилшавҳ (интихобшавӣ) ба мақомоти мазкур ё шӯро аз тарафи ҳамин шахс, ҳатман огоҳ карда шавад.

Дархост оид ба таъсисисдиҳӣ, азнавташкилкунӣ, барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор ва иттиҳодияҳои онҳо ба мақомоти ваколатдор аз тарафи шахс (мақомот), ки қарорро қабул менамояд, пешниҳод карда мешавад. Агар чунин қарор аз тарафи як ё якчанд шахс (мақомот) қабул карда шавад, он гоҳ дархост ба мақомоти ваколатдор дар якҷоягӣ ин шахсон (мақомотҳо) дода шуда, ҳамзамон дар дархост шахси ваколатдори пешбурди корҳо бо мақомоти ваколатдор ё ин ки яке аз шахсони супориш додашудаи шахсон (мақомотҳо) дар қабул кардани қарор иштирок дошта, нишон дода мешавад. Дархост оиди таъсисдиҳии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти ваколатдор аз тарафи муассисони (муассиси) субъекти хоҷагидор ё аз тарафи яке аз муассисон бо супориши онҳо пешниҳод карда мешавад. Дархост оид ба муттаҳидшавии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти ваколатдор аз тарафи субъекти хоҷагидор, ки дар натиҷаи муттаҳидшавӣ ба вуҷуд омадааст, пешниҳод мегардад. Дархост оид ба якҷояшавии шахсони ҳуқуқӣ ба мақомоти ваколатдор аз тарафи шахси ҳуқуқӣ, ки дигар шахси ҳуқуқиро якҷоя намудааст, пешниҳод мешавад. Дархост оид ба содир намудани аҳдҳо аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ, инчунин огоҳинома дар бораи иштироки шахсони воқеъӣ дар мақомоти иҷроия, шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ду ва ё зиёда субъектҳои хоҷагидор ба мақомоти ваколатдор аз тарафи шахси харидкунандаи саҳмияҳо (ҳиссаҳо), воситаҳои асосии истеҳсолӣ ё активҳои моддӣ, ё ҳуқуқи муайян намудани шартҳои пешбурди фаъолияти соҳибкории субъекти хоҷагидор ва ё шахси дар мақомоти иҷроия, шӯрои директорон (шӯрои нозирон) иштироккунанда, пешниҳод мегардад. Агар аз тарафи аҳдкунанда, ки ҳуқуқи идоракунии воситаҳои асосии истеҳсолӣ ё активҳои ғайримоддӣ як субъекти хоҷагидор, якчанд шахсоништироккунандагони гурӯҳи шахсон баромад намоянд, дар ин сурат дархост (огоҳинома) дар якҷоягӣ бо ин шахсон ё яке аз онҳо бо супориши тамоми иштироккунандагон, пешниҳод мегардад. Агар аз тарафи аҳдкунанда, ки ҳуқуқи идоракунии овозҳои ба саҳмияҳо (ҳиссахо) таҷасумёфта, ё ҳуқуқи муайян кардани пешбурди фаъолияти соҳибкории субъекти хоҷагидор, якчанд шахсоништироккунандагон гурӯҳи шахсон баромад намоянд, дар ин сурат дархост (огоҳинома) дар якҷоягӣ бо ин шахсон ё яке аз онҳо бо супориши тамоми иштироккунандагони соҳиби ҳуқуқдошта, пешниҳод мегардад. Шахсоне, ки мутобиқи Низомномаи мазкур вазифадор ва ё ҳуқуқӣ ба мақомоти ваколатдор дархост (огоҳинома) тибқи моддаҳои 15 ва 16-и Қонун пешниҳод кунанд, намояндаи ваколатдори (бовариноки) худро

интихоб менамоянд. Намояндаи ваколатдор (боваринок), ки дар робита бо мақомоти ваколатдор аз ном ва ба манфиати ин шахсон баромад мекунад, бояд далелҳои исботкунандаи ваколатҳои худро замима ба дархост (огоҳинома), далелҳои хаттии ваколатии худро) пешниҳод намояд. Таъин гардидани намояндаи ваколатдор (боваринок) шахсони дар боло зикргардидаро аз ӯҳдадориҳо ва ҷавобгарӣ, ки дар қонунгузории зиддиинҳисорӣ пешбини шудаанд, озод наменамояд. Ариза оид ба дархост ё огоҳинома дар шакли озод тартиб дода шуда, ба номи роҳбари мақомоти ваколатдор пешниҳод карда мешавад. Дар матни дархост ё огоҳнома номгӯи амал ва ё аҳдҳо, миқдори аниқи саҳмияҳои (ҳиссаҳои) харид мешуда, таркиби амволи бадастовардамешуда ва ё ҳуқуқи муайян, ки шароити пешбурди фаъолияти соҳибкории субъекти хоҷагидор нишон дода мешавад. Ҳангоми баррасии дархости огоҳнома мақомоти ваколатдор ҳуқуқ дорад, аз аризадиҳанда тамоми маълумоти заруриро оид ба баровардани қарори дахлдор, талаб намояд. Ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумотҳо бояд саҳеҳ ва пурра бошанд. Онҳо бояд ба таври духташуда ва бо мӯҳри шахс ва ё мақомоте, ки ба мақомоти ваколатдор дархост ва ё огоҳнома пешинҳод менамоянд, тасдиқ гардида бошад. Агар дархост ё огоҳнома аз тарафи шахси воқеъӣ пешниҳод шавад, он гоҳ ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳо дар шакли дӯхташуда ва бо мӯҳри тасдиқгардидаи шахси воқеъӣ ирсол мегарданд. Имзои шахси воқеъӣ бояд бо тартиби муқарраргардида тасдиқ карда шавад. Маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ, хизматӣ ва қонунан ҳифзшаванда аз тарафи аризадиҳанда бо зикр гардидани қайди ҳатмӣ пешниҳод мегардад ва метавонад дар варақаи алохида фиристода шавад, ҳамзамон бояд ҳатман ба маҷмӯи маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои барои баррасии дархостҳо ва огоҳномаҳо ба ҳайси пурра дохил карда шавад. Мӯҳлати пешниҳоди маълумоти иловагӣ аз тарафи мақомоти ваколатдор, вобаста ба моҳияти баррасии дархостҳо ва ё огоҳнома ва мазмуни маълумоти талабгардида, муайян мешавад Барои сари вақт бо талаби мақомоти ваколатдор пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ё ин ки дигар ахбор, инчунин пешниҳоди маълумотҳои носаҳеҳ тибқи моддаи 20-и Қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Аризадиҳанда ҳангоми додани дархост ё огоҳнома ҳуқуқ дорад ба мақомоти ваколатдор тамоми маълумотҳое, ки бо ақидаи ӯ барои қабули қарор дар мӯҳлати муқарраргардида муҳим мебошад, пешниҳод намояд. Мутобиқи моддаи 14-и Қонун бо талаби мақомоти ваколатдор шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки аризадихандаи дархости муайян (огоҳнома) нестанд, бояд ҳуҷҷатҳои саҳеҳ ва дигар маълумоти лозимаро барои иҷрори вазифаҳои ба зиммаи мақомоти ваколатдор гузошташуда, пешниҳод намоянд. Дар мӯхлати муқарраргардида ба мақомоти ваколатдор пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ё дигар маълумотҳо тибқи моддаи 20-и Қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Сирри тиҷоратӣ, хизматӣ ва қонунан ҳифзшаванда дар таркиби маълумот барои пешниҳод накардан, ба мақомоти ваколатдор, асос

шуда наметавонад. Аризадиҳандагон ва дигар тарафҳои дахлдор ҳангоми пешниҳоди маълумот ба мақомоти ваколатдор бояд номгӯи маълумотҳои заруриро, ки дорои сирри тиҷоратӣ, хизматӣ ва қонунан ҳифзшаванда (ба ғайр аз ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳое, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон махфият надоранд) нишон диҳанд. Берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ будани маълумотҳо (ҳуҷҷатҳо) барои пешниҳод накардан ва ё риоя накардани мӯҳлати онҳо ба мақомоти ваколатдор асос шуда наметавонад. Дар ҳолати ба аризадиҳанда дастрас набудани маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор талаб мегардад, аризадиҳанда бояд дастрас набудани маълумоти заруриро қайд намуда, сабабҳои муайяни дастрас набудани онро хабар диҳад, ва сарчашмаҳои дастрас намудани ҳуҷҷатҳоро (маълумотро) нишон диҳад. Дархост ё огоҳнома то пешниҳод намудани тамоми ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳо, ва ё то қайд намудани сабабҳои дастрас набудани маълумоти зикргардида барои аризадиҳанда, нотамом ҳисобида шуда, аз тарафи мақомоти ваколатдор барои баррасӣ қабул карда намешавад. Тағйири далелҳо, ки дар дархост (огоҳнома) ва ҳуҷҷатҳои замимагардида (маълумот) ва барои хулосабарорӣ аҳамият дошта, аз тарафи аризадиҳанда ҳатман дар шакли хаттӣ ба мақомоти ваколатдор пешниҳод мешавад. Дар ин ҳолатҳо рӯзи қабули дархост ё огоҳнома, рӯзи қабул аз тарафи мақомоти ваколатдор маълумотҳо оид ба тағйиротҳо, ҳисобида мешавад. Иттилоот надодан ба мақомоти ваколатдор аз тағйиротҳои бавуҷудомада, ҳамчун пешниҳод намудани маълумоти носаҳеҳ ҳисобида шуда, мутобиқи моддаи 20-и Қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Пешниҳод накардани дархостҳо ва огоҳномаҳо, ки мутобиқи моддаи 15 ва 16-и Қонун заруранд: ба мақомоти ваколатдор пешниҳод намудани дархост ва огоҳномаҳо бо риоя накардани тартиби мувофиқанамоӣ ва мӯҳлатҳое, ки дар моддаҳои 15 ва 16-и Қонун нишон дода шуданд; саркашӣ намудан аз пешниҳод намудани дархостҳо ба мақомоти ваколатдор, инчунин огоҳномаҳо дар мӯҳлатҳое, ки дар моддахои 15 ва 16-и Қонун нишон дода шудаанд; ба мақомоти ваколатдор фиристодани дархостҳо ё огоҳномаҳое, ки маълумот ва ҳуҷҷатҳои заруриро дарбар намегиранд ва бе нишон додани сабабҳои дастрас набудани маълумотҳо ё ҳуҷҷатҳо ба аризадиҳанда. Барои пешниҳод накардани дархост ва огоҳномаҳои, ки дар моддаҳои 15 ва 16-и Қонун қайд шудаанд, мутобиқи моддаи 20-и Қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Рӯзи қабули дархостҳо ва огоҳномаҳо рӯзи қабули аризаи дахлдор, ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои зарурҳ, ё маълумот дар бораи сабабҳои мушаххаси дастрас набудани маълумот ё ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардида барои аризадиҳанда, аз тарафи мақомоти ваколатдор ҳисобида мешавад. Ҳангоми қабули дархост ё огоҳномаҳо аз тарафи мақомоти ваколатдор, ки ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои лозимаро дар бар намегиранд ва бе нишон додани сабабҳои пешниҳод накардани онҳо, мақомоти ваколатдор дар давоми 10 рӯз аз таърихи қабули онҳо ба таври хаттӣ аризадиҳандагонро огоҳ

месозад, ки дархост (огоҳнома) барои баррасӣ қабул карда нашуд. Дархост оид ба таъсис додани шахси ҳуқуқӣ метавонад дар як вақт бо дархост оид ба мавқуф гузоштани пешниҳоди шаҳодатномаи бақайдгирӣ дода шавад, агар дар ҳолати додани огоҳинома шаҳодатномаи бақайдгирӣ ба дархосткунанда аз тарафи мақомоти бақайдгирандаи давлатӣ дода нашуда бошад. Огоҳинома дар бораи иштироки шахсони воқеӣ дар мақомоти иҷроияи шӯрои директорони (шӯрои нозирони) ду ва зиёда субъектҳои хоҷагидор метавонад дар якҷоягӣ бо дархост оиди мавқуф гузоштани пешниҳоди нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи дохил шудани (интихоб) огоҳкунанда ба аъзогии мақомотҳои иҷроия, шӯрои директорони (шӯрои нозирони) субъекти хоҷагидор, бо нишон додани сабабҳои пешниҳод нагаштани нусхаи ҳуҷҷат, ирсол мегардад. Даврае, ки дар моддаҳои 15 ва 16 гуфта шудааст ва ба мӯҳлати баррасии дархост дахл дорад, пас аз як рӯзи баъди қабули тамоми ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумоте, ки тибқи моддаи 14 Қонун аз тарафи мақомоти ваколатдор талаб карда шудааст, оғоз мегардад. Даврае, ки дар моддаҳои 15 ва 16 гуфта шудааст ва ба мӯҳлати баррасии дархост дахл дорад, баъд аз гузаштани рӯзи 30-юм аз саршавии мӯҳлати дархост бо гузаштани соате, ки мувофиқи тартиби муқарраршуда дар мақомоти ваколатдор рӯзи кори қатъ мегардад. Дар ҳолатҳое, ки мақомоти ваколатдор оид ба рад кардани дархост ё қонеъ кардани он қарор қабул кардани бошад, ҳангоми иҷро гаштани талаботҳое, ки барои таъмини рақобат равона шудаанд, ӯ ҳуқуқ дорад ба аризадиҳанда оид ба қарори пешакӣ ва асоси он, муқаррар кардани мӯҳлати мувақатие, ки дар давоми он дархоскунанда метавонад дар шакли хатти ба мақомоти ваколатдор маълумоти иловагии ба ақидаи аризадиҳанда барои қабули қарор заруриро фиристода, нуқтаи назари худро оид ба эроди мақомоти ваколатдор изҳор намояд. Дар чунин ҳолатҳо мақомоти ваколатдор бо назардошти маълумоти иловаги ва далелҳои аризадиҳанда қарори ниҳоҳ қабул менамояд. Агар ақида дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод нашуда бошад, қарори пешакии мақомоти ваколатдор ниҳоҳ шуда, дар ин хусус ба аризадиҳанда дар шакли хатти хабар дода мешавад.

Аз рӯи натиҷаҳои баррасии дархост (огоҳинома) мақомоти ваколатдор тибқи моддаҳои 15 ва 16-и Қонун қарорҳои зерин қабул мекунад:

- оид ба қонеъ намудани дархост;
- оид ба қонеъ намудани дархост бо пешниҳоди талаботи тағйирдиҳии нақшаи пешниҳодшуда нисбати муттаҳидшавӣ, якҷояшавии шахсони ҳуқуқӣ ва ё иттиҳодияҳои онҳо, тақсимкунии (ҷудокунии) шахсони ҳуқуқӣ ва хариди саҳмияҳо (ҳиссаҳо) бо ҳуқуқи овоз, гирифтани воситахои асосии истеҳсоли ё активҳои ғайримоддӣ, ихтиёрдории ҳуқуқҳои дахлдоре, ки ба тамини рақобат равона шудаанд. Дар ин ҳолат қарори мақомоти ваколатдор талаботҳои

мушахас, асосҳои пешниҳоди онҳо, ҳамчунин мӯҳлатҳои иҷроиши онҳоро, бояд дар бар гирад;

- оид ба санҷиши иловагии мутобиқати ташкили (муттаҳидшавӣ, якҷояшавии) шахсони ҳуқуқӣ ва аҳдҳое (ҳаракати) огоҳмешуда, ба талаботи мақомоти зиддиинҳисорӣ;

- оид ба гузоштани талабот барои қабули чораҳои барқарор намудани шароитҳои зарурии рақобат. Дар ин ҳолат дар қарор бояд талаботҳои мушаххас оид ба тағйирёбии шакли таъсис, муттаҳидшавӣ ё якҷояшавии шахсони ҳуқуқӣ ва ба даст даровардани саҳмияҳо (ҳисса), гирифтани воситаҳои асосии истеҳсолӣ ва активҳои ғайримоддӣ, ихтиёрдории ҳуқуқҳои дахлдор, асосҳои пешниҳоди онҳо, ҳамчунин мӯҳлатҳои иҷроиши онҳо;

- оид ба мавқуф гузоштани дархост бо хулосаҳои амиқ.

Қарори мақомоти ваколатдор ба таври хаттӣ ба аризадиҳанда бо огоҳномаи супоридан, фиристода мешавад. Дар ҳолати ҷой надоштани аломатҳои пайдо гардидан ё пурқувват гардидани мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор ё ин ки маҳдудиятҳо дар натиҷаи аҳдҳо (амалҳои гузаронидашуда) мақомоти ваколатдор бо тартиби муқарраргардида, огоҳ карда шудаанд ва дар муҳлати муқараркардаи қонун ӯ дар шакли хаттӣ ба аризадиҳанда ҷавоб ирсол менамояд. Давраи ба аризадиҳанда фиристодани қарор оид ба тафтиши иловагии мутобиқат кардани таъсиси (муттаҳидшавии, якҷояшавии) шахси ҳуқуқӣ ва аҳди (ҳаракати) огоҳмешуда (амал) ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ, баъд аз рӯзи қабул кардани огоҳинома аз ҷониби мақомоти ваколатдор ва баъд аз гузаштани 30 рӯзи мӯҳлати саршавӣ, ба анҷом мерасад. Мақомоти ваколатдор Феҳристи шахсони барои иҷрои амалҳо (аҳдҳо) розигӣ гирифта, ё оид ба аҳдҳои (амалҳои) иҷрошуда, ки аз он мақомоти ваколатдор огоҳ шудааст, мутобиқи талабоҳои моддаҳои 15 ва 16 - и Конун ташкил ва пеш мебарад. Иҷро накардани талаботи моддаҳои 15 ва 16 - и Конун бо тартиби судӣ аз рӯи даъвои мақомоти ваколатдор беэътибор диниста мешаванд. Аз рӯи қарори мақомоти ваколатдор мутобиқи тартиби моддаи 25-и Конуни Чумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол" шикоят карда мешавад.

### *5. Танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор - доминантҳо ва инҳисорон*

Танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор - доминантҳо ва инҳисорон дар асоси Низомнома оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор - доминантҳо ва инҳисорон, ки бо фармоиши Сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2011, №85 тасдиқ шудааст, ба роҳ монда мешавад. Низомномаи мазкур дар асоси моддаи 13-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои

мол" таҳия шуда, субъектҳои хоҷагидореро фаро мегирад, ки дар бозори моли муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо доранд, бо шумули хизматрасониҳое, ки ба онҳо имконият медиҳад ба рақобат таъсири ҳалкунанда расонанд, дохил шудани дигар субъектҳои хоҷагидорро ба бозор мушкил мегардонанд ё ба таври дигар фаъолияти озоди иқтисодии онҳоро маҳдуд месозанд. Низомнома муносибатҳоеро фаро намегирад, ки бо меъёрҳои ҳифзи ҳуқуқии ихтироот, намунаҳои саноатӣ, аломатҳои мол ва ҳуқуқи муаллифон танзим мешаванд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки ҳуқуқҳои дахлдор аз ҷониби соҳибони онҳо қасдан бо мақсади маҳдуд сохтани рақобат истифода мегарданд. Танзими нарх (тариф) ба маҳсулот, молҳои (хизматрасониҳои) субъектҳои хоҷагидор-доминантҳо ва инҳисорон бо мақсади маҳдуд ва пешгирӣ кардани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона ҷорӣ гардида, барои муҳайё намудани шароитҳои фаъолияти самарабахши бозорҳои мол равона шудааст. Бо мақсади роҳ надодан, маҳдуд сохтан, барҳам додани рақобат ва халалдор намудани манфиати дигар субъектҳои хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) ё шахсони воқеӣ амали субъектҳои хоҷагидор-доминантҳо ва инҳисорон манъ аст, аз ҷумла:

- баланд бардоштан, паст кардан ё тағйир надодани нархҳо (тарифҳо);
- муқаррар намудани (дастгирии) нархҳо (тарифҳо), тахфиф, изофапулӣ (иловапулӣ), нархҳои иловашуда, хароҷот, фоида ё ҳамагуна амалҳои дигар;
- баланд бардоштан, паст кардан ё тағйир надодани нархҳо (тарифҳо) дар музоядаҳо ва савдо;
- зӯран ҷорӣ кардани (дастгирии) нархҳои харид ё савдо, ё дигар шартҳои беадолатонаи муомилот барои гирифтани фоидаи зиёди инҳисорӣ, бо мақсади бартараф намудани рақибон;
- маҳдуд сохтани истеҳсол ё фурӯши молҳо бо мақсади беасос баланд бардоштани нархҳо;
- аз муомилот гирифтани молҳо, ки мақсад ва натиҷааш ташкил ё дастгирӣ намудани камчинӣ дар бозор ё баланд бардоштани нарх мебошад;
- беасос баланд бардоштани (паст кардани) нархҳои амалкунанда ба маҳсулот, мол (хизматрасонӣ), ки ба онҳо талабот мавҷуд аст;
- вайрон кардани қоидаи нархгузорӣ, ки дар асоси санади меъёрӣ муқаррар шудааст;
- муқаррар ва дастгирӣ кардани нархҳои баланди (пасти) инҳисорӣ;
- ба харидорони ҳамон як мол муқаррар намудани нархҳои (тарифҳои) гуногуне, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, техникӣ ва ғайра беасос мебошанд;
- беасос кам ё қатъ кардани истеҳсоли молҳое, ки ба онҳо истеъмокунандагон талабот доранд ё онҳоро фармудаанд, агар имконияти безарар истеҳсол кардани онҳо мавҷуд бошад;

- беасос даст кашидан аз бастани шартнома бо харидорони (супоришдиҳандагони) алоҳида, агар имконияти истеҳсол ва таҳвили моли дахлдор мавҷуд бошад;

- маҳдуд сохтани ҳуқуқи ворид шудан ба бозор ё аз он бартараф намудани дигар субъектҳои хоҷагидор ба сифати фурӯшандагони моли муайян ё харидорони (фармоишгарони) он;

- ихтисор ё қатъ кардани истеҳсоли молҳое, ки ба онҳо эҳтиёҷ ё фармоиш вуҷуд дорад, ҳангоми мавҷудияти имконияти истеҳсоли безарари онҳо.

Бо мақсади маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ, роҳ надодан ва барҳамдиҳии рақобат, ҳамчунин халалдор намудани манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) ё шахсони воқеӣ, нархҳои (тарифҳои) субъектҳои хоҷагидор, ки дар бозори моли муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо ё мавқеи инҳисорӣ доранд, аз ҷониби мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ (минбаъдмақомоти ваколатдор) муайян карда мешавад. Оид ба тағйироти пешбинишудаи нархҳо (тарифҳо) ба маҳсулот, молҳо (хизматрасониҳо) субъектҳои хоҷагидор-доминантҳо ва инҳисорон вазифадор мебошанд, ки дар мӯҳлати 3 рӯз ба мақомоти ваколатдор иттилоъ расонанд. Дар нархҳо, тарифҳои маҳсулот, молҳо (хизматрасониҳои) субъектҳои хоҷагидор-доминантҳо ва инҳисорон арзиши аслӣ, даромаднокӣ ва андозҳои амалкунанда ба инобат гирифта мешаванд. Арзиши аслии маҳсулоти субъектҳои хоҷагидор-доминантҳо ва инҳисорон ҳамаи хароҷотҳои корхонаро ҷиҳати истеҳсол ва фурӯши молу маҳсулот ба дараҷаи моддаҳои калкулятсионӣ мувофиқи Низомномаи соҳавӣ оид ба калкулятсиякунонии арзиши аслии маҳсулот, молҳо (хизматрасониҳо) ба қайд мегирад. Барои танзими нархҳо, тарифҳо субъектҳои хоҷагидор-доминантҳо ва инҳисорон ба мақомоти ваколатдор ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

- асоснокии сабабҳо ҳангоми мавҷудияти тағйирёбии сатҳи нархҳо (тарифҳо);

- натиҷаи истифодаи нархҳои амалкунанда, дараҷаи фоиданокии воқеӣ, андозаи фоидаи (зарари) эҳтимолӣ барои давраи минбаъда;

- калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот, молҳо (хизматрасониҳо) бо рамзкушоии тамоми моддаҳои хароҷот;

- даромад ва хароҷотҳо, аз рӯи намуди маҳсулот, молҳо (хизматрасониҳо) бо ифодаи арзиш ва миқдор;

- сметаи хароҷот ва даромад тибқи воситаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии махсус, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, инчунин маълумотҳои ҳисоботӣ оид ба иҷрои воқеии сметаҳои тасдиқшуда (барои муассисаҳои давлатӣ);

- ҷадвали муқоисавии нархҳои (тарифҳои) амалкунанда ва ҷоришаванда;

- нусхаи тавозуни муҳосибӣ бо зимимаҳояш барои соли ҷорӣ.

Лоиҳаҳои нархҳо (тарифҳо) барои баррасӣ бо замимаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ бо имзои роҳбарони субъектҳои хоҷагидор пешниҳод карда мешаванд. Роҳбарони субъектҳои хоҷагидор, барои дуруст будани ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардашуда ҷавобгар мебошанд. Мақомоти ваколатдор вазифадор аст, ки дар мӯҳлати як ҳафта, баъд аз гирифтани ҳамаи маълумотҳои зарурӣ, лоиҳаи нархҳо (тарифҳо)-ро, дар натиҷаи баррасӣ ба мувофиқа расонида, дар мӯҳлати 3 рӯз ба субъектҳои хоҷагидор равон намояд. Субъектҳои хоҷагидор-доминантҳо ва инҳисорон, ки талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ, тартиби муқаррарнамудаи ташкили нархҳои (тарифҳои) мол, маҳсулот (хизматрасониҳо)-ро вайрон кардаанд, мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Мавзӯи 7. Фаъолияти инҳисорӣ ва намудҳои он**

1. Мафҳум ва намудҳои фаъолияти инҳисорӣ.

2. Фаъолияти инҳисории субъектҳои хоҷагидор.

3. Фаъолияти инҳисории мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳалӣ.

*1. Мафҳум ва намудҳои фаъолияти инҳисорӣ*

**Фаъолияти инҳисорӣ**- дар бозорҳои мол аз мавқеи ҳукмфармоии худ сӯиистифода кардани субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон), бастани созишнома ё иҷрои амалҳои мувофиқашудае, ки бо қонунгузории зиддиинҳисорӣ манъ карда шудаанд. Ба субъектони фаъолияти инҳисорӣ дохил мешаванд:

- субъектони хоҷагидор;
- гурӯҳи шахсон;
- мақомоти ҳокимияти давлатӣ;
- мақомоти худидоракунии маҳалӣ.

Таснифи фаъолияти инҳисорӣ ба намудҳо одатан вобаста ба шумораи иштирокчиёни ин фаъолият ва хусусиятҳои сифатии он амали карда мешавад. Вобаста ба ин дар амалия фаъолияти зиддиРақобатии фардӣ ва созишнома(коллективи)-ро аз ҳам ҷудо мекунанд.

**Фаъолияти инфиродии инҳисорӣ** дар истифодабарии ҳолати ҳукумфармоии худ аз ҷониби субъекти хоҷагидор дар бозор ифода мегардад. Одатан барои ин амал шартнома истифода бурда мешавад.

**Фаъолияти колективии инҳисорӣ** – фаъолияти ташкилию хоҷагидорӣ аст, ки мақсадаш таъсис додани сохторҳои гуногуни инҳисории ҳукумфармо дар бозор мебошад. Яке аз шаклҳои он созишномаҳои дорои хислати маҳдудсозӣ мебошад. Дар ин маврид маслиҳати пешакии субъектон барои муқаррар намудани нарх, таъсири бевосита ба рушди нарх, муомилоти иттилоот ва ғайра аст.

*2. Фаъолияти инҳисории субъектҳои хоҷагидор*

Амали (беамалии) субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон), ки боиси роҳ надодан, маҳдуд сохтан, барҳам додани рақобат ва (ё) халалдор намудани манфиати дигар субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) ё шахсони воқеӣ гаштаанд ё мегарданд, манъ аст, аз ҷумла чунин амал (беамалӣ):

-аз муомилот гирифтани молҳо, ки мақсад ва натиҷааш ташкил ё дастгирӣ намудани камчинӣ дар бозор ё баланд бардоштани нарх мебошад;

-ба зиммаи аҳли шартнома бор кардани талаботе, ки барояш муфид нест ва ба мавзӯи шартнома (беасос додани воситаҳои молиявӣ, амволи дигар, ҳуқуқи амволӣ, қуваи корӣ, ризоияти бастани шартнома фақат бо шарти ба он илова кардани муқаррарот оид ба молҳое, ки

аҳли шартнома, аз ҷумла истеъмолкунанда, ба онҳо ҳавасманд нест ва ғайра) дахл надорад;

-ба шартнома дохил намудани шартҳои табъизӣ, ки аҳли шартномаро нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидор дар вазъияти нобаробар мегузорад;

-монеият кардан ба субъектҳои хоҷагидори дигар ҳангоми дохил шудан ба бозор (баромадан аз бозор);

-вайрон кардани қоидаи нархгузорӣ, ки дар асоси санади меъёрӣ муқаррар шудааст;

-муқаррар ва дастгирӣ кардани нархҳои баланди (пасти) инҳисорӣ;

-ба харидорони ҳамон як мол муқаррар намудани нархҳои (тарифҳои) гуногуне, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, техникӣ ва ғайра беасос мебошанд;

-фароҳам овардани шароити табъизӣ (дискриминатсионӣ);

-беасос кам ё қатъ кардани истеҳсоли молҳое, ки ба онҳо истеъмолкунандагон талабот доранд ва ё онҳоро фармудаанд агар имконияти безарар истеҳсол кардани онҳо мавҷуд бошад;

-беасос даст кашидан аз бастани шартнома бо харидорони (супоришдиҳандагони) алоҳида, агар имконияти истеҳсол ва таҳвили моли дахлдор мавҷуд бошад.

Ба субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори як мол (молҳои баҳамивазшаванда) амал мекунанд, бастани шартномаҳо, аҳдҳои дигар, созишномаҳо (минбаъд- созишномаҳо) ё анҷом додани амали мувофиқашуда манъ аст, ки боиси натиҷаҳои зайл мегарданд ё хоҳанд гашт:

-муқаррар намудани (дастгирии) нархҳо (тарифҳо), тахфиф, изофапулӣ (иловапулӣ), нархҳои иловашуда, хароҷот, фоида ё ҳама гуна амалҳои дигар;

-баланд бардоштан, паст кардан ё тағйир надодани нарх дар музоядаҳо ва савдо;

-дар хусуси муштарак ворид гардидан ба бозор, баромадан аз бозор, тақсими бозор тибқи аломатҳои ҳудудӣ, оид ба ҳаҷми фурӯш ё харид мутобиқи навъҳои молҳои фурӯхташаванда ё вобаста ба доираи фурӯшандаҳо ё харидорон (фармоишгарон);

-маҳдуд сохтани ҳуқуқи ворид шудан ба бозор ё аз он бартараф намудани дигар субъектҳои хоҷагидор ба сифати фурӯшандагони моли муайян ё харидорони (фармоишгарони) он;

-маҳдуд сохтани истифодаи иттилоот ё аз иттилооти ҳолати бозор маҳрум намудани субъектҳои хоҷагидор;

-шартнома набастан бо фурӯшандагон ё харидорони (фармоишгарони) муайян;

-ба зиммаи аҳли шартнома вогузоштани талаботе, ки барояш судманд ва ба мавзӯи шартнома алоқаманд намебошад (талаби

беасоси додани воситаҳои молиявӣ, амволи дигар, ҳуқуқҳои амволӣ, ризоияти бастани шартнома танҳо бо шарти ба он ворид кардани муқаррарот оид ба молҳое, ки аҳли шартнома ба онҳо ҳавасманд нест ва ғайра);

-барои харидорони ҳамон як мол муқаррар намудани нархҳои (тарифҳои) гуногуне, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, техникӣ ва ғайра беасос мебошанд;

-ихтисор ё қатъ кардани истеҳсоли молҳое, ки ба онҳо эҳтиёҷ ё фармоиш вуҷуд дорад, ҳангоми мавҷудияти имконияти истеҳсоли безарари онҳо;

-муҳайё сохтани шароит барои узвият (иштирок) дар иттиҳодияҳои касбӣ ва дигар иттиҳодияҳо, ки метавонад боиси роҳ надодан, маҳдуд сохтан ё бартараф намудани рақобат гардад.

Ба субъектҳои хоҷагидор, ки дар бозори як мол амал мекунанд, бастани созишномаҳо ё анҷом додани амали мувофиқашуда, ки дар натиҷаи он роҳ надодан, маҳдуд сохтан, бартараф намудани рақобат ё халалдор кардани манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор ҷой доранд ё ҷой дошта метавонанд, манъ аст. Ба субъектҳои хоҷагидори дар бозорҳои моли дахлдор байни худ рақобат надоштае, ки мол (молҳои ҳамдигарро ивазкунанда) мегиранд (харидорони имконпазир) ва мол фароҳам меоваранд (фурӯшандагони имконпазир) бастани созишномаҳо ё анҷом додани амали мувофиқашуда манъ аст, агар дар натиҷаи бастани чунин созишнома ё анҷом додани амали мувофиқашуда роҳ надодан, маҳдуд сохтан ё бартараф намудани рақобат ҷой дошта бошанд ё ҷой дошта тавонад. Ба иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо), субъектҳои хоҷагидор амалӣ гардонидани ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ, ки дар натиҷаашон рақобат маҳдуд гаштааст ё метавонад маҳдуд гардад, манъ аст. Вайрон кардани талаботи зикршуда барои бо даъвои мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ ва бо тартиби судӣ барҳам додани иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо), субъектҳои хоҷагидор, ки фаъолияти соҳибкориро ҳамоҳанг месозад, асос мегардад.

### *3. Фаъолияти инҳисории мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳалӣ*

Ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот қабул намудани санад ё ба анҷом расонидани амалҳое, ки мустақилияти субъектҳои хоҷагидорро маҳдуд месозанд, шароити табъизӣ ё баръакс, имконияти мусоидро барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидори алоҳида фароҳам меоранд, агар ин санад ва амалиёт боиси роҳ надодан, бартараф намудан ва маҳдудшавии рақобат, халалдор

намудани манфиатҳои субъектҳои хоҷагидор ё шаҳрвандон гарданд, манъ аст. Аз ҷумла, ин амалҳо манъ карда мешаванд:

-беасос ҷорӣ намудани маҳдудкунӣ ба таъсиси субъектҳои хоҷагидори нав дар ягон соҳаи фаъолият, инчунин муқаррар намудани монеа барои амалӣ намудани шаклҳои алоҳидаи фаъолият ё истеҳсоли намудҳои муайяни молҳо, ғайр аз ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст;

-муқаррар намудани монеа ба хариду фурӯши мол аз як минтақа ба минтақаи дигар ё бо роҳи маҳдуд намудани ҳуқуқи субъектҳои хоҷагидор барои хариду фурӯши молҳо;

-ба субъектҳои хоҷагидор додани дастур дар бораи дар навбати аввал ба доираи муайяни харидорон (супоришдиҳандагон) таҳвил намудани молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) ё бастани шартномаҳо бе назардошти афзалиятҳое, ки қонунгузорӣ ё дигар санади меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

-беасос ба як ё якчанд субъектҳои хоҷагидор додани имтиёзҳо, ки онҳоро дар бозори мол нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидор дар ҳолати афзалиятнок мегузорад;

-барои харидорони молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) вобаста ба интихоби субъектҳои хоҷагидоре, ки онҳоро истеҳсол (иҷро, пешниҳод) мекунанд, ба истиснои ҳолатҳои ҷойгиронии молҳо, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, маҳдудият муқаррар менамояд.

Қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои таъсис, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳӣ бо тартиби муқарраргардида (дар ҳолатҳое, ки дар қонунгузории зиддиинҳисорӣ пешбинӣ шудаанд), инчунин додани имтиёз ба субъекти хоҷагидори алоҳида бо мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ мувофиқа карда мешавад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар амал пешбинӣ нашуда бошад.

Муттаҳидшавии шахсони ҳуқуқӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо мақсади инҳисор намудани истеҳсолот ё фурӯши молҳо, ба мақомоти мавҷудаи ҳокимияти давлатӣ додани салоҳиятҳое, ки иҷрои онҳо боиси маҳдудкунии рақобат мегардад, инчунин якҷоя кардани вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидор, ба зиммаи субъектҳои хоҷагидор вогузоштани вазифа ва ҳуқуқҳои мақомоти назорати давлатӣ манъ аст, ба истисноИ ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст. Дар ҳама гуна шакл бастани созишнома ё анҷом додани амали мувофиқашудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои ваколатдори мақомоти зикршуда байни худ ё байни онҳо ва субъекти хоҷагидор, ки дар натиҷаи он роҳ надодан, маҳдуд сохтан ё бартараф

намудани рақобат ё халалдор кардани манфиатҳои субъектҳои хоҷагидор ҷой дорад ё ҷой дошта метавонад, манъ аст. Аз ҷумла бастани созишнома ё анҷом додани амали мувофиқашуда, ки боиси натиҷаҳои зайл гардидааст ё мегардад, манъ аст:

-баланд бардоштан, паст кардан ё тағйир надодани нархҳо (тарифҳо);

-беасос муқаррар намудани сатҳи тағйирёбандаи нархҳо барои харидорони гуногуне, ки ҳамон як молро ба даст меоранд;

-тақсим кардани бозор аз рӯи принсипи ҳудудӣ, ҳаҷми фурӯш ё харид, номгӯи молҳои фурӯш ё аз рӯи доираи фурӯшандагон ё харидорон (фармоишгарон);

-маҳдуд сохтани дастрасии бозор ё аз он дур сохтани субъектҳои хоҷагидор.

Ҳангоми гузаронидани озмун барои ҷойгиронии фармоишҳо ҷиҳати молрасонӣ, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ба амалиёти зерин иҷозат дода намешавад:

-фароҳам овардани шароити афзалиятноки ширкат дар озмун, аз ҷумла дастрас намудани иттилооти махфӣ, кам кардани музди пардохт барои иштироккунандагони алоҳидаи озмун;

-дар озмун иштирок кардани созмондиҳандагон (фармоишгарон) ва кормандони созмондиҳандагони озмунҳо ё шахсоне, ки бо корманди созмондиҳандаи озмун шомили як гурӯҳи шахсон мебошад, инчунин шахсони ҳуқуқие, ки дар онҳо корманди созмондиҳандаи озмун ҳуқуқ дорад беш аз бист фоизи шумораи умумии овозҳои марбути саҳмҳои овоздор ё ташкилкунандаи саҳми оинномавӣ ё сармояи ҷамъшавандаи ҳиссаи шахси ҳуқуқиро ихтиёрдорӣ намояд;

-аз ҷониби созмондиҳандаи озмун амалӣ кардани фаъолияти ҳамоҳангсозии иштирокдорони он, ки дар натиҷа маҳдудияти рақобат байни иштироккунандагони озмун ё маҳдуд сохтани манфиати иштироккунандагони он ҷой доранд, ё ҷой дошта метавонанд;

-вайрон намудани тартиби муайян кардани ғолиб (ғолибон);

-беасос маҳдуд сохтани дастрасии ширкат дар озмун.

Вайронкунии қоидаҳои муқаррарнамудаи моддаи мазкур барои аз ҷониби суд беэътибор донистани озмун, аз ҷумла тибқи даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ асос шуда метавонад. Таҳти мафҳуми ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ барои мақсадҳои Қонуни мазкур аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ташкилотҳои ваколатдори мақомоти зикргардида фароҳам овардани имтиёзҳои инфиродӣ ва (ё) бартарият ба як ё якчанд субъектҳои хоҷагидор фаҳмида мешавад. Фароҳам овардани (ҷудо, тақсим намудани) маблағҳои давлатӣ ё маҳаллӣ (захираҳо, имтиёзҳои инфиродӣ ва (ё) афзалият) ба шахси алоҳида вобаста ба натиҷаҳои савдо (озмун) ва (ё) мутобиқи дигар расмиёти пешбининамудаи

қонунҳо ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ ба ҳисоб намеравад. Фароҳам овардани (ҷудо, тақсим намудани) маблағҳои давлатӣ ё маҳаллӣ (захираҳо, амвол) ба шахсони алоҳида бо мақсади рафъи оқибати офати табиӣ, садама, фалокат ва ҳолатҳои фавқулодда, оқибати амалиёти низомӣ ва амалиёти зиддитеррористӣ аз фондҳои эҳтиётии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ба ҳисоб намеравад. Ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ, ба истисноі ёрии пешбининамудаи қонунгузорӣ танҳо бо иҷозати пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ метавонад фароҳам оварда шавад. Шахсе, ки ният дорад ба як ё якчанд субъектҳои хоҷагидор ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ фароҳам оварад, ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар хусуси додани иҷозат барои расонидани кӯмак дархост фиристода, тамоми иттилооти заруриро, ки номгӯи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, ба он замима мекунад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ вобаста ба дархости иҷозат додан барои ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ яке аз қарорҳои зайлро қабул мекунад:

1. Дар хусуси қонеъ гардонидани дархост, агар ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ боиси бартараф намудан ё роҳ надодан ба рақобат нагардад ва ба категорияҳои зерин мансуб бошад:

-ёрӣ бо мақсади гузаронидани тадқиқоти бунёдии илмӣ, ки мустақиман бо истеҳсоли маҳсулоти нав ё беҳтар намудани сифати он ё равандҳои мавҷудаи технологӣ нигаронида нашуда бошад;

-ёрӣ ба мақсади ҳимояи муҳити зист;

-ёрие, ки барои рушди фарҳанг ва ҳифзи мероси фарҳангӣ нигаронида шудааст;

-ёрӣ барои истеҳсоли махсулоти кишоварзӣ.

2. Оид ба зарурати тадқиқи иловагии маводи дархост, агар мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар хусуси эҳтимоли номутобиқатии ёрӣ ба шартҳои дар банди якуми ҳамин қисм зикргардида ва зарурати дарёфт намудани иттилооти иловагӣ барои қабули қарор ҷиҳати қонеъ гардонидани дархост ё рад гардонидани он ба хулоса оянд.

3. Дар хусуси қонеъ нагардонидани дархост, агар ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ ба шартҳои пешбининамудаи банди 1 ҳамин қисм мутобиқ набошад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ оид ба дархости иҷозат барои расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ дар давоми ду моҳ аз рӯзи гирифтани ҳамаи маълумоти зарурӣ қарор қабул мекунад. Дар мавриди гузаронидани тадқиқи иловагӣ мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ дархосткунандаро огоҳ намуда, дар давоми як моҳ аз рӯзи гирифтани маълумоти зарурӣ доир ба дархост қарор қабул мекунад. Қарор оид ба қонеъгардонии дархост ҷиҳати расонидани

ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ метавонад дорои дастуре бошад, ки дар он барои гирандаи дастур талаботи зарурии ба шароитҳои банди 1 қисми шашуми моддаи мазкур мутобиқат кардани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ муқаррар гардидааст. Иҷрои дастур ҳангоми расонидани ёрӣ ҳатмӣ мебошад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ риояи мақсад ва шартҳои расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллиро, ки дар дархости иҷозати расонидани чунин ёрӣ зикр гардидааст, таҳти назорат мегирад. Тартиби расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ, баррасии дархост оид ба ёрирасонӣ, назорати истифодаи он, бекор кардани қарори қонеъгардонии дархост оид ба расонидани ёрӣ, инчунин баргардонидани он бинобар дар қонунҳои амалкунанда ва қонунгузории буҷет танзим нагардиданаш, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси низомномаи тасдиқнамудаи он муқаррар карда мешавад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зайл қарори қонеъгардонии дархости расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллиро бекор кунад ё ҷиҳати баргардонидани он амрия барорад:

-агар қарор оид ба қонеъгардонии дархости расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ ба иттилооти нодурусте асос ёфта бошад, ки барои қабули қарор аҳамият дорад;

-аз ҷониби дархосткунанда вайрон кардани талаботи расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ, ки мутобиқи моддаи мазкур пешбинӣ шудааст;

-номутобиқатии ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ба мақсад ва шартҳои фарогирифтаи дархости иҷозати расонидани ёрӣ;

-расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ бо вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи Қонун.

Санадҳои (қарор, амрия, фармоиш, дастури хаттии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин мақомоти ваколатдоршуда, ки ба субъектҳои алоҳидаи хоҷагидор афзалият ва (ё) имтиёз фароҳам меоранд, бо тартиби судӣ аз рӯи даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ беэътибор дониста мешаванд.

**Мавзӯи 8. Рақобати бевиҷдонона**

1. Мафҳум ва нишонаҳои рақобати бевиҷдонона.
2. Шаклҳои рақобати бевиҷдонона.
3. Воситаҳои мубориза бо рақобати бевиҷдонона.

*1. Мафҳум ва нишонаҳои рақобати бевиҷдонона*

**Рақобати бевиҷдонона**- ҳама гуна амали субъектҳои хоҷагидор, ки барои ба даст овардани афзалият дар фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст ва хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва метавонанд ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ- рақибон зарар расонад ё расонидааст ё обрӯи кории онҳоро паст мегардонад.

Нишонаҳои рақобати бевиҷдонона чунин мебошанд:

- он барои ба даст овардани бартарият дар фаъолияти соҳибкорӣ равона гардидааст;
- мухолиф ба талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ мебошад;
- ба субъектҳои хоҷагидор зарар расонидааст ё метавонад зарар расонад ё обрӯи кории онҳоро паст мегардонад.

*2. Шаклҳои рақобати бевиҷдонона*

Ба рақобати бевиҷдонона дар шаклҳои зерин роҳ дода намешавад:

-паҳн намудани маълумоти бардурӯғ, носаҳеҳ ё таҳрифшуда, ки боиси зарар ба дигар субъектҳои хоҷагидор мегарданд ё обрӯи кориашонро паст мегардонад;

-ба иштибоҳ гузоштани истеъмолкунандагон оиди хусусият, тарз, ҷои истеҳсол ва хосиятҳои истеъмолию сифатӣ ва микдори мол ё истеҳсолкунандагони он, аз ҷумла рекламаи мол (кор, хизматрасонӣ), ки ба талаботи сифат ҷавобгӯ намебошад:

-муқоисаи номуносиби молҳои истеҳсолшаванда ва фурӯхташавандаи як субъекти хоҷагидор бо субъектҳои хоҷагидори дигар (аз ҷумла дар ҷараёни тарғибу ташвиқ);

-гирифтан, истифода бурдан, ошкор сохтани иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ё хизматӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзгардида;

-истифодаи худсаронаи аломатҳои мол, номи фирмавӣ ё нишонгузорӣ, инчунин нусхабардории борҷома ва намуди моли субъекти хоҷагидори дигар, ки метавонанд рақибонро аз фаъолияти соҳибкориашон маҳрум созанд;

-дахолат кардан ба фаъолияти соҳибкорӣ, додани имтиёзҳои гуногуни моддӣ ба кормандони субъектҳои хоҷагидори рақобаткунанда бо мақсади ба тарафи худ кашидану моил сохтани онҳо ба иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ;

-ҳама гуна амале, ки воқеан метавонад дастрас будани бозорро хеле маҳдуд кунад.

Рақобати бевиҷдонона, ки барои ғайриқонунӣ ба даст овардан ва истифода бурдани ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои инфиродкунонии

шахсони ҳуқуқӣ, инфиродкунонии маҳсулот, корҳои иҷрошаванда ё хизматрасонӣ нигаронида шудааст, иҷозат дода намешавад. Қарори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ марбут ба вайрон кардани муқаррароти қисми дуюми моддаи мазкур дар бобати инфиродкунонии маҳсулот, корҳои иҷрошаванда ё хизматрасонӣ барои ҳалли масъалаҳои пеш аз мӯҳлат қатъ намудани амали бақайдгирии объекти ҳуқуқҳои истисноӣ ё дар мавриди беэътибор эътироф намудани бақайдгирии ин объект бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аломатҳои мол, аломатҳои хизматрасонӣ ва номгӯи маҳалли пайдоиши молҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатии соҳаи патентҳо ва аломатҳои мол фиристода мешавад.

*3. Воситаҳои мубориза бо рақобати бевиҷдонона*

Қонунгузории муосири кишвар ба соҳибкорон воситаҳои гуногуни ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунияшонро барои интихоб гузоштааст. Дар айни ҳол метавон 3 воситаи ҳифзро барои мубориза ба рақобати бевиҷдонона аз ҳам ҷудо намуд.

**Воситаи судӣ** – мурочати соҳибкорро ба суд ифода менамояд. Вазифаҳои мурофиаи судии иқтисодӣ аз инҳо иборатанд: ҳимояи ҳуқуқи вайроншуда ё мавриди баҳс қароргирифта, манфиатҳои қонунии шахсони ба фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ машғулбуда, ҳамчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ; таъмини дастрасии адолати судӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ; муҳокимаи судии адолатнок ва ошкоро дар мӯҳлати муқарраркардаи қонун аз ҷониби суди босалоҳият, мустақил ва беғараз; мусоидат намудан ба таҳкими қонуният ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ; мусоидат намудан ба инкишофи муносибатҳои ҳамкорӣ ва анъанаҳои муомилоти корӣ; ташаккул додани муносибати эҳтиромона ба қонун ва суд.

Шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад ба суди иқтисодӣ барои ҳимояи ҳуқуқи вайронкардашуда ё мавриди баҳс қарорёфта ва манфиатҳои қонунии худ бо тартибе, ки Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, муроҷиат намояд. Дар мавридҳои пешбининамудаи Кодекс ва дигар қонунҳо ба суди иқтисодӣ дигар шахсон низ ҳуқуқи муроҷиат намуданро доранд. Даст кашидан аз ҳуқуқи муроҷиат намудан ба суд беэътибор аст. Муроҷиат ба суди иқтисодӣ дар шакли зайл амалӣ мегардад: аризаи даъвогӣ – оид ба баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии граждан ба миён меоянд; ариза – оид ба парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ ва муносибатҳои дигари оммавӣ ба миён меоянд, оид ба парвандаҳои муфлисшавӣ, оид ба парвандаҳои

истеҳсолоти махсус, ва дар дигар ҳолатҳои пешбиникардаи Кодекс; шикоят - ҳангоми мурочиат ба марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон; эътироз – ҳангоми мурочиати Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба тариқи назоратӣ аз нав дида баромадани санадҳои судӣ. Агар барои категорияи муайяни баҳсҳо бо қонун тартиби иддао ё дигар тартиби танзими пешазсудӣ муқаррар шуда бошад ё он бо шартнома пешбинӣ шуда бошад, баҳс барои ҳал намудан баъди риояи чунин тартиб ба суди иқтисодӣ дода мешавад.

**Воситаи маъмурӣ** – мурочиати соҳибкорро ба мақомоти давлатӣ пешбинӣ менамояд. Вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи саломатӣ, таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ, ҳифзи ахлоқи ҷамъиятӣ, солимгардонии муҳити зист, ҳифзи тартиби муқарраргардидаи амалӣ кардани ҳокимияти давлатӣ, тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, моликият, ҳимояи манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҷамъият ва давлат аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин таъмини баррасии саривақтӣ ва дурусти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иборат мебошад.

Вазифаҳои қонунгузории мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз инҳо иборатанд: муқаррар кардани тартиби барасмиятдарорӣ ва пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; ҳимояи манфиатҳои қонунии ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ зарар дидаанд; ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содиркарда; таъмини баррасии саривақтӣ ва дурусти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби суд ва мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор); риояи меъёрҳои мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳангоми татбиқи қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; кафолати ҳимояи манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва шахсони дигар; муқаррар кардани тартиби иҷрои қарорҳо оид ба татбиқи ҷазои маъмурӣ ва санадҳо оид ба татбиқи чораҳои таъминкунандаи пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ. Мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини баррасии одилонаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби суд ва мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) равона карда шудааст.

**Худҳифзкунӣ** – ба мурочиати соҳибкор ба суд ва ё мақомоти давлатӣ вобаста набуда, аз ҷониби худи ӯ ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунияш муҳофизат мегардад. Масъалан ҳифзи сири тиҷоратӣ.

Роҳҳои худмуҳофизат бояд бо ҳуқуқвайронкунӣ мувофиқ буда, аз ҳадди амалҳое, ки барои пешгирии он заруранд, нагузарад. Яъне зарари дар ҳолати мудофиаи зарурӣ расонидашуда, агар дар айни замон гузаштан аз ҳадди мудофиа сурат нагирифта бошад, ҷуброн карда намешавад. Зарари дар ҳолати ниҳояти зарурат, яъне рафъи хатари ба худи зараррасон ё дигар ашхос таҳдидкунанда расонида шуда, агар рафъи ин таҳдид дар ҳамин ҳолат бо усули дигар имконнопазир бошад, бояд аз ҷониби шахси зараррасон ҷуброн карда шавад. Бо назардошти ҳолате ки вобаста ба он чунин зарар расонида шудааст, суд метавонад ӯҳдадории ҷуброни зарарро ба зиммаи шахси сеюм, ки ба манфиати он зараррасон амал кардааст, гузорад ё ҳам зараррасон ва ҳам шахси сеюмро пурра ё қисман аз ҷуброни зарар озод кунад.

Кулли воситаҳои мубориза ба рақобати бевиҷдонона дар мувофиқат меъавонанд барои ҳалли вазифаҳои гуногун равона карда шаванд. Вобаста ба хислати ин вазифаҳо онҳоро ба гурӯҳои зерин ҷудо намудан мункин аст:

1) чораҳои дорои хислати тадбирӣ (пешгирикунанда). Масалан эътирофи ҳуқуқ;

2) чораҳои бевосита ба ҳифзи доираи амволӣ, ҳуқуқҳои бегонанашаванда ва озодиҳои инсон ва дигар неъматҳои ғайримоддии дорандаи ҳуқуқ равонагардида. Масалан бартараф намудани монеъаҳое, ки ба амали намудани ҳуқуқ халал мерасонанд;

3) чораҳои бевосита ба ҳифзи доираи амволӣ, ҳуқуқҳои бегонанашаванда ва озодиҳои инсон ва дигар неъматҳои ғайримоддии дорандаи ҳуқуқ равонагардида ва дар як вақт чораҳои таъсиррасонии моддӣ ба ҳуқуқвайронкунанда. Масалан ҷуброни зарар;

4) Чораҳо оид ба ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ. Масалан ба фоидаи давлат мусодира намудани арзишҳо, ки дар асоси аҳди ба асосҳои тартиботи ҳуқуқӣ ва ахлоқ мухолиф ба даст омада.

**Мавзӯи 9. Назорати давлатии зиддиинҳисорӣ оид ба рақобати иқтисодӣ дар бозори мол**

1. Назорати тасис, азнавташкилкунӣ, барҳамдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ ва иттиҳодияҳои онҳо дар бозори мол.

2. Назорат оид ба риояи қонунгузории зидиинҳисорӣ ҳангоми хариди саҳмияҳо (ҳиссаҳо) дар сармояи оиномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ.

*1. Назорати тасис, азнавташкилкунӣ, барҳамдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ ва иттиҳодияҳои онҳо дар бозори мол*

Бо розигии пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ корҳои зайл анҷом дода мешаванд:

-таъсис ва азнавташкилдиҳии иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидор;

-муттаҳидшавии шахси ҳуқуқӣ ё ҳамроҳ шудани шахси ҳуқуқӣ ба дигар шахси ҳуқуқӣ, агар арзиши умумии тавозуни активҳои онҳо (активҳои гурӯҳи шахсони онҳо) мувофиқи тавозуни охирин аз сад ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад;

-таъсиси шахси ҳуқуқӣ ҳангоми пардохти сармояи оинномавии он бо саҳмҳо (ҳиссаҳо) ё молумулки дигар шахси ҳуқуқӣ;

-барҳамдиҳӣ ва тақсимкунии (ҷудокунии) шахси ҳуқуқӣ, ки арзиши активҳояшон аз панҷоҳ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд аст, агар ин боиси ташкил шудани шахси ҳуқуқӣ гардад, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармо дорад.

Дар ҳолатҳое, ки дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, шахсҳо ё мақомоти манфиатдор ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ғайр аз ҳуҷҷатҳое, ки ба мақомоти бақайдгиранда дастрас мекунанд, дархост дар бораи додани розигӣ ба таъсис ва азнавташкилкунии он, маълумот дар бораи фаъолияти асосӣ, маҷмӯи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасонӣ) дар бозорҳои дахлдори мол пешниҳод менамояд. Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ доранд ахбори дигари заруриро, ғайр аз иттилооте, ки ба салоҳияташ тааллуқ надорад, талаб намояд. Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ на дертар аз сӣ рӯзи қабул карда гирифтани ҳуҷҷатҳои лозимӣ ба аризадиҳанда дар бораи қарори қабулгардида хаттӣ хабар медиҳад. Дар ҳолатҳое, ки агар таъсиси (ҳамроҳшавии, муттаҳидшавии) субъектҳои хоҷагидор ба маҳдудкунии рақобат оварда расонад, муассисони субъектҳои хоҷагидор, шахс ё мақомоте, ки дар бораи ҳамроҳшавӣ, муттаҳидшавӣ қарор қабул кардаанд, вазифадоранд бо талаби мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ барои барқарор намудани шароити зарурии рақобат чораҳо андешанд. Иҷро накардани талаботи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ барои беэътибор донистани бақайдгирии давлатӣ бо тартиби судӣ аз рӯи даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ асос мешавад. Дар

ҳолатҳои дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинишуда бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидор инчунин аз рӯйхати ягонаи давлатӣ баровардани онҳо аз тарафи мақомоти давлатии бақайдгиранда танҳо бо розигии пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ анҷом дода мешавад. Бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидор, ки таъсис ва азнавташкилкунии онҳо бе розигии пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ сурат гирифтааст, бо тартиби судӣ аз рӯи даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ беэътибор донista мешаванд.

Дар ҳолате, ки субъектҳои хоҷагидори машғули фаъолияти соҳибкорӣ мавқеи ҳукмфармоиро соҳиб мебошанд ва мунтазам қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунанд, мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад бо мақсади маҳдуд сохтани фаъолияти инҳисорӣ дар бораи азнавташкилкунии (тақсимкунии, ҷудокунии) онҳо дар доираи воҳидҳои сохториашон, агар ин ба манфиати инкишофи рақобат бошад, ба суд муроҷиат кунад. Таҳти мафҳуми мунтазам вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати се сол содирнамудани беш аз ду далели вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ фаҳмида мешавад, ки тибқи тартиби муқарраргардида ошкор карда шудааст.

Азнавташкилкунии (тақсимкунии, ҷудокунии) субъектҳои хоҷагидор дар ҳолати мавҷуд будани шартҳои зерин амалӣ мегардад:

- вуҷуд доштани имконияти мустақилии ташкилӣ ва ҳудудии воҳидҳои сохтории он;
- байни воҳидҳои сохтории он мавҷуд набудани алоқаи зичи технологӣ, аз ҷумла агар ҳаҷми маҳсулоти (кор, хизматрасонии) воҳиди сохторӣ, ки ҳамин шахси ҳуқуқӣ истеъмол мекунад, аз сӣ фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолкардаи (кор, хизматрасонии) воҳиди сохтории мазкур зиёд набошад;
- дар натиҷаи азнавташкилкунӣ имконият доштани фаъолияти мустақилонаи шахси ҳуқуқӣ дар бозори моли муайян.

### *2. Назорат оид ба риояи қонунгузории зидиинҳисорӣ ҳангоми хариди саҳмияҳо (ҳиссаҳо) дар сармояи оиномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ*

Бо мувофиқаи пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар асоси дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалҳои зайл сурат мегиранд:

- аз тарафи шахс (гурӯҳи шахсон) харид кардани саҳмияи (ҳиссаи) дорои ҳуқуқи овоз дар сармояи оинномавии субъекти хоҷагидор, ки дар натиҷа чунин шахс (гурӯҳи шахсон) ҳуқуқи ихтиёрдории бештар аз бист фоизи саҳмияҳои (ҳиссаҳои) харидгардидаро пайдо мекунад. Талаботи мазкур ба муассисони субъекти хоҷагидор ҳангоми таъсиси он дахл надорад;
- аз тарафи як субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) соҳиб шудан ба воситаҳои асосии истеҳсолот ё активҳои ғайримоддии субъекти

хоҷагидори дигар ё мавриди истифода қарор гирифтани онҳо, ки агар арзиши тавозуни амволи ташкилдиҳандаи мавзӯи аҳд аз даҳ фоизи арзиши тавозуни воситаҳои асосии истеҳсолот ва активҳои ғайримоддии субъекти хоҷагидори ҷудокунандаи амвол зиёд бошад;

- аз тарафи шахс (гурӯҳи шахсон) ба даст овардани ҳуқуқе, ки ба субъекти хоҷагидор имконият медиҳад, шароити амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории ҳамин шахсро (гурӯҳи шахсонро) муайян намояд ё вазифаи мақомоти идоракунии онро иҷро кунад.

Розигии пешакӣ барои иҷро намудани аҳдҳое, ки дар қисми якуми моддаи мазкур нишон дода шудаанд, дар ҳолатҳое зарур мебошад, ки агар арзиши умумии тавозунии активҳои шахсоне, ки дар қисми якуми моддаи мазкур нишон дода шудаанд, аз дусад ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд ва яке аз онҳо субъекти хоҷагидоре мебошад, ки ба феҳристи субъектҳои хоҷагидори дорои мавқеи ҳукмфармо дохил карда шудааст ё харидор гурӯҳи шахсоне бошад, ки фаъолияти ҳамин субъекти хоҷагидорро назорат мекунанд. Барои содир кардани аҳдҳое, ки дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, шахсон вазифадоранд ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар бораи додани розигӣ барои пешниҳод кардани онҳо дархост диҳанд ва қабул кардани қарор мувофиқи номгӯи ахборе, ки мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ тасдиқ мекунад, маълумоти зарурӣ пешниҳод намоянд. Назорати давлатӣ ба содир шудани аҳдҳое, ки дар моддаи мазкур нишон дода шудаанд, аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар асоси Қонун иҷро мегардад. Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад дархостро рад намояд, агар қонеъкунонии он боиси мустаҳкам гардидани мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) ё маҳдудкунии рақобат гардад ва инчунин дар ҳолатҳои пешниҳод намудани ахбори носаҳеҳ, ки барои қабул намудани қарор аҳамият дорад. Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ барои қонеъ намудани дархост дар ҳолати иҷро намудани талабот, ки ба таъмини рақобат равона шудааст, ҳуқуқ дорад. Дар айни замон талаботи нишондодашуда, инчунин мӯҳлати иҷрои он бояд дар қарори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар бораи розигӣ барои иҷрои амале, ки дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, дарҷ карда шавад. Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ аз рӯи аризаи шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ баъди ба итмом расидани иҷрои аҳдҳое, ки дар қисми якуми моддаи мазкур оварда шудаанд, дар давоми понздаҳ рӯз огоҳ карда мешавад, агар арзиши умумии тавозунии активҳои шахсоне, ки дар қисми якуми ҳамин модда зикр шудааст аз сад ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Дар ҳолати иштироки шахси воқеӣ дар мақомоти иҷроия, шӯрои директорони (шӯрои нозирони) ду ё зиёда субъектҳои хоҷагидор, ки арзиши умумии тавозуни активҳои аз сад ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад ва ё субъектҳои хоҷагидор, ки ба рӯйхати гурӯҳи молҳои якхела

ё ба рӯйхати гурӯҳи молҳои дараҷаи мухталифи ҷараёни истеҳсолу фурӯши якхела дохиланд, бояд мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пас аз понздаҳ рӯзи дохилшавӣ (интихобшавӣ) ба мақомоти мазкур ё шӯро аз тарафи ҳамин шахс, ҳатман огоҳ карда шавад. Дар ҳолати огоҳкунии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ аризадиҳанда якҷоя бо ариза ахбореро пешниҳод мекунад, ки дар қисми чоруми моддаи мазкур пешбинӣ шудааст. Агар мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ баъд аз омӯзиши пешакии ахбор ба хулоса ояд, ки дар натиҷаи бастани аҳдҳое, ки аз ин хусус ӯро огоҳ кардаанд, мавқеи ҳукмфармоиро субъектҳои хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) соҳиб мегарданд ё худ ин мавқеи онҳо пурзӯртар мешавад ё маҳдудкунии рақобат рӯй медиҳад, вай дар бораи санҷиши иловагии мувофиқ будани созиши мазкур ба талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ қарор қабул мекунад. Қарори мазкур дар давоми понздаҳ рӯзи баъди гирифтани аризаи огоҳкуниро гирифтани мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ба аризадиҳанда равон карда мешавад. Қарори қатъӣ аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар давоми сӣ рӯз қабул гардида, дар ин хусус ба аризадиҳанда хаттӣ хабар дода мешавад. Агар амалиётҳои дар қисмҳои ҳафтум ва ҳаштуми моддаи мазкур пешбинишуда боиси зуҳур кардан ё қувват гирифтани мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидор ё маҳдудкунии рақобат гарданд, шахсони ин амалиётҳоро иҷрокунанда вазифадоранд бо талаби мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар мӯҳлатҳои аз тарафи он муқаррargardида барои барқарор намудани шароити зарурии рақобат чораҳо андешанд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисмҳои ҳафтум ва ҳаштуми моддаи мазкур шахсон ҳуқуқ доранд то қабули чунин қарорҳо розигии пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисориро, ки вазифадор аст аризаҳои дахлдорро дар бораи ба иҷро расонидани амалиётҳои мазкур бо тартиби муқарраргардида дида бароянд, дархост кунанд. Аҳдҳое, ки мухолифи тартиби муқарарнамудаи моддаи мазкур ба имзо расидаанд ва ба зуҳур кардан ё қувват гирифтани мавқеи ҳукмфармоӣ, маҳдудкунии рақобат оварда мерасонанд, дар ҳолатҳои аз тарафи иштирокчиёни созишҳо иҷро накардани талаботи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар бораи барқарор намудани шартҳои зарурии рақобат дар мӯҳлатҳои аз тарафи он муқарраркардашуда, бо тартиби судӣ ва бо даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ беэътибор дониста мешаванд. Иҷро накардани қарорҳои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки мувофиқи қисмҳои шашум ва ёздаҳуми моддаи мазкур қабул шудаанд, барои беэътибор донистани аҳди дахлдор бо тартиби судӣ аз рӯи даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ асос шуда метавонад. Қарори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар хусуси розигӣ оид ба иҷрои аҳдҳои дар қонун зикршуда амали худро қатъ менамояд, агар чунин аҳдҳо дар муддати 6 моҳ аз рӯзи қабул гардидани қарори зикршуда иҷро нагардида бошад.

**Мавзӯи 10. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи рақобат дар бозори мол**

1. Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузории рақобат ва намудҳои он.

2. Ҷавобгарии субъектони хоҷагидор, роҳбарони онҳо ва шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳалӣ.

3. Ҷавобгарии ҷинояти барои фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона.

*1. Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузории рақобат ва намудҳои он*

Ҷавобгарӣ дар натиҷаи иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ ва ё заррасонии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба вуҷуд меояд. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани муқаррароти қонунгузории рақобат бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Барои вайрон намудани қонунгузории зиддиинҳисорӣ намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад:

- ҷавобгарии гражданӣ;
- ҷавобгарии маъмурӣ;
- ҷавобгарии ҷиноятӣ;
- ҷавобгарии интизомӣ.

*2. Ҷавобгарии субъектони хоҷагидор, роҳбарони онҳо ва шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳалӣ*

Дар ҳолати вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ субъектҳои хоҷагидор (роҳбарони онҳо), мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо), шаҳрвандон, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ вазифадоранд мувофиқи амри мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ вайронкориро қатъ гардонанд, мавқеи аввалро барқарор ва шартномаро бекор намоянд ё ба он тағйирот дароранд, бо дигар субъектҳои хоҷагидор шартнома банданд, санади ба қонунгузорӣ номувофиқро бекор кунанд, фоидаи дар натиҷаи вайронкорӣ ба даст омадаро ба буҷет ворид кунанд, дигар амалиётҳоеро, ки дар қарор ё амр зикр ёфтаанд, иҷро намоянд.Барои содир кардани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ки боиси вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ мегарданд, шахси мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, субъектҳои хоҷагидор (роҳбарони онҳо), инчунин шаҳрвандон, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Аз субъектҳои хоҷагидор барои вайронкориҳои зерин ҳамчун чораи ҷазо ҷарима ситонида мешаванд:

- барои дар мӯҳлати муқарраргардида иҷро накардани амри мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ – ба андозаи 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пешниҳод накардани дархост ва аризае, ки дар моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст – ба андозаи 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои иҷро накардани талаботи қарори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки мувофиқи қисми чоруми моддаи 15 ва қисми ёздаҳуми моддаи 16 Қонуни мазкур пешниҳод шудааст – ба андозаи 1000 (як ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои дар мӯҳлати муқарраргардида пешниҳод накардани ҳуҷҷат ё дигар ахбор, ки дар моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкур нишон дода шудааст, ба андозаи 1000 (як ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани маълумоти носаҳеҳ – ба андозаи 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо мутобиқи моддаи 14 Қонуни мазкур – ба андозаи 200 (дусад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Соҳибкорони инфиродӣ дар мавридҳои зерин гунаҳкор ҳисобида мешаванд агар:

- дар мӯҳлати муқарраргардида ҳуҷҷат ё ахбори дигарро, ки барои амалӣ гардонидани фаъолияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ зарур аст, пешниҳод накунанд – ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 20 (бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои содир намудани амале (беамалие), ки тартиби пешбинӣ намудаи моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкурро вайрон менамояд, дар давоми ду моҳ ошкор намудани чунин амал (беамалӣ) аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ – ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 20 (бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои иҷро накардани талаботи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки мувофиқи моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд – ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 30 (сӣ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Пардохти ҷарима субъекти хоҷагидорро аз ӯҳдаи иҷрои қарори (амри) мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ озод намекунад.

Шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд:

- барои дар мӯҳлати муқарраргардида иҷро накардани қарор ва амрияи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ – огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи аз 100 (сад) то 5000 (панҷ ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои халал расондан ба шахсони мансабдори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳангоми аз тарафи онҳо иҷро кардани вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда – огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи аз 50 (панҷоҳ) то 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои беиҷозати мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки дар моддаи 15 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, ба қайд гирифтани иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидор (иттифоқҳо, ассотсиатсияҳои) онҳо- огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи аз 50 (панҷоҳ) то 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Агар санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, бо вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ қабул шуда бошад ё мақомотҳои мазкур ӯҳдадориҳои худро иҷро накунанд ё номатлуб иҷро кунанд ва агар аз ин амал ба субъекти хоҷагидор ё дигар шахс зарар расида бошад, товони он мувофиқи қонунгузории гражданӣ рӯёнда мешавад. Амали (беамалии) субъектҳои хоҷагидор, ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунад ва ба субъекти хоҷагидор зиён мерасонад, товони он аз гунаҳкорон мувофиқи қонунгузории гражданӣ рӯёнида мешавад.

Шахсони мансабдори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ барои ошкор кардани маълумоте, ки сирри тиҷоратии субъектҳои хоҷагидор ва соҳибкорони инфиродиро ташкил медиҳад, ба ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 50 (панҷоҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо кашида мешаванд, ба шарте ки ин амалиёт ба дигар ҷавобгарии пешбинӣ намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боис нагардад.

### *3. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона*

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи даҳҳо ҷиноятҳои пешбинӣ гардидааст, ки пурра ва ё қисман барои фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона ҷавобгариро пешбинӣ менамоянд. Аммо дар маҷмӯъ ҳамаи онро метавонем ба чунин намудҳо гурӯҳбандӣ намоем:

- фаъолияти инҳисорӣ бо роҳи муқаррар намудани нархи баланд ва ё пасти инҳисорӣ;

- маҳдуд намудани рақобат бо роҳи тақсими бозор, маҳдуд намудани воридшавӣ ба бозор, аз бозор баровардани субъектони хоҷагидор.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст:

**Моддаи 156**. Вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он

1) Азхудкунии муаллифӣ (асардуздӣ) ҳамчунин ба ҳаммуалифӣ маҷбур кардан, агар ин кирдорҳо ба муаллиф ё дигар соҳибҳуқуқ ба микдори калон зарарр расонида бошад, -

бо ҷарима ба андозаи то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Истифодаи ғайриқонунии объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ё ҳуқуқҳои вобаста ба он, ҳамчунин ба даст овардан, нигоҳ доштан, интиқол додан ё фиристондани нусхаҳои ғайриқонунии асар ё фонограммаҳо бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, агар ин кирдорҳо ба миқдори калон зарар расонидани бошад, -

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷо то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдори пешбининамудаи қисми дуюми ҳамин модда, агар

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гӯрӯҳи муташаккил;

б) бо расонидани зарар ба миқдори мухсусан калон;

в) аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шудабошад, -

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: Дар моддаи 156 ва 1561 Кодекси мазкур таҳти мафҳуми зарар ба миқдори калон чунин зараре ҳисобида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо пранҷсад маротиба зиёд мебошад ва зарар ба миқдори махсусан калон чунин зараре ҳисобида мешавад,ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ду ҳазор маротиба зиёд мебошад.

**Моддаи 156[1]** Вайрон кардани ҳуқуқҳо ба ихтироот, намунаҳои саноатӣ ва моделҳои муфид

1) Истифодаи ғайриқонунии ихтироот, намунаҳои саноатӣ ё моделҳои муфид, бидуни розигии муаллиф ё арномадеҳ фош намудани моҳияти ихтирооот, намудани саноатӣ ё модели муфид то интишори расмии маълумот дар бораи онҳо, азхудкунии муаллифӣ ё ба ҳаммуалифӣ маҷбур кардан, агар ин кирдорҳо ба миқдори калон зарар расонида бошад, -

бо чарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанюда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтани аз озодиӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Кирдорҳои пешбиннамудаи қисми якуми ҳамин моддаи, агар аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад, -

бо ҷарима ба андозаи сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтани аз озодӣ ӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешад.

**Моддаи 275.** Истифодаи ғайриқонунии воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳлҳои гражюданӣ молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ

1) Истифодаи ғайриқонуни номи фирмавӣ, ҳамчун номи маҳалли истеҳсоли мол, тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонии ғайр нисбат ба мол ва хизматрасонии шабеҳ, агар ин кирдорҳо такроран пас аз додани ҷазои маъмурӣ содир гардида ё ба миқдори калон зарар расонида бошанд, -

бо ҷарима ба андозаи то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ мӯҳлати то дусол ҷазо дода мешавад.

2) Истифодаи ғайриқонунии тамғагузории огоҳкунанда нисбат ба номи маҳалли истеҳсоли мол, ё тамғае молие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудааст, агар ин кирдор такроран пас аз додани ҷазои маъмурӣ содир шуда ё ба миқдори калон зарар расонида бошад, -

бо ҷарима ба андозаи аз як дусаду панҷо то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтани аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ёдуюми ҳамин мода, агар аз ҷониби гӯрӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташшакил содир шуда бошад, -

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтани аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад. (ҚҶТ аз 03.07.2012с., №844)

**Моддаи 276.** Дидаю дониста додани рекламаи бардурӯғ

1) Аз ҷониби рекламадиҳанда дидаю дониста додани таҳсилоти бардурӯғ оид ба мол, кор ё хизматрасонӣ, инчунин таҳиякунандагон ё фурӯшандагони онҳо, ки бо нияти ғаразнок содир шудааст, -

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё махрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то д усол ё маҳдуд кардани озодӣ ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) бо истифодаи воситаҳои ахбори омма сурат гирифта бошад;

б) ба миқдори калон зарар расонида бошад, -

бо ҷарима ба андозаи аз панҷсаду чилу ҳафт то нӯҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол ё махрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин мӯҳлат ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: Дар моддаҳои 274, 275 ва 276-и Кодекси маскур зарар ба миқдори калон чунин зарар ҳисобида мешавад, ки агар аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад.

**Моддаи 277.** Ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ

Ҷамъоварии маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ бо роҳи тасарруфи аснод, ришвадиҳӣ ё таҳдид нисбати шахсоне, ки сирри тиҷоратӣ ё бонкиро медонанд ё бо наздикони онҳо, дошта гирифтани мавҷи воситаҳои алоқа ё ғайриқонунӣ тамос гирифтан ба системаи ё шабакаи компьютерӣ ё истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ, ҳамчунин бо роҳи дигари ғайриқонунӣ бо мақсади ифшо ё истифодаи ғайриқонунии ин маълумотҳо, -

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 278.** Ифшои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ

Ифшои ғайриқонунӣ ё истифодаи сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ бидуни розигии молики он аз ҷониби шахсе, ки ин сир вобаста ба фаъолияти касбӣ ё хизматиаш маълум буд ва ин кирдор бо мақсади ғаразнок ё дигар манфиати шахсӣ содир гардида, ба корхонаи тиҷоратӣ ё соҳибкори инфиродӣ ба миқдори калон зарар расондааст,-

бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то се сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: Таъқиби ҷиноят барои содир намудани кирдорҳои пешбининамудаи ҳамин модда мутобиқи аризаи корхонаи тиҷоратӣ ё соҳибкори инфиродии зарардида оғоз меёбад.

**Моддаи 294.** Фиреби истеъмолкунандагон

1) Камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин аз ҷониби шаҳрвандон ба миқдори назаррас содир шуда бошанд; -

бо ҷарима ба андозаи то сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) ба миқдори калон;

в) аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фиреби истеъмолкунандагон суд шудааст, содир шуда бошад,-

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ва дуюми ҳамин модда, агар:

б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

а) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад, -

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз  ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: Фиреби истеъмолкунандагон  ҳангоме ба миқдори назаррас содиршуда шумурда мешавад, ки агар зарари ба истеъмолкунандагон расонидашуда аз даҳяки нишондиҳанда барои ҳисобҳо  бештар, ба миқдори калон бошад - аз  як  нишондиҳанда барои ҳисобҳо  бештар бошад, ба миқдори махсусан калон аз панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

**Мавзӯи 11. Ҳифзи соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рақобати номусоиди хориҷӣ**

1. Ғояҳо ва тартиби тадбиқи чораҳои махсуси ҳифзнамоӣ.

2. Хусусиятҳои ҳуқуқии татбиқи чораҳои антидемпингӣ ва ҷубронӣ.

*1. Ғояҳо ва тартиби тадбиқи чораҳои махсуси ҳифзнамоӣ*

Ҳуқуқ ба ҳимоя дар муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дорад ва ба он ӯҳдадориҳои субъекти дигар мувофиқ меояд. Дар назарияи умумии ҳуқуқ дар зери ҳуқуқи субъективӣ ба субъекти мушаххас додани ҳуқуқ мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба мақсади таъмин намудани манфиати он, ҳадди рафтори имконпазири он дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, таъмини уҳдадории муқарраршудаи субъекти дигари муносибатҳои ҳуқуқӣ ва кафолатноки давлатро мефаҳманд. Дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳимояи ҳуқуқ масалан, пас аз мурочиат намудани субектони фаъолияти соҳибкорӣ ба мақомоти амалисозандаи ҳимояи ҳуқуқ пас аз нисбати он татбиқ намудани санади ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқи онҳоро ба ҳимоя маҳдуд мекунад, пас аз интишори санадҳои ғайримеъёрӣ нисбати онҳо ба вуҷуд меояд. Чун ҳама ҳуқуқҳои субъективӣ, ҳуқуқ ба ҳимоя мустақилона ҳимоя карда мешавад, баъзан ҳангоми шикоят намудани рад кардани судро дар баррасии парванда, ҳангоми шикоят кардани санадҳои меъёрию ғайримеъёрӣ, ки ҳуқуқи онҳоро маҳдуд мекунад. Ҳуқуқдорӣ ин имконияти ҳуқуқӣ чун қисми таркибии ҳуқуқҳои субъективӣ мебошад. Дар ҳама давлат уҳдадории таъмин намудани амалисозии ҳуқуқ ба ҳимояро аз тарафи субъектони гуногун мавҷуд аст. Бар замми ин ин уҳдадорӣ нисбати на танҳо шахси мушаххас, балки ба ҳама иштирокчиёни бомаҳорати муносибатҳои ҷамъиятӣ татбиқ карда мешавад. Ба ҳайси чораҳои махсуси ҳифзнамоӣ квотаи воридотӣ, пардохти махсус баромад мекунанд. Квотаи воридотӣ – маҳдуд намудани воридот мол вобаста ба шумора ва арзиши он. Пардохти махсус – пардохте, ки илова ба пардохти гумрукӣ ситонида мешавад.

*2. Хусусиятҳои ҳуқуқии татбиқи чораҳои антидемпингӣ ва ҷубронӣ*

**Чораҳои антидемпингӣ** – чораҳое, ки маҳдуд намудани воридоти молро вобаста ба пардохтҳои антидемпенгӣ ва ё муқаррар намудани ӯҳдадориҳои арзишӣ пешбинӣ менамояд. Тадбиқи ин чораҳо дар муносибатҳои савдоӣ нисбати фарди муаяйн ва ё ташкилот сурат мегирад.

**Чораҳои ҷубронӣ** – чораҳое, ки барои маҳдуд намудани воридоти моли давлати хориҷӣ тавасути муқаррар сохтани пардохтҳои ҷубронӣ амали карда мешаванд.

**Мавзӯи 12. Субъектони инҳисор ва мақомоти танзимкунандаи фаъолияти онҳо**

1. Субъектони инҳисор ва хусусияти танзими фаъолияти онҳо.
2. Мақомоти танзимкунандаи фаъолияти субъектони инҳисор.

*1. Субъектони инҳисор ва хусусияти танзими фаъолияти онҳо*

Субъекти монополияи табиӣ – субъекти хоҷагидор (шахси ҳуқуқӣ), ки ба истеҳсоли (фурӯши) молҳо, иҷрои кор ва (ё) хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон дар шароити монополияи табиӣ машғул аст.

Субъекти монополияи табиӣ ҳуқуқ дорад:

- ба мақомоти ваколатдор оид ба тасдиқи тарифи молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) танзимшаванда ё ҳадди ниҳоии он дархост пешниҳод намояд;

- тарифҳои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшавандаро дар давраи амали тарифҳо бо мувофиқаи мақомоти ваколатдор барои ҳама истеъмолкунандагон паст намояд;

- ҳангоми аз ҷониби мақомоти ваколатдор қабул гардидани қароре, ки ба фаъолият ва мақоми ҳуқуқии он дахл дорад, пешниҳод манзур намояд;

- ба суд нисбат ба амали (беамалии) мақомоти ваколатдор, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, шикоят кунад;

- ба мақомоти ваколатдор ё суд нисбат ба амали (беамалии) субъектҳои дигар, ки ба фаъолият, даромад, моликият ва мақоми ҳуқуқии он таъсир менамояд, шикоят кунад;

- аз дигар ҳуқуқҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, истифода барад.

Субъекти монополияи табиӣ ӯҳдадориҳои зеринро дорад:

- қарори мақомоти ваколатдорро, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад, иҷро кунад;

- хизматрасонии умумии сифатан баланди истеъмолкунандагони молҳоро (корҳоро, хизматрасониҳоро) бо дарназардошти тарифҳои (нархҳои) муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдор таъмин намояд;

- ба истеъмолкунандагони молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти монополияи табиӣ шароити баробар муҳайё намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки пешниҳоди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) бо назардошти имтиёзоти муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардидаанд;

- мутобиқи қонунгузорӣ талаботи техникиеро, ки риоя намудани онҳо барои истеъмолкунандагон ҳатмӣ мебошад, муқаррар намояд;

- хизматрасонии техникиро гузаронад ва тамғазании асбобҳои ҳисобкуниро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;

- тибқи талаби мақомоти ваколатдор ҳисоботи молиявӣ ва иттилооти дигари заруриро пешниҳод намояд;

- усулҳо ва технологияи нисбатан самарабахши истеҳсол ва хизматрасонии монополияҳои табииро бо риояи принсипҳои амнияти ҷамъиятӣ ва бехатарии шаҳрвандон интихоб намояд;

- санҷиши молиявии ҳарсоларо (аудити ҳатмиро) аз ҷониби ташкилотҳои аудиторӣ (аудиторҳо) гузаронида, натиҷаҳои онро дар воситаҳои ахбори умум нашр намояд;

- бо истеъмолкунандагон барои пешниҳоди молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) шартнома бандад;

- ба вайронкунии ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми бастани шартнома барои пешниҳоди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) роҳ надиҳад;

- қабули пардохтҳоро аз истеъмолкунандагон барои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшуда ба воситаи кассаҳои худ, инчунин бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ таъмин намояд;

- барои истеъмолкунандагон асбобҳои ҳисобкунии хизматрасониро насб намояд;

- ба мақомоти ваколатдор сметаи тарифиро барои тасдиқ пешниҳод намояд.

Субъектҳои монополияҳои табиӣ ӯҳдадоранд, ки дастрасии бозори молҳоро муҳайё созанд ва (ё) молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) мутобиқи Қонун танзимшавандаро тибқи талаботи қонунгузории зиддимонополӣ бе истифодаи шартҳои дискриминатсионӣ пешниҳод намоянд.

Истеъмолкунандаи молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти монополияи табиӣ ҳуқуқ дорад:

- молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти монополияи табииро тибқи тартиб ва тарифҳои муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдор харидорӣ намояд, насби асбобҳои баҳисобгирандаро барои хизматрасонии воқеӣ талаб кунад;

- ба мақомоти ваколатдор дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарор, қабули қарори нав ё бекор кардани қарорҳои амалкунанда бо ариза муроҷиат намояд;

- нисбат ба амали (беамалии) мақомоти ваколатдор, инчунин қарори қабулнамудаи он ба суд шикоят кунад;

- ба мақомоти ваколатдор ва суд нисбат ба амали (беамалии) субъекти монополияи табиӣ, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, шикоят кунад;

- дар муҳокимаи оммавии масъалаҳои ба фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ алоқаманд иштирок кунад;

- аз дигар ҳуқуқҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, истифода барад.

Истеъмолкунандаи молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти монополияи табиӣ ӯҳдадор аст:

- саривақт ва дар ҳаҷми пурра арзиши молҳоро (корҳоро, хизматрасониҳоро), ки субъектҳои монополияи табиӣ фароҳам овардаанд, мутобиқи шартҳои шартномаи басташуда пардозад;

- талаботи техникиеро, ки субъекти монополияи табиӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро кунад.

Фаъолияти субъектҳои монополияи табииро дар соҳаҳои зайл танзим менамояд:

- хизматрасонӣ дар мавриди ҳамлу нақли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои магистралӣ;
- хизматрасонӣ дар мавриди харид ва интиқоли гази табиӣ тавассути қубурҳои магистралӣ ва (ё) тақсимкунанда, истифодаи дастгоҳҳои газтақсимкунанда ва қубурҳои газгузаронии ба онҳо вобаста;
- хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол, интиқол ва (ё) тақсими нерӯи барқ ва (ё) гармӣ;
- хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳи оҳан;
- хизматрасонии терминалҳои нақлиёт, фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва аэронавигатсия;
- хизматрасонии алоқаи барқӣ, почта ва телекоммуникатсия бо истифодаи хатҳои шабакаҳои маҳаллӣ;
- хизматрасонии хоҷагии об ва (ё) системаи канализатсия;
- хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳҳои ҳавоӣ дар самтҳои маҳаллӣ.

Субъектҳои монополияҳои табиӣ ба Феҳристи субъектҳои монополияҳои табиӣ, ки аз бахшҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ иборат мебошанд, бо нишондоди намудҳои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшавандае, ки дар доираи танзими Қонун қарор доранд, ворид мегарданд. Тартиби ба Феҳристи субъектҳои монополияҳои табиӣ ворид ва аз он хориҷ намудани субъектҳо аз тарафи мақомоти давлатие, ки назорат ва танзими давлатиро дар соҳаҳои монополияҳои табиӣ ба амал мебарорад, муқаррар карда мешавад. Ба боздоштани гузариши субъектҳои соҳаҳои монополияҳои табиӣ аз ҳолати монополияҳои табиӣ ба ҳолати бозори рақобатнок дар мавриди мавҷудияти асоснокии иқтисодии чунин гузариш иҷозат дода намешавад.

*2. Мақомоти танзимкунандаи фаъолияти субъектони инҳисор*

Танзим ва назорати фаъолияти субъектҳои монополияҳои табииро мақомоти давлатии аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдоршуда (минбаъд - мақомоти ваколатдор) анҷом медиҳад.

Мақомоти ваколатдор вазифаҳои асосии зеринро иҷро мекунад:

- Феҳристи субъектҳои монополияҳои табииеро, ки нисбаташон танзими давлатӣ ва назорат татбиқ мегарданд, тартиб медиҳад ва пеш мебарад;
- усулҳои танзими мутобиқи Қонун пешбинигардидаро, ки нисбати субъекти мушаххаси монополияи табиӣ истифода мегарданд, муайян месозад;

- дар доираи салоҳияти худ риояи талаботи Қонуни мазкурро назорат менамояд;

- шартномаҳои намунавиро, ки аз ҷониби субъектҳои монополияҳои табиӣ бо истеъмолкунандагон баста мешаванд, таҳия ва тасдиқ менамояд;

- дастурамали тартиби муайян, тасдиқ ва ҷорӣ намудани тарифҳо ва сметаи тарифии молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъектҳои монополияҳои табиӣ, қоидаҳои ташаккул ва пешбурди Феҳристи субъектҳои монополияҳои табиӣ, қоидаҳои тартиби баррасии парвандаҳоро дар бораи вайронкунии Қонун таҳия ва тасдиқ менамояд;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида оид ба такмил додани қонунгузорӣ дар бораи монополияҳои табиӣ пешниҳодҳо ирсол менамояд;

- таҷрибаи татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи монополияҳои табииро ҷамъбаст карда, дар асоси он тавсияҳои методӣ таҳия ва тасдиқ менамояд.

Мақомоти ваколатдор ҳуқуқҳои зеринро доро мебошад:

- қарорҳои барои субъектҳои монополияҳои табии иҷроишашон ҳатмиро доир ба ҷорӣ намудан, тағйир додан ё қатъ кардани танзим, доир ба истифодаи усулҳои танзими мутобиқи Қонун пешбинишуда, аз ҷумла доир ба муқаррар кардани тарифҳо қабул менамояд;

- дар доираи салоҳияти худ нисбати қонунвайронкунии мавҷудбудаи соҳаи монополияҳои табиӣ оид ба пешгирии вайронкунии Қонун ва бартараф намудани оқибатҳои он қарор қабул менамояд;

- тарифҳои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) танзимшавандаи субъектҳои монополияҳои табиӣ ё ҳадди ниҳоии онҳоро бо назардошти талабот ба сифати онҳо, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияти онҳо муқаррар шудаанд, тасдиқ менамояд;

- ба субъектҳои монополияҳои табиӣ дар ин хусус амрҳои иҷрояшон ҳатмӣ медиҳад:

а) доир ба қатъи вайронкунии Қонун, аз ҷумла доир ба бартараф намудани оқибатҳои он;

б) доир ба бастани шартнома бо истеъмолкунандагоне, ки бояд ҳатман ба онҳо хизмат расонида шавад (маҳсулот пешниҳод карда шавад);

в) доир ба ворид намудани тағйирот ба шартномаҳо;

г) дар бораи ба буҷет гузаронидани тамоми маблағи фоидаи дар натиҷаи амалҳои вайрон кардани Қонун бадастомада;

- ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар бораи бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои қабулнамудаи онҳо, ки ба Қонуни мазкур мутобиқат надоранд, амрияҳои иҷроишашон ҳатмиро равон мекунад;

- дар бораи ба Феҳрист дохил кардани субъекти монополияҳои табиӣ ва хориҷ кардан аз он қарор қабул мекунад;

- дар мавриди тағйири тарифҳои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъектҳои монополияҳои табиӣ ташаббус зоҳир менамояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз болои хариди анҷомдодаи субъектҳои монополияҳои табиӣ назорат менамояд;

- ба суд бо ариза муроҷиат менамояд ва инчунин дар суд ҳангоми баррасии парвандаҳои вобаста ба татбиқ ва вайрон кардани Қонун иштирок менамояд;

- сметаи тарифии субъекти монополияҳои табииро ҳар сол тасдиқ менамояд;

- иҷро гардидани сметаи тарифиро аз ҷониби субъекти монополиҳои табиӣ назорат менамояд;

- дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор дар соҳаи фаъолияти нархгузорӣ тартиб ва шартҳои гузаронидани азнавнархгузории воситаҳои асосии субъекти монополияҳои табииро тасдиқ менамояд;

- доир ба татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи монополияҳои табиӣ тавзеҳот медиҳад;

- ваколатҳои дигареро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар кардаанд, иҷро менамояд.

Қонун аз ҷониби мақомоти ваколатдор мустақиман нисбат ба манфиатҳои моликияти давлатӣ ҳангоми ба вуқӯъ пайвастани фаъолияти зидди рақобат, сӯиистифодаи шароити бозор, мақоми бартариятдошта ё инҳисорӣ татбиқ мегардад. Чунин истифодаи ҳуқуқ бе дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ анҷом дода мешавад. Дахолати мазкур ҳамчун амале баррасӣ мегардад, ки рақобатро маҳдуд месозад ва муқаррароти Қонунро вайрон мекунад.

Мақомоти ваколатдор – мақомоти давлатие, ки фаъолияти соҳаҳои монополияи табииро назорат ва танзим менамояд. Танзими давлатии фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ бо роҳҳои зерин сурат мегирад:

- тасдиқи тариф;
- тасдиқи сатҳи ниҳоии тариф;
- тасдиқи сметаи тарифӣ;
- тасдиқи коэффитсиенти муваққатии пасткунанда;
- тасдиқи тартиби махсуси ҳисоби хароҷот;
- тасдиқи тартиби пешбурди баҳисобгирии алоҳидаи фоида, хароҷот ва активҳои истифодашуда аз рӯи ҳар намуди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ва дар маҷмӯъ аз рӯи намудҳои дигари фаъолият;
- тасдиқи ҳадди ниҳоии фоида;
- тасдиқи тарифи муваққатии ҷубронкунанда.

Танзими давлатии фаъолияти субъекти монополияи табиӣ, ки ба истеҳсоли нерӯи гармӣ дар нерӯгоҳҳои дорои шакли мухталифи

истеҳсол машғул мебошад, бо назардошти ҳамаҷонибаи хусусиятҳои режими технологии истеҳсоли нерӯи барқу гармӣ ва ташаккул додани нархи нерӯи барқ дар бозори рақобатнок анҷом дода мешавад.

Бо мақсади пешбурди сиёсати самараноки давлатӣ дар соҳаҳои фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ мақомоти ваколатдор назоратро оид ба амалҳое анҷом медиҳад, ки бо иштирок ё нисбати субъектҳои монополияи табиӣ сурат мегиранд ва натиҷаи онҳо боиси поймол гардидани манфиатҳои истеъмолкунандагони молҳое (корҳое, хизматрасониҳое) мешаванд, ки нисбаташон мутобиқи Қонуни мазкур танзим сурат мегирад ё боиси монеъ шудан ба гузариши аз нигоҳи иқтисодӣ асосноки бозори молии дахлдор аз ҳолати монополияи табиӣ ба ҳолати бозори рақобатнок мегарданд.

Мақомоти ваколатдор назоратро аз болои амалҳои зерин анҷом медиҳад:

- ҳама гуна аҳдҳое, ки дар натиҷаи он субъекти монополияи табиӣ ҳуқуқи моликиятро ба воситаҳои асосӣ, ки барои истеҳсоли (фурӯши) молҳои (корҳо, хизматрасониҳо) мутобиқи Қонуни мазкур танзимшаванда истифода бурда мешаванд ё истифода бурда намешаванд, соҳиб мешавад;

- сармоягузориҳои субъекти монополияи табиӣ дар истеҳсоли (фурӯши) молҳое (корҳое, хизматрасониҳое), ки нисбати онҳо мутобиқи Қонуни мазкур танзим сурат намегирад;

- фурӯхтан, иҷора додан ва ё аҳди дигаре, ки дар натиҷаи он субъекти хоҷагӣ ё субъекти монополияи табиӣ ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва истифода ё ҳуқуқи моликиятро ба қисмате аз воситаҳои асосии субъекти монополияи табиӣ, ки барои истеҳсоли (фурӯши) молҳои (корҳо, хизматрасониҳо) мутобиқи Қонуни мазкур танзимшаванда истифода бурда мешаванд ё истифода бурда намешаванд, пайдо мекунад;

- азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии субъекти монополияи табиӣ.

Барои иҷрои амалҳои қисми дуюми моддаи мазкур субъекти монополияи табиӣ вазифадор аст, ки ба мақомоти ваколатдор оид ба додани ризоият барои иҷрои чунин амалҳо дархост пешниҳод намояд ва иттилооти барои қабули қарор зарурро пешниҳод намояд. Мақомоти ваколатдор ҳуқуқи рад намудани дархостро дорад, агар амали дар он зикршуда ба натиҷаҳои манфии дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинишуда оварда расонад, инчунин дар ҳолатҳое, ки аз тарафи дархостдиҳанда ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ пурра пешниҳод нагардидаанд ва ё дар ҷараёни баррасии онҳо муқаррар гардад, ки маълумотҳои дар онҳо ҷойдошта, ки барои қабули қарор аҳамияти муҳим доранд, эътимоднок нестанд. Мақомоти ваколатдор на дертар аз сӣ рӯзи баъди қабули дархост ба дархостдиҳанда ба таври хаттӣ дар бораи қарори худ, яъне розӣ будан ё рад кардан хабар медиҳад. Сабабҳои рад гардидани дархост бояд асоснок бошанд. Дар сурати барои қабули қарор пайдо шудани зарурияти гирифтани маълумоти иловагӣ, мақомоти ваколатдор ҳуқуқ дорад, ки аз дархосткунанда

онро талаб карда, мӯҳлати баррасии дархостро то сӣ рӯз зиёд намояд, ба шарте, ки ин талабнома дар як вақт бо огоҳинома дар бораи дароз кардани мӯҳлати баррасии дархост ба дархосткунанда на дертар аз понздаҳ рӯзи баъди қабули дархост фиристода шавад. Шахс ва ё гурӯҳи шахсоне, ки дар натиҷаи харидории саҳмия дар бозор аз сармояи оинномавии субъекти монополияи табиӣ ва ё дар натиҷаи аҳдҳои дигар, аз ҷумла аз тариқи шартномаҳои супориш, идораи ба боварӣ асосёфта ва гарав ба бештар аз 0,5 фоизи теъдоди умумии овозҳои ба тамоми саҳмияҳои сармояи оинномавии ба субъектҳои монополияи табиӣ тааллуқдошта соҳиб гардидаанд, вазифадоранд, ки дар ин бора ва инчунин дар бораи ҳамаи ҳолатҳои тағйири теъдоди овозҳои ба онҳо тааллуқдошта мақомоти ваколатдорро дар мӯҳлати се рӯзи ба он соҳиб шудан, огоҳ созанд. Ҳамин гуна ӯҳдадориро субъекти монополияи табиие низ дорад, ки бештар аз 0,5 фоизи шумораи умумии овозҳои ба тамоми саҳмияҳо тааллуқдоштаи субъекти дигари хоҷагидорро соҳиб гардидааст.

## Мавзӯи 13. Воситаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи инҳисор

1. Усулҳои танзими фаъолияти инҳисории субъектони хоҷагидор.

2. Пешгирии вайронкунии қонунгузорӣ дар бораи инҳисори танзимӣ.

### *1. Усулҳои танзими фаъолияти инҳисории субъектони хоҷагидор*

Аз ҷониби мақомоти ваколатдор метавонанд усулҳои зерини танзими фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ истифода шаванд:

- танзими нархе, ки ба воситаи муайян ва тасдиқ намудани тарифҳо ва ё сатҳи ниҳоии онҳо амалӣ мегардад;

- муайян намудани истеъмолкунандагоне, ки хизматрасонӣ ба онҳо ҳатмист ва таъмини ҳадди ақали хизматрасонӣ ба онҳо дар сурати мавҷуд набудани имконияти қонеъ гардонидани тамоми талабот ба моли (кори, хизматрасонии) аз ҷониби субъектҳои монополияи табиӣ истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) бо назардошти зарурати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон.

Мақомоти ваколатдор қарорро оид ба истифодаи усулҳои дар Қонун пешбинишудаи танзим нисбати субъекти мушаххаси монополияи табиӣ дар асоси таҳлили фаъолияти он, бо назардошти таъсири усули интихобшаванда ҳамчун омил барои баланд бардоштани сифати молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) ва ҳамчунин барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷот нисбат ба онҳо қабул мекунад ва ҳамзамон, ба асоснокии хароҷот баҳо дода, ҳолатҳои зеринро ба инобат мегирад:

- хароҷоти истеҳсоли (фурӯши) молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), аз ҷумла музди меҳнат, арзиши ашёи хом ва маҳсулот, хароҷоти иловагӣ;

- андозҳо ва пардохтҳои дигар;

- арзиши воситаҳои асосии истеҳсолӣ, талабот ба сармоягузорӣ барои азнавистеҳсолкунии онҳо зарурбуда ва ҳисобҳои истеҳлокӣ (амортизатсионӣ);

- фоидаи пешбинишаванда дар мавриди фурӯши молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) аз рӯи тарифҳои гуногун;

- дурии гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон аз маҳали истеҳсоли молҳо;

- мутобиқати сифати молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) ба талаботи истеъмолкунандагон.

Дар мавриди қабули қарор дар бораи истифодаи усулҳои танзими фаъолияти субъекти мушаххаси монополияи табиӣ мақомоти ваколатдор ӯҳдадор аст, ки иттилооти аз ҷониби шахсони манфиатдор дар бораи фаъолияти субъекти монополияи табиӣ пешниҳодгардидаро баррасӣ намояд.

### *2. Пешгирии вайронкунии қонунгузорӣ дар бораи инҳисори танзимӣ*

Мақомоти ваколатдор дар фаъолияти худ барои пешгирии вайронкунии қонунгузории инҳисор воситаҳои гуногуни ҳуқуқиро истифода мебарад:

- вайронкунии муқаррароти қонунгузории инҳисорро итмом бахшидан;

-ҳолати аввалаи субъекти инҳисорро барқарор намудан;

- бекор кардан ва ё тағйир донаи санади субъекти инҳисор, ки мухолифи қонунгузорӣ аст;

- бастани шартномаро бо истеъмолкунандагон таъмин намудан;

- ҷаримаро пардохт сохтан;

- ҷуброни зарари расонидаро талаб кардан;

- ба буҷет маблағи камомадро гузаронидан.

## ЗАМИМА

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ҲУҚУҚИ РАҚОБАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### НАҚШАИ КОРИИ

**фани таълимии «Ҳуқуқи рақобати Ҷумхурии Тоҷикистон ”**

| № Т/Р | Номи мавзӯъ | Соатҳои дарсӣ | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | Лекция | семинар | |
| 1 | Маълумоти умумӣ оид ба ҳуқуқи рақобат | 2 | 2 | 4 |
| 2 | Бозор: мафҳум ва таркиб | 2 | - | 2 |
| 3 | Мафҳум, низом ва вазифаҳои ҳуқуқи рақобат | 2 | 2 | 4 |
| 4 | Қонунгузории танзимкунандаи рақобат ва инҳисор | 2 | - | 2 |
| 5 | Субъектҳои рақобат | 2 | - | 2 |
| 6 | Мақомотҳои зидиинҳисорӣ | - | 2 | 2 |
| 7 | Фаъолияти зидиинҳисорӣ ва намудҳои он | 2 | 2 | 4 |
| 8 | Рақобати бевиҷдонона | 2 | 2 | 4 |
| 9 | Назорати давлатии зидди-инҳисорӣ аз болои рақобати иқтисодӣ дар бозори мол ва молиявӣ | - | 2 | 2 |
| 10 | Ҷавобгари барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бозори мол ва молиявӣ | 2 | - | 2 |
| 11 | Ҳифзи соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рақобти хориҷии номусоид | 2 | 2 | 4 |
| 12 | Субъектони инҳисорӣ ва мақомоти танзимкунандаи фаъолияти онҳо | - | 2 | 2 |
| 13 | Воситаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи инҳисор | 2 | - | 2 |
| | | 20 | 16 | 36 |

### Мавзӯи 1. Маълумоти умумӣ оид ба ҳуқуқи рақобат

Мафҳум ва намуди рақобат. Мазмуни иқтисодӣ ва ҳуқуқии рақобат. Функсияҳои рақобат дар бозори иҷтимоии хоҷагидорӣ. Функсияи танзимнамоӣ. Функсияи тақсимнамоӣ. Функсияи назоратӣ. Воситаҳои қонунии мубориза рақобатнок. Нақши истеъмолкунанда дар рақобати байни соҳибкорон. Рақобати бовиҷдонона ва фаъолияти соҳибкорӣ: таносуби категорияҳҳои ҳуқуқӣ. Мафҳум ва намудҳои инҳисор ҳамчун хилофи рақобат. Инҳисори табиӣ. Инҳисори давлатӣ ва дигар намудҳои инҳисори қонунӣ. Инҳисори муваққатӣ. Танзими рақобат ҳамчун фаъолияти давлат. Ӯҳдадории конститутсионии давлат оид ба дастгирии рақобат. Сиёсати зидиинҳисории давлат: мақсад ва вазифаҳои он. Шаклҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии танзими рақобат дар низоми таъсирасонии давлат ба муносибатҳои бозоргонӣ. Ҳуқуқи соҳибкорон ба рақобати бовиҷдонона ва ҳифзи он. Тартиби

судӣ ва маъмурии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектони рақобат ва инҳисор. Нақши иттиҳодияҳои касбии соҳибкорон дар ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектони хоҷагидор дар доираи рақобат ва инҳисор.

### Мавзӯи 2. Бозор: мафҳум ва таркиб

Мафҳум ва таркиби бозор. Бозорҳои молӣ, молиявӣ ва дигар намудҳои он. Таркиби субъективии бозор, ҳудудҳои маҳсулотӣ ва ҷуғрофии он. Ҳолати субъектони хоҷагидор дар бозор. Ҳокимияти иқтисодӣ дар бозор ва критерияҳои ченкунии он. Оқибатҳои ҳуқуқии муайянкунии таркиби бозор. Мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозори мол: тартиби ошкоркунӣ, муайянкунӣ ва исботкунӣ. Критерияҳои сифатӣ ва миқдории ҳукумфармоӣ. Ҳиссаи субъекти хоҷагидор дар бозор. Оқибатҳои ҳуқуқии муайянкунии далели ҳукумфармоӣ дар бозор. Бозорҳои молиявӣ (бонкӣ, суғуртавӣ, лизингӣ ва дигар бозорҳои дорои хислати молиявӣ). Хусусиятҳои хоси муайянкунӣ ва исботкунии мавқет ҳукумфармоӣ дар бозорҳои молиявӣ.

### Мавзӯи 3. Мафҳум, низом ва вазифаҳои ҳуқуқи рақобат

Мафҳум ва низоми ҳуқуқи рақобат. Миханизми танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар доираи рақобат ва инҳисор. Низоми ҳуқуқи рақобат. Таносуби ҳуқуқи рақобат бо ҳуқуқи зидиинҳисорӣ. Хислати ҳуқуқии муносибатҳои дар доираи рақобат ва инҳисор бавуҷудомада. Муносибатҳое, ки дар раванди рақобат бавуҷуд меоянд. Муносибатҳо дар доираи инҳисор. Муносибатҳое, ки ҳангоми танзими рақобат бавуҷуд меоянд. Ғояҳои танзими ҳуқуқии рақобат ва инҳисор. Илм дар бораи танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар доираи рақобатва инҳисор. Ҳуқуқи рақобат ҳамчун соҳаи илми ҳуқуқӣ ва фани таълимӣ. Инкишофи илми ҳуқуқи рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон .

### Мавзӯи 4. Қонунгузории танзимкунандаи рақобат ва инҳисор

Қонунгузорӣ дар бораи бозори мол ва молиявӣ ҳамчун шакли ифодаёбӣ ва устуворнамоии меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба дастгирии рақобат. Амали меъёрҳо дар вақт. Амали меъёрҳо дар ҳудуд. Амали меъёрҳо нисбати шахсон. Қонунгузорӣ дар бораи инҳисори танзимшаванда (муваққатӣ, давлатӣ ва табиӣ) ҳамчун шакли ифодаёбӣ ва устуворнамоии меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба танзими муносибатҳо дар доираи инҳисор. Амали меъёрҳо дар вақт. Амали меъёрҳо дар ҳудуд. Амали меъёрҳо нисбати шахсон. Тасниф ва тадбиқӣ қонунгузории танзимкунандаи рақобат ва инҳисор. Қонунгузори дар бораи рақобат дар давлатҳои хориҷӣ.

### Мавзӯи 5. Субъектони рақобат

Тавсифи умумии субъектони муносибатҳо дар доираи рақобат ва инҳисор. Субъектони хоҷагидор – рақибони воқеӣ ва потенсиалӣ. Ҷабҳаҳои ҳуқуқии зиёдкунии шумораи субъектони рақобат. Дастгирии давлатии субъектони соҳибкории хурд. Субъектони хоҷагидори

мавқеи ҳукумфармоиро ишғолкунанда. Баҳодиҳии рафтори субъектони дорои мавқеи ҳукумфармоӣ. Шахсони бонуфуз ва гурӯҳи шахсон. Гурӯҳҳои молиявӣ-истеҳсолӣ, холдингӣ, иттиҳодияҳо (асотсатсия ва иттифоқҳо)-и субъектонихоҷагидор дар бозорҳои молӣ ва молиявӣ.

**Мавзӯи 6. Мақомоти зиддиинҳисорӣ**

Таърихи бавуҷудоии мақомоти зиддиинҳисорӣ дар Тоҷикистон . Мақомоти зидиинҳисории ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Тоҷикистон , ҳолати ҳуқуқии он. Мақомоти зиддиинҳисорӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ. Ҳолати ҳуқуқии мақомоти маҳалии зидиинҳисорӣ. Воситаҳои ҳуқуқӣ ва шаклҳои танзимии аз ҷониби мақомоти зидиинҳисорӣ истифодашаванда. Санадҳои мақомоти зидиинҳисорӣ. Ҳуқуқ ва ӯҳдадории мақомоти зидиинҳисорӣ оид ба баррасии парвандаҳои вайронкунии қонунгузории зидиинҳисорӣ. Тартиби шикоят намудан ва иҷро кардани қарори мақомоти ҷумҳуриявии мақомоти зидиинҳисорӣ(шӯъбаҳои ҳудудӣ). Мақомоти зидиинҳисорӣ аз болои мақомоти милии ИДМ. Мақомот ва ташкилотҳои дорои салоҳияти амалинамоии ҳифз ва танзими рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон . Ҳамкории онҳо бо мақомоти зидиинҳисории ҷумҳуриявӣ.

**Мавзӯи 7. Фаъолияти инҳисорӣ ва намудҳои он**

Мафҳум ва намудҳои фаъолияти инҳисорӣ. Фаъолияти инҳисорӣ ва озодии соҳибкорӣ. Фаъолияти инҳисорӣ ва инҳисор. Фаъолияти инҳисории субъектҳои хоҷагидор. Вайронкунии фардӣ ва дастаҷамъии қонунгузории зидиинҳисорӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор. Суистифода аз мавқеи ҳукумфармои дар бозор ва созишнома (амали мувофиқашуда) оид ба маҳдудкунии рақобат. Фаъолияти инҳисории мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳалӣ. Санадҳо (амалӣо) ва созишномаҳои маҳдудкунандаи рақобат. Фаъолияти зидирақобатии мақомоти ҳокимиятӣ дар бозори хизматрасонии молиявӣ.

**Мавзӯи 8. Рақобати бевиҷдонона**

Мафҳум, намудҳо ва шаклҳои рақобати бевиҷдонона. Рақобати бевиҷдонона ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ. Рақобати бевиҷдонона ва моликияти саноатӣ. Шаклҳои алоҳидаи рақобати бевиҷдонона. Паҳн намудани маълумоти бардурӯғ, носаҳеҳ ё таҳрифшуда, ки боиси зарар ба дигар субъектҳои хоҷагидор мегарданд ё обрӯи кориашонро паст мегардонад. Ба иштибоҳ гузоштани истеъмолкунандагон оиди хусусият, тарз, ҷои истеҳсол ва хосиятҳои истеъмолию сифатӣ ва миқдори мол ё истеҳсолкунандагони он, аз ҷумла рекламаи мол (кор, хизматрасонӣ), ки ба талаботи сифат ҷавобгӯ намебошад. Муқоисаи номуносиби молҳои истеҳсолшаванда ва фурӯхташавандаи як субъекти хоҷагидор бо субъектҳои хоҷагидори дигар (аз ҷумла дар ҷараёни тарғибу ташвиқ). Рекламаи номуносиб ҳамчун шакли

рақобати бевиҷдонона. Паразитировани. Рақобати бевиҷдонона дар бозори хизматрасонии молиявӣ.

**Мавзӯи 9. Назорати давлатии зиддиинҳисорӣ оид ба рақобати иқтисодӣ дар бозори мол ва молиявӣ**

Назорати тасис, азнавташкилкунӣ, барҳамдиҳии ташкилоти тиҷоратӣ ва иттиҳодияҳои онҳо дар бозори мол. Назорат оид ба риояи қонунгузории зидиинҳисорӣ ҳангоми хариди саҳмияҳо (ҳиссаҳо) дар сармояи оиномавии ташкилотҳои кишоварзӣ. Таснифи объектҳои назорат. Назорати зидиинҳисории пешакӣ ва минбаъда. Назорати давлатӣ оид ба марказонидани сармоя дар бозори молиявӣ. Воситаҳои ҳуқуқии назорати пешакӣ ва минбаъда. Таъмини иттилоотии фаъолияти мақомоти зидиинҳисорӣ. Демонополизатсияи иқтисодиёт. Тақсими маҷбурии (ҷудокунии) субъектҳои хоҷагӣ.

**Мавзӯи 10. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи рақобат дар бозори мол ва молиявӣ**

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва танзими рақобат. Мақомоти татбиққунандаи ҷавобгарӣ. Ҷавобгарии субъектони хоҷагӣ, роҳбарони онҳо ва шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳалӣ. Ҷавобгарии шахсони мансабдори мақомоти ҷумҳуриявии зиддиинҳисорӣ (шӯъбаҳои маҳалӣ).

**Мавзӯи 11. Ҳифзи соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рақобати номусоиди хориҷӣ**

Чораҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ оид ба ҳифзи соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон ва субъектҳои алоҳидаи хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъсири номусоиди рақобати хориҷӣ. Хусусиятҳои ҳуқуқии тадбиқи чораҳои махсуси ҳифзнамоӣ. Асосҳои ҳуқуқӣ ва ҳудуди истифодабарии чораҳои антидемпингӣ ва ҷубронӣ. Маҳдуд кардани воридот ва содироти мол. Тафтише, ки боиси андешидани чораҳои ҳифзи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалинамоии савдои берунаи молҳо.

**Мавзӯи 12. Субъектони инҳисор ва мақомоти танзимкунандаи фаъолияти онҳо**

Субъектони инҳисор ва хусусияти танзими фаъолияти онҳо. Мақомоти танзимкунандаи фаъолияти субъектони инҳисор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон : таърихи бавуҷудоӣ ва ҳолати ҳуқуқии онҳо. Мақомоти танзимкунандаи фаъолияти субъектони инҳисор дар низоми ҳокимияти давлатӣ. Хусусияти ҳолати ҳуқуқии мақомоти танзимкунандаи фаъолияти субъектони инҳисори табиӣ ва давлатӣ. Ҳуқуқ ва ӯҳдадории мақомоти танзимкунандаи фаъолияти субъектони инҳисор оид ба барасии парвандаҳо барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи инҳисор. Тартиби иҷрои қарори мақомоти танзимкунандаи фаъолияти субъектони инҳисор.

**Мавзӯи 13. Воситаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи инҳисор**

Механизми ҳуқуқии назорати давлатӣ дар соҳаи инҳисори табиӣ. Усулҳои танзими фаъолияти субъектони инҳисор. Назорати фаъолияти субъектони инҳисори давлатӣ. Хусусияти назорати давлатӣ дар соҳаи инҳисори мувақатӣ. Пешгирии вайронкунии қонунгузорӣ дар бораи инҳисори танзимӣ. Ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи инҳисор. Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ дар бораи инҳисор.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ТАВСИЯШУДА

### Доир ба мавзӯъи 1-3


1. Агаев Р. Г. Антимонопольная деятельность государства. Теоретические и организационно-правовые аспекты. М., 1994.
2. Варламова А. Законодательству о конкуренции Российской Федерации — десять лет. // ХП. 1997. № 11.
3. Гражданский кодекс РФ. Научно-практический комментарий. Часть первая. /Отв. ред. Т. Е. Абова, А. Ю. Кабалкин, В. П. Мозолин. М., 1996. С. 27-29.
4. Долан Э. Дж., Линдсей Д. Е. Рынок. Микроэкономическая модель. М., 1992. С. 193-267, 381-403.
5. Зайдель Х., Теммен Р. Основы учения об экономике. М., 1994. С. 133-150.
6. Закон о защите прав потребителей с практическим комментарием. М., 1996.
7. Иванов И. Д. Современные монополии и конкуренция. М., 1980.
8. Клейн Н. И. Антимонопольное регулирование предпринимательской деятельности. //В кн.: Предпринимательское право. М., 1993.
9. Макконнелл К. Р., Брю С. Л. Экономикс. Принципы, проблемы и политика. М., 1992. Т. 2. С. 221-238.
10. Олейник О. М. Конкуренция и монополизм. Опыт сравнительного анализа. //Вестник Верховного Суда СССР. 1991. № 12.
11. Парций Я. Е. Постатейный комментарий Закона РФ «О защите прав потребителей. М., 1996.
12. Плиев Э. Г. Отдельные проблемы гражданско-правового регулирования предпринимательства в России. М., 1998. С. 32-37.
13. Правовое регулирование деятельности акционерных обществ (акционерное право). / Под ред. Е. П. Губина. М., 1998. С. 85-92.
14. Развитие конкуренции на рынках РФ. // Вопросы экономики. 1995. № 11.
15. Рынок и антимонопольное законодательство России. М., 1992. С. 7.
16. Тотьев К. Ю. Конкуренция и монополии. Правовые аспекты регулирования. М., 1996. С. 12-43.
17. Тотьев К. Ю. Новое в российском законодательстве: аффилированные лица. IIХП. 1999. № 1.

18. Шамхалов Ф. И., Нечипоренко В. С. Государственная поддержка предпринимательства в России. М., 1997.

19. Юданов А. Ю. Конкуренция. Теория и практика. М., 1998. С. 12-46.

**Доир ба мавзӯъи 4**

1. Агаев Р. Г. Сравнительно-правовой анализ антимонопольного законодательства зарубежных стран и практики его применения. II Законодательство и экономика. 1995. № 3/4.

2. Еременко В. И. Законодательство о пресечении недобросовестной конкуренции. М., 1991.

3. Еременко В. И. Пресечение недобросовестной конкуренции в Великобритании. // Законодательство и экономика. 1997. № 15/16.

4. Еременко В. И. Антимонопольный закон Польши. // Законодательство и экономика. 1996. № 11/12.

5. Еременко В. И. Изменения в антимонопольном законодательстве Европейского Союза. // Законодательство и экономика. 1997. № 3/4.

6. Еременко В. И. Защита от недобросовестной конкуренции по законодательству Франции. Законодательство и экономика. 1997. №13/14.

7. Еременко В. И. Пресечение недобросовестной конкуренции в КНР. II Законодательство и экономика. 1996. № 5/6.

8. Еременко В. И. Венгерское законодательство о запрещении недобросовестной коммерческой практики. // Законодательство и экономика. 1996. № 9/10.

9. Жидков О. А. Законодательство о капиталистических монополиях. М., 1968.

10. Жидков О. А. США: антитрестовское законодательство на службе монополий. М., 1976.

11. Качалин В. В. Система антимонопольной защиты общества в США. М., 1997.

12. Клейн Н. И. Сотрудничество государств СНГ по вопросам антимонопольной политики и развития конкуренции. // Законодательство и экономика. 1995. № 3/4.

13. Мозолин В. П. Корпорации, монополии и право в США. М., 1966.

14. Недобросовестная конкуренция. Обзорная информация. Вып. 11. М., 1992.

15. Никеров Г. И. Положения права ЕС об антиконкурентных слияниях и приобретениях.//В кн.: Право Европейского Союза: правовое регулирование торгового оборота. / Под. Ред. В. В. Безбаха, А. Я. Капустина, В. К. Пучинского. М., 1999. С. 124-127.

16. Никеров Г. И. Защита свободной конкуренции антитрестовскими законами США. М., 1997.

17. Никитин С, Глазова Е., Степанова М. Антимонопольная политика в странах с развитой рыночной экономикой. // Вопросы

экономики. 1992. № 11.

18. Основы немецкого торгового и хозяйственного права. М., 1995. С. 63-85.

19. Основы права Европейского Союза. / Под ред. С. Ю. Кашкина. М., 1997. С. 247-257.

20. Право Европейского Союза: правовое регулирование торгового оборота. / Под. Ред. В. В. Безбаха, А. Я. Капустина, В. К. Пу-чинского. М., 1999. С. 115-136.

21. Свядосц Ю. И. Регулирование ограничительной хозяйственной практики в буржуазном праве. М., 1988.

22. США. Конституция и законодательные акты. / Под ред. О. А. Жидкова. — М., 1993. С. 401-422.

23. Тотьев К. Ю. Конкуренция и монополии. Правовые аспекты регулирования. М., 1996. С. 18.

**Доир ба мавзӯъи** 5-6

1. Комментарий к Конституции РФ. / Общ. ред. Ю. В. Кудрявцева. М., 1996. С. 45-50; 145-147.

2. Конституция РФ. Комментарий. / Под общ. ред. Б. Н. Топорнина, Ю. М. Батурина, Р. Г. Орехова. М., 1994. С. 198-201.

3. Лаптев В. В. Предпринимательское право: понятие и субъекты. М., 1997. С. 11-12.

4. Тотьев К. Ю. Правовой статус хозяйствующего субъекта, занимающего доминирующее положение на товарном рынке. // ХП. 1995. № 2.

5. Тотьев К. Ю. Конкуренция и монополии. Правовые аспекты регулирования. М., 1996. С. 19-66; 141-144.

6. Тотьев К. Ю. Антимонопольное право России. М., 1997. С. 5-9.

7. Тотьев К. Ю. Правовая поддержка конкуренции в России. // ГП. 1997. № 12.

8. Тотьев К. Ю. Предписание федерального антимонопольного

9. органа. // ХП. 1996. № 8.

10. Тотьев К. Ю. Правовые средства и формы антимонопольного регулирования. // Законодательство и экономика. 1995. № 15/16.

**Доир ба мавзӯъи** 7-8

1. Даурова Т. Монополистическая деятельность: понятие, виды, ответственность. // Закон. 1996. № 3.

2. Никифоров А. Изменения в Законе «О конкуренции...» и борьба с установлением монопольных цен. // Вопросы экономики. 1995. № 11.

3. Тотьев К. Ю. Конкуренция и монополии. Правовые аспекты регулирования. М., 1996. С. 67-121.

4. Тотьев К. Ю. Способы борьбы с недобросовестной конкуренцией. Закон. 1999. № 7.

5. Тотьев К. Ю. Банки должны конкурировать добросовестно. // ЭЖ. 1999. № 31.

**Доир ба мавзӯъи** 9

1. Тотьев К. Ю. Конкуренция и монополии. Правовые аспекты

регулирования. М.,,1996. С. 129-141.

**Доир ба мавзӯъи 10-11**

1. Олейник О. М. Запреты, пределы и санкции в антимонопольном законодательстве. // Закон. 1995. № 4.

2. Тотьев К. Ю. Конкуренция и монополии. Правовые аспекты регулирования. М., 1996. С. 150-154.

3. Тотьев К. Ю. Уголовная ответственность за монополистическую деятельность. // ХП. 1998. № 5.

4. Яни П. Антимонопольные нормы уголовного закона. // Закон. 1995. № 4

**Доир ба мавзӯъи 12-13**

1. Вильсон Дж., Цапелик В. Естественные монополии в России: история и перспективы развития системы регулирования. // Вопросы экономики. 1995. № 11.

2. Коломийченко О. В., Котелкина Е. И., Соколова И. П. Регулирование естественных монополий. СПб., 1995.

3. Комментарий к Федеральному закону «О естественных монополиях». II Законодательство и экономика. 1996. № 19/20.

4. Тотьев К. Ю. Конкуренция и монополии. Правовые аспекты регулирования. М., 1996. С. 154-176.

5. Тотьев К. Ю. Регулирование деятельности субъектов естественных монополий. Закон. 1997. № 12.

6. Тотьев К. Ю. Правовая поддержка конкуренции в России. // ГП. 1997. № 12.

7. Тотьев К. Ю. Правовое положение органов регулирования деятельности субъектов естественных монополий. // Труды МГЮА. № 3.

## ҚОНУНИ
## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
### Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба ҳимоя, дастгирии давлатӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, кафолатҳои давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро таъмин мекунад.

### БОБИ 1.
### МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ – фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба татбиқи чорабиниҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатӣ ва ҳудудии рушди соҳибкорӣ равона карда шудаанд;
- иттиҳодияҳои (ассосиатсияҳои) субъектҳои соҳибкорӣ – ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияташон, инчунин намояндагӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои соҳибкорӣ таъсис дода мешаванд;
- мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ (минбаъд – мақоми ваколатдори давлатӣ) – мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатие, ки сиёсати давлатиро оид ба дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ амалӣ менамояд;
- соҳибкорӣ – фаъолияти мустақилонаи аз рӯи таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст;
- субъектҳои соҳибкорӣ – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки мутобиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаштаанд;
- ҳимояи субъекти соҳибкорӣ – ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъекти соҳибкорӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- бизнес - инкубатор - шахси ҳуқуқие, ки соҳибкори навтаъсисро дар ҳама марҳилаҳои фаъолияташ дастгирӣ менамояд;
- шӯро оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – мақоми машваратию маслиҳатие, ки дар назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода мешавад.

Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Моддаи 3. Шаклҳои соҳибкорӣ

1. Давлат ҳама гуна шаклҳои соҳибкории пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуда, ба он иҷозат медиҳад.

2. Соҳибкорӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ;
- бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ;
- бо истифодаи меҳнати кироя;
- бе истифодаи меҳнати кироя.

Моддаи 4. Принсипҳои асосии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ

Ба принсипҳои асосии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд:

- қонуният;
- шаффофияти фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ;
- баробарҳуқуқии ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ;
- кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва таъмини фаъолияти озоди субъекти соҳибкорӣ;
- иштироки озоди субъектҳои соҳибкорӣ дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба манфиатҳои соҳибкорӣ дахлдошта;
- афзалияти рушди соҳибкории хурд ва миёна.

Моддаи 5. Субъектҳои соҳибкорӣ ва намудҳои он

1. Ба субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд:

- шахсони воқеӣ (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд), ки ба соҳибкорӣ машғуланд;

- шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои тиҷоратии резидент ва ғайрирезидент, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ), ки ба соҳибкорӣ машғуланд.

2. Субъектҳои соҳибкорӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

- хурд;
- миёна;
- калон.

3. Ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки гардиши маблағҳои онҳо дар як сол то 500000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ аст.

4. Ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба фаъолиятҳои зерин машғуланд, мансуб нестанд:

- истеҳсоли молҳои зераксизӣ;
- таҳвили алюминийи аввалия;
- фаъолияти бонкӣ ва суғуртавӣ;
- фаъолияти вобаста ба идоракунии фондҳои сармоягузорӣ;
- фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок.

5. Ба субъектҳои соҳибкории миёна шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки гардиши маблағҳои онҳо дар як сол аз 500000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ то 15000000 (понздаҳ миллион) сомонӣ аст.

6. Ба субъектҳои соҳибкории калон шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки гардиши маблағҳои онҳо дар як сол аз 15000000 (понздаҳ миллион) сомонӣ зиёд аст.

Моддаи 6. Бақайдгирии давлатии субъекти соҳибкорӣ

Бақайдгирии давлатии субъекти соҳибкорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» амалӣ карда мешавад.

Моддаи 7. Ҳуқуқҳои субъекти соҳибкорӣ

Субъекти соҳибкорӣ ҳуқуқ дорад:

- ҳамаи намуди фаъолияти соҳибкориеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ намояд;
- молу мулки корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намояд;
- дар фаъолияти хоҷагидории дигар субъектҳои соҳибкорӣ иштирок намояд;
- дар асоси шартнома аз молу мулки шахсони ҳуқуқӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд истифода барад;

- барномаи фаъолияти хоҷагидориро тартиб диҳад, таҳвилдиҳандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти истеҳсолӣ (кор, хизматрасонӣ) - ро интихоб намояд;

- барои эҳтиёҷоти давлат истеҳсоли мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) - ро дар асоси шартнома ба анҷом расонад;

- суратҳисобҳои бонкӣ кушояд, амалиёти муҳосибӣ ва дигар амалиёти молиявиро анҷом диҳад;

- фоидаи аз фаъолияти соҳибкорӣ бадастовардаро ихтиёрдорӣ ва истифода намояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз низоми таъминоти давлатии иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ истифода намояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии робитаҳои хориҷии иқтисодӣ бошад, бо амалиёти асъорӣ машғул гардад;

- нархи моли истеҳсолнамуда (кору хизматрасонии анҷомдода) - ро дар доираи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона муайян намояд;

- иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) субъектҳои соҳибкориро таъсис диҳад;

- дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок намояд;

- дар фаъолияти шӯроҳо оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ иштирок намояд;

- ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти давлатии назоратӣ барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки дар риоя накардани ҳуқуқи субъекти соҳибкорӣ гунаҳкоранд, муроҷиат намояд;

- оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ ба мақомоти судӣ муроҷиат намояд;

- ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъекти соҳибкорӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатии санҷишӣ ва назоратӣ анҷом дода мешавад, иштирок намояд ва бо маводи санҷишӣ бевосита ва ё тавассути намояндаи ваколатдори худ шинос шавад;

- дар хариди давлатии мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) бо шартҳои баробар бо дигар иштирокчиён мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намояд;

- аз дигар ҳуқуқҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, истифода барад.

Моддаи 8. Ӯҳдадориҳои субъекти соҳибкорӣ

Субъекти соҳибкорӣ ӯҳдадор аст:

- қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро риоя намояд;

- мутобиқати моли истеҳсолшуда (кору хизматрасонии анҷомдода)-ро ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;

- мутобиқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шаҳрвандоне, ки онҳоро ба сифати коргари кироя ба кор мегирад, шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ва ҳамчунин бо талаби коллективҳои меҳнатӣ шартномаи коллективӣ бандад;

- барои муттаҳидшавии коргарони кироя ба иттифоқҳои касаба ва мақомоти дигари намояндагии онҳо бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии худ монеъ нашавад;

- ба коргарони кироя на кам аз андозаи ҳадди ақалли музди меҳнати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнат пардохт намояд;

- оид ба таъмини ҳифзи меҳнат, бехатарии экологӣ, санитарию эпидемиологӣ ва техникаи бехатарӣ дар асоси меъёрҳои муқарраргардида тадбирҳо андешад;

- андозҳоро сари вақт ва пурра пардохт намояд;

- ҳангоми муфлисшавӣ иҷрои ӯҳдадориҳои худро дар назди қарздиҳандагон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;

- ба рақобати носолим ва фаъолияти инҳисорӣ роҳ надиҳад;

- пешбурди дафтари бақайдгирии санҷиши фаъолияти субъекти соҳибкориро таъмин намояд;

- барои амалигардонии намуди соҳибкорие, ки иҷозатномаро талаб менамояд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома гирад;

- дигар ӯҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, иҷро намояд.

Моддаи 9. Ҳифзи сирри тиҷоратӣ ва иттилооти махфӣ дар бораи субъекти соҳибкорӣ

Сирри тиҷоратӣ ва иттилооти махфӣ дар бораи субъекти соҳибкорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад.

Моддаи 10. Санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ

Санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 2.
## ТАНЗИМИ ҲИМОЯ ВА ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СОҲИБКОРӢ

Моддаи 11. Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ

1. Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад.

2. Дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар шакли ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молумулкӣ, молиявӣ, иттиллоотӣ ва дигар шаклҳо амалӣ шуда, ба беҳтар намудани шароити соҳибкорӣ ба низоми зерин асос меёбад:

- бақайдгирии соҳибкорӣ;
- андозбандӣ;
- иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ;
- санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ;
- бақайдгирии молу мулк;
- ҳисоботдиҳӣ;
- танзими зиддиинҳисорӣ;
- содда намудани амалиёти воридотию содиротӣ бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;
- қарздиҳӣ;
- мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ.

Моддаи 12. Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъекти соҳибкорӣ

Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъекти соҳибкорӣ бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- сода намудани тартиби бақайдгирии субъекти соҳибкорӣ;
- дар асоси муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд кардани санҷиши фаъолияти субъекти соҳибкорӣ;
- ба суд шикоят овардани мақоми ваколатдори давлатӣ аз амали (беамалии) шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъекти фаъолияти соҳибкориро халалдор мекунанд;
- ҳисоб кардани собиқаи меҳнатии соҳибкори инфиродӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- истифодаи дигар усулҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

Моддаи 13. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ мансубанд:

- назорати татбиқ намудани сиёсати давлатӣ оид ба дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ;
- муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ;
- қабули барномаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ;

- қабул ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзим-кунандаи фаъолияти соҳибкорӣ;

- таъсис додани Фонди дастгирии давлатии соҳибкорӣ;

- таъсис додани бизнес – инкубаторҳо;

- муайян намудани ҳаҷми маблағҳои буҷети давлатӣ барои татбиқи барномаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорон, ташкилотҳои байналмилалӣ (грантдиҳандагон) оид ба масъалаҳои дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ;

- амалӣ намудани дигар салоҳияте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Моддаи 14. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ

Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дохил мешаванд:

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ оид ба дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ;

- таҳия ва татбиқи барномаҳои дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ;

- таҳлили муҳити соҳибкорӣ, омӯзиш ва пешниҳод намудани таклифҳо оид ба рушди соҳибкорӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мусоидат ба таъсисёбӣ ва рушди инфрасохтори соҳиб-корӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- назорати татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзим-кунандаи фаъолияти соҳибкорӣ;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи маркзии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба рушди соҳибкорӣ;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти шӯрои назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- пешниҳоди таклифҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси бизнес-инкубаторҳо;

- мусоидат намудан ба иштироки соҳибкорон дар татбиқи барномаҳои давлатии рушди инноватсионӣ, сармоягузорӣ ва сохтмонӣ;

- фароҳам овардани шароит ба субъектҳои соҳибкорӣ барои иштирок намудан дар бозори байналмилалии мол (кор, хизматрасонӣ);

- ҳамкории байналмилалӣ оид ба рушди соҳибкорӣ;

- тарғиби сиёсати давлатӣ оид ба рушд ва дастгирии соҳибкорӣ;

- ҳамоҳангсозии барномаҳои рушд ва дастгирии соҳибкорӣ;

- мусоидат ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои рушди соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтинги байналмилалӣ;

- ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкорӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои рақобати солим;

- таҳия ва тасдиқи шаклҳои ҳисоботи идоравӣ, варақаи санҷиш, меъёрҳои муайян кардани дараҷаи хавфнокии фаъолияти соҳибкорӣ ва мувофиқаи нақшаҳои санҷишии мақомоти санҷишӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Моддаи 15. Шӯро оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

1. Шӯро оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ (минбаъд - Шӯро) барои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ тавсия ва пешниҳодҳоро оид ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омода месозад.

2. Тартиби интихоби аъзои Шӯро тибқи Низомномаи Шӯро муайян карда мешавад.

3. Низомнома ва ҳайати Шӯро аз ҷониби Раиси Шӯро тасдиқ карда мешавад.

Моддаи 16. Бизнес- инкубаторҳо

1. Бизнес – инкубаторҳо барои рушд ва дастгирии соҳибкории хурд ва миёна таъсис дода мешаванд. Шакли ташкилию ҳуқуқии бизнес – инкубаторҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Вазифаҳои асосии бизнес - инкубаторҳо аз инҳо иборат мебошанд:

- ташкили хизматрасонии босифат ва касбӣ ба субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи навтаъсис дар ҳама марҳилаҳои фаъолияташон тавассути дастгирии методӣ, иттилоотӣ, машваратӣ, омӯзишӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамчунин рушди ҳамкорӣ байни субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна;

- ба иҷора додани биноҳо ба субъектҳои соҳибкорӣ бо шартҳои имтиёзнок;

- баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва маърифатнокии ҳуқуқии соҳибкорони хурд ва миёна;

- ташкили ҳамкории субъектҳои соҳибкории хурду миёна бо мақомоти давлатӣ;

- муайян ва ҳал кардани масъалаҳои ба миёномада дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;

- додани маслиҳатҳо оид ба масъалаҳои андозбандӣ;

- хизматрасонӣ доир ба тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ ва андозӣ;

- хизматрасонии таълимӣ оид ба таҳияи барномаи рушди тиҷорати соҳибкори навтаъсис;

- амалӣ намудани дигар вазифаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Моддаи 17. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ

Ба ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дохил мешаванд:

- таҳия ва татбиқи барномаи ҳудудии дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ;

- таъсиси шӯроҳои ҳудудӣ оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ;

- таъмини рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- муайян намудани ҳаҷми маблағҳо аз буҷети маҳаллӣ барои татбиқи барномаҳои ҳудудии рушди соҳибкорӣ;

- қабули қарорҳои дахлдор доир ба дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ мутобиқи барномаи ҳудудии рушди соҳибкорӣ.

Моддаи 18. Самтҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкорӣ

Дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар самтҳои асосии зерин амалӣ мегардад:

- такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои соҳибкорӣ;

- имконияти озодона амалӣ намудани ҳамаи намудҳои соҳибкорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст;

- ташкили марказҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ, бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва дигар шаклҳои инфрасохтори соҳибкорӣ;

- таъмини методию таълимӣ, илмию методӣ ва иттилоотии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз ҳисоби Фонди дастгирии давлатии соҳибкорӣ;

- ташкили фаъолияти шӯроҳо оид ба рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.

Моддаи 19. Дастгирии давлатии молиявии соҳибкорӣ

Дастгирии давлатии молиявии соҳибкорӣ тавассути пешниҳоди грантҳои давлатӣ барои ташкил ва татбиқи лоиҳаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, татбиқи барномаҳои сармоягузорӣ,

ва қисман кафолатдиҳии қарзҳои субъектҳои соҳибкорӣ аз ҳисоби Фонди дастгирии давлатии соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад.

Моддаи 20. Барномаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи ҳаҷми маблағгузориҳои буҷетӣ барномаҳои мақсадноки дастгирии давлатии соҳибкориро таҳия мекунанд.

2. Барномаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда мешаванд.

## БОБИ 3.
## КАФОЛАТҲОИ ДАВЛАТИИ ҲИМОЯИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ

Моддаи 21. Кафолати давлатии ҳимояи ҳуқуқии моликияти субъекти соҳибкорӣ

1. Субъекти соҳибкорӣ дорои ҳуқуқи моликият буда, он аз ҷониби давлат ҳимоя карда мешавад.

2. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

3. Молу мулки субъекти соҳибкориро барои эҳтиёҷоти давлатӣ фақат дар асоси қонун ва розигии ӯ бо пардохти арзиши пурраааш ё пешниҳоди молу мулки баробарарзиш гирифтан мумкин аст.

4. Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки дар натиҷаи амали (беамалии) ғайриқонунии шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ё шахсони алоҳида ба субъекти соҳибкорӣ расонида мешавад, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон руёнида мешавад.

Моддаи 22. Кафолат аз дахолат ба фаъолияти субъекти соҳибкорӣ

1. Дахолат, амали (беамалии) ғайриқонунии шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти давлатии назоратӣ ва санҷишӣ, инчунин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба фаъолияти хоҷагидории субъекти соҳибкорӣ манъ аст.

2. Ба маҳдудкунии ҳуқуқҳои субъекти соҳибкорӣ барои иштирок дар хариди давлатии мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) роҳ дода намешавад.

## **БОБИ 4.**
## **МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

Моддаи 23. Тартиби ҳалли баҳсҳо

Баҳсҳо оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи суд баррасӣ карда мешаванд.

Моддаи 24. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 25. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2002 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, қ.1 мод. 293; с. 2005, №7, мод. 400; с. 2007, №5, мод. 364; с. 2008, №12, қ.2, мод. 997; с. 2010, №12, қ.1, мод. 817; с. 2011, №3, мод. 168) аз эътибор соқит дониста шавад.

Моддаи 26. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН
ш. Душанбе, 26 июли соли 2014, № 1107

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2006, №7, мод. 346; соли 2008, №10, мод.811 , Қонуни ҶТ аз 28.12.12с. №913)

*Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2006, № 343 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2006, № 6, моддаи 301) қабул гардидааст.*

*Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми июли соли 2006, № 227 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2006, № 7, моддаи 361) ҷонибдорӣ гардидааст.*

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мақсади Қонун

Қонуни мазкур асосҳои ташкиливу ҳуқуқии маҳдудкунӣ ва қатъ кардани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдононаро муайян намуда, барои барпо намудан ва самарабахш амал кардани бозорҳои мол шароит муҳайё менамояд.

### Моддаи 2. Доираи татбиқи Қонун

Қонуни мазкур муносибатҳоеро фаро мегирад, ки ба рақобат дар бозорҳои молии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Дар ин муносибатҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот иштирок мекунанд. Қонун инчунин дар ҳолатҳое истифода бурда мешавад, ки амалиёт ва созишномаҳои аз тарафи шахсони мазкур ва мақомоти номбаршуда берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутаносибан содир ё басташуда боиси маҳдудияти рақобат мешаванд ва ё шуда метавонанд, ё худ дар бозорҳои молии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси дигар оқибатҳои манфӣ мешаванд.

Қонуни мазкур ба муносибатҳои вобаста ба объектҳое, ки ба ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ алоқаманд мебошанд, паҳн намегардад, ғайр аз ҳолатҳое, ки созишномаҳои ба истифодабарии онҳо ба маҳдудкунии рақобат нигаронида шуда бошанд.

Муносибатҳои вобаста ба фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдононаи бозорҳои хизматрасонии молиявӣ, ғайр аз ҳолатҳое, ки

муносибатҳои дар ин бозорҳо пайдошаванда ва рақобати бозорҳои мол таъсир мерасонанд, бо дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

Моддаи 3. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

-мол- объекти ҳуқуқҳои гражданӣ ( аз ҷумла кор, хизматрасонӣ), ки барои фурӯш, мубодила ё навъи дигари ба муомилоти гражданӣ баровардани он муқаррар шудааст;

-хизматрасонии молиявӣ- хизматрасонии бонкӣ, хизматрасонии суғуртавӣ, хизматрасонӣ ва хариду фурӯш дар бозори коғазҳои қиматнок, хизматрасонии лизингӣ, инчунин хизматрасоние, ки бо ҷалб намудан ва (ё) ҷойгиронидани маблағҳои пулии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста мебошад;

-молҳои баҳамивазшаванда- гурӯҳи молҳое, ки аз рӯи таъинот, тарзи истифодабарӣ, тавсифи сифатӣ ва техникӣ, нарх ва дигар хусусиятҳояшон қиёспазиранд ва харидор аслан онҳоро бо ҳамдигар дар ҷараёни истеъмол ( аз ҷумла истеҳсолӣ) иваз карда метавонад;

-бозори мол- соҳаи муомилоти моле, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё қисмати он молҳои ивазкунанда ё баҳамивазшаванда надорад, ки вобаста ба имконияти иқтисодии харидор барои ба даст овардани мол дар қаламрави дахлдор ва мавҷуд набудани чунин имконият берун аз ҳудуди он муайян мегардад;

-субъектҳои хоҷагидор- шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ, иттиҳодияҳои онҳо, инчунин шаҳрвандоне, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияти соҳибкорӣ мекунанд;

-рақобат- мусобиқаи озоди субъектҳои хоҷагидор, ки амалиёти мустақилонаи онҳо имконияти таъсиррасонии яктарафаи ҳар кадоми онҳоро ба шароити умумии муомилоти мол дар бозори моли дахлдор ба таври самарабахш маҳдуд менамояд;

-шартҳои табъизӣ (дискриминатсионӣ)- шартҳои дохил шудан ба бозори мол, шартҳои иваз кардан, истеъмол, ба даст овардан, истеҳсол, фурӯш, интиқоли мол, ки як ё якчанд субъектҳои хоҷагидорро дар муқоиса бо дигар субъектҳои хоҷагидор ба мавқеи нобаробар мемонанд;

-рақобати бевиҷдонона- ҳама гуна амали субъектҳои хоҷагидор, ки барои ба даст овардани афзалият дар фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст ва хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва метавонанд ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ- рақибон зарар расонад ё расонидааст ё обрӯи кории онҳоро паст мегардонад;

-мавқеи ҳукмфармоӣ- мавқеи махсуси як ё якчанд субъектҳои хоҷагидор дар бозори моле, ки ивазкунанда ё молҳои баҳамивазшаванда (минбаъд- моли муайян) надорад, ҳамчунин ба вай

(онҳо) имконият медиҳад ба шарту шароити умумии муомилот дар бозори моли дахлдор таъсири ҳалкунанда расонад ё дохил шудани дигар субъектҳои хоҷагидорро ба бозор мушкил гардонад.

Мавқеи ҳукмфармоӣ инчунин мавқеи субъекти хоҷагидоре шуморида мешавад, ки ҳиссаи он дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз зиёдро ташкил диҳад, ғайр аз ҳолатҳое, ки субъекти хоҷагидор исбот кунад, ки сарфи назар аз баланд гардидани андозаи нишондодашуда мавқеи он дар бозор ҳукмфармо намебошад.(ҚҶТ аз 28.12.12с №913)

Мавқеи субъекти хоҷагидор дар сурате низ мавқеи ҳукмфармоӣ шуморида мешавад, ки ҳиссаи он дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз камро ташкил диҳад, агар ин ҷиҳат аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар асоси устувории ҳиссаи субъекти хоҷагидор дар бозор, андозаи нисбии ҳиссаи ба рақобаткунандагон тааллуқдошта ва (ё) имконияти дар бозор дохил гардидани рақибони нав ё дигар меъёри бозори молиро тавсифкунанда, муқаррар гардида бошад. Мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор дар ҳолате эътироф намешавад, ки агар ҳаҷми маҳсулот дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз зиёд набошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар поён зикр гардидаанд.

Мавқеи ҳар кадоме аз якчанд субъектҳои хоҷагидор ҳукмфармо эътироф карда мешавад, агар нисбати онҳо шартҳои зайл иҷро гардида, субъектҳои хоҷагидор исбот накардаанд, ки мавқеи онҳо ҳукмфармо намебошад: (ҚҶТ аз 28.12.12с №913)

-маҷмӯи ҳиссаи на бештар аз се субъектҳои хоҷагидор, ки ҳиссаи хар кадоми онҳо аз ҳиссаи дигар субъектҳои хоҷагидор дар ин бозор аз панҷоҳ фоиз зиёдтар аст. Агар ҳиссаи ҳатто яке аз субъекти хоҷагидори зикршуда аз панҷ фоиз камтар бошад, қоидаи мазкур татбиқ намегардад;

-маҷмӯи ҳиссаи на бештар аз панҷ субъектҳои хоҷагидор, ки ҳиссаи ҳар кадоми онҳо аз ҳиссаи дигар субъектҳои хоҷагидор дар ин бозор аз ҳафтод фоиз баландтар аст. Агар ҳиссаи ҳатто яке аз субъектҳои хоҷагидори зикршуда аз панҷ фоиз камтар бошад, қоидаи мазкур татбиқ намегардад;

-андозаи нисбии ҳиссаи чунин субъектҳои хоҷагидор устувор аст ё ба ҳамин бозори мол дастрасии рақибони нав маҳдуд мебошад;

-моли аз ҷониби чунин субъектҳои хоҷагидор фурӯхташаванда (харидашаванда) наметавонад дар раванди истеъмол (аз ҷумла истеҳсолот) ба моли дигар иваз карда шавад, болоравии нархи мол боиси пастравии талаботи хоси он шуда наметавонад.

Мавқеи субъекти хоҷагидор- субъекти монополияи табиӣ дар бозори мол, ки дар ҳолати инҳисори табиӣ қарор дорад, ҳукмфармо мебошад;

-фаъолияти инҳисорӣ- дар бозорҳои мол аз мавқеи ҳукмфармоии худ сӯиистифода кардани субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон),

бастани созишнома ё иҷрои амалҳои мувофиқашудае, ки бо қонунгузории зиддиинҳисорӣ манъ карда шудаанд;

-нархи баланди инҳисории мол- нархи моли муқарраркардаи субъекти хоҷагидори дорои мавқеи ҳукмфармо дар бозори мол ва хеле баландтар аз нархи дар шароити рақобат дар бозори моли муқоисашаванда муқаррарнамудаи субъектҳои хоҷагидоре мебошанд, ки бо харидорони (фурӯшандаҳои) мол ба як гурӯҳи шахсон шомил нестанд ва дар чунин бозори моли муқоисашаванда мавқеи ҳукмфармо надоранд ё нарх аз маблағи хароҷоти аз нигоҳи иқтисодӣ асоснокгардида ва даромади оқилонаи он ҳангоми истеҳсол ва фурӯши чунин мол бештар аст. Нархи моле, ки субъекти монополияи табиӣ дар ҳудудҳои тарифи ба чунин мол муайяннамудаи мақомоти танзимкунандаи монополияи табиӣ муқаррар кардааст, нархи баланди инҳисорӣ буда наметавонад;

-нархи пасти инҳисории мол- нархи моли муқарраркардаи субъекти хоҷагидори дорои мавқеи ҳукмфармо дар бозори мол, ки аз маблағи хароҷоти аз нигоҳи иқтисодӣ асоснокгардида ва даромади оқилонаи он ҳангоми истеҳсол ва фурӯши чунин мол камтар аст ё нархи моли дар бозори мол муқаррарнамудаи субъекти хоҷагидори дар бозори мол мавқеи ҳукмрон дошта, ки аз нархи дар шароити рақобат дар чунин бозори моли муқоисашаванда муайяннамудаи субъектҳои хоҷагидоре, ки бо харидорони (фурӯшандаҳои) мол ба як гурӯҳи шахсон шомил намебошанд ва дар чунин бозори моли муқоисашаванда мавқеи ҳукмфармо надоранд, пасттар мебошад;

-муқоисаи номуносиб- муқоиса ё мулоҳизае, ки рақиби алоҳида ё рақибонро умуман, инчунин молҳои истеҳсолшаванда ё фурӯхташавандаро нисбати моли субъектҳои хоҷагидори дигар бадном мекунад;

-хариди саҳмияи (ҳиссаи) сармояи оинномавии субъектҳои хоҷагидор- харид ё ба даст овардани дигар имконияте, ки мустақилона ё ба воситаи намояндагон дорои ҳуқуқи овозе, ки ба туфайли шартномаҳои идоракунии боэътимод, фаъолияти якҷоя, супориш, бастани дигар аҳдҳо дар саҳмияҳо (ҳиссаҳо) ифодаи худро меёбад, амалӣ мегардад;

-амали мувофиқашудаи субъектҳои хоҷагидор, ки рақобатро маҳдуд менамояд- амали субъектҳои хоҷагидор дар бозори мол, ки натиҷаи иқтисодии он танҳо ба шарте барои ҳар яке аз чунин субъектҳои хоҷагидор фоидаовар хоҳад буд, ки агар дигар субъектҳои хоҷагидор ба таври шабеҳ ё бо усули барои ҳар яке аз чунин субъектҳои хоҷагидор пешакӣ маълум амал кунанд ва агар чунин амал боиси иҷозат надодан, маҳдуд сохтан ё барҳам додани рақобат дар бозори мол гардидааст ё мегардад. Амали субъектҳои хоҷагидор ҳангоме мувофиқашуда эътироф мегардад, ки он ба амали дигар субъектҳои хоҷагидор алоқаманд буда, ба тағйирёбии шароити

умумии муомилоти мол, ки ба андозаи баробар ба субъектҳои хоҷагидор дар бозори дахлдори мол таъсир мерасонад, вобаста набошад;

-ҳамоҳангсозии фаъолияти иқтисодӣ- мутобиқкунонии амали субъектҳои хоҷагидор аз тарафи шахси сеюм, ки ба ягон гурӯҳи шахсони ҳамин гуна субъектҳои хоҷагидор дохил намебошад;

-гурӯҳи шахсон- гурӯҳи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо як ё якчанд шартҳои зерин иҷро мегарданд:

шахс ё якчанд шахс якҷоя дар натиҷаи созиш (амалиёти мувофиқашуда) ҳуқуқ доранд мустақим ва ғайримустақим (аз ҷумла дар асоси шартномаҳои хариду фурӯш, идоракунии боэътимод, фаъолияти якҷоя, супориш ё содир кардани дигар аҳдҳо) зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳисоби умумии овозҳоро, ки ба саҳмияҳо (ҳиссаҳо) мувофиқ меоянд ва сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ намоянд. Дар ин ҳолат таҳти ихтиёрдории ғайримустақим овозҳои шахси ҳуқуқӣ, имконияти ихтиёрдории воқеии ӯ ба воситаи шахсони сеюм, ки нисбати онҳо шахси якум ҳамаи он ҳуқуқу салоҳияти дар боло номбаршударо дорад, фаҳмида мешавад;

шахс ё якчанд шахс дар асоси шартнома ё бо роҳи дигар имконият пайдо мекунанд, ки қарори қабулшавандаи дигар шахс ё шахсон, аз ҷумла шартҳои аз тарафи дигар шахс ё шахсон ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкориро муайян намоянд ё салоҳияти мақомоти иҷроияи дигар шахс ё шахсонро дар асоси шартнома ба ҷо оваранд;

шахс ҳуқуқи таъин намудани мақомоти иҷроияи ягона ё зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати мақомоти иҷроияи дастаҷамъии шахси ҳуқуқӣ ё бо пешниҳоди ӯ зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъии шахси ҳуқуқиро дорад;

шахси воқеӣ метавонад салоҳияти мақомоти ягонаи иҷроияи шахси ҳуқуқиро иҷро намояд;

худи ҳамон шахсони воқеӣ, ҳамсарони онҳо, падарону модарон, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳо ё шахсоне, ки ҳамон шахси ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст, зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати мақомоти иҷроияи дастаҷамъӣ ё шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъии ду ва зиёда шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Мақомоти идоракунии дастаҷамъии ду ва зиёда шахсони ҳуқуқӣ инчунин мақомоте мебошад, ки бо пешниҳоди ҳамон шахсони ҳуқуқӣ зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъӣ интихоб мешавад;

худи ҳамон шахсони воқеӣ, ҳамсарони онҳо, падарону модарон, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳо ё шахсони ҳуқуқӣ мустақилона ё ба воситаи намояндаҳо (вакилон) дар маҷмӯъ ва зиёда аз панҷоҳ фоизи овозҳое, ки ба саҳмияҳо (ҳиссаҳо) мувофиқ меоянд ва сармояи

оинномавии ҳар кадоми аз ду ва зиёда шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан доранд;

шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ мустақилона ё ба воситаи намояндаҳо (вакилон) дар маҷмӯъ зиёда аз панҷоҳ фоизи овозҳоеро, ки ба саҳмияҳо (ҳиссаҳо) мувофиқ меоянд ва сармояи оинномавии шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд ва худи он шахсони воқеӣ- ҳамсарони онҳо, падарону модарон, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳо, ки ҳамон як шахси ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст, зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати мақомоти иҷроияи дастаҷамъӣ ё шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъии дигар шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан доранд.

-шахсони бонуфуз- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки қодиранд ба субъектҳои хоҷагидор, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ мегардонанд, таъсир расонанд.

Инҳо шахсони бонуфузи шахси ҳуқуқӣ шуда метавонанд:

-узви шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъӣ, узви мақомоти иҷроияи дастаҷамъии он, инчунин шахсе, ки салоҳияти мақомоти ягонаи иҷроияи онро амалӣ мегардонад;

-шахсоне, ки ба гурӯҳи ба шахси ҳуқуқӣ тааллуқдошта дохил мешаванд;

-шахсоне, ки ҳуқуқи дар маҷмӯъ зиёда аз бист фоизи овозҳоеро, ки ба саҳмияҳо (ҳиссаҳо) мувофиқ меоянд ва сармояи оинномавии ҳамин шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ мекунанд. Агар шахси ҳуқуқӣ иштирокчии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ бошад, он вақт ба қатори шахсони бонуфузи вай аъзои шӯрои директорон (шӯрои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъӣ, инчунин шахсоне, ки салоҳияти мақомоти ягонаи иҷроияи иштирокчиёни гурӯҳи саноатию молиявиро амалӣ мегардонанд, дохил мешаванд.

Шахсони бонуфузи шахси воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ мегардонанд, шуда метавонанд:

-шахсоне, ки ба гурӯҳи ба шахси воқеӣ тааллуқдошта дохил мешаванд;

-шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳайати он шахси воқеии мазкур ҳуқуқ дорад ба зиёда аз бист фоизи маҷмӯи умумии овозҳо, ки ба саҳмияҳо (ҳиссаҳо) мувофиқ меоянд ва сармояи оинномавии ҳамин шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ намояд.

Дар Қонуни мазкур гурӯҳи шахсон ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагидор ҳисобида мешаванд.

## БОБИ 2. ФАЪОЛИЯТИ ИНҲИСОРӢ

### Моддаи 4. Сӯиистифодаи субъекти хоҷагидор дар бозор

Амали (беамалии) субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон), ки боиси роҳ надодан, маҳдуд сохтан, барҳам додани рақобат ва (ё) халалдор

намудани манфиати дигар субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) ё шахсони воқеӣ гаштаанд ё мегарданд, манъ аст, аз ҷумла чунин амал (беамалӣ):

-аз муомилот гирифтани молҳо, ки мақсад ва натиҷааш ташкил ё дастгирӣ намудани камчинӣ дар бозор ё баланд бардоштани нарх мебошад;

-ба зиммаи аҳли шартнома бор кардани талаботе, ки барояш муфид нест ва ба мавзӯи шартнома (беасос додани воситаҳои молиявӣ, амволи дигар, ҳуқуқи амволӣ, қуваи корӣ, ризоияти бастани шартнома фақат бо шарти ба он илова кардани муқаррарот оид ба молҳое, ки аҳли шартнома, аз ҷумла истеъмолкунанда, ба онҳо ҳавасманд нест ва ғайра) дахл надорад;

-ба шартнома дохил намудани шартҳои табъизӣ, ки аҳли шартномаро нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидор дар вазъияти нобаробар мегузорад;

-монеият кардан ба субъектҳои хоҷагидори дигар ҳангоми дохил шудан ба бозор (баромадан аз бозор);

-вайрон кардани қоидаи нархгузорӣ, ки дар асоси санади меъёрӣ муқаррар шудааст;

-муқаррар ва дастгирӣ кардани нархҳои баланди (пасти) инҳисорӣ;

-ба харидорони ҳамон як мол муқаррар намудани нархҳои (тарифҳои) гуногуне, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, техникӣ ва ғайра беасос мебошанд;

-фароҳам овардани шароити табъизӣ (дискриминатсионӣ);

-беасос кам ё қатъ кардани истеҳсоли молҳое, ки ба онҳо истеъмолкунандагон талабот доранд ва ё онҳоро фармудаанд агар имконияти безарар истеҳсол кардани онҳо мавҷуд бошад;

-беасос даст кашидан аз бастани шартнома бо харидорони (супоришдиҳандагони) алоҳида, агар имконияти истеҳсол ва таҳвили моли дахлдор мавҷуд бошад.

Моддаи 5. Созишномаҳои (амалиёти мувофиқашудаи) субъектҳои хоҷагидоре, ки рақобатро маҳдуд мекунанд

Ба субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори як мол (молҳои баҳамивазшаванда) амал мекунанд, бастани шартномаҳо, аҳдҳои дигар, созишномаҳо (минбаъд- созишномаҳо) ё анҷом додани амали мувофиқашуда манъ аст, ки боиси натиҷаҳои зайл мегарданд ё хоҳанд гашт:

-муқаррар намудани (дастгирии) нархҳо (тарифҳо), тахфиф, изофапулӣ (иловапулӣ), нархҳои иловашуда, хароҷот, фоида ё ҳама гуна амалҳои дигар;

-баланд бардоштан, паст кардан ё тағйир надодани нарх дар музоядаҳо ва савдо;

-дар хусуси муштарак ворид гардидан ба бозор, баромадан аз бозор, тақсими бозор тибқи аломатҳои ҳудудӣ, оид ба ҳаҷми фурӯш ё харид мутобиқи навъҳои молҳои фурӯхташаванда ё вобаста ба доираи фурӯшандаҳо ё харидорон (фармоишгарон);

-маҳдуд сохтани ҳуқуқи ворид шудан ба бозор ё аз он бартараф намудани дигар субъектҳои хоҷагидор ба сифати фурӯшандагони моли муайян ё харидорони (фармоишгарони) он;

-маҳдуд сохтани истифодаи иттилоот ё аз иттилооти ҳолати бозор маҳрум намудани субъектҳои хоҷагидор;

-шартнома набастан бо фурӯшандагон ё харидорони (фармоишгарони) муайян;

-ба зиммаи аҳли шартнома вогузоштани талаботе, ки барояш судманд ва ба мавзӯи шартнома алоқаманд намебошад (талаби беасоси додани воситаҳои молиявӣ, амволи дигар, ҳуқуқҳои амволӣ, ризоияти бастани шартнома танҳо бо шарти ба он ворид кардани муқаррарот оид ба молҳое, ки аҳли шартнома ба онҳо ҳавасманд нест ва ғайра);

-барои харидорони ҳамон як мол муқаррар намудани нархҳои (тарифҳои) гуногуне, ки аз нигоҳи иқтисодӣ, техникӣ ва ғайра беасос мебошанд;

-ихтисор ё қатъ кардани истеҳсоли молҳое, ки ба онҳо эҳтиёҷ ё фармоиш вуҷуд дорад, ҳангоми мавҷудияти имконияти истеҳсоли безарари онҳо;

-муҳайё сохтани шароит барои узвият (иштирок) дар иттиҳодияҳои касбӣ ва дигар иттиҳодияҳо, ки метавонад боиси роҳ надодан, маҳдуд сохтан ё бартараф намудани рақобат гардад.

Ба субъектҳои хоҷагидор, ки дар бозори як мол амал мекунанд, бастани созишномаҳо ё анҷом додани амали мувофиқашуда, ки дар натиҷаи он роҳ надодан, маҳдуд сохтан, бартараф намудани рақобат ё халалдор кардани манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор ҷой доранд ё ҷой дошта метавонанд, манъ аст.

Ба субъектҳои хоҷагидори дар бозорҳои моли дахлдор байни худ рақобат надоштае, ки мол (молҳои ҳамдигарро ивазкунанда) мегиранд (харидорони имконпазир) ва мол фароҳам меоваранд (фурӯшандагони имконпазир) бастани созишномаҳо ё анҷом додани амали мувофиқашуда манъ аст, агар дар натиҷаи бастани чунин созишнома ё анҷом додани амали мувофиқашуда роҳ надодан, маҳдуд сохтан ё бартараф намудани рақобат ҷой дошта бошанд ё ҷой дошта тавонад.

Ба иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо), субъектҳои хоҷагидор амалӣ гардонидани ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ, ки дар натиҷаашон рақобат маҳдуд гаштааст ё метавонад маҳдуд гардад, манъ аст.

Вайрон кардани талаботи зикршуда барои бо даъвои мақоми давлатии зиддинҳисорӣ ва бо тартиби судӣ барҳам додани

иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо), субъектҳои хоҷагидор, ки фаъолияти соҳибкориро ҳамоҳанг месозад, асос мегардад.

Моддаи 6. Санад ва амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки ба маҳдудкунии рақобат равона гардидаанд

Ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот қабул намудани санад ё ба анҷом расонидани амалҳое, ки мустақилияти субъектҳои хоҷагидорро маҳдуд месозанд, шароити табъизӣ ё баръакс, имконияти мусоидро барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидори алоҳида фароҳам меоранд, агар ин санад ва амалиёт боиси роҳ надодан, бартараф намудан ва маҳдудшавии рақобат, халалдор намудани манфиатҳои субъектҳои хоҷагидор ё шаҳрвандон гарданд, манъ аст. Аз ҷумла, ин амалҳо манъ карда мешаванд:

-беасос ҷорӣ намудани маҳдудкунӣ ба таъсиси субъектҳои хоҷагидори нав дар ягон соҳаи фаъолият, инчунин муқаррар намудани монеа барои амалӣ намудани шаклҳои алоҳидаи фаъолият ё истеҳсоли намудҳои муайяни молҳо, ғайр аз ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст;

-муқаррар намудани монеа ба хариду фурӯши мол аз як минтақа ба минтақаи дигар ё бо роҳи маҳдуд намудани ҳуқуқи субъектҳои хоҷагидор барои хариду фурӯши молҳо;

-ба субъектҳои хоҷагидор додани дастур дар бораи дар навбати аввал ба доираи муайяни харидорон (супоришдиҳандагон) таҳвил намудани молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) ё бастани шартномаҳо бе назардошти афзалиятҳое, ки қонунгузорӣ ё дигар санади меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

-беасос ба як ё якчанд субъектҳои хоҷагидор додани имтиёзҳо, ки онҳоро дар бозори мол нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидор дар ҳолати афзалиятнок мегузорад;

-барои харидорони молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) вобаста ба интихоби субъектҳои хоҷагидоре, ки онҳоро истеҳсол (иҷро, пешниҳод) мекунанд, ба истиснои ҳолатҳои ҷойгиронии молҳо, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, маҳдудият муқаррар менамояд.

Қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои таъсис, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳӣ бо тартиби муқарраргардида (дар ҳолатҳое, ки дар қонунгузории зиддиинҳисорӣ пешбинӣ шудаанд), инчунин додани имтиёз ба субъекти хоҷагидори алоҳида бо мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ

мувофиқа карда мешавад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар амал пешбинӣ нашуда бошад.

Муттаҳидшавии шахсони ҳуқуқӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо мақсади инҳисор намудани истеҳсолот ё фурӯши молҳо, ба мақомоти мавҷудаи ҳокимияти давлатӣ додани салоҳиятҳое, ки иҷрои онҳо боиси маҳдудкунии рақобат мегардад, инчунин якҷоя кардани вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидор, ба зиммаи субъектҳои хоҷагидор вогузоштани вазифа ва ҳуқуқҳои мақомоти назорати давлатӣ манъ аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

Дар ҳама гуна шакл бастани созишнома ё анҷом додани амали мувофиқашудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои ваколатдори мақомоти зикршуда байни худ ё байни онҳо ва субъекти хоҷагидор, ки дар натиҷаи он роҳ надодан, маҳдуд сохтан ё бартараф намудани рақобат ё халалдор кардани манфиатҳои субъектҳои хоҷагидор ҷой дорад ё ҷой дошта метавонад, манъ аст. Аз ҷумла бастани созишнома ё анҷом додани амали мувофиқашуда, ки боиси натиҷаҳои зайл гардидааст ё мегардад, манъ аст:

-баланд бардоштан, паст кардан ё тағйир надодани нархҳо (тарифҳо);

-беасос муқаррар намудани сатҳи тағйирёбандаи нархҳо барои харидорони гуногуне, ки ҳамон як молро ба даст меоранд;

-тақсим кардани бозор аз рӯи принсипи ҳудудӣ, ҳаҷми фурӯш ё харид, номгӯи молҳои фурӯш ё аз рӯи доираи фурӯшандагон ё харидорон (фармоишгарон);

-маҳдуд сохтани дастрасии бозор ё аз он дур сохтани субъектҳои хоҷагидор.

Моддаи 7. Шаклҳои рақобати бевиҷдонона

Ба рақобати бевиҷдонона дар шаклҳои зерин роҳ дода намешавад:

-паҳн намудани маълумоти бардурӯғ, носаҳеҳ ё таҳрифшуда, ки боиси зарар ба дигар субъектҳои хоҷагидор мегарданд ё обрӯи кориашонро паст мегардонад;

-ба иштибоҳ гузоштани истеъмолкунандагон оиди хусусият, тарз, ҷои истеҳсол ва хосиятҳои истеъмолию сифатӣ ва миқдори мол ё истеҳсолкунандагони он, аз ҷумла рекламаи мол (кор, хизматрасонӣ), ки ба талаботи сифат ҷавобгӯ намебошад:

-муқоисаи номуносиби молҳои истеҳсолшаванда ва фурӯхташавандаи як субъекти хоҷагидор бо субъектҳои хоҷагидори дигар (аз ҷумла дар ҷараёни тарғибу ташвиқ);

-гирифтан, истифода бурдан, ошкор сохтани иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ё хизматӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзгардида;

-истифодаи худсаронаи аломатҳои мол, номи фирмавӣ ё нишонгузорӣ, инчунин нусхабардории борҷома ва намуди моли субъекти хоҷагидори дигар, ки метавонанд рақибонро аз фаъолияти соҳибкориашон маҳрум созанд;

-дахолат кардан ба фаъолияти соҳибкорӣ, додани имтиёзҳои гуногуни моддӣ ба кормандони субъектҳои хоҷагидори рақобаткунанда бо мақсади ба тарафи худ кашидану моил сохтани онҳо ба иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ;

-ҳама гуна амале, ки воқеан метавонад дастрас будани бозорро хеле маҳдуд кунад.

Рақобати бевиҷдонона, ки барои ғайриқонунӣ ба даст овардан ва истифода бурдани ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои инфиродкунонии шахсони ҳуқуқӣ, инфиродкунонии маҳсулот, корҳои иҷрошаванда ё хизматрасонӣ нигаронида шудааст, иҷозат дода намешавад.

Қарори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ марбут ба вайрон кардани муқаррароти қисми дуюми моддаи мазкур дар бобати инфиродкунонии маҳсулот, корҳои иҷрошаванда ё хизматрасонӣ барои ҳалли масъалаҳои пеш аз мӯҳлат қатъ намудани амали бақайдгирии объекти ҳуқуқҳои истисноӣ ё дар мавриди беэътибор эътироф намудани бақайдгирии ин объект бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аломатҳои мол, аломатҳои хизматрасонӣ ва номгӯи маҳалли пайдоиши молҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатии соҳаи патентҳо ва аломатҳои мол фиристода мешавад.

Моддаи 8. Талаботи зиддиинҳисорӣ оид ба гузаронидани озмун барои ҷойгиронии фармоишҳо ҷиҳати молрасонӣ, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ

Ҳангоми гузаронидани озмун барои ҷойгиронии фармоишҳо ҷиҳати молрасонӣ, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ба амалиёти зерин иҷозат дода намешавад:

-фароҳам овардани шароити афзалиятноки ширкат дар озмун, аз ҷумла дастрас намудани иттилооти махфӣ, кам кардани музди пардохт барои иштироккунандагони алоҳидаи озмун;

-дар озмун иштирок кардани созмондиҳандагон (фармоишгарон) ва кормандони созмондиҳандагони озмунҳо ё шахсоне, ки бо корманди созмондиҳандаи озмун шомили як гурӯҳи шахсон мебошад, инчунин шахсони ҳуқуқие, ки дар онҳо корманди созмондиҳандаи озмун ҳуқуқ дорад беш аз бист фоизи шумораи умумии овозҳои марбути саҳмҳои овоздор ё ташкилкунандаи саҳми оинномавӣ ё сармояи ҷамъшавандаи ҳиссаи шахси ҳуқуқиро ихтиёрдорӣ намояд;

-аз ҷониби созмондиҳандаи озмун амалӣ кардани фаъолияти ҳамоҳангсозии иштирокдорони он, ки дар натиҷа маҳдудияти рақобат

байни иштироккунандагони озмун ё маҳдуд сохтани манфиати иштироккунандагони он ҷой доранд, ё ҷой дошта метавонанд;

-вайрон намудани тартиби муайян кардани ғолиб (ғолибон);

-беасос маҳдуд сохтани дастрасии ширкат дар озмун.

Вайронкунии қоидаҳои муқаррарнамудаи моддаи мазкур барои аз ҷониби суд беэътибор донистани озмун, аз ҷумла тибқи даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ асос шуда метавонад.

Моддаи 9. Фароҳам овардани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ

Таҳти мафҳуми ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ барои мақсадҳои Қонуни мазкур аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ташкилотҳои ваколатдори мақомоти зикргардида фароҳам овардани имтиёзҳои инфиродӣ ва (ё) бартарият ба як ё якчанд субъектҳои хоҷагидор фаҳмида мешавад.

Фароҳам овардани (ҷудо, тақсим намудани) маблағҳои давлатӣ ё маҳаллӣ (захираҳо, имтиёзҳои инфиродӣ ва (ё) афзалият) ба шахси алоҳида вобаста ба натиҷаҳои савдо (озмун) ва (ё) мутобиқи дигар расмиёти пешбининамудаи қонунҳо ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ ба ҳисоб намеравад.

Фароҳам овардани (ҷудо, тақсим намудани) маблағҳои давлатӣ ё маҳаллӣ (захираҳо, амвол) ба шахсони алоҳида бо мақсади рафъи оқибати офати табиӣ, садама, фалокат ва ҳолатҳои фавқулодда, оқибати амалиёти низомӣ ва амалиёти зиддитеррористӣ аз фондҳои эҳтиётии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ба ҳисоб намеравад.

Ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ, ба истисноиёрии пешбининамудаи қонунгузорӣ танҳо бо иҷозати пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ метавонад фароҳам оварда шавад.

Шахсе, ки ният дорад ба як ё якчанд субъектҳои хоҷагидор ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ фароҳам оварад, ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар хусуси додани иҷозат барои расонидани кӯмак дархост фиристода, тамоми иттилооти заруриро, ки номгӯи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, ба он замима мекунад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ вобаста ба дархости иҷозат додан барои ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ яке аз қарорҳои зайлро қабул мекунад:

1. Дар хусуси қонеъ гардонидани дархост, агар ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ боиси бартараф намудан ё роҳ надодан ба рақобат нагардад ва ба категорияҳои зерин мансуб бошад:

-ёрӣ бо мақсади гузаронидани тадқиқоти бунёдии илмӣ, ки мустақиман бо истеҳсоли маҳсулоти нав ё беҳтар намудани сифати он ё равандҳои мавҷудаи технологӣ нигаронида нашуда бошад;

-ёрӣ ба мақсади ҳимояи муҳити зист;

-ёрие, ки барои рушди фарҳанг ва ҳифзи мероси фарҳангӣ нигаронида шудааст;

-ёрӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ.

2. Оид ба зарурати тадқиқи иловагии маводи дархост, агар мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар хусуси эҳтимоли номутобиқатии ёрӣ ба шартҳои дар банди якуми ҳамин қисм зикргардида ва зарурати дарёфт намудани иттилооти иловагӣ барои қабули қарор ҷиҳати қонеъ гардонидани дархост ё рад гардонидани он ба хулоса оянд.

3. Дар хусуси қонеъ нагардонидани дархост, агар ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ ба шартҳои пешбининамудаи банди 1 ҳамин қисм мутобиқ набошад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ оид ба дархости иҷозат барои расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ дар давоми ду моҳ аз рӯзи гирифтани ҳамаи маълумоти зарурӣ қарор қабул мекунад.

Дар мавриди гузаронидани тадқиқи иловагӣ мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ дархосткунандаро огоҳ намуда, дар давоми як моҳ аз рӯзи гирифтани маълумоти зарурӣ доир ба дархост қарор қабул мекунад.

Қарор оид ба қонеъгардонии дархост ҷиҳати расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ метавонад дорои дастуре бошад, ки дар он барои гирандаи дастур талаботи зарурии ба шароитҳои банди 1 қисми шашуми моддаи мазкур мутобиқат кардани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ муқаррар гардидааст. Иҷрои дастур ҳангоми расонидани ёрӣ ҳатмӣ мебошад.

Моддаи 10. Назорати давлатии расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ва истифодаи он

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ риояи мақсад ва шартҳои расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллиро, ки дар дархости иҷозати расонидани чунин ёрӣ зикр гардидааст, таҳти назорат мегирад.

Тартиби расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ, баррасии дархост оид ба ёрирасонӣ, назорати истифодаи он, бекор кардани қарори қонеъгардонии дархост оид ба расонидани ёрӣ, инчунин баргардонидани он бинобар дар қонунҳои амалкунанда ва қонунгузории буҷет танзим нагардиданаш, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси низомномаи тасдиқнамудаи он муқаррар карда мешавад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зайл қарори қонеъгардонии дархости расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллиро бекор кунад ё ҷиҳати баргардонидани он амрия барорад:

-агар қарор оид ба қонеъгардонии дархости расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ ба иттилооти нодурусте асос ёфта бошад, ки барои қабули қарор аҳамият дорад;

-аз ҷониби дархосткунанда вайрон кардани талаботи расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ, ки мутобиқи моддаи мазкур пешбинӣ шудааст;

-номутобиқатии ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ба мақсад ва шартҳои фарогирифтаи дархости иҷозати расонидани ёрӣ;

-расонидани ёрии давлатӣ ё маҳаллӣ бо вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи моддаи 9 Қонуни мазкур.

Моддаи 11. Ваколатҳои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳангоми вайрон намудани талаботи расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ва истифодаи он

Санадҳои (қарор, амрия, фармоиш, дастури хаттии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин мақомоти ваколатдоршуда, ки ба субъектҳои алоҳидаи хоҷагидор афзалият ва (ё) имтиёз фароҳам меоранд, бо тартиби судӣ аз рӯи даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ беэътибор дониста мешаванд.

## БОБИ 3. МАҚОМОТИ ДАВЛАТИИ ЗИДДИИНҲИСОРӢ

Моддаи 12. Вазифа ва функсияҳои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ мақомоти идоракунӣ буда, барои татбиқи сиёсати зиддиинҳисорӣ дар соҳаи инкишофи бозорҳо ва рақобати соҳибкорӣ масъул мебошад.

Ба вазифаҳои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дохил мешаванд:

-пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона;

-мусоидат ба ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ дар асоси рушди рақобат ва соҳибкорӣ;

-назорати давлатӣ ба риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ функсияҳои асосии зеринро иҷро менамояд:

-оид ба ғайриинҳисорӣ кардани истеҳсол ва муомилоти мол чораҳо меандешад;

-иҷрои қонунгузории зиддиинҳисориро ҳангоми таъсис, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор назорат менамояд;

-хариди саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дорои ҳуқуқи овозро дар сармояи оинномавии субъектҳои хоҷагидор, ки метавонад боиси ҳукмфармоии

субъектҳои хоҷагидор дар бозорҳои мол гардад ё ба маҳдудияти рақобат оварда расонад, назорат менамояд;

-ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои такмили оид ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва истифодаи амалии он таклифҳо пешниҳод менамояд ва лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии вобаста ба кори бозор ва инкишофи рақобат хулоса мебарорад;

-ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба гузаронидани тадбирҳои барои инкишофи бозорҳои мол ва рақобат мусоидаткунанда тавсияҳо медиҳад.

Фаъолияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ва сохтори он бо Низомномаи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад ва бо дигар қонунҳо муайян карда мешавад.

Моддаи 13. Салоҳияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад:

-мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидорро муқаррар намояд. Тартиби ташкил ва пешбурди Феҳристи субъектҳои хоҷагидоре, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармоиро доранд мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ муайян ва тасдиқ мекунад;

-дар сурати мавҷуд будани аломатҳои вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар бораи он парванда оғоз намуда, онро баррасӣ намояд ва аз рӯи натиҷаи баррасии он қарор барорад ва субъектҳои хоҷагидор барои иҷрои ҳатмӣ амрияҳои зайлро қабул намояд:

- дар бораи қатъ намудани амали мувофиқашуда ва (ё) қатъ намудани иштирок дар созишномаи маҳдудкунандаи рақобат ва қатъ кардани сӯиистифодаи субъекти хоҷагидор аз мавқеи ҳукмфармоӣ дар бозор, инчунин иҷрои амале, ки ба таъмин намудани рақобат нигаронида шудааст;

- дар бораи қатъ намудани вайронкунии қоидаҳои дастрасии ғайритабъизӣ ба молҳо (корҳо, хизматрасонӣ);

- дар бораи анҷом додани амал оид ба таъмини рақобат ҳангоми назорати давлатӣ, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст;

- дар бораи қатъ кардани рақобати бевиҷдонона;

- дар бораи роҳ надодан ба амале, ки ба вайронкунии рақобат ва қонунгузории зиддиинҳисорӣ таҳдид менамояд;

- дар бораи барқарор кардани вазъе, ки то вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ мавҷуд буд;

- дар бораи иҷрои амалиёте, ки ба таъмини рақобат ҳангоми анҷом додани назорате, ки ба расонидани ёрии давлатӣ нигаронида шудааст;

- дар бораи бастани шартномаҳо дар хусуси дигар кардани шартҳои шартномаҳо ё бекор кардани шартномаҳо;

- дар бораи ба буҷети давлатӣ гузаронидани даромаде, ки дар натиҷаи вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ ба даст омадааст;

- дар бораи дигар кардан ё маҳдуд намудани истифодаи номи фирмавӣ;

- дар бораи иҷрои талаботи иқтисодӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва дигар талаботе, ки ба рафъ ва огоҳонии минбаъд ба миён наомадани шароитҳои табъизӣ нигаронида шудааст;

- дар бораи иҷрои амалиёте, ки ба таъмин намудани рақобат нигаронида шудааст;

- дар бораи қатъ намудани вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва рафъи оқибатҳои он;

- ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони мансабдори онҳо амрияҳои зайл содир намояд, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошад:

- дар бораи бекор кардан ё тағйир додани санадҳои қабулнамудаашон, ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон менамояд;

- дар бораи бекор кардан ё тағйир додани шартномаҳое, ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунанд;

- дар бораи қатъ намудани дигар вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ;

- дар бораи иҷрои амале, ки ба таъмин намудани рақобат нигаронида шудааст;

- дар ҳолате, ки агар мақомоти ҳокимияти давлатӣ функсияи назоратӣ ва санҷишро дар бозорҳои мол иҷро кунанд, мақомоти зиддиинҳисорӣ дар хусуси ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ мутобиқ гардонидани санадҳо ва амали чунин мақомот пешниҳод ирсол созад;

- нисбат ба субъектҳои хоҷагидор, роҳбарони онҳо, шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, инчунин шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои вайрон намудани қонунгузории зиддиинҳисорӣ тибқи ҳолатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ чораҳо андешад;

- дар бораи вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ бо даъво, ариза ба суд муроҷиат кунад, аз ҷумла:

- дар бораи пурра ё дар қисми мухолифат ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ беэътибор донистани санадҳои меъёрии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

- дар бораи пурра ё дар қисми мухолифат ба қонунгузории зиддиинҳисорӣ беэътибор донистани шартномаҳо;

- дар бораи ҳатман бастани шартнома;

- дар бораи тағйир додан ё бекор намудани шартнома;

- дар бораи барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои муайяннамудаи қонунгузории зиддиинҳисорӣ;

- дар бораи ба буҷети давлатӣ гузаронидани даромаде, ки дар натиҷаи вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ ба даст омадааст;

- дар бораи истифодаи чораҳои зарурӣ барои вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ нисбат ба шахсе, ки ба вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ роҳ додааст;

- дар бораи беэътибор донистани савдоҳо (озмунҳо);

- дар бораи азнавташкилдиҳии маҷбурии шахсони ҳуқуқӣ (дар шакли тақсимкунӣ, ҷудокунӣ), ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунанд;

- ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба истифода ва (ё) вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар суд иштирок кунад;

- феҳристи субъектҳои хоҷагидорро, ки дар бозорҳои моли Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо доранд, пеш барад;

- дар воситаҳои ахбори омма қарор ва дастури мақомоти зиддиинҳисориро, ки манфиатҳои доираи номуайяни шахсонро дар бар мегирад, нашр намояд;

- ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба гузаронидани чорабиниҳое, ки ба рушди рақобат дар бозорҳои мол равона гардидаанд, тавсияҳо диҳад;

- бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва тибқи тартиби муқаррargardida бо ташкилотҳои байналмилалӣ, мақомоти давлатҳои хориҷӣ дар доираи салоҳияти худ мубодилаи иттилоотро анҷом диҳад;

- ҳолати рақобатро дар бозорҳои мол таҳлил кунад;

- барои субъекти хоҷагидор дар бозори молҳои дахлдор мавқеи ҳукмфармо муқаррар созад;

- риояи қонунгузории зиддиинҳисориро аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони воқеӣ тафтиш намуда, аз онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асноди зарурӣ, иттилоот ва дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ тавзеҳот мегирад, ба мақомоти оперативию ҷустуҷӯӣ дар бораи иҷрои корҳои оперативию ҷустуҷӯӣ муроҷиат кунад;

- бо мақсади иҷрои масъалаҳои ба зиммааш гузошташуда тавсияҳои методӣ оид ба муайян кардани навъи шартномаҳо, тартиби танзими муайян намудани нархҳои (тарифҳои) субъектҳои хоҷагидор ё сатҳи ниҳоии онҳо, ки дар бозори молии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо доранд, низомнома оид ба танзими нарх ба маҳсулот ва моли тайёркарда, хизматрасонии анҷомдодаи субъектҳои хоҷагидор –

доминантҳо ва инҳисорон, қоида оид ба тартиби гузаронидани тафтиши риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳои ваколатдори мақомотҳои зикршударо анҷом диҳанд, низомнома оид ба тартиби ба мақомоти зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани дархост ва огоҳинома тибқи талаботи моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкур, қоидаҳоро оид ба муайян намудани мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор дар бозорҳои молӣ, тартиби баррасии парвандаҳоро дар хусуси вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ намояд;

- тарифҳои хизматрасонии пулакиро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва субъектҳои хоҷагидории ба доираи идоракунии онҳо дохилбударо ба мувофиқа расонад;
- бо мақсади пешгирии маҳдудсозӣ ва бартараф намудани рақобат ҳангоми хусусигардонии корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ иштирок намояд;
- тарифҳои хизматрасонии субъектҳои хоҷагидорро, ки дар бозорҳои моли муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ҳукмфармо ва инҳисориро ишғол мекунанд, ба мувофиқа расонад;
- ба мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҷорӣ ё бекор намудани иҷозатномаҳо, квотаҳо, тағйир додани тарифҳои гумрукӣ ва дигар намуди дастгирии давлатӣ таклифҳо пешниҳод менамояд;
- оид ба бастани ҷарима ба субъектҳои хоҷагидор, додани ҷазои маъмурӣ ба роҳбарони онҳо, шаҳрвандон, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои вайронкуниҳои қонунгузории зиддиинҳисорӣ, ғайр аз ҳолатҳои вайронкунии тартиботи муқарраргардидаи нархгузорӣ мутобиқи қонунгузории монополияҳои табиӣ, қарор қабул кунад;
- тибқи тартиби муқарраргардида дар хусуси вуҷуд доштан ё надоштани маҳдудияти рақобат дар бозори мол ҳангоми татбиқ, тағйир додан ва қатъ гардидани амали тарифи гумрукӣ ва дар бораи ҷорӣ кардани чораҳои ғайритарифӣ хулоса диҳад;
- масъалаҳои татбиқи қонунгузории зиддиинҳисориро шарҳ диҳад;
- дигар ваколатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрию ҳуқуқиро анҷом диҳад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ бо мақсади мусоидат намудан ба инкишофи бозорҳои мол ва рақобат, дастгирии соҳибкорӣ ва ғайриинҳисорӣ намудан ба мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти

худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои зайл тавсияҳо медиҳад:

-додани қарзи имтиёзнок, инчунин оид ба кам кардани андозҳо ё аз онҳо озод намудани субъектҳои хоҷагидоре, ки маротибаи аввал ба бозори моли муайян дохил мешаванд;

-ташкил ва инкишофи сохторҳои ба ҳамдигар монанд дар соҳаҳои истеҳсолот ва муомилот, аз ҷумла аз ҳисоби қарз;

-маблағгузории чорабиниҳо оид ба зиёд кардани истеҳсоли мол бо мақсади бартараф намудани мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидори алоҳида;

-иштироки сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили корхонаҳо бо маблағгузории хориҷӣ.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар амалӣ гардондани барномаҳои ғайриинҳисорӣ, инкишофи рақобат ва дастгирии соҳибкорӣ иштирок менамояд.

Моддаи 14. Ҳуқуқи дастрас намудани ахбор

Кормандони ваколатдори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ бо мақсади иҷро намудани вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда ва дар асоси гузаронидани мониторинги бозор, шикояти воридшуда ва (ё) ҳангоми гумонбарии асоснок оид ба вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ барои шиносшавӣ бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар асоси талаби мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ доранд ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ба бинои субъектҳои хоҷагидор бемамониат ворид шаванд.

Мақомоти корҳои дохилӣ дар доираи салоҳияти худ бояд ба кормандони мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ барои иҷрои вазифаҳои хизматиашон ёрӣ расонад.

Субъектҳои хоҷагидор (роҳбарони онҳо), мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (шахсони мансабдори онҳо), шаҳрвандон, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ вазифадоранд бо талаби мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуҷҷатҳои саҳеҳ ва дигар ахбореро, ки барои фаъолияти қонунии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ заруранд, пешниҳод кунанд.

Маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ, хизматӣ ва қонунан ҳифзшаванда ва маълумоте, ки мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳангоми иҷрои ваколати худ ба даст овардааст, ба истисноӣ ҳолатҳои муқаррарнамудаи Қонун бояд ошкор карда нашавад.

Дар ҳолати аз тарафи кормандони мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ошкор кардани маълумоти дорои сирри хизматӣ ва тиҷоратӣ товони зарари расида мувофиқи қонунгузории граждании ҷуброн карда мешавад.

## БОБИ 4. НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ РАҚОБАТ

Моддаи 15. Назорати давлатӣ оид ба таъсисдиҳӣ, азнавташкилкунӣ, барҳамдиҳии субъектҳои хоҷагидор ва иттиҳодияҳои онҳо

Бо розигии пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ корҳои зайл анҷом дода мешаванд:

-таъсис ва азнавташкилдиҳии иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидор;

-муттаҳидшавии шахси ҳуқуқӣ ё ҳамроҳ шудани шахси ҳуқуқӣ ба дигар шахси ҳуқуқӣ, агар арзиши умумии тавозуни активҳои онҳо (активҳои гурӯҳи шахсони онҳо) мувофиқи тавозуни охирин аз сад ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад;

-таъсиси шахси ҳуқуқӣ ҳангоми пардохти сармояи оинномавии он бо саҳмҳо (ҳиссаҳо) ё молумулки дигар шахси ҳуқуқӣ;

-барҳамдиҳӣ ва тақсимкунии (ҷудокунии) шахси ҳуқуқӣ, ки арзиши активҳояшон аз панҷоҳ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд аст, агар ин боиси ташкил шудани шахси ҳуқуқӣ гардад, ки дар бозори мол мавқеи ҳукмфармо дорад.

Дар ҳолатҳое, ки дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, шахсҳо ё мақомоти манфиатдор ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ғайр аз ҳуҷҷатҳое, ки ба мақомоти бақайдгиранда дастрас мекунанд, дархост дар бораи додани розигӣ ба таъсис ва азнавташкилкунии он, маълумот дар бораи фаъолияти асосӣ, маҷмӯи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасонӣ) дар бозорҳои дахлдори мол пешниҳод менамояд. Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ доранд ахбори дигари заруриро, ғайр аз иттилооте, ки ба салоҳияташ тааллуқ надорад, талаб намояд.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ на дертар аз сӣ рӯзи қабул карда гирифтани ҳуҷҷатҳои лозимӣ ба аризадиҳанда дар бораи қарори қабулгардида хаттӣ хабар медиҳад.

Дар ҳолатҳое, ки агар таъсиси (ҳамроҳшавии, муттаҳидшавии) субъектҳои хоҷагидор ба маҳдудкунии рақобат оварда расонад, муассисони субъектҳои хоҷагидор, шахс ё мақомоте, ки дар бораи ҳамроҳшавӣ, муттаҳидшавӣ қарор қабул кардаанд, вазифадоранд бо талаби мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ барои барқарор намудани шароити зарурии рақобат чораҳо андешанд.

Иҷро накардани талаботи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ барои беэътибор донистани бақайдгирии давлатӣ бо тартиби судӣ аз рӯи даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ асос мешавад.

Дар ҳолатҳои дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинишуда бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидор инчунин аз рӯйхати ягонаи давлатӣ баровардани онҳо аз тарафи мақомоти

давлатии бақайдгиранда танҳо бо розигии пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ анҷом дода мешавад.

Бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидор, ки таъсис ва азнавташкилкунии онҳо бе розигии пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ сурат гирифтааст, бо тартиби судӣ аз рӯи даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ беэътибор дониста мешаванд.

Моддаи 16. Назорати давлатии иҷрои қонунгузории зиддиинҳисорӣ ҳангоми хариди саҳмияҳо (ҳиссаҳо) дар сармояи оинномавии субъектҳои хоҷагидор ва дигар мавридҳо

Бо мувофиқаи пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар асоси дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалҳои зайл сурат мегиранд:

- аз тарафи шахс (гурӯҳи шахсон) харид кардани саҳмияи (ҳиссаи) дорои ҳуқуқи овоз дар сармояи оинномавии субъекти хоҷагидор, ки дар натиҷа чунин шахс (гурӯҳи шахсон) ҳуқуқи ихтиёрдории бештар аз бист фоизи саҳмияҳои (ҳиссаҳои) харидгардидаро пайдо мекунад. Талаботи мазкур ба муассисони субъекти хоҷагидор ҳангоми таъсиси он дахл надорад;

- аз тарафи як субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) соҳиб шудан ба воситаҳои асосии истеҳсолот ё активҳои ғайримоддии субъекти хоҷагидори дигар ё мавриди истифода қарор гирифтани онҳо, ки агар арзиши тавозуни амволи ташкилдиҳандаи мавзӯи аҳд аз даҳ фоизи арзиши тавозуни воситаҳои асосии истеҳсолот ва активҳои ғайримоддии субъекти хоҷагидори ҷудокунандаи амвол зиёд бошад;

- аз тарафи шахс (гурӯҳи шахсон) ба даст овардани ҳуқуқе, ки ба субъекти хоҷагидор имконият медиҳад, шароити амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории ҳамин шахсро (гурӯҳи шахсонро) муайян намояд ё вазифаи мақомоти идоракунии онро иҷро кунад.

Розигии пешакӣ барои иҷро намудани аҳдҳое, ки дар қисми якуми моддаи мазкур нишон дода шудаанд, дар ҳолатҳое зарур мебошад, ки агар арзиши умумии тавозунии активҳои шахсоне, ки дар қисми якуми моддаи мазкур нишон дода шудаанд, аз дусад ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд ва яке аз онҳо субъекти хоҷагидоре мебошад, ки ба феҳристи субъектҳои хоҷагидори дорои мавқеи ҳукмфармо дохил карда шудааст ё харидор гурӯҳи шахсоне бошад, ки фаъолияти ҳамин субъекти хоҷагидорро назорат мекунанд.

Барои содир кардани аҳдҳое, ки дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, шахсон вазифадоранд ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар бораи додани розигӣ барои пешниҳод кардани онҳо дархост диҳанд ва қабул кардани қарор мувофиқи номгӯи ахборе, ки мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ тасдиқ мекунад, маълумоти зарурӣ пешниҳод намоянд.

Назорати давлатӣ ба содир шудани аҳдҳое, ки дар моддаи мазкур нишон дода шудаанд, аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар асоси моддаи 15 Қонуни мазкур иҷро мегардад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад дархостро рад намояд, агар қонеъкунонии он боиси мустаҳкам гардидани мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) ё маҳдудкунии рақобат гардад ва инчунин дар ҳолатҳои пешниҳод намудани ахбори носаҳеҳ, ки барои қабул намудани қарор аҳамият дорад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ барои қонеъ намудани дархост дар ҳолати иҷро намудани талабот, ки ба таъмини рақобат равона шудааст, ҳуқуқ дорад. Дар айни замон талаботи нишондодашуда, инчунин мӯҳлати иҷрои он бояд дар қарори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар бораи розигӣ барои иҷрои амале, ки дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, дарҷ карда шавад.

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ аз рӯи аризаи шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ баъди ба итмом расидани иҷрои аҳдҳое, ки дар қисми якуми моддаи мазкур оварда шудаанд, дар давоми понздаҳ рӯз огоҳ карда мешавад, агар арзиши умумии тавозунии активҳои шахсоне, ки дар қисми якуми ҳамин модда зикр шудааст аз сад ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.

Дар ҳолати иштироки шахси воқеӣ дар мақомоти иҷроия, шӯрои директорони (шӯрои нозирони) ду ё зиёда субъектҳои хоҷагидор, ки арзиши умумии тавозуни активҳои аз сад ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад ва ё субъектҳои хоҷагидор, ки ба рӯйхати гурӯҳи молҳои якхела ё ба рӯйхати гурӯҳи молҳои дараҷаи мухталифи ҷараёни истеҳсолу фурӯши якхела дохиланд, бояд мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пас аз понздаҳ рӯзи дохилшавӣ (интихобшавӣ) ба мақомоти мазкур ё шӯро аз тарафи ҳамин шахс, ҳатман огоҳ карда шавад. Дар ҳолати огоҳкунии мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ аризадиҳанда якҷоя бо ариза ахбореро пешниҳод мекунад, ки дар қисми чоруми моддаи мазкур пешбинӣ шудааст.

Агар мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ баъд аз омӯзиши пешакии ахбор ба хулоса ояд, ки дар натиҷаи бастани аҳдҳое, ки аз ин хусус ӯро огоҳ кардаанд, мавқеи ҳукмфармоиро субъектҳои хоҷагидор (гурӯҳи шахсон) соҳиб мегарданд ё худ ин мавқеи онҳо пурзӯртар мешавад ё маҳдудкунии рақобат рӯй медиҳад, вай дар бораи санҷиши иловагии мувофиқ будани созиши мазкур ба талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ қарор қабул мекунад. Қарори мазкур дар давоми понздаҳ рӯзи баъди гирифтани аризаи огоҳкуниро гирифтани мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ба аризадиҳанда равон карда мешавад.

Қарори қатъӣ аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар давоми сӣ рӯз қабул гардида, дар ин хусус ба аризадиҳанда хаттӣ хабар дода мешавад.

Агар амалиётҳои дар қисмҳои ҳафтум ва ҳаштуми моддаи мазкур пешбинишуда боиси зуҳур кардан ё қувват гирифтани мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидор ё маҳдудкунии рақобат гарданд, шахсони ин амалиётҳоро иҷрокунанда вазифадоранд бо талаби мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар мӯҳлатҳои аз тарафи он муқарраргардида барои барқарор намудани шароити зарурии рақобат чораҳо андешанд.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисмҳои ҳафтум ва ҳаштуми моддаи мазкур шахсон ҳуқуқ доранд то қабули чунин қарорҳо розигии пешакии мақомоти давлатии зиддиинҳисориро, ки вазифадор аст аризаҳои дахлдорро дар бораи ба иҷро расонидани амалиётҳои мазкур бо тартиби муқарраргардида дида барояд, дархост кунанд.

Аҳдҳое, ки мухолифи тартиби муқаррарнамудаи моддаи мазкур ба имзо расидаанд ва ба зуҳур кардан ё қувват гирифтани мавқеи ҳукмфармоӣ, маҳдудкунии рақобат оварда мерасонанд, дар ҳолатҳои аз тарафи иштирокчиёни созишҳо иҷро накардани талаботи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар бораи барқарор намудани шартҳои зарурии рақобат дар мӯҳлатҳои аз тарафи он муқарраркардашуда, бо тартиби судӣ ва бо даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ беэътибор дониста мешаванд.

Иҷро накардани қарорҳои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки мувофиқи қисмҳои шашум ва ёздаҳуми моддаи мазкур қабул шудаанд, барои беэътибор донистани аҳди дахлдор бо тартиби судӣ аз рӯи даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ асос шуда метавонад.

Қарори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар хусуси розигӣ оид ба иҷрои аҳдҳои дар моддаи мазкур зикршуда амали худро қатъ менамояд, агар чунин аҳдҳо дар муддати 6 моҳ аз рӯзи қабул гардидани қарори зикршуда иҷро нагардида бошад.

Моддаи 17. Азнавташкилкунии (тақсимкунӣ ё ҷудокунии) субъектҳои хоҷагидор, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ мегардонанд

Дар ҳолате, ки субъектҳои хоҷагидори машғули фаъолияти соҳибкорӣ мавқеи ҳукмфармоиро соҳиб мебошанд ва мунтазам қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунанд, мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад бо мақсади маҳдуд сохтани фаъолияти инҳисорӣ дар бораи азнавташкилкунии (тақсимкунии, ҷудокунии) онҳо дар доираи воҳидҳои сохториашон, агар ин ба манфиати инкишофи рақобат бошад, ба суд муроҷиат кунад.

Таҳти мафҳуми мунтазам вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати се сол содирнамудани беш аз ду далели вайронкунии қонунгузории

зиддиинҳисорӣ фаҳмида мешавад, ки тибқи тартиби муқарраргардида ошкор карда шудааст.

Азнавташкилкунии (тақсимкунии, ҷудокунии) субъектҳои хоҷагидор дар ҳолати мавҷуд будани шартҳои зерин амалӣ мегардад:

- вуҷуд доштани имконияти мустақилии ташкилӣ ва ҳудудии воҳидҳои сохтории он;

- байни воҳидҳои сохтории он мавҷуд набудани алоқаи зичи технологӣ, аз ҷумла агар ҳаҷми маҳсулоти (кор, хизматрасонии) воҳиди сохторӣ, ки ҳамин шахси ҳуқуқӣ истеъмол мекунад, аз сӣ фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолкардаи (кор, хизматрасонии) воҳиди сохтории мазкур зиёд набошад;

- дар натиҷаи азнавташкилкунӣ имконият доштани фаъолияти мустақилонаи шахси ҳуқуқӣ дар бозори моли муайян.

Моддаи 18. Шикоят нисбат ба қарор ва амрияи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ

Агар аризадиҳанда ба дархости худ (ариза дар бораи огоҳкунӣ) аз мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар мӯҳлати сӣ рӯзи баъди дархостро гирифтани мақомоти мазкур (моддаҳои 15, 16 Қонуни мазкур) ҷавоб нагирад ё бо қарори қабулкардаи ин мақомот розӣ набошад, вай ҳуқуқ дорад барои ҳимояи ҳуқуқи вайронкардашуда дар давоми се моҳ ба суд муроҷиат кунад.

## БОБИ 5. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОНУНГУЗОРИИ ЗИДДИИНҲИСОРӢ

Моддаи 19. Иҷрои ҳатмии амри мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ

Дар ҳолати вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ субъектҳои хоҷагидор (роҳбарони онҳо), мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо), шаҳрвандон, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ вазифадоранд мувофиқи амри мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ вайронкориро қатъ гардонанд, мавқеи аввалро барқарор ва шартномаро бекор намоянд ё ба он тағйирот дароранд, бо дигар субъектҳои хоҷагидор шартнома банданд, санади ба қонунгузорӣ номувофиқро бекор кунанд, фоидаи дар натиҷаи вайронкорӣ ба даст омадаро ба буҷет ворид кунанд, дигар амалиётҳоеро, ки дар қарор ё амр зикр ёфтаанд, иҷро намоянд.

Барои содир кардани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ки боиси вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ мегарданд, шахси мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, субъектҳои хоҷагидор (роҳбарони онҳо), инчунин шаҳрвандон, аз ҷумла

соҳибкорони инфиродӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 20. Ҷавобгарии субъектҳои хоҷагидор

Аз субъектҳои хоҷагидор барои вайронкориҳои зерин ҳамчун чораи ҷазо ҷарима ситонида мешаванд:

- барои дар мӯҳлати муқарраргардида иҷро накардани амри мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ – ба андозаи 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пешниҳод накардани дархост ва аризае, ки дар моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст – ба андозаи 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои иҷро накардани талаботи қарори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки мувофиқи қисми чоруми моддаи 15 ва қисми ёздаҳуми моддаи 16 Қонуни мазкур пешниҳод шудааст – ба андозаи 1000 (як ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои дар мӯҳлати муқарраргардида пешниҳод накардани ҳуҷҷат ё дигар ахбор, ки дар моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкур нишон дода шудааст, ба андозаи 1000 (як ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани маълумоти носаҳеҳ – ба андозаи 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо мутобиқи моддаи 14 Қонуни мазкур – ба андозаи 200 (дусад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Соҳибкорони инфиродӣ дар мавридҳои зерин гунаҳкор ҳисобида мешаванд агар:

- дар мӯҳлати муқарраргардида ҳуҷҷат ё ахбори дигарро, ки барои амалӣ гардонидани фаъолияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ зарур аст, пешниҳод накунанд – ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 20 (бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои содир намудани амале (беамалие), ки тартиби пешбинӣ намудаи моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкурро вайрон менамояд, дар давоми ду моҳ ошкор намудани чунин амал (беамалӣ) аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ – ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 20 (бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои иҷро накардани талаботи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки мувофиқи моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд – ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 30 (сӣ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Пардохти ҷарима субъекти хоҷагидорро аз ӯҳдаи иҷрои қарори (амри) мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ озод намекунад.

Моддаи 21. Ҷавобгарии шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

Шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд:

- барои дар мӯҳлати муқарраргардида иҷро накардани қарор ва амрияи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ – огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи аз 100 (сад) то 5000 (панҷ ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои халал расондан ба шахсони мансабдори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳангоми аз тарафи онҳо иҷро кардани вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда – огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи аз 50 (панҷоҳ) то 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои беиҷозати мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки дар моддаи 15 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, ба қайд гирифтани иттиҳодияҳои субъектҳои хоҷагидор (иттифоқҳо, ассотсиатсияҳои) онҳо- огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи аз 50 (панҷоҳ) то 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

Моддаи 22. Рӯёнидани зараре, ки ба субъектҳои хоҷагидор расонида шудааст

Агар санади мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, бо вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ қабул шуда бошад ё мақомотҳои мазкур ӯҳдадориҳои худро иҷро накунанд ё номатлуб иҷро кунанд ва агар аз ин амал ба субъекти хоҷагидор ё дигар шахс зарар расида бошад, товони он мувофиқи қонунгузории гражданӣ рӯёнда мешавад.

Амали (беамалии) субъектҳои хоҷагидор, ки қонунгузории зиддиинҳисориро вайрон мекунад ва ба субъекти хоҷагидор зиён мерасонад, товони он аз гунаҳкорон мувофиқи қонунгузории гражданӣ рӯёнида мешавад.

Моддаи 23. Ҷавобгарии шахсони мансабдори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ

Шахсони мансабдори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ барои ошкор кардани маълумоте, ки сирри тиҷоратии субъектҳои хоҷагидор ва соҳибкорони инфиродиро ташкил медиҳад, ба ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 50 (панҷоҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо кашида мешаванд, ба шарте ки ин амалиёт ба дигар ҷавобгарии пешбинӣ намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боис нагардад.

## БОБИ 6. ТАРТИБИ ҚАБУЛИ АРЗУ ШИКОЯТ ВА ИҶРОИ ҚАРОР ВА АМРИЯИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТИИ ЗИДДИИНҲИСОРӢ

Модда 24. Дида баромадани парвандаҳо оид ба вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ

Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ далелҳои вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисориро баррасӣ намуда, дар доираи салоҳияти худ қарор қабул мекунад ва амр медиҳад.

Барои баррасии парвандаҳо дар бораи вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ аризаҳои субъектҳои хоҷагидор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шаҳрвандон асос мешаванд.

Парвандаҳо оид ба вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ бо ташаббуси худи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ баррасӣ мегардад.

Аризаҳо ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ хаттӣ пешниҳод карда мешаванд. Мазмуни ҳуҷҷатҳо ва муроҷиатҳо ошкор карда намешавад.

Моддаи 25. Тартиби шикоят кардан аз болои қарор ва амрияи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо), субъектҳои хоҷагидор (роҳбарони онҳо), шаҳрвандон ҳуқуқ доранд аз қарор ва амри мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ба суд шикоят кунанд.

Ҳангоми дар суд дида баромадани арзу шикоят иҷроиши қарор ва амрияи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ боздошта мешавад. Аз қарор ва амрияи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ дар давоми шаш моҳи қабул гардидани ин санад шикоят кардан мумкин аст, ба истисноi талаботе, ки ба он мӯҳлати пешниҳоди даъво татбиқ намешавад.

Моддаи 26. Тартиби иҷро намудани қарор ва амрияи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ

Дар ҳолати иҷро накардани қарор ва амрия дар бораи тағйир додан ё бекор кардани шартномаи хилофи қонунбуда ё бо субъекти хоҷагидори дигар бастани шартнома мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад дар бораи пурра ё қисман беэътибор донистани шартнома ё маҷбуран бастани шартнома бо даъво ба суд муроҷиат намояд.

Дар ҳолати иҷро накардани қарор ва амрия дар бораи ба буҷет гузаронидани фоидае, ки дар натиҷаи вайрон кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ муайян шудааст, мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад дар бораи ба буҷет ситонидани фоидаи беасос ба суд даъво кунад.

Ҷаримае, ки аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ба субъектҳои хоҷагидор, ғайр аз ҷаримае, ки ба соҳибкорони инфиродӣ баста шудааст, дар давоми сӣ рӯзи баромадани қарори рӯёнидани он бо тартиби беаксептӣ (бегуфтугӯ) пардохта мешавад.

Маблағи ҷаримае, ки мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ рӯёнидааст, пурра ба буҷет пардохта мешавад.

## БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 27. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2000 «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2000, № 11, моддаи 558) аз эътибор соқит дониста шавад.

Моддаи 28. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе 28 июли соли 2006, № 198

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## Дар бораи монополияҳои табиӣ

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007, №3, мод. 168; соли 2008, №10, мод.814, ҚҶТ аз 28.12.2013с. №1055)

Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2007, № 438 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон , соли 2007, № 1, мод. 4) қабул гардидааст.

Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми феврали соли 2007, № 277 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон , соли 2007, № 2, мод.77) ҷонибдорӣ гардидааст.

БОБИ 1. Муқаррароти умумӣ

Моддаи 1. Мақсади Қонуни мазкур

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро оид ба монополияҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян месозад ва барои ба даст овардани мувозинаи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва субъектҳои монополияҳои табиӣ, ки дастрасии молҳои (корӣои, хизматрасониҳои) пешниҳодшавандаи ин субъектҳоро ба истеъмолкунандагон ва фаъолияти самараноки субъектҳои монополияҳои табииро таъмин менамояд, равона шудааст.

Моддаи 2. Доираи амали Қонуни мазкур

Қонуни мазкур муносибатҳоеро танзим мекунад, ки дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ) ба амал омада, бо мавҷудият ва фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ алоқаманд мебошанд.

Муқаррароти Қонуни мазкур ба амалӣои (беамалии) субъектҳои монополияҳои табиӣ, муассисони (иштирокчиёни) онҳо, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд, низ паҳн мегарданд, агар ин амалӣо (беамалӣ) мухолифи Қонуни мазкур бошанд ва ба истеъмолкунандагони молҳои (корӣои, хизматрасониҳои) монополияҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонида тавонанд.

Амали Қонуни мазкур нисбати соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки фаъолияти ба соҳаи монополияи табиӣ тааллуқдоштаро танҳо бо бунёд ва истифодаи объектҳо бо мақсади таъмини эҳтиёҷоти худӣ амалӣ месозанд, татбиқ намегардад.

Барои субъекти бозор, ки фаъолияти мутобиқи Қонуни мазкур ба соҳаи монополияи табиӣ тааллуқдоштаро анҷом медиҳад, танзим ва назорати давлатӣ танҳо нисбати чунин фаъолият татбиқ мегардад.

Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи монополияҳои табиӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи монополияҳои табиӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур , дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон иборат мебошад.

Моддаи 4. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- монополияи табиӣ – ҳолати бозори мол (кор, хизматрасонӣ), ки ҳангоми он ташкил кардани шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани талабот ба намудҳои муайяни молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ғайриимкон аст ё ин амал бо назардошти хусусиятҳои хоси технологии истеҳсолот (бинобар хеле кам шудани хароҷот ба воҳиди мол вобаста ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот) аз нигоҳи иқтисодӣ матлуб намебошад;
- субъекти монополияи табиӣ – субъекти хоҷагидор (шахси ҳуқуқӣ), ки ба истеҳсоли (фурӯши) молҳо, иҷрои кор ва (ё) хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон дар шароити монополияи табиӣ машғул аст;
- хизматрасонии умумӣ - истеҳсоли молҳо ва пешниҳод намудани хизматрасонӣ (иҷрои кор) аз ҷониби субъекти монополияи табиӣ барои ҳамаи истеъмолкунандагон дар ҳудуди муайяни Ҷумҳурии Тоҷикистон , ки дар он субъектҳои монополияи табиӣ фаъолият бурда, қодиранд молҳоро (корҳо, хизматрасониҳоро) пешниҳод намоянд;
- истеъмолкунандаи молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти монополияи табиӣ - шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти монополияи табииро харидорӣ менамоянд;
- тариф (нарх) – ифодаи пулии арзиши молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти монополияи табиӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор тасдиқ гардидааст (минбаъд - тариф);
- сметаи тариф – маълумоти ҷамъбастӣ дар хусуси моддаҳои даромаду хароҷоти субъекти монополияи табиӣ, ки ҳар сол бо тартиби муқараргардида тасдиқ карда мешавад;
- тарифи муваққатии ҷубронкунанда – тарифе, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор бо мақсади ҷуброни зарари ба истеъмолкунандагон расонидаи субъекти монополияи табиӣ муқаррар карда мешавад;
- коэффитсиенти муваққатии пасткунанда – бузургие, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор муқаррар шуда, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои

истеъмолкунандагон ва субъекти монополияи табиӣ барои ҳисоби тариф истифода бурда мешавад;

- муҳокимаи оммавӣ - расмиёти муҳокимаи лоиҳаи тарифҳо ё сатҳи ниҳоии онҳо барои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) танзимшавандаи субъекти монополияи табиӣ бо даъвати намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, истеъмолкунандагон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо, воситаҳои ахбори омма ва субъектҳои монополияи табиӣ;

- мақомоти ваколатдор – мақомоти давлатие, ки фаъолияти соҳаҳои монополияи табииро назорат ва танзим менамояд.

Мафҳумҳои «мол», «бозори мол», «субъекти хоҷагидор», «гурӯҳи шахсон» ба маъноҳое истифода бурда мешаванд, ки дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» зикр гардидаанд.

Моддаи 5. Соҳаи фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ

Қонуни мазкур фаъолияти субъектҳои монополияи табииро дар соҳаҳои зайл танзим менамояд:

- хизматрасонӣ дар мавриди ҳамлу нақли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои магистралӣ;

- хизматрасонӣ дар мавриди харид ва интиқоли гази табиӣ тавассути қубурҳои магистралӣ ва (ё) тақсимкунанда, истифодаи дастгоҳҳои газтақсимкунанда ва қубурҳои газгузаронии ба онҳо вобаста;

- хизматрасонӣ дар мавриди истеҳсол, интиқол ва (ё) тақсими нерӯи барқ ва (ё) гармӣ;

- хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳи оҳан;

- хизматрасонии терминалҳои нақлиёт, фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва аэронавигатсия;

- хизматрасонии алоқаи барқӣ, почта ва телекоммуникатсия бо истифодаи хатҳои шабакаҳои маҳаллӣ;

- хизматрасонии хоҷагии об ва (ё) системаи канализатсия;

- хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳҳои ҳавоӣ дар самтҳои маҳаллӣ.

Субъектҳои монополияҳои табиӣ ба Феҳристи субъектҳои монополияҳои табиӣ, ки аз бахшҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ иборат мебошанд, бо нишондоди намудҳои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшавандае, ки дар доираи танзими Қонуни мазкур қарор доранд, ворид мегарданд.

Тартиби ба Феҳристи субъектҳои монополияҳои табиӣ ворид ва аз он хориҷ намудани субъектҳо аз тарафи мақомоти давлатие, ки назорат ва танзими давлатиро дар соҳаҳои монополияҳои табиӣ ба амал мебарорад, муқаррар карда мешавад.

Ба боздоштани гузариши субъектҳои соҳаҳои монополияҳои табиӣ аз ҳолати монополияҳои табиӣ ба ҳолати бозори рақобатнок дар мавриди мавҷудияти асоснокии иқтисодии чунин гузариш иҷозат

дода намешавад.

## БОБИ 2. Назорати давлатии монополияҳои табиӣ

Моддаи 6. Усулҳои танзими фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ

Аз ҷониби мақомоти ваколатдор метавонанд усулҳои зерини танзими фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ истифода шаванд:

- танзими нархе, ки ба воситаи муайян ва тасдиқ намудани тарифҳо ва ё сатҳи ниҳоии онҳо амалӣ мегардад;

- муайян намудани истеъмолкунандагоне, ки хизматрасонӣ ба онҳо ҳатмист ва таъмини ҳадди ақали хизматрасонӣ ба онҳо дар сурати мавҷуд набудани имконияти қонеъ гардонидани тамоми талабот ба моли (кори, хизматрасонии) аз ҷониби субъектҳои монополияи табиӣ истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) бо назардошти зарурати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон.

Мақомоти ваколатдор қарорро оид ба истифодаи усулҳои дар Қонуни мазкур пешбинишудаи танзим нисбати субъекти мушаххаси монополияи табиӣ дар асоси таҳлили фаъолияти он, бо назардошти таъсири усули интихобшаванда ҳамчун омил барои баланд бардоштани сифати молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) ва ҳамчунин барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷот нисбат ба онҳо қабул мекунад ва ҳамзамон, ба асоснокии хароҷот баҳо дода, ҳолатҳои зеринро ба инобат мегирад:

- хароҷоти истеҳсоли (фурӯши) молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), аз ҷумла музди меҳнат, арзиши ашёи хом ва маҳсулот, хароҷоти иловагӣ;

- андозҳо ва пардохтҳои дигар;

- арзиши воситаҳои асосии истеҳсолӣ, талабот ба сармоягузорӣ барои азнавистеҳсолкунии онҳо зарурбуда ва ҳисобҳои истеҳлокӣ (амортизатсионӣ);

- фоидаи пешбинишаванда дар мавриди фурӯши молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) аз рӯи тарифҳои гуногун;

- дурии гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон аз маҳали истеҳсоли молҳо;

- мутобиқати сифати молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) истеҳсолшаванда (фурӯхташаванда) ба талаботи истеъмолкунандагон.

Дар мавриди қабули қарор дар бораи истифодаи усулҳои танзими фаъолияти субъекти мушаххаси монополияи табиӣ мақомоти ваколатдор ӯҳдадор аст, ки иттилооти аз ҷониби шахсони манфиатдор дар бораи фаъолияти субъекти монополияи табиӣ пешниҳодгардидаро баррасӣ намояд.

Моддаи 7. Тартиби пешниҳоди лоиҳаҳои тарифҳои субъекти монополияҳои табиӣ

Ҳангоми зарурати тасдиқи (тағйири) тарифҳои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшаванда субъекти монополияи табиӣ ба

мақомоти ваколатдор ҳуҷҷатҳоро барои баррасии тарифҳо пешниҳод менамояд.

Субъекти монополияи табиӣ вазифадор аст, ки сметаи тариф ва лоиҳаҳои тарифҳои молҳои (кориҳои, хизматрасониҳои) худро як моҳ пеш аз мӯҳлати амалӣ гардидани онҳо пешниҳод созад.

Дар ҳолати бо ташаббуси мақомоти ваколатдор аз нав баррасӣ намудани тарифҳо, субъекти монополияи табиӣ вазифадор аст, ки дар мӯҳлати як моҳ ҳисобҳои аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок ва иттилооти дигарро, ки барои тасдиқи тарифи нав зарур аст, пешниҳод намояд.

Лоиҳаҳои тарифҳои молҳои (кориҳои, хизматрасониҳои) субъектҳои монополияи табиӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар мӯҳлати як моҳ баррасӣ карда мешаванд, агар ҳисобҳои аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок мутобиқи талаботи моддаи 6 Қонуни мазкур сари вақт пешниҳод гардида бошанд.

Моддаи 8. Тартиби баррасии лоиҳаҳои тарифҳои субъектҳои монополияҳои табиӣ

Дар сурати ворид шудани пешниҳод оид ба тағйир додани тарифҳои амалкунандаи (ё сатҳи ниҳоии тарифҳои) молҳои (кориҳои, хизматрасониҳои) субъектҳои монополияҳои табиӣ, мақомоти ваколатдор:

- ташхиси иқтисодӣ, молиявӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ ташхиси техникии лоиҳаҳои тарифҳоро мегузаронад;

- дар асоси ташхиси лоиҳаи тарифи пешниҳодшудаи молҳои (кориҳои, хизматрасониҳои) субъектҳои монополияи табиӣ қарори пешакӣ мебарорад.

Ҳангоми баргузории муҳокимаи оммавӣ мақомоти ваколатдор вазифадор аст, ки на дертар аз се рӯзи пеш аз баргузории муҳокима оид ба сана ва маҳалли доир шудани он дар нашрияҳои чопӣ иттилоот ба табъ расонад. Муҳокимаи оммавӣ дар мӯҳлати на дертар аз даҳ рӯзи пеш аз санаи қабули қарори ниҳоӣ оид ба тасдиқи тарифҳо барои молҳои (кориҳои, хизматрасониҳои) субъекти монополияи табиӣ гузаронида мешавад.

Тартиби баргузории муҳокимаи оммавӣ аз тарафи мақомоти ваколатдор тасдиқ карда мешавад.

Моддаи 9. Тартиби тасдиқи тарифҳои субъектҳои монополияи табиӣ

Қарори ниҳоӣ дар хусуси тасдиқи тарифҳои молҳои (кориҳои, хизматрасониҳои) субъектҳои монополияи табиӣ бояд ба субъекти монополияи табиӣ дар мӯҳлати на дертар аз сӣ рӯз то лаҳзаи амалӣ гардидани он фиристода шавад.

Субъекти монополияи табиӣ вазифадор аст, ки иттилоотро дар хусуси тағйир ёфтани тарифҳо дар мӯҳлати на дертар аз бист рӯз то лаҳзаи амалӣ гардидани онҳо ба маълумоти истеъмолкунандагон расонад.

Тасдиқи тарифҳо, ба истисноi тарифҳои нерӯи барқ ва гармӣ бо ташаббуси мақомоти ваколатдор тибқи тартиби умумии муқаррарнамудаи Қонуни мазкур анҷом дода мешавад.

Тарифҳои нерӯи барқ ва гармӣ юо пешниҳоди мақомоти ваколатдор аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.(ҚҶТ аз 28.12.2013с. №1055)

Моддаи 10. Танзими давлатии фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ

Танзими давлатии фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ бо роҳҳои зерин сурат мегирад:

- тасдиқи тариф;
- тасдиқи сатҳи ниҳоии тариф;
- тасдиқи сметаи тарифӣ;
- тасдиқи коэффитсиенти муваққатии пасткунанда;
- тасдиқи тартиби махсуси ҳисоби хароҷот;
- тасдиқи тартиби пешбурди баҳисобгирии алоҳидаи фоида, хароҷот ва активҳои истифодашуда аз рӯи ҳар намуди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ва дар маҷмӯъ аз рӯи намудҳои дигари фаъолият;
- тасдиқи ҳадди ниҳоии фоида;
- тасдиқи тарифи муваққатии ҷубронкунанда.

Танзими давлатии фаъолияти субъекти монополияи табиӣ, ки ба истеҳсоли нерӯи гармӣ дар нерӯгоҳҳои дорои шакли мухталифи истеҳсол машғул мебошад, бо назардошти ҳамаҷонибаи хусусиятҳои режими технологии истеҳсоли нерӯи барқу гармӣ ва ташаккул додани нархи нерӯи барқ дар бозори рақобатнок анҷом дода мешавад.

Моддаи 11. Назорати давлатӣ дар соҳаҳои монополияҳои табиӣ

Бо мақсади пешбурди сиёсати самараноки давлатӣ дар соҳаҳои фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ мақомоти ваколатдор назоратро оид ба амалҳое анҷом медиҳад, ки бо иштирок ё нисбати субъектҳои монополияи табиӣ сурат мегиранд ва натиҷаи онҳо боиси поймол гардидани манфиатҳои истеъмолкунандагони молҳое (корҳое, хизматрасониҳое) мешаванд, ки нисбаташон мутобиқи Қонуни мазкур танзим сурат мегирад ё боиси монеъ шудан ба гузариши аз нигоҳи иқтисодӣ асосноки бозори молии дахлдор аз ҳолати монополияи табиӣ ба ҳолати бозори рақобатнок мегарданд.

Мақомоти ваколатдор назоратро аз болои амалҳои зерин анҷом медиҳад:

- ҳама гуна аҳдҳое, ки дар натиҷаи он субъекти монополияи табиӣ ҳуқуқи моликиятро ба воситаҳои асосӣ, ки барои истеҳсоли (фурӯши) молҳои (корҳо, хизматрасониҳо) мутобиқи Қонуни мазкур танзимшаванда истифода бурда мешаванд ё истифода бурда намешаванд, соҳиб мешавад;
- сармоягузориҳои субъекти монополияи табиӣ дар истеҳсоли (фурӯши) молҳое (корҳое, хизматрасониҳое), ки нисбати онҳо

мутобиқи Қонуни мазкур танзим сурат намегирад;

- фурӯхтан, иҷора додан ва ё аҳди дигаре, ки дар натиҷаи он субъекти хоҷагӣ ё субъекти монополияи табиӣ ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва истифода ё ҳуқуқи моликиятро ба қисмате аз воситаҳои асосии субъекти монополияи табиӣ, ки барои истеҳсоли (фурӯши) молҳои (корӣо, хизматрасониҳо) мутобиқи Қонуни мазкур танзимшаванда истифода бурда мешаванд ё истифода бурда намешаванд, пайдо мекунад;

- азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии субъекти монополияи табиӣ.

Барои иҷрои амалӣои қисми дуюми моддаи мазкур субъекти монополияи табиӣ вазифадор аст, ки ба мақомоти ваколатдор оид ба додани ризоият барои иҷрои чунин амалӣо дархост пешниҳод намояд ва иттилооти барои қабули қарор зарурро пешниҳод намояд.

Мақомоти ваколатдор ҳуқуқи рад намудани дархостро дорад, агар амали дар он зикршуда ба натиҷаҳои манфии дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинишуда оварда расонад, инчунин дар ҳолатҳое, ки аз тарафи дархостдиҳанда ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ пурра пешниҳод нагардидаанд ва ё дар ҷараёни баррасии онҳо муқаррар гардад, ки маълумотҳои дар онҳо ҷойдошта, ки барои қабули қарор аҳамияти муҳим доранд, эътимоднок нестанд.

Мақомоти ваколатдор на дертар аз сӣ рӯзи баъди қабули дархост ба дархостдиҳанда ба таври хаттӣ дар бораи қарори худ, яъне розӣ будан ё рад кардан хабар медиҳад. Сабабҳои рад гардидани дархост бояд асоснок бошанд.

Дар сурати барои қабули қарор пайдо шудани зарурияти гирифтани маълумоти иловагӣ, мақомоти ваколатдор ҳуқуқ дорад, ки аз дархосткунанда онро талаб карда, мӯҳлати баррасии дархостро то сӣ рӯз зиёд намояд, ба шарте, ки ин талабнома дар як вақт бо огоҳинома дар бораи дароз кардани мӯҳлати баррасии дархост ба дархосткунанда на дертар аз понздаҳ рӯзи баъди қабули дархост фиристода шавад.

Шахс ва ё гурӯҳи шахсоне, ки дар натиҷаи харидории саҳмия дар бозор аз сармояи оинномавии субъекти монополияи табиӣ ва ё дар натиҷаи аҳдҳои дигар, аз ҷумла аз тариқи шартномаҳои супориш, идораи ба боварӣ асосёфта ва гарав ба бештар аз 0,5 фоизи теъдоди умумии овозҳои ба тамоми саҳмияҳои сармояи оинномавии ба субъектҳои монополияи табиӣ тааллуқдошта соҳиб гардидаанд, вазифадоранд, ки дар ин бора ва инчунин дар бораи ҳамаи ҳолатҳои тағйири теъдоди овозҳои ба онҳо тааллуқдошта мақомоти ваколатдорро дар мӯҳлати се рӯзи ба он соҳиб шудан, огоҳ созанд. Ҳамин гуна ӯҳдадориро субъекти монополияи табиие низ дорад, ки бештар аз 0,5 фоизи шумораи умумии овозҳои ба тамоми саҳмияҳо тааллуқдоштаи субъекти дигари хоҷагидорро соҳиб гардидааст.

Моддаи 12. Қабули қарор оид ба татбиқ намудан, тағйир додан ё қатъи танзими фаъолияти субъектҳои монополияи табиӣ аз ҷониби

мақомоти ваколатдор

Қарор оид ба ҳамаи масъалаҳои татбиқ намудан, тағйир додан ё қатъи танзими фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ, инчунин истифодаи усулҳои танзими пешбининамудаи Қонуни мазкур аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар мӯҳлати на дертар аз як моҳ баъд аз ворид гардидани муроҷиати субъекти монополияи табиӣ қабул карда мешавад. Рад кардани (қисман рад кардани) қабули пешниҳоди воридшуда бояд асоснок карда шавад.

## БОБИ 3. Мақомоти ваколатдор дар соҳаи танзими фаъолияти монополияҳои табиӣ

Моддаи 13. Мақомоти ваколатдори танзимкунандаи фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ

Танзим ва назорати фаъолияти субъектҳои монополияҳои табииро мақомоти давлатии аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдоршуда (минбаъд - мақомоти ваколатдор) анҷом медиҳад.

Моддаи 14. Вазифаҳо ва ҳуқуқҳои мақомоти ваколатдор

Мақомоти ваколатдор вазифаҳои асосии зеринро иҷро мекунад:

- Феҳристи субъектҳои монополияҳои табииеро, ки нисбаташон танзими давлатӣ ва назорат татбиқ мегарданд, тартиб медиҳад ва пеш мебарад;
- усулҳои танзими мутобиқи Қонуни мазкур пешбинигардидаро, ки нисбати субъекти мушаххаси монополияи табиӣ истифода мегарданд, муайян месозад;
- дар доираи салоҳияти худ риояи талаботи Қонуни мазкурро назорат менамояд;
- шартномаҳои намунавиро, ки аз ҷониби субъектҳои монополияҳои табиӣ бо истеъмолкунандагон баста мешаванд, таҳия ва тасдиқ менамояд;
- дастурамали тартиби муайян, тасдиқ ва ҷорӣ намудани тарифҳо ва сметаи тарифии молҳои (кориҳои, хизматрасониҳои) субъектҳои монополияҳои табиӣ, қоидаҳои ташаккул ва пешбурди Феҳристи субъектҳои монополияҳои табиӣ, қоидаҳои тартиби баррасии парвандаҳоро дар бораи вайронкунии Қонуни мазкур таҳия ва тасдиқ менамояд;
- мувофиқи тартиби муқарраргардида оид ба такмил додани қонунгузорӣ дар бораи монополияҳои табиӣ пешниҳодҳо ирсол менамояд;
- таҷрибаи татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи монополияҳои табииро ҷамъбаст карда, дар асоси он тавсияҳои методӣ таҳия ва тасдиқ менамояд.

Мақомоти ваколатдор ҳуқуқҳои зеринро доро мебошад:

- қарорҳои барои субъектҳои монополияҳои табиӣ иҷроишашон ҳатмиро доир ба ҷорӣ намудан, тағйир додан ё қатъ кардани танзим,

доир ба истифодаи усулҳои танзими мутобиқи Қонуни мазкур пешбинишуда, аз ҷумла доир ба муқаррар кардани тарифҳо қабул менамояд;

- дар доираи салоҳияти худ нисбати қонунвайронкунии мавҷудбудаи соҳаи монополияҳои табиӣ оид ба пешгирии вайронкунии Қонуни мазкур ва бартараф намудани оқибатҳои он қарор қабул менамояд;

- тарифҳои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) танзимшавандаи субъектҳои монополияҳои табиӣ ё ҳадди ниҳоии онҳоро бо назардошти талабот ба сифати онҳо, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияти онҳо муқаррар шудаанд, тасдиқ менамояд;

- ба субъектҳои монополияҳои табиӣ дар ин хусус амрҳои иҷрояшон ҳатмӣ медиҳад:

а) доир ба қатъи вайронкунии Қонуни мазкур, аз ҷумла доир ба бартараф намудани оқибатҳои он;

б) доир ба бастани шартнома бо истеъмолкунандагоне, ки бояд ҳатман ба онҳо хизмат расонида шавад (маҳсулот пешниҳод карда шавад);

в) доир ба ворид намудани тағйирот ба шартномаҳо;

г) дар бораи ба буҷет гузаронидани тамоми маблағи фоидаи дар натиҷаи амалҳои вайрон кардани Қонуни мазкур бадастомада;

- ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар бораи бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои қабулнамудаи онҳо, ки ба Қонуни мазкур мутобиқат надоранд, амрияҳои иҷроишашон ҳатмиро равон мекунад;

- дар бораи ба Феҳрист дохил кардани субъекти монополияҳои табиӣ ва хориҷ кардан аз он қарор қабул мекунад;

- дар мавриди тағйири тарифҳои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъектҳои монополияҳои табиӣ ташаббус зоҳир менамояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз болои хариди анҷомдодаи субъектҳои монополияҳои табиӣ назорат менамояд;

- ба суд бо ариза муроҷиат менамояд ва инчунин дар суд ҳангоми баррасии парвандаҳои вобаста ба татбиқ ва вайрон кардани Қонуни мазкур иштирок менамояд;

- сметаи тарифии субъекти монополияҳои табииро ҳар сол тасдиқ менамояд;

- иҷро гардидани сметаи тарифиро аз ҷониби субъекти монополиҳои табиӣ назорат менамояд;

- дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор дар соҳаи фаъолияти нархгузорӣ тартиб ва шартҳои гузаронидани азнавнархгузории воситаҳои асосии субъекти монополияҳои табииро тасдиқ менамояд;

- доир ба татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи монополияҳои табиӣ тавзеҳот медиҳад;

- ваколатҳои дигареро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар кардаанд, иҷро менамояд.

Моддаи 15. Ваколати мақомоти ваколатдор оид ба танзими бевоситаи манфиатҳои моликияти давлатӣ

Қонуни мазкур аз ҷониби мақомоти ваколатдор мустақиман нисбат ба манфиатҳои моликияти давлатӣ ҳангоми ба вуқӯъ пайвастани фаъолияти зидди рақобат, сӯиистифодаи шароити бозор, мақоми бартариятдошта ё инҳисорӣ татбиқ мегардад. Чунин истифодаи ҳуқуқ бе дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ анҷом дода мешавад. Дахолати мазкур ҳамчун амале баррасӣ мегардад, ки рақобатро маҳдуд месозад ва муқаррароти Қонуни мазкурро вайрон мекунад.

Моддаи 16. Ҳуқуқи дарёфти маълумот дар бораи фаъолияти субъектҳои монополияи табиӣ

Бо мақсади иҷрои вазифаҳои мақомоти ваколатдор кормандони он ҳуқуқ доранд, ки дар бораи фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ, аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, инчунин субъектҳои монополияҳои табиӣ маълумот талаб намоянд ва бе мамониат аз онҳо истифода баранд.

Субъектҳои монополияҳои табиӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ ӯҳдадоранд, ки бо талаби мақомоти ваколатдор ҳуҷҷатҳои эътимодбахш, тавзеҳот дар шакли хаттӣ ё шифоҳӣ ва дигар иттилооти заруриро барои амалӣ гардонидани вазифаҳои мутобиқи Қонуни мазкур пешбинигардида пешкаш намоянд.

Маълумотҳое, ки сирри тиҷоратӣ доранд ва аз тарафи мақомоти ваколатдор дар асоси моддаи мазкур дастрас шудаанд, набояд ошкор гарданд.

Моддаи 17. Додани иттилоот аз тарафи мақомоти ваколатдор дар бораи қарорҳои қабулкардаи он

Мақомоти ваколатдор вазифадор аст, ки аз тариқи воситаҳои ахбори умум дар мӯҳлати сӣ рӯз баъд аз қабули қарори дахлдор иттилооти зеринро диҳад:

- дар бораи қарорҳои қабулкарда доир ба ҷорӣ намудан, тағйирот ё қатъи танзими фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ;
- дар бораи ба Феҳристи субъектҳои монополияҳои табиӣ дохил намудан ё хориҷ кардан аз он;
- дар бораи истифодаи усулҳои танзими фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ;
- дар бораи нишондиҳандаҳои мушаххас ва талаботе, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор ба субъектҳои монополияҳои табиӣ пешниҳод

мегарданд;

- дар бораи ҳамаи ҳолатҳои ба ҷавобгарӣ кашида шудани шахсони масъул барои вайрон намудани Қонуни мазкур.

## БОБИ 4. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои истеъмолкунандагон ва субъектҳои монополияи табиӣ

Моддаи 18. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъекти монополияи табиӣ

Субъекти монополияи табиӣ ҳуқуқ дорад:

- ба мақомоти ваколатдор оид ба тасдиқи тарифи молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) танзимшаванда ё ҳадди ниҳоии он дархост пешниҳод намояд;

- тарифҳои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшавандаро дар давраи амали тарифҳо бо мувофиқаи мақомоти ваколатдор барои ҳама истеъмолкунандагон паст намояд;

- ҳангоми аз ҷониби мақомоти ваколатдор қабул гардидани қароре, ки ба фаъолият ва мақоми ҳуқуқии он дахл дорад, пешниҳод манзур намояд;

- ба суд нисбат ба амали (беамалии) мақомоти ваколатдор, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, шикоят кунад;

- ба мақомоти ваколатдор ё суд нисбат ба амали (беамалии) субъектҳои дигар, ки ба фаъолият, даромад, моликият ва мақоми ҳуқуқии он таъсир менамояд, шикоят кунад;

- аз дигар ҳуқуқҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, истифода барад.

Субъекти монополияи табиӣ ӯҳдадориҳои зеринро дорад:

- қарори мақомоти ваколатдорро, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад, иҷро кунад;

- хизматрасонии умумии сифатан баланди истеъмолкунандагони молҳоро (корҳоро, хизматрасониҳоро) бо дарназардошти тарифҳои (нархҳои) муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдор таъмин намояд;

- ба истеъмолкунандагони молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти монополияи табиӣ шароити баробар муҳайё намояд, ба истисноИ ҳолатҳое, ки пешниҳоди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) бо назардошти имтиёзоти муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардидаанд;

- мутобиқи қонунгузорӣ талаботи техникиеро, ки риоя намудани онҳо барои истеъмолкунандагон ҳатмӣ мебошад, муқаррар намояд;

- хизматрасонии техникиро гузаронад ва тамғазании асбобҳои ҳисобкуниро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;

- тибқи талаби мақомоти ваколатдор ҳисоботи молиявӣ ва иттилооти дигари зарурherро пешниҳод намояд;

- усулҳо ва технологияи нисбатан самарабахши истеҳсол ва хизматрасонии монополияҳои табииро бо риояи принсипҳои амнияти ҷамъиятӣ ва бехатарии шаҳрвандон интихоб намояд;

- санҷиши молиявии ҳарсоларо (аудити ҳатмиро) аз ҷониби

ташкилотҳои аудиторӣ (аудиторҳо) гузаронида, натиҷаҳои онро дар воситаҳои ахбори умум нашр намояд;

- бо истеъмолкунандагон барои пешниҳоди молҳо (корҳо, хизматрасонӣ) шартнома бандад;

- ба вайронкунии ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми бастани шартнома барои пешниҳоди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) роҳ надиҳад;

- қабули пардохтҳоро аз истеъмолкунандагон барои молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшуда ба воситаи кассаҳои худ, инчунин бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ таъмин намояд;

- барои истеъмолкунандагон асбобҳои ҳисобкунии хизматрасониро насб намояд;

- ба мақомоти ваколатдор сметаи тарифиро барои тасдиқ пешниҳод намояд.

Субъектҳои монополияҳои табиӣ ӯҳдадоранд, ки дастрасии бозори молҳоро муҳайё созанд ва (ё) молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) мутобиқи Қонуни мазкур танзимшавандаро тибқи талаботи қонунгузории зиддимонополӣ бе истифодаи шартҳои дискриминатсионӣ пешниҳод намоянд.

Моддаи 19. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои истеъмолкунандаи молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти монополияи табиӣ

Истеъмолкунандаи молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти монополияи табиӣ ҳуқуқ дорад:

- молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти монополияи табииро тибқи тартиб ва тарифҳои муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдор харидорӣ намояд, насби асбобҳои баҳисобгирандаро барои хизматрасонии воқеӣ талаб кунад;

- ба мақомоти ваколатдор дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарор, қабули қарори нав ё бекор кардани қарорҳои амалкунанда бо ариза муроҷиат намояд;

- нисбат ба амали (беамалии) мақомоти ваколатдор, инчунин қарори қабулнамудаи он ба суд шикоят кунад;

- ба мақомоти ваколатдор ва суд нисбат ба амали (беамалии) субъекти монополияи табиӣ, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, шикоят кунад;

- дар муҳокимаи оммавии масъалаҳои ба фаъолияти субъектҳои монополияҳои табиӣ алоқаманд иштирок кунад;

- аз дигар ҳуқуқҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, истифода барад.

Истеъмолкунандаи молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) субъекти монополияи табиӣ ӯҳдадор аст:

- саривақт ва дар ҳаҷми пурра арзиши молҳоро (корҳоро, хизматрасониҳоро), ки субъектҳои монополияи табиӣ фароҳам овардаанд, мутобиқи шартҳои шартномаи басташуда пардозад;

- талаботи техникиеро, ки субъекти монополияи табиӣ мутобиқи

қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро кунад.

**БОБИ 5. Муқаррароти хотимавӣ**

Моддаи 20. Хусусиятҳои азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии субъекти монополияи табиӣ

Нисбати субъекти монополияи табиӣ расмиёти азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегарданд.

Бақайдгирии давлатӣ ва қайди баҳисобгирии субъекти монополияи табиӣ, инчунин бақайдгирии қатъи фаъолияти он аз ҷониби мақомоти бақайдгиранда танҳо бо мувофиқаи мақомоти ваколатдор амалӣ гардонида мешаванд.

Нисбати субъекти монополияҳои табиӣ бо мақсади пешгирии таваққуф ё камшавии воқеии ҳаҷми молҳои (кориҳои, хизматрасониҳои) пешниҳодшаванда расмиёти офиятӣ татбиқ шуданаш мумкин аст.

*Моддаи 21. Хориҷ карда шуд. (ҚҶТ аз 28.12.2013с. №1055)*

Моддаи 22. Баррасии баҳсҳо

Баҳсҳое, ки оиди масъалаҳои муқаррароти Қонуни мазкур ба миён меоянд, аз тарафи суд баррасӣ карда мешаванд.

Моддаи 23. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур

Шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 24. Дар бораи аз эътибор соқит кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи монополияҳои табиӣ»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1997 «Дар бораи монополияҳои табиӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон , соли 1997, № 23-24, мод. 358; соли 2001, № 4, мод. 146) аз эътибор соқит карда шавад.

Моддаи 25. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов
ш.Душанбе, 5 марти соли 2007,№ 235

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон , соли 2006, № 7, мод. 342; соли 2008, № 3, мод.196, ҚҶТ аз 22.02.2013с. №1000 )

*Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми майи соли 2006, № 313 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон , соли 2006, № 5, моддаи 269) қабул гардидааст.*

*Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми июли соли 2006, № 223 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон , соли 2006, № 7, моддаи 357) ҷонибдорӣ гардидааст.*

Қонуни мазкур тартиби гузаронидани санҷишҳо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои субъектҳои хоҷагидор ва шахсони мансабдори мақомоти санҷишро муқаррар намуда, барои ҳифз намудани фаъолияти онҳо аз дахолати ғайриқонунӣ равона гардидааст.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Доираи татбиқи Қонуни мазкур

1. Қонуни мазкур муносибатҳоро вобаста ба ташкил ва гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби мақомоти санҷиш танзим менамояд.

2. Қонуни мазкур нисбати санҷишҳое, ки аз тарафи мақомоти зерин гузаронида мешаванд, татбиқ намегардад:

–Бонки миллии Тоҷикистон оид ба фаъолияти бонкҳо ва муассисаҳои ғайрибонкии молиявӣ:

-мақомоти иҷрокунандаи фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ;

-мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва судҳо;

-мақомоти Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуқтаҳои доимӣ ва сайёр бо мақсади таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ;

-мақомоти андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ;

-мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ; (ҚҶТ аз 20.03.08 № 377)

- Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ; (ҚҶТ аз 22.07.2013с. №1000)

-мақомоте, ки дар нуқтаҳои гузаргоҳи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд;

-мақомоте, ки муоинаи нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории молҳоро барои мутобиқати онҳо ба стандартҳо ва талаботи қонунгузорӣ ба амал мебароранд.

3. Санҷишҳои дар қисми 2 ҳамин модда пешбинигардида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

4. Ҷараёни гузаронидани санҷишҳо фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро бознамедорад.

Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

- санҷиш- шакли фаъолияти назоратӣ, ки таҳти мафҳуми он амалҳои шахсони мансабдори мақомоти санҷиш оид ба таъмини риоя ва иҷро гардидани талаботу шартҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор, ошкор ва рафъ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо, пешгирӣ кардани онҳо ва истифодаи муҷозот фаҳмида мешаванд. Боздиди расмии шахси мансабдори мақомоти санҷиш бо мақсади гузаронидани назорати давлатӣ ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор санҷиш ҳисобида мешавад;

- субъектҳои хоҷагидор- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки фаъолияти хоҷагидориро ба амал мебароранд;

- мақомоти санҷиш- мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон , ки дар қисми 1 моддаи 7 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд ва барои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор мебошанд;

- дафтари бақайдгирии санҷишҳо- дафтари бақайдгирии санҷишҳои субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон , ки ба он тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 8 ҳамин Қонун оид ба ҳар як санҷиши гузаронидашудаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ворид карда мешавад.

Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад.

Моддаи 4. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти санҷиш оид ба гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Мақоми санҷиш дар асоси ҳамин Қонун қоидаҳои гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул менамояд, ки бояд меъёрҳои зеринро дар бар гирад:

–асосҳои ҳуқуқии гузаронидани санҷишҳо аз тарафи мақомоти санҷиш;

- ваколатҳои шахсони мансабдори мақоми санҷиш;

-тартиби банақшагирӣ ва гузаронидани санҷишҳо;

-тақсими ваколатҳо оид ба қабули қарор аз натиҷаи санҷишҳо;

-услуби тартибдиҳии санади санҷиш ва қабули қарор ҳангоми бастани ҷаримаи маъмурӣ;

-тартиби ҳисоб ва ситонидани ҷарима;

-расмиёти баррасии дохилӣ идоравии шикояти субъектҳои хоҷагидор;

-расмиёти мубодилаи иттилоот ва ҳамоҳангсозии амалӣо бо дигар мақомоти санҷиш.

2. Ба гузаронидани ҳар гуна санҷиш дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти умумиҳатмии мақомоти санҷиш, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудаанд ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор нагардидаанд, роҳ дода намешавад.

Моддаи 5. Мақсади санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мақсади санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, таъмини риояи шартҳо ва талаботи қонунҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон , пешгирӣ ва қатъ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор мебошад.

Моддаи 6. Принсипҳои асосии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Принсипҳои асосии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

-қонунӣ будан, беғаразӣ ва ошкорбаёнӣ дар фаъолияти мақомоти санҷиш;

-пешгирӣ ва бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо;

-поквиҷдонии шахсони мансабдори мақомоти санҷиш ва субъекти хоҷагидор;

-ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои хоҷагидор;

-шартҳо ва талаботҳои ҳатмии санҷиш танҳо тибқи муқаррароти қонунҳо;

-роҳ надодани дахолат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ки ба мавзӯи санҷиш вобастагӣ надоранд;

-даврияти гузаронидани санҷиш;

-роҳ надодан ба гузаронидани санҷиши такрории як мавзӯъ аз

ҷониби ду ва бештар мақомоти санҷиш;

-огоҳкунии ҳатмии субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби мақомоти санҷиш дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон , ки шартҳо ва талаботи ҳатмиро пешбинӣ менамояд, ки риоя ва иҷрои онҳо бояд санҷида шавад;

-ошкоро ва дастрас будани иттилоот оид ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор;

-гузаронидани санҷишҳо тибқи Қонуни мазкур танҳо дар ҳудуди фаъолияти субъектҳои хоҷагидор;

-санҷишҳо аз ҳисоби маблағҳое, ки дар сметаи хароҷоти мақомоти санҷиш пешбинӣ шудаанд, гузаронида мешавад.

Моддаи 7. Мавзӯи санҷишҳо ва номгӯи мақомоти ваколатдори давлатие, ки санҷиш мегузаронанд

1. Мавзӯи гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва мақомоти ваколатдори давлатие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни мазкур санҷиш мегузаронад, инҳо мебошанд:

-оид ба ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангал- мақомоти ваколатдор дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангал;

-оид ба соҳаи сохтмон ва меъморӣ, истеҳсоли масолеҳ, маснуот ва таркиби сохтмонӣ- мақомоти ваколатдор дар соҳаи сохтмон ва меъморӣ;

-оид ба бехатарии пешбурди корӣо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ- мақомоти ваколатдори соҳаи назорати кӯҳкорӣ ва бехатарии корӣо дар саноат:

-дар соҳаи телевизион ва радио- мақомоти ваколатдори соҳаи телевизион ва радио;

-дар соҳаи рақобат ва маҳдудсозии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол, инҳисориҳои табиӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва фаъолияти рекламавӣ- мақомоти ваколатдор дар соҳаи сиёсати зиддиинҳисорӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон;

-оид ба иҷрои чорабиниҳои пешгирӣ аз сӯхтор ва бехатарӣ аз сӯхтор- мақомоти ваколатдори назорати сӯхтор;

-оид ба истеҳсол, ҳосил намудан, коркард, истифода, нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, инчунин дигар амалиёт бо металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо- мақомоти ваколатдори назорати давлатии иёр;

-оид ба истифодаи оқилона ва самараноки қувваи барқу гармӣ, сифати қувваи барқи таҳвилшаванда, ҳолати баҳисобгирии истеҳсол ва истеъмоли қувваи барқу гармӣ, тартиби тасдиқ ва тақсими меъёрҳои истеъмоли қувваи барқу гармӣ, ҳолати техникии нерӯгоҳҳои барқӣ, шабакаҳои барқӣ ва дастгоҳҳои барқию гармӣ, низоми истеъмоли қувваи барқу гармӣ, доир намудани чорабиниҳои таъминкунандаи хизматрасонии бехатари дастгоҳҳои барқӣ ва

истифодабарандаи гармӣ- мақомоти ваколатдори назорати энергетикӣ;

-оид ба сифати расонидани ёрии тиббӣ аз тарафи шахсоне, ки ба фаъолияти хусусии тиббӣ машғул мебошанд- мақомоти ваколатдор дар соҳаи тандурустӣ;

-оид ба риояи меъёрҳо ва қоидаҳои санитарӣ- мақомоти ваколатдори назорати санитарию эпидемиологӣ;

-оид ба стандартизатсия, сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ, метрология ва таъмини ягонагии ченакҳо- мақомоти ваколатдор дар соҳаи стандартизатсиякунонӣ, метрология, сертификаткунонӣ;

дар соҳаи байторӣ- мақомоти ваколатдори гузаронандаи назорати байторӣ;

-оид ба тухмипарварӣ- мақомоти ваколатдор дар соҳаи тухмипарварӣ;

-оид ба карантини растаниҳо- мақомоти ваколатдор дар соҳаи карантини растаниҳо;

-оид ба ҳифзи меҳнат дар ҷараёни истеҳсолот- мақомоти ваколатдор дар соҳаи ҳифзи меҳнат;

-оид ба зотпарварӣ дар чорводорӣ ва паррандапарварӣ- мақомоти ваколатдор дар соҳаи зотпарварӣ;

-дар соҳаи нақлиёт ва хоҷагии роҳ- мақомоти ваколатдор дар соҳаи нақлиёт;

-оид ба истифодаи каналҳо ва хатҳои басомад, тавсифи техникӣ ва истифодабарии радиосигналҳои паҳншаванда- мақомоти ваколатдор дар соҳаи алоқа;

-оид ба гирифтан, гузаронидан ё истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳои давлатӣ, қарзҳои аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ваколати ӯ ҷалбшаванда аз тарафи соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқии ғайридавлатӣ - мақомоти ваколатдори гузаронандаи назорати давлатии молиявӣ;

-оид ба истифодаи техникаи соҳаи кишоварзӣ- мақомоти ваколатдор дар соҳаи истифодаи техникаи соҳаи кишоварзӣ;

-оид ба иҷозатномадиҳӣ- мақомоти иҷозатномадиҳанда;

-оид ба моликият ва идоракунии моликияти давлатӣ- мақомоти ваколатдори идораи амволи давлатӣ.

2. Санҷиши фаъолияти намояндагиҳо ва бахшҳои шахсони ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Қонун дар доираи анҷом додани санҷиши фаъолияти худи шахси ҳуқуқӣ гузаронида мешавад.

3. Мавзӯи санҷиши як мақомоти санҷишӣ, ки дар қисми 1 ҳамин модда пешбинӣ шудааст, наметавонад аз тарафи мақомоти дигари санҷишӣ такрор карда шавад.

4. Тағйир додани мавзӯи санҷишҳо ва номгӯи мақомоти давлатие, ки барои анҷомдиҳии санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор гардидаанд, танҳо бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳамин Қонун имконпазир мебошад.

Моддаи 8. Дафтари бақайдгирии санҷишҳо

1. Субъектҳои хоҷагидор вазифадоранд, ки ҳар як санҷишро дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо қайди хаттӣ намоянд.

2. Баъди ба субъектҳои хоҷагидор супурдани қарор оид ба гузаронидани санҷиш ҳар як шахси мансабдори мақомоти санҷиш ӯҳдадор аст дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо маълумотҳои зеринро бо имзои худ қайд намояд:

- фамилия, ном, номи падар, рақами шаҳодатнома (аз ҷумла шаҳодатномаи махсус), номи мақомоте, ки шаҳодатномаро додааст, мӯҳлати эътибори шаҳодатнома;

- дар вақти иштироки мутахассиси даъватшуда дар гузаронидани санҷиш- фамилия, ном, номи падари вай, инчунин рақами шаҳодатномаи хидматӣ, номи ташкилоте, ки намояндаи он мебошад ва дар сурати мустақил будани мутахассис, рақами шаҳодатномаи шахсӣ ва агар тибқи Қонун фаъолияти мутахассиси даъватшуда бояд иҷозатнома дошта бошад, рақами иҷозатнома, номи мақомоте, ки иҷозатномаро додааст ва мӯҳлати эътибори иҷозатнома;

- асос барои санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор, сана ва вақти оғози санҷиш;

- мавзӯъ ва мақсади санҷиш.

3. Роҳбари субъекти хоҷагидор ӯҳдадор аст, ки дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо инҳоро зикр намояд:

- сана ва вақти анҷоми санҷишҳо;

- ҳангоми ошкор гардидани вайронкунии шартҳо ва талаботи қонунҳо, тадбирҳое, ки аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти санҷиш нисбати субъекти хоҷагидор андешида шудаанд;

- мулоҳизоти худ дар шакли «Розиам», «Розӣ нестам», «Бо эродҳо розиам».

4. Шахси мансабдори мақомоти санҷиш барои саркашӣ аз ворид намудани маълумот оид ба санҷиши гузаронидаистода дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо масъулияти муқаррарнамудаи қонунро ба дӯш дорад.

5. Дар сурати Дафтари бақайдгирии санҷишҳоро надоштани субъектҳои хоҷагидор шахси мансабдори мақомоти санҷиш дар санади санҷиш сабтҳои дахлдор ворид менамояд.

6. Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз тарафи субъекти хоҷагидор тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешавад.

7. Мақомот оид ба дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили сабтҳои ба Дафтари бақайдгирии санҷишҳо воридгардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солона пешниҳод менамояд.

## БОБИ 2. РАСМИЁТИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР

Моддаи 9. Асос барои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Асос барои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор қарори мутобиқи қонун қабулнамудаи мақомоти санҷиш оид ба гузаронидани санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор мебошад.

2. Қарор оид ба гузаронидани санҷиш бояд маълумоти зеринро дошта бошад:

-сана ва рақами бақайдгирии қарор дар мақомоти санҷиш;

-номи мақомоте, ки оид ба гузаронидани санҷиш қарор қабул намудааст;

-номи пурраи шахси ҳуқуқии санҷидашаванда ё фамилия, ном, номи падари соҳибкори инфиродӣ;

-мавзӯъ ва мақсади санҷиш;

-мансаб, фамилия, ном, номи падари шахсони санҷишкунанда;

-сана ва давомнокии гузаронидани санҷиш;

-давраи санҷидашаванда;

-имзои роҳбари мақомоти санҷиш;

-мӯҳри мақомоти санҷиш.

3. Дар қарор оид ба гузаронидани санҷиши мутақобила инчунин бояд маълумотҳои зерин низ нишон дода шаванд:

-номи пурраи шахси ҳуқуқӣ ё фамилия ва номи шахси воқеие, ки нисбати ӯ санҷиши асосӣ гузаронида мешавад;

-амалиёти мушаххас, ки бо санҷиши асосӣ вобаста аст ва дурустии онҳо бояд дар ҳуҷҷатҳо муайян карда шавад.

Моддаи 10. Даврияти санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор

1. Ҳар як мақомоти санҷиш, санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидорро на зиёдтар аз як маротиба дар ду сол анҷом медиҳад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қисми 2 ҳамин модда ва қисмҳои 1,2 ва 3 моддаи 15 ҳамин Қонун пешбинӣ шудаанд.

2. Барои объектҳои сатҳи хавфнокиашон баланд дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад давраи дигари гузаронидани санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор муқаррар гардад, ки тибқи он санҷиш метавонад зиёдтар аз як маротиба дар ду сол, аммо на бештар аз як маротиба дар шаш моҳ гузаронида шавад. Қонуне, ки чунин даврияти гузаронидани санҷишро пешбинӣ менамояд, бояд дараҷаи мушаххаси объектҳои санҷидашавандаро вобаста аз сатҳи хавфнокии онҳо барои ҳаёт ва саломатии аҳолӣ муайян намояд.

Дар асоси дараҷаҳои мушаххас ҳар як мақомоти санҷиш Номгӯи объектҳои хавфнокиашон баландро, ки на бояд аз 10 фоизи шумораи умумии объектҳои аз тарафи ҳамин мақомот санҷидашаванда зиёд бошад, таҳия менамояд. Номгӯи объектҳои хавфнокиашон баландро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва интишор менамояд.

3. Даврияти санҷиши ҳар як объекти мушаххас бо назардошти дараҷаи хавфнокии он аз ҷониби мақомоти санҷиш дар нақшаи гузаронидани санҷишҳо, ки тибқи Қоидаҳои гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъекти хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, муайян мегардад. Ҳамзамон даврияти санҷишҳо метавонад камтар шавад, вале на зиёда аз даврияте, ки дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда пешбинӣ шудааст.

4. Санҷиши аввалини фаъолияти субъектҳои хоҷагидори навтаъсис метавонад танҳо баъди сипарӣ гардидани се соли пурраи тақвимӣ пас аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он гузаронида шавад. Зимнан, соҳибкори инфиродӣ, ки дар асоси патент фаъолият менамояд, аз санаи гирифтани патенти аввалин субъекти хоҷагидори навтаъсис ҳисобида мешавад.

Дар ҳолате, ки агар то гузаштани мӯҳлати муқарраргардида фаъолияти субъекти хоҷагидор қатъ гардад ( аз нав ташкил карда ё барҳам дода шавад), фаъолияти молиявии он бо назардошти ҳолатҳои қисмҳои 2 ва 3 моддаи 1 ва қисми 1 моддаи 7 ҳамин Қонун дар ин асосҳо санҷида мешавад:

- аризаи худи субъекти хоҷагидор;

-ахбори мақомоте, ки оид ба азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии субъекти хоҷагидор қарор қабул кардааст;

-иттилооти мақомоте, ки азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии шахси ҳуқуқиро ба қайд гирифтааст.

Чунин санҷиш танҳо нисбати даврае, ки мутобиқи ҳамин Қонун пештар мавриди санҷиши молиявӣ қарор нагирифтааст, гузаронида мешавад.

5. Дар давраи озод будан аз санҷиш, субъектҳои хоҷагидори навтаъсис аз иҷрои ӯҳдадориҳое, ки қонунҳо муқаррар намуданд ва риояю татбиқи онҳо мутобиқи ҳамин Қонун бояд санҷида шавад, озод карда намешавад.

6. Ба санҷиши корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба истиснои санҷишҳои мутақобила, дар мавсими истеҳсол ва коркарди маҳсулот, роҳ дода намешавад.

Моддаи 11. Огоҳкунӣ

1. Бо мақсади гузаронидани санҷиш, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 15 ҳамин Қонун, мақомоти санҷиш субъекти хоҷагидорро аз санҷиши оянда се рӯзи корӣ қабл аз оғози санҷиш хаттӣ огоҳ менамояд. Дар огоҳиномаи гузаронидани санҷиш ҳатман асоси гузаронидани санҷиш, мавзӯъ ва мақсади санҷиш, сана, вақти оғози он ва мӯҳлате, ки дар давоми он гузаронидани санҷиш пешбинӣ шудааст, зикр карда мешаванд. Дар огоҳиномаи гузаронидани санҷиши мутақобила бояд амалиёти мушаххас, ки бо санҷиши асосӣ вобаста аст ва дурустии онҳо дар ҳуҷҷатҳо муайян карда мешавад, нишон дода шаванд.

2. Дар ҳолате, ки агар субъекти хоҷагидор бо сабабҳои узрнок

оғози санҷишро дар рӯз ва вақти дар огоҳинома пешбинишуда таъмин карда натавонад, вай ӯҳдадор аст ба мақоми санҷиш дар ин хусус на дертар аз ду рӯз то оғози санҷиш ба таври хаттӣ хабар диҳад, сана ва вақти барои тарафҳо мувофиқро барои оғози санҷиш пешниҳод намояд, вале на дертар аз панҷ рӯзи корӣ, аз рӯзе, ки мақомоти санҷиш чунин хабарро мегирад.

3. Бо назардошти ҳолатҳои қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда, субъекти хоҷагидоре, ки дар бораи санҷиши оянда огоҳинома гирифтааст, ӯҳдадор аст ба оғози санҷиш дар рӯзу вақти муқарраршуда монеъ нашавад.

Моддаи 12. Оғози санҷиш

1. То оғози санҷиш ба роҳбари субъекти хоҷагидор қарор оид ба гузаронидани санҷиш супорида мешавад. Дар нусхаи қарор қайд ва имзои роҳбари субъекти хоҷагидор оид ба шиносоӣ ва гирифтани қарор гузошта мешавад.

Аз ҷониби роҳбари субъекти хоҷагидор гирифтани қарор рад гардад ҳам, он барои оғози санҷиш монеъ шуда наметавонад.

2. Шахсони мансабдори мақомоти санҷиш, ки бояд санҷиш гузаронанд, ӯҳдадоранд пеш аз гузаронидани санҷиш ба роҳбари субъекти хоҷагидор шаҳодатномаи хизматиашонро пешниҳод намоянд ва ба Дафтари бақайдгирии санҷишҳо маълумоти дахлдор ворид кунанд.

3. Дар асоси як қарор танҳо як санҷиш гузаронида мешавад.

4. Оғози санҷиш лаҳзаи аз тарафи шахсони мансабдори мақомоти санҷиш ба Дафтари бақайдгирии санҷишҳо сабт намудани маълумоти дар қисми 2 моддаи 8 ҳамин Қонун пешбинишуда ҳисобида мешавад.

Моддаи 13. Номгӯи масъалаҳои назоратие, ки тибқи онҳо санҷиш гузаронида мешавад

1. Санҷиш тибқи Номгӯи масъалаҳои назоратие, ки намунаи онҳоро ҳар як мақомоти санҷиш мутобиқи шартҳо ва талаботи муқаррарнамудаи қонун тасдиқ намудааст, гузаронида мешавад.

2. Субъекти хоҷагидор ҳуқуқ дорад нусхаи Номгӯи масъалаҳои назоратиеро, ки тибқи онҳо санҷиш гузаронида мешавад, пешакӣ аз мақомоти санҷиш талаб намуда гирад. Мақомоти санҷиш ӯҳдадор аст тибқи дархости субъекти хоҷагидор пешакӣ дар лаҳзаи ба субъекти хоҷагидор супоридани қарор оид ба гузаронидани санҷиш нусхаи Номгӯи масъалаҳои назоратиеро, ки тибқи онҳо санҷиш гузаронида мешавад, супорад.

Моддаи 14. Давомнокӣ ва мӯҳлати гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор

1. Мӯҳлати гузаронидани санҷиши молиявии фаъолияти шахси ҳуқуқӣ набояд аз бист рӯзи тақвимӣ зиёд бошад.

Санҷиши фаъолияти шахси ҳуқуқӣ аз тарафи дигар мақомоти

санҷиш бояд дар мӯҳлати на бештар аз панҷ рӯзи корӣ гузаронида шавад.

2. Мӯҳлати гузаронидани санҷиши молиявии фаъолияти соҳибкори инфиродӣ набояд аз даҳ рӯзи тақвимӣ зиёд бошад.

Санҷиши фаъолияти соҳибкори инфиродӣ аз тарафи дигар мақомоти санҷиш бояд дар мӯҳлати на бештар аз панҷ рӯзи корӣ гузаронида шавад.

3. Дар ҳолатҳои истисноӣ, яъне фоҷиавӣ, беморӣ, фавти шахси масъул ва офати табиӣ бо қарори роҳбари мақомоти санҷиш мӯҳлатҳои дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда пешбинишуда метавонанд як маротиба ба мӯҳлати на зиёдтар аз сеяки мӯҳлати асосии гузаронидани санҷиш дароз карда шаванд.

4. Санҷиш танҳо дар вақти корӣ ва дар рӯзҳои корӣ гузаронида мешавад.

Моддаи 15. Санҷишҳои ғайринақшавӣ, такрорӣ ва мутақобила

1. Санҷиши ғайринақшавӣ дар ҳолатҳои зерини истисноӣ анҷом дода мешавад:

- бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон , аз ҷумла бо мақсади пешгирии ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулодда;

- бинобар мураккаб гардидани ҳолати санитарию эпидемиологӣ ва ё байторию санитарӣ (бо қарори хаттии Сарнозири дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ).

2. Санҷиши такрорӣ танҳо тибқи аризаи хаттии худи субъекти хоҷагидор гузаронида мешавад.

3. Санҷиши мутақобила танҳо оид ба масъалаҳои дуруст дарҷ намудани амалиёти мушаххас дар ҳуҷҷатҳои молиявӣ дар давраи санҷиш, ки дар қарори гузаронидани санҷиши мутақобила зикр гардидаанд, гузаронида мешаванд.

4. Дигар санҷишҳо наметавонанд нисбат ба мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи моддаи 10 Қонуни мазкур пештар гузаронида шаванд.

5. Шикояти субъекти хоҷагидор аз қарорҳо ё амалҳои шахсони мансабдори мақомоти санҷиш наметавонад боиси санҷишҳои ғайринақшавӣ, такрорӣ ва ё мутақобилаи фаъолияти он гардад.

Моддаи 16. Имконнопазирии санҷиши такрорӣ аз тарафи мақомоти санҷишии сатҳи гуногун

Дар сурате, ки агар санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор аз ҷониби як сохтори мақомоти санҷиш (ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ё ҷумҳуриявӣ) гузаронида шавад, ба дигар сохторҳои он мақомоти санҷиш гузаронидани санҷиши фаъолияти ҳамон субъекти хоҷагидор дар давраҳои пешбининамудаи қисмҳои 1,2 ва 3 моддаи 10 ҳамин Қонун аз рӯи ҳамон масъалае, ки доир ба он аллакай санҷиш гузаронида шуда буд, манъ аст.

Моддаи 17. Анҷоми санҷиш

1. Баъди анҷоми санҷиш, сарфи назар аз натиҷаҳои он, шахси мансабдори мақомоти санҷиш ҳатман санад тартиб дода, дар он маълумоти зеринро зикр менамояд:

- ҷойи гузаронидани санҷиш, санаи таҳияи санад;

- мавзӯи санҷиш;

- вазифа, фамилия, ном, номи падари шахсони мансабдори мақомоти санҷиш, ки санҷишро анҷом додаанд;

- фамилия, ном, номи падари соҳибкори инфиродии санҷидашуда ё номи пурраи шахси ҳуқуқӣ;

- маълумот оид ба санҷиши пештара, натиҷаҳои он, инчунин тадбирҳое, ки барои рафъи камбудиҳои пештар ошкоргардида андешида шудаанд;

- давраи санҷидашаванда ва маълумоти умумӣ оид ба ҳуҷҷатҳое (объектҳое), ки субъекти хоҷагидор барои гузаронидани санҷиш пешниҳод намудааст;

- натиҷаҳои санҷиш;

- дар ҳолати ошкор гардидани камбудиҳо- шарҳи муфассали онҳо бо истинод ба меъёри дахлдори санади меъёрии ҳуқуқӣ.

2. Анҷоми санҷиш рӯзи ба субъекти хоҷагидор супурдани санади санҷиш ё санаи ба он фиристодани санади санҷиш бо мактуби супоришӣ ва огоҳинома, вале на дертар аз панҷ рӯзи корӣ аз мӯҳлати дар қарор зикргардида ҳисобида мешавад.

3. Агар роҳбари субъекти хоҷагидор гирифтани санади санҷишро рад намуда бошад, дар ин бора дар нусхаи санади санҷиши барои мақомоти санҷиш таъингардида қайд ворид намуда бо имзои шахси мансабдори санҷиши дахлдорро анҷомдода тасдиқ карда мешавад. Дар чунин ҳолат санади санҷиш бо мактуби супоришӣ ва огоҳинома ба субъекти хоҷагидор фиристода мешавад.

4. Ба санади санҷиш нусхаҳои зарурии ҳуҷҷатҳо, ҳисобҳои анҷомдодаи шахси мансабдори мақомоти санҷиш ва дигар маводи дар ҷараёни санҷиши гузаронидашуда бадастомада замима карда мешаванд.

5. Санади санҷиш ба миқдори на кам аз ду нусха таҳия гардида, аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти санҷиш, ки санҷиши дахлдорро гузаронидааст, имзо карда мешавад.

6. Як нусхаи санади санҷиш ба субъекти хоҷагидор дар давоми панҷ рӯзи корӣ супурда мешавад. Ҳангоми гирифтани санади санҷиш роҳбари субъекти хоҷагидор ӯҳдадор аст дар нусхаи дигари санад дар хусуси гирифтани он қайд ворид намуда, имзо гузорад.

Моддаи 18. Қарор оид ба натиҷаҳои санҷиш

1. Баъди анҷоми ҳар як санҷиш дар асоси натиҷаҳое, ки дар санади санҷиш дарҷ гардидаанд, мақомоти санҷиш бо имзои роҳбар ё шахси ивазкунандаи ӯ оид ба натиҷаҳои санҷиш қарор қабул менамояд, ки он дар мӯҳлати панҷ рӯзи корӣ баъди рӯзи анҷоми санҷиш ба субъекти хоҷагидор дода мешавад.

2. Қарор бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- сана ва рақами бақайдгирии қарор ва санади санҷиш;

- фамилия, ном, номи падари соҳибкори инфиродӣ ё номи пурраи шахси ҳуқуқӣ;

- мавзӯи санҷиши гузаронидашуда;

- чораи андешидашаванда, агар камбудиҳо ошкор гардида бошанд;

- талабот оид ба рафъи камбудиҳои ошкоргардида;

- мӯҳлат, ҷой ва тартиби шикоят аз болои қарор.

3. Дар ҳолати ошкор нагардидани камбудиҳо баъди анҷоми санҷиш ба қарор қайдҳои дахлдор ворид карда мешаванд.

## БОБИ 3. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР ВА ШАХСОНИ МАНСАБДОРИ МАҚОМОТИ САНҶИШ

Моддаи 19. Ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои субъектҳои хоҷагидор

1. Субъектҳои хоҷагидор ҳуқуқ доранд:

- дар бораи санҷиши дар пешистода маълумот дошта бошанд;

- аз шахсони мансабдори санҷишкунанда асосҳои гузаронидани санҷишҳоро талаб намоянд, бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти санҷишкунандагон шинос шаванд;

- шахсонеро, ки қарорро дар бораи гузаронидани санҷиши дар моддаи 9 ҳамин Қонун зикршуда надоранд ва ё ба Дафтари бақайдгирии санҷишҳо маълумоти дахлдор ворид накардаанд, даврияти пешбининамудаи моддаи 10 ҳамин Қонунро риоя накардаанд ва ё мӯҳлатҳои дар қарор нишон додашуда фаро нарасидаанд ва ё гузаштаанд, ба санҷиш роҳ надиҳанд;

- талаботи шахсони мансабдори мақомоти санҷишро оид ба масъалаҳое, ки дар доираи салоҳияти онҳо қарор надоранд, иҷро накунанд ва онҳоро бо маводе, ки ба мавзӯи санҷиш дахл надоранд, шинос накунанд;

- аз мақомоти санҷиш нусхаи санади санҷишро дар давоми панҷ рӯзи корӣ баъди анҷоми санҷиш талаб намоянд ва гиранд;

- аз мақомоти санҷиш ҷуброни зиёни дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии шахсони мансабдори он ҳангоми гузаронидани санҷиш расонидашударо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намоянд;

- ба шахси мансабдори мақомоти санҷиш шарҳу эзоҳотро оид ба масъалаҳои вобаста ба санҷиш ва натиҷаҳои он пешниҳод кунанд;

- аз натиҷаҳои санҷиш бо тартиби муқаррарнамудаи қонун шикоят намоянд;

- бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ дар ҷараёни гузаронидани санҷишҳо ва тибқи натиҷаҳои онҳо ҳуқуқ доранд мутахассисон ва намояндагони ассотсиатсияҳоеро, ки аъзои онҳо мебошанд, инчунин дигар ташкилотҳои ҷамъиятиро ҷалб намоянд.

2. Субъектҳои хоҷагидор ӯҳдоранд:

- шахсони мансабдори мақомоти санҷишро дар сурати доштани қарор дар бораи гузаронидани санҷиш, ки тибқи моддаи 9 ҳамин Қонун пешбинӣ шудааст ва аз ҷониби онҳо пешниҳод гардидани шаҳодатномаи хизматӣ ва ворид намудани сабтҳои дахлдор ба Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба объектҳои дахлдори санҷиш роҳ диҳанд;

- мавод ва ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани санҷиш зарурбударо дар асоси талаботи қонунӣ ва асосноки шахсони мансабдори мақомоти санҷиш пешниҳод намоянд;

- қарорҳои мақомоти санҷишро дар бораи бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар мӯҳлатҳои муқарраршуда, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 24 ҳамин Қонун, иҷро намоянд;

- ба шахсони мансабдори мақомоти санҷиш дар иҷрои ӯҳдадориҳои қонунии онҳо монеъ нашаванд;

- ба оғози санҷиш дар сана ва дар вақти муайяншуда монеъ нашаванд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қисми 3 моддаи 8 ҳамин Қонун ба Дафтари бақайдгирии санҷишҳо маълумоти дахлдор ворид намоянд.

Моддаи 20. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони мансабдори мақомоти санҷиш

1. Шахсони мансабдори мақомоти санҷиш дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ доранд:

- ба ҳудуди объектҳои субъекти хоҷагидор бо ҳамроҳии намояндаи субъекти хоҷагидор ворид шаванд;

- аз субъекти хоҷагидори санҷидашаванда ҳуҷҷатҳои зарурии бевосита ба гузаронидани санҷиш вобастабударо талаб намоянд, аз онҳо иқтибос ва нусха гиранд;

- аз роҳбари субъекти хоҷагидор оид ба масъалаҳои вобаста ба санҷиши фаъолияти он баёноти хаттӣ талаб намоянд;

- намунаҳоро (иёрҳоро) дар асоси санади (акти) хаттӣ ба миқдори барои гузаронидани санҷиш зарурбуда интихоб намуда гиранд ва новобаста аз намуди намуна онҳоро баъди анҷоми санҷиш якҷоя бо як нусхаи санади санҷиш ба соҳибаш баргардонанд.

2. Шахсони мансабдори мақомоти санҷиш ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар доираи салоҳияти худ ӯҳдадоранд:

- қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуқуқҳои субъекти хоҷагидорро риоя намоянд;

- санҷишҳоро дар мутобиқати қатъӣ бо қарорҳои мақомоти санҷиш оид ба гузаронидани санҷиш тибқи тартибе, ки ҳамин Қонун пешбинӣ намудааст, гузаронанд;

- ба субъектҳои хоҷагидори санҷидашаванда қарор дар бораи гузаронидани санҷиш ва дигар ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намоянд;

- маълумотҳоро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи 8 ҳамин Қонун ба Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ворид намоянд;

- то оғози санҷиш ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектҳои хоҷагидори санҷидашаванда, инчунин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро вобаста ба гузаронидани санҷишҳо фаҳмонида диҳанд;

- ба иштирок намудани намояндагони субъекти хоҷагидор ҳангоми гузаронидани санҷиш монеъ нашаванд ва масъалаҳои вобаста ба мавзӯи санҷишро ба онҳо шарҳ диҳанд;

- нигоҳдошти миқдор ва сифати ҳуҷҷатҳо, намунаҳои таҳқиқӣ ва дигар маводеро, ки муваққатан гирифта шудаанд, инчунин сари вақт баргардонидани онҳоро таъмин намоянд;

- мавзӯъ ва моҳияти камбудиҳои ошкоргардидаро ба субъектҳои хоҷагидор шарҳ дода, тадбирҳоро оиди бартараф намудани онҳо ба амал бароварда, ба пинҳон кардани онҳо роҳ надиҳанд;

- барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор монеаҳо эҷод накунанд;

- аз ҳудуди субъекти хоҷагидори санҷидашаванда ҳуҷҷатҳои санҷидашавандаро берун набароранд;

- ба субъектҳои хоҷагидори санҷидашуда доир ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида дастурҳои қонунӣ ва асосноки иҷрояшон ҳатмиро диҳанд;

- риояи сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ва дигар асрореро, ки қонун ҳифз намудааст, таъмин намоянд.

Моддаи 21. Маҳдудиятҳо ҳангоми гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор

Ба мақомоти санҷиш ва шахсони мансабдори онҳо манъ мебошад:

- дахолат намудан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар масъалаҳои ба мавзӯи санҷиш вобастанабуда;

- ситонидани пардохтҳои пешбининамудаи қонун, инчунин ҷаримаҳо, фоизҳо аз субъектҳои хоҷагидор дар шакли нақдӣ;

- истифода бурдани далелҳои вуҷуд доштани камбудиҳо ҳамчун асос барои дахолат ё маҳдуд намудани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор;

- талаб намудани пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумотҳои ба мавзӯи санҷиш вобастанабуда;

- гузаронидани амалиёе, ки ба фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии муттасили субъектҳои хоҷагидор монеъ мешавад.

## БОБИ 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 22. Дастрасии иттилоот оид ба санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Ҳар як субъекти хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иттилоот оид ба санҷиши фаъолияти худ ҳуқуқ дорад.

2. Мақомоти санҷиш ӯҳдадор аст ба субъектҳои хоҷагидор дастрасии иттилоотро оид ба масъалаҳои санҷиши фаъолияти онҳо тибқи тартиби пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

бораи иттилоот» таъмин намоянд.

3. Мақомоти санҷиш ҷойгиронии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар ҷойҳои дастрас ва намоён (дар лавҳаи эълонҳо) таъмин менамоянд.

Моддаи 23. Баҳисобгирӣ, ҳисобот ва омор

1. Мақомоти санҷиш ӯҳдадоранд ҳамаи санҷишҳои аз ҷониби онҳо гузаронидашудаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва натиҷаҳои онҳоро ба ҳисоб гирифта, ба мақомоти омор ҳисобот пешниҳод кунанд. Шаклҳо ва мӯҳлатҳои пешниҳоди ҳисобот ба мақомоти оморро мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

2. Қарорҳо оид ба гузаронидани санҷишҳо, санадҳои санҷиш ва қарорҳои қабулшуда оид ба натиҷаҳои санҷишҳо бояд дар Дафтари махсуси бақайдгирии қарорҳо ва санадҳои санҷишҳо, ки дар ҳар як мақомоти санҷиш мавҷуд мебошад, ба қайд гирифта шаванд. Шакл ва тартиби пешбурди чунин Дафтари махсус, инчунин тартиби нигоҳдории санадҳои санҷиширо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

3. Мақомоти санҷиш ӯҳдадоранд на камтар аз як маротиба дар як соли тақвимӣ дар бораи кори худ оид ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар нашрияҳои дастраси омма иттилоот интишор намоянд. Иттилоот бояд инҳоро дар бар гирад:

- иттилооти умумӣ оид ба сохтори мақомоти санҷиш;
- маълумоти оморӣ оид ба микдори санҷишҳои анҷомдода, камбудиҳое, ки дар ҷараёни санҷишҳо ошкор гардидаанд ва чораҳои нисбати гунаҳгорон андешидашуда;
- маблағи умумии ҷаримаҳое, ки тибқи натиҷаҳои санҷишҳои дар давраи ҳисоботӣ анҷомдода ситонида шудааст;
- гузориши мухтасар дар бораи маблағгузории фаъолияти мақомоти санҷиш оид ба масъалаҳои санҷишҳо, оид ба тақсимот ва истифодаи ин маблағҳо;
- гузориши мухтасар оид ба натиҷаҳои банақшагирифта, ноилгардида ва арзёбии онҳо;
- афзалиятҳо ва нақшаҳо барои соли оянда.

Моддаи 24. Ҳалли баҳсҳо ва ҳуқуқи шикоят

1. Амалҳо ва қарорҳои шахсони мансабдори мақомоти санҷиш метавонанд бо тартиб ва дар мӯҳлатҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, мавриди шикоят қарор гиранд.

2. Шикоят аз рӯи қарори мақомоти санҷиш, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун пешниҳод гардидааст, иҷрои қарорро бозмедорад, ба истиснои қарор дар бораи татбиқи чораи ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ. Иҷрои қарори мақомоти санҷиш то лаҳзаи қабул гардидани қарори дахлдор доир ба моҳияти шикоят боздошта

мешавад.

Моддаи 25. Ҷуброн намудани зараре, ки ба субъектҳои хоҷагидор дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии шахсони мансабдори мақомоти санҷиш расонида шудааст

Зараре, ки ба субъектҳои хоҷагидор дар натиҷаи қарорҳои ғайриқонунӣ ё дигар амалҳои ғайриқонунии шахсони мансабдори мақомоти санҷиш расонида шудааст, аз ҷумла фоидаи аздастдода, тибқи қонун ҷуброн карда мешавад.

Моддаи 26. Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани Қонуни мазкур

Шахсоне, ки барои вайрон кардани Қонуни мазкур роҳ медиҳанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 27. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе 28 июли соли 2006, № 194

# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ САВДО ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
с. 2013, №3, мод.186; с. 2014, №3, мод.150)

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба ташкил, танзим ва назорати савдо ва хизматрасонии маишӣ, инчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ барои савдо ва хизматрасонии маишӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ба мол, иҷрои корҳо ва хизматрасонии маишӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

## БОБИ 1.
## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Доираи амали Қонуни мазкур

1. Қонуни мазкур муносибатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидорро вобаста ба ташкил ва амалӣ намудани савдо ва хизматрасонии маишӣ, инчунин муносибатҳои субъектҳои хоҷагидорро ҳангоми савдо ва хизматрасонии маишӣ танзим менамояд.

2. Муқаррароти Қонуни мазкур нисбат ба ташкил ва амалӣ намудани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба савдои хориҷӣ, савдо дар биржаҳои молӣ, инчунин хариду фурӯши коғазҳои қиматнок, объектҳои молу мулки ғайриманқул, маҳсулоти таъиноти истеҳсолию техникӣ, аз ҷумла қувваи барқ ва энергияи гармӣ татбиқ намегардад.

3. Шартҳо ва тартиби фурӯши молҳое, ки муомилоти онҳо дар байни субъектҳои хоҷагидор маҳдуд аст, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

4. Муносибатҳои вобаста ба ташкили бозорҳои чаканафурӯшӣ, фурӯши мол дар бозорҳои чаканафурӯшӣ ва хизматрасонии маишӣ тибқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонии маишӣ танзим карда мешаванд.

Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– молҳои истеъмолӣ – маҳсулоти дар шакли табиӣ ё коркардшудаи дар муомилот буда, ки онро инсон ҳамчун хӯрок истифода мебарад (аз ҷумла, маҳсулоти хӯроки кӯдакон, маҳсулоти хӯроки парҳезӣ), оби нӯшокии дар зарфҳо ҷойкардашуда, маҳсулоти спиртдор, оби ҷав, нӯшобаҳо ва нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, ки дар асоси онҳо тайёр карда шудаанд, сақич, иловаҳои хӯрокворӣ ва фаъоли

биологӣ;

– хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ – натиҷаи ҳамкории бевоситаи байниҳамдигарии фурӯшанда (иҷрокунанда) ва харидор (истеъмолкунанда), инчунин фаъолияти шахсии фурӯшанда (иҷрокунанда) ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи харидор (истеъмолкунанда) ҳангоми хариду фурӯши мол, ташкил ва татбиқи истеъмоли маҳсулоти хӯроки умумӣ, хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ;

– маҳсулоти истеҳсоли худии корхонаҳои хӯроки умумӣ – таом ва маҳсулоти қаннодию кулинарӣ, нӯшокӣ, намудҳои нимтайёри онҳо, ки инсон истеъмол менамояд ва дар корхонаҳои хӯроки умумӣ мутобиқи технология ва дастури (ретсепти) тайёркунӣ тавассути коркарди сард ё гарми маҳсулоти озуқаворӣ истеҳсол шуда, барои фурӯши минбаъда ва ташкили истеъмоли он пешбинӣ шудаанд; (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

– савдо – фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оид ба муносибатҳои хариду фурӯши молҳои истеҳсолгардида, коркард ё харидшуда, инчунин иҷрои кору хизматрасонии маишӣ вобаста ба фурӯши маҳсулот;

– феҳристи савдо ва хизматрасонии маишӣ – низоми ягонаи иттилооти давлатӣ, ки маълумотро оид ба субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ дар бар мегирад;

– савдои чакана – намуди савдо вобаста ба хариду фурӯши молҳои ниёзи истеъмолкунанда дар раванди қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ;

– савдои хурди чакана – намуди савдои чаканаи мол ва хизматрасонӣ, ки ба шароити махсуси нигоҳдорию фурӯши мол ва хизматрасонӣ тавассути объектҳои доимӣ, инчунин бо ёрии объектҳои сайёри таҳти идоракунии умумӣ қарордошта, аз ҷумла павилйонҳо, дӯконҳои хурд, автоматҳои молфурӯшӣ, аробачаҳои молфурӯшӣ, мағозаҳои автомобилӣ, автосистернаҳо, ки барои фурӯш таъин шудаанд;

– шабакаи савдо – маҷмӯи ду ё якчанд объектҳои савдо, ки таҳти идоракунии умумӣ қарор доранд ва бо тамғаи ягона ё дигар воситаҳои фардикунонӣ истифода бурда мешаванд;

– савдои яклухт – намуди савдои мол барои истифода дар фаъолияти соҳибкорӣ (аз ҷумла, хариду фурӯш) ё барои дигар мақсадҳо таъин гардида, ба истифодаи шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва дигар намуди истифодаи инфиродӣ вобаста намебошад ва дар объектҳои савдои махсусгардонидашуда ё омехта ҳангоми мавҷудияти нуқтаҳои махсус анҷом дода мешавад;

– хӯроки умумӣ – фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оид ба истеҳсол, коркард, фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ;

– корхонаи хӯроки умумӣ – объекте (тарабхона, қаҳвахона,

ошхона, бар, комбинати хӯроки умумӣ, фабрикаи кулинарии мактабӣ, сехи озуқаворӣ барои мусофирони ҳавопаймоҳо, ошхонаи парҳезӣ, вагон-тарабхона, қаҳвахона-автомат, автоматҳои обфурӯшӣ, буфет, мағозаи (шӯъбаи) кулинарӣ), ки барои истеҳсоли маҳсулоти кулинарӣ, кулчақандҳо ва фурӯши онҳо ё ташкили истеъмол хӯроки умумӣ пешбинӣ гардидаанд; (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

– дастури (ретсепти) таом ва маҳсулоти кулинарӣ – ҳуҷҷати асосии меъёрии технологие, ки ба ҷараёни технологӣ ва маҳсулоти тайёр талаботи ягона дошта, муайянкунандаи меъёрҳои харҷи ашё ва маҳсулот ҳангоми тайёр намудани таом ва маҳсулоти кулинарӣ дар корхонаҳои хӯроки умумӣ истифода мегардад;

– хизматрасонии маишӣ – фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оид ба иҷрои кору хизматрасонии пулакӣ барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти маишӣ ё дигар эҳтиёҷоти шахсии истеъмолкунандагон мутобиқи номгӯи хизматрасонӣ (ба истисноии гаравхона (ломбард) тибқи шартномаи пудрати маишӣ ё шартномаи хизматрасонии маишии пулакӣ; (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

– корхонаҳои хизматрасонии маишӣ – ташкилотҳои хизматрасон, ки фаъолияти онҳо ба қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии маишӣ нигаронида шудаанд (устохонаҳо, ателйе, бунгоҳҳои қабул, хушкашӯӣ, ҳаммом, шустагарӣ, сартарошхона, суратгирхона ва ғайра);

– маркази логистикӣ – корхонаи махсусгардонидашудае, ки вазифаи асосии он аз ҷойгиркунонӣ ва нигоҳдории борҳо (молҳо), ба ҷо овардани расмиёти гумрукӣ ва хизматрасонии иттилоотӣ иборат мебошад;

– субъекти савдо ва хизматрасонии маишӣ – шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки мол ё хизматрасониро ба истеъмолкунанда бо роҳи савдои чакана ё савдои хурди чакана пешниҳод мекунад ва (ё) мефурӯшад, хизматрасонии хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маиширо ба аҳолӣ анҷом медиҳад, инчунин шахсе, ки хоҷагии ёрирасони шахсӣ дошта, маҳсулоти кишоварзии дар он истеҳсол ё коркарднамудаашро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон савдо мекунад;

– объекти савдои чакана, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ – объектҳои доимӣ ва сайёр, бино ё як қисми бино, иморат ё як қисми иморат, ки барои савдои чакана, хизматрасонии хӯроки умумӣ, хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, ҳисоббаробаркунии музднок бо истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши мол бо таҷҳизоти махсуси савдою технологӣ ҷиҳозонида шудаанд;

– объекти доимии савдо –бино ё як қисми бино, иморат ё як қисми иморат, ки, бо пойдевори чунин бино, иморат ба замин мустаҳкам пайваст шуда, ба шабакаҳои таъминоти муҳандисию техникӣ васл

мебошад; (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

– объекти сайёри савдо –бинои муваққатӣ ё конструксияи муваққатӣ, ки новобаста ба пайваст будан ё набудан ба шабакаҳои муҳандисию техникӣ дар қитъаи замин устувор намебошад; (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

– объекти сайёри савдои хурди чакана – ғурфа, автосистернаҳо ва аробачаҳо, ки барои фурӯши мол ва ё маҳсулоти хӯроки умумӣ ва (ё) хизматрасонӣ пешбинӣ шудаанд;

– бозори фурӯши чакана – маҷмӯи молу мулке, ки аз қитъаи замини аз ҳудуди ҳамшафат ҷудо ва бо объектҳои дар он қарордошта, аксаран аз объектҳои шабакаи савдои хурди чаканаи дорои вазифаи мутамаркази хизматрасонӣ, идоракунӣ ва муҳофизатӣ иборат буда, барои фурӯши молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасонии маишӣ) дар асоси нархҳои озоди бевосита ҳангоми бастани шартномаҳои хариду фурӯши чакана ва шартномаҳои пудратии маишӣ муайяншуда пешбинӣ гардидаанд;

– бозори универсалӣ – бозори фурӯши чакана, ки дар он камтар аз ҳаштод фоизи миқдори умумии ҷойҳои савдо барои фурӯши як навъи мол таъин гардидааст;

– бозори махсусгардонидашуда – бозори фурӯши чакана, ки дар он бештар аз ҳаштод фоизи миқдори умумии ҷойҳои савдо барои фурӯши як навъи мол таъин гардидааст;

– бозори кооперативии кишоварзӣ – бозори маҳсулоти кишоварзӣ, ки он аз ҷониби ташкилоти мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли кооперативи истеъмолӣ ба қайди давлатӣ гирифташуда идора карда мешавад;

– бозори кишоварзӣ – бозори махсусгардонидашуда, ки дар он фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ монда мешавад;

– маъмурияти бозор – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ба субъектҳои соҳибкорӣ барои савдо ва хизматрасонии маишӣ шароит фароҳам меорад, ҷойҳои савдо ва хизматрасонии маиширо ҷудо намуда, феҳристи фурӯшандаҳои бозор ва феҳристи шартномаҳоро дар бораи пешниҳоди ҷойҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ пеш мебарад; (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

– ҷойи савдо дар бозор – ҷой дар бозор (аз ҷумла павилйон, дӯконча, хайма, ғурфа), ки аз ҷониби маъмурияти бозор махсус барои фурӯши молҳо (иҷрои кору хизматрасонӣ) ҷудо карда ва таҷҳизонида шуда, ба талаботи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими савдо ҷавобгӯ мебошад;

– корти фурӯшанда – овезаи сарисинагӣ оид ба маълумоти асосӣ дар бораи фурӯшанда, ки тибқи талаботи муқаррарнамудаи Қонуни мазкур аз ҷониби маъмурияти бозор ба фурӯшанда дода мешавад;

– феҳристи фурӯшандаҳои бозор – номгӯи маълумот оид ба

фурӯшандаҳо, ки аз ҷониби маъмурияти бозор тартиб дода мешавад;

– феҳристи шартномаҳо дар бораи пешниҳоди ҷойҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ – номгӯи маълумот оид ба фурӯшандаҳо, пудратчиҳо ва иҷрокунандагон тибқи шартномаи басташуда бо маъмурияти бозор. (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Моддаи 4. Принсипҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ

Савдо ва хизматрасонии маишӣ ба принсипҳои зерин асос меёбанд:

– таъмини амнияти озуқаворӣ;

– асоснок ва объективӣ будани тадбирҳои танзими давлатии савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– ҳамгироии механизмҳои танзимкунӣ бо принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва созишномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;

– беасос дахолат накардани мақомоти давлатӣ ба танзими савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– ҳифзи бозори мол ва хизматрасонии таъиноти истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз молҳои бесифат ва қалбакӣ;

– ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои савдо ва шаҳрвандон;

– таъмини муомилоти озоди мол ва хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дастгирии давлатии корхонаҳои хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ.

Моддаи 5. Танзими давлатии савдо ва хизматрасонии маишӣ

Танзими давлатии савдо ва хизматрасонии маишӣ бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– муқаррар намудани талабот ва қоидаҳои ташкил ва амалигардонии он;

– танзими зиддиинҳисории савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– таъминоти иттилоотӣ дар ин соҳа;

– назорати давлатӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– бамеъёргирии техникӣ, стандартизатсия, тасдиқи мутобиқат ба

талаботи санадҳои меъёрии техникӣ дар соҳаи бамеъёрдарории техникӣ ва стандартизатсия ва бақайдгирии молҳо, сертификатсияи дастури (ретсепти) таомҳо, маҳсулоти кулинарию қаннодӣ ва дигар маҳсулоти хӯроки умумӣ. (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

## БОБИ 2.
## ИДОРАКУНӢ ДАР СОҲАИ ТАНЗИМИ САВДО ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ

Моддаи 6. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими савдо ва хизматрасонии маишӣ мансуб мебошанд:

– татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– таҳия ва тасдиқ намудани консепсия ва дурнамои давлатӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонии маишӣ, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ нигаронида шудаанд; (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

– муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими давлатии савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– тасдиқи барномаҳо оид ба самтҳои афзалиятноки савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– тасниф ва истифода аз дигар усулҳои танзими савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– тасдиқи қоидаҳои пешбурди савдо ва хизматрасонии маишӣ, инчунин пешбурди феҳристи онҳо;

– амалӣ намудани салоҳияти дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими савдо ва хизматрасонии маишӣ муқаррар намудааст.

Моддаи 7. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими савдо ва хизматрасонии маишӣ

Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими савдо ва хизматрасонии маишӣ (минбаъд – мақоми ваколатдори давлатӣ) дохил мешаванд:

– таҳияи пешниҳодот оид ба рушди савдо ва хизматрасонии маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– иштирок дар татбиқи чораҳои таъмини амнияти озуқаворӣ;

– тасдиқи тавсияҳои методӣ оид ба таҳияи барномаҳои минтақавии рушди савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– таҳияи пешниҳодҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди савдо ва хизматрасонии маишӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои истеҳсол ва фурӯши мол (хизматрасонии маишӣ) ва ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ бо молҳо;

– ташаккул додани махзани иттилоотии ҷумҳуриявии давлатӣ оид ба бозори молҳо ва хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ, инчунин

муқаррар намудани санадҳои иттилоотӣ, ки барои ташкили махзани иттилоот дар соҳаи танзими давлатии савдо ва хизматрасонии маишӣ ҳатман пешниҳод карда мешаванд;

– сари вақт огоҳ намудани субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими давлатии савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи танзими давлатии савдо ва хизматрасонии маишӣ

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи танзими савдо ва хизматрасонии маишӣ ваколатҳои зеринро доранд:

– гузаронидани мушоҳидаҳои иттилоотию таҳлилии вазъи бозори молҳои муайян ва анҷом додани савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– таҳия ва татбиқи чорабиниҳое, ки ба рушди савдо ва хизматрасонии маишӣ мусоидат менамоянд;

– таҳия ва татбиқи барномаҳои минтақавии рушди савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– тасдиқи нақшаи ҷойгиркунонии объектҳои савдо дар маҳалҳо мутобиқи нақшаҳои рушди минтақаҳо;

– ташаккули захираҳои иттилоотии шаҳру ноҳияҳо барои таъмини фаъолияти самараноки бозори мол ва хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ;

– бо назардошти шароити маҳаллӣ муқаррар намудани номгӯи намудҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳими молу хизматрасонӣ, ки барои фурӯш (ё хизматрасонӣ) дар объектҳои махсусгардонидашуда ҳатмӣ мебошанд, ташкили хизматрасонӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи шахсоне, ки аз дастгирии иҷтимоӣ истифода мебаранд;

– муқаррар намудани тартиби ҷойгиркунонии объектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ бо назардошти шароити маҳал мутобиқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

– муқаррар намудани реҷаи кории ташкилоту объектҳои савдо ва хизматрасонии маишии давлатӣ ва мувофиқа намудани реҷаи кории ташкилоту объектҳои савдо ва хизматрасонии маишии ғайридавлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

– ташкили омӯзиш ва пешгӯии талабот ба мол ва хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ, мушоҳидаи иттилоотию таҳлилии вазъи бозори молу хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо;

– ташаккули захираҳои иттилоотии давлатӣ дар бораи бозори мол ва хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ дар шаҳру ноҳияҳо;

– таҳияи барнома ва муқаррар намудани талаботи ягона бо

мақсади ороиш додани корхонаҳои бозори истеъмолӣ вобаста ба санаҳои муҳими давлатӣ ва ба таври мушаххас ҷойгир намудани иттилоот бо назардошти шароити маҳал;

– ташаккули захираи мол бо назардошти эҳтимолияти рух додани ҳолатҳои фавқулодда;

– ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба сохтмони марказҳои логистикии молрасонӣ, қабул ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, ташаккули гурӯҳи молҳо барои фиристодан ба субъектҳои хоҷагидори савдои яклухт ва (ё) чаканаи маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ;

– дастгирии ташкилотҳои кооператсияи истеъмолӣ, хоҷагиҳо ва кооперативҳои кишоварзӣ, ки дар маҳалҳо бо хариду фурӯш машғуланд;

– ҳавасмандгардонӣ ба кори фаъолона ва ҳамкории муштараки субъектҳои савдо, молрасонӣ, гузаронидани намоишҳо ва ярмаркаҳо дар соҳаи савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– андешидани тадбирҳо барои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва дастгирии сохтмон, ҷойгиркунонии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ва таъмини дастрасии субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ ба молу мулки давлатӣ;

– таҳлили нишондиҳандаҳои молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар нишондиҳандаҳои вазъи савдо дар минтақаҳои маъмурию ҳудудӣ ва самарабахшии тадбирҳои андешидашуда оид ба рушди савдо ва хизматрасонии маишӣ;

– таҳия ва тасдиқи нақшаи ҷойгиркунонии объектҳои сайёри савдо бо назардошти таъмин намудани аҳолӣ бо майдонҳои савдо;

– мусоидат ва дастгирии ҳамаҷониба оид ба фароҳам овардани шароит барои фурӯши молҳои истеҳсоли ватанӣ;

– амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

## БОБИ 3.
## ОБЪЕКТҲОИ САВДО, ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ САВДО, ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ,НАМУДҲО ВА ҶОЙГИРКУНИИ ОНҲО

Моддаи 9. Объектҳои савдо ва намудҳои асосии савдо

1. Ба объектҳои савдо мансубанд:

– объектҳои савдо;

– объектҳои хӯроки умумӣ.

2. Ба намудҳои асосии савдо савдои яклухт, савдои чакана, хӯроки умумӣ ва дигар намудҳои савдо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, дохил мешаванд.

3. Хӯроки умумӣ тавассути объектҳои хӯроки умумӣ ба роҳ монда шуда, ба намудҳое (ошхона, тарабхона, қаҳвахона, бар ва ғайра) ҷудо

мегардад, ки дорои категорияҳои нархгузории иловагӣ (люкс, олӣ, якум, дуюм, сеюм) ё бе нархгузории иловагӣ мебошанд.

4. Тартиби ҷудо намудани объектҳои хӯроки умумӣ ба намудҳо ва дараҷаи мансубияти онҳо ба ин ё он категорияи нархгузорӣ аз ҷониби соҳибони ин объектҳо бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

Моддаи 10. Хусусиятҳои ташкили хӯроки умумӣ

1. Субъектҳои савдо дар соҳаи хӯроки умумӣ хизматрасонии хӯроки умумиро оид ба қонеъгардонии талаботи истеъмолкунанда ба хӯрок ва таъмини фароғат амалӣ менамоянд.

2. Хизматрасонии корхонаҳои хӯроки умумии дорои намуд ва дараҷаҳои гуногун дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– ғизогирӣ;

– тайёр намудани маҳсулоти кулинарӣ ва маҳсулоти қаннодӣ;

– ташкили истеъмол ва хизмат;

– фурӯши маҳсулоти кулинарӣ;

– ташкили фароғат;

– иттилоотию машваратӣ;

– дигар намудҳои хизматрасонӣ, ки онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

3. Пешниҳоди таомнома ба мизоҷон дар объектҳои хӯроки умумӣ ҳамчун пешниҳод (офертаи оммавӣ) барои бастани шартномаи хариду фурӯши маҳсулоти хӯроки умумии дар таомнома зикршуда эътироф карда мешавад.

4. Маҳсулоти истеҳсоли худи корхонаҳои хӯроки умумӣ тибқи технология ва дастури (ретсепти) тайёркунии таомҳо, маҳсулоти кулинарӣ ва қаннодӣ дар асоси дастури (ретсепти) таомҳо ва маҳсулоте, ки барои истифодаи ҳатмӣ дар корхонаҳои хӯроки умумии ҳама гуна шаклҳои моликият аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ карда шудааст, тайёр карда мешавад.

5. Субъектҳои савдо дар соҳаи хӯроки умумӣ метавонанд ҳам шахсони ҳуқуқии мустақили ҳама гуна шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва ҳам воҳидҳои сохтории корхонаҳои истеҳсолӣ бошанд.

6. Субъектҳои савдо дар соҳаи хӯроки умумӣ, ки воҳиди сохтории корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо мебошанд, аз ҳуқуқ ва имтиёзҳои ба дигар воҳидҳои сохтории чунин корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо пешниҳодшуда баробар истифода мебаранд.

7. Ба субъектҳои савдо дар соҳаи хӯроки умумӣ, ки хизмати муассисаҳои табобатӣ, талабагон, донишҷӯён, нафақахӯрон, маъюбон ва дигар гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазирро анҷом медиҳанд, дар асоси шартномаҳо шароити имтиёзноки иҷораи бино, хизматрасонии коммуналӣ ва дигар хизматрасонӣ фароҳам оварда

мешаванд.

8. Муқаррароти Қонуни мазкур ва стандартҳо оид ба хизматрасонии хӯроки умумӣ мутобиқи стандартҳои давлатии соҳаи хӯроки умумӣ ҳамзамон бо дигар стандартҳои соҳаи хӯроки умумӣ истифода гардида, нисбат ба корхонаҳои хӯроки умумии ҳамаи шаклҳои моликият, намуд ва дараҷаҳои гуногун, инчунин соҳибкорони инфиродӣ, ки дар соҳаи хӯроки умумӣ фаъолият менамоянд, татбиқ мегарданд.

9. Стандартҳои зикргардида аз ҷониби корхонаҳои хӯроки умумӣ ва соҳибкорони инфиродӣ барои ташкили фаъолияти худ, инчунин барои амалӣ намудани сертификатсияи хӯроки умумӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ» бо мақсади таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии истеъмолкунандагон ва ҳифзи муҳити зист истифода бурда мешаванд.

Моддаи 11. Савдо дар бозор

1. Дар бозор фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ, молҳои саноатӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, меваҷоти растаниҳои худрӯй, дигар молҳои истеъмолӣ ва ғайристеъмолӣ, инчунин чорво амалӣ карда мешавад.

2. Савдо дар бозор дар объектҳои савдо бо фароҳам овардани шароити зарурии хариди мол, иҷрои корҳо, хизматрасонӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯши мол бо истифодаи таҷҳизоти савдо ва таҷҳизоти технологии савдо (пештахта, пешдӯкон, яхдон ва дигар таҷҳизот), асбобҳои ченаки вазн мутобиқи талаботи санитарию гигиенӣ, зидди сӯхтор, ҳифзи табиат ва дигар талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешавад.

3. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон реҷаи кории бозорҳои давлатиро муқаррар ва ғайридавлатиро мувофиқа менамояд. (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

4. Фурӯшанда дар ҷойи савдо бояд дорои чунин мавод бошад:

– овеза бо нишондоди номи ташкилот, иттилоот дар бораи макони ҷойгиршавии он;

– китоби сабти арзу шикоят ва пешниҳодот;

– ҳуҷҷатҳое, ки манбаи воридшавии молҳоро нишон медиҳанд;

– ҳуҷҷатҳое, ки сифат ва бехатарии молҳоро тасдиқ мекунанд;

– дафтарчаи тиббии намунаи муқарраргардида;

– корти фурӯшанда.

5. Ташкили фурӯши мол (иҷрои кору хизматрасонӣ) дар бозор ба зиммаи маъмурияти бозор вогузор карда мешавад.

6. Дар доираи фаъолияти мазкур маъмурияти бозор ҳамарӯза

санҷиши талаботи зеринро амалӣ менамояд:

– корти фурӯшанда бо зикри насаб, ном, номи падари фурӯшанда ва номи ташкилот;

– ҷойҳои савдои аз ҷониби онҳо ишғолкардашуда;

– ҳангоми ошкор шудани ҳолатҳои риоя накардани талаботи зикргардида, тадбирҳои бартараф кардани онҳоро меандешад ё дар ҳамон рӯз мақомоти дахлдори назоратӣ ва санҷиширо огоҳ месозад.

7. Маъмурияти бозор ӯҳдадор аст, ки баҳисобгирии маблағ ва молу мулкро ба роҳ монад, талаботи муқаррарнамудаи қонунгузориро ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо субъектҳои савдо дар бозор риоя намояд, субъектҳои савдоро дар бораи тағйир ёфтани тарифи пардохт дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯз огоҳ намояд.

8. Аз ҷониби ташкилот ва маъмурияти бозор иҷро накардани ӯҳдадориҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи онҳо гузошташуда (риоя накардани меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон, талаботи бехатарии зидди сӯхтор, санитарию эпидемиологӣ, ҳифзи муҳити зист, пешниҳод накардани иттилоот ба мақомоти дахлдори назоратӣ ва ғайра) метавонад боиси ба ҷавобгарӣ кашидани ҳам ташкилот, ҳам шахсони мансабдори он, аз ҷумла манъ кардани фаъолияти ташкилот гардад.

9. Ба зиммаи маъмурияти бозор ӯҳдадории пешбурди феҳристи фурӯшандаҳои бозор ва феҳристи шартномаҳо дар бораи пешниҳоди ҷойҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ вогузор карда мешавад. Иттилоот оид ба феҳристҳои зикргардида метавонад аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади назорат дархост карда шавад. (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

Моддаи 12. Меъёрҳои ҳадди ақалли таъмини аҳолӣ бо майдонҳо барои бунёди объектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ

1. Мақсади рушди савдо ва хизматрасонии маишӣ аз ноил гардидан ба меъёрҳои ҳадди ақалли таъмини аҳолӣ бо майдонҳо барои бунёди объектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ – меъёрҳои асосии арзёбии дастрасии молҳои истеъмолӣ ва ғайриистеъмолӣ, дастрасии хизматрасонии маишӣ барои аҳолӣ ва қонеъгардонии талабот ба чунин молҳо ва хизматрасонӣ иборат мебошад.

2. Меъёрҳои ҳадди ақалли таъмини аҳолӣ бо майдонҳо барои бунёди объектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ бо тартиби пардохти чунин меъёрҳо, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, таҳия карда мешаванд.

3. Меъёрҳои ҳадди ақалли таъмини аҳолӣ бо майдонҳо барои бунёди объектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ дар таркиби ҳуҷҷатҳое, ки самти рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳоро муайян менамоянд, тасдиқ гардида, дар ҳуҷҷатҳои

банақшагирии ҳудудӣ, нақшаҳои генералӣ, барномаҳои ҳудудӣ ва минтақавии рушди савдо ва нақшаҳои ҷойгиркунонии объектҳои сайёри савдо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Моддаи 13. Талабот нисбат ба ҷойгиркунонии объектҳои савдои чакана, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ

1. Субъектҳо барои фаъолият кардан дар бозори мол ва хизматрасонии таъиноти истеъмолӣ объектҳои асосӣ ва ғайриасосии махсус таҷҳизонидашудаи доимӣ ва сайёрро истифода мебаранд.

2. Ҷойгиркунонии объектҳои зерин дар бинои истиқоматӣ, дар дохили бинои ба таври иловагӣ сохташуда, инчунин бинои иловагии дар манзили истиқоматӣ сохташуда манъ аст:

– объектҳои реҷаи корашон баъди соати 23.00;

– ҳаммом ва саунаҳо;

– объектҳои хӯроки умумӣ бо миқдори беш аз 50 ҷойи нишаст ё майдони умумии беш аз 250 метри мураббаъ бо истифодаи дастгоҳи пахши мусиқӣ;

– шустагарӣ ва хушкашӯӣ (ба истиснои бунгоҳҳои қабул ва шустагариҳои худхизматрасон бо иқтидори то 75 кг дар як рӯзи корӣ);

– студияҳои сабти овоз;

– маҳдудиятҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

3. Дар объектҳои савдо, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ ҷойгиркунонии толорҳои бизнеси бозӣ, автоматҳои бозӣ ва ғайра, ба истиснои толорҳои бозиҳои кӯдакона манъ аст.

4. Объектҳои асосӣ, ғайриасосии доимӣ ва бозорҳои бо асбобу анҷоми махсуси савдою технологӣ ҷиҳозонидашуда мувофиқи хулосаи комиссияи давлатии қабул ба истифода дода мешаванд.

5. Ҳангоми аз ҷониби субъекти савдои чакана, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишии ғайридавлатӣ қабул намудани қарор дар бораи реҷаи кори шабонарӯзии объект чунин реҷа тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқа карда мешавад. (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

Моддаи 14. Хусусиятҳои ҷойгиркунонӣ ва ташкили бозор

1. Бозор аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси озмун ва талаботи меъморӣ ва шаҳрсозӣ ташкил карда мешавад.

2. Ҳангоми зарурати ташкили ин ё он намуди бозор ҳолатҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

– зарурати таъмини аҳолии маҳалли муайян бо ин ё он намуди мол;

– мавҷудияти қитъаи замин барои ташкили бозор;

– баҳисобгирии талаботу пешниҳоди сокинони маҳалли мазкур.

3. Ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда, ки барои ташкили бозор заруранд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.

4. Тарҳкашӣ, азнавтарҳкашӣ ва сохтмони биноҳои бозор, таҷдид ва навсозии биноҳо, иморатҳо, иншоот ва биноҳои дар онҳо мавҷудбуда аз ҷониби маъмурияти бозор бо риояи меъёру қоидаҳои меъморӣ, шаҳрсозӣ, санитарию гигиенӣ ва иморатсозӣ, талаботи асосие, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар намудааст, амалӣ гардонида мешаванд.

5. Таҷҳизонидан ва нигоҳдории бозор, таваққуфгоҳи воситаҳои нақлиёт, ҷойҳои истифодабарии умум, мавзеъ барои ҷойгиркунонии воситаҳои оташнишонӣ ва аз сӯхтор огоҳкунандаи шаҳрвандон ҳангоми рух додани ҳолатҳои садамавӣ ва фавқулодда, ҷойи муносиб барои насби маводи иттилоотию маълумотӣ оид ба қоидаю тартиби фаъолият дар бозор, маъмурияти бозор ва роҳбари он, дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва таъминкунандаи робита бо мақомоти дахлдори назоратӣ, инчунин рақамҳои телефони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор (рақами телефонҳои «Робитаи мустақим») барои мурочиати шаҳрвандон аз ҷониби маъмурияти бозор амалӣ гардонида мешаванд.

6. Дар бозорҳои фурӯши маводи истеъмолӣ лабораторияҳо (байторӣ, санитарӣ ва ғайра) барои ташхиси маводи фурӯшии хӯрокворӣ ташкил карда мешаванд.

7. Ҳангоми фурӯши молҳо (иҷрои кору хизматрасонӣ) бо истифодаи воситаҳои ченак (тарозу, санги тарозу, зарфҳои ченакдор, метрҳо ва ғайра) бо мақсади аз ҷониби харидорон санҷидани саҳеҳии нарх, андоза ва вазни молҳои харидашуда (иҷрои кору хизматрасонӣ) дар ҷойи муносиби бозор асбобу анҷоми ченкунандаи ҷавобгӯи қоида ва меъёрҳои метрологӣ насб карда мешаванд.

8. Ба мақомоти корҳои дохилӣ, инчунин бо талаби мақомоти назоратӣ ва санҷишӣ ба кормандони онҳо барои иҷрои ӯҳдадориҳояшон бояд дар бозор утоқи доимӣ ва ё муваққатӣ ҷудо карда шавад.

9. Маъмурияти бозор вазифадор аст:

– бозорро дар ҳолати дахлдори санитарӣ ва техникӣ, ки ҳифзи муҳити зист, бехатарии эпидемиологӣ, эпизоотӣ ва экологиро дар мавзеи ҷойгиршавии он таъмин менамояд, нигоҳ дорад, инчунин барои бартараф ва нест кардани манбаъҳои бемориҳои сироятӣ ва паразитӣ ё паҳншавии ин бемориҳо ҳангоми пайдо шудани онҳо мусоидат намояд;

– барои ташкили савдо, аз ҷумла барои қабул, нигоҳдорӣ, фурӯши мол (иҷрои кору хизматрасонӣ), таъминот бо барқу об, гармӣ ва канализатсия шароити зарурӣ фароҳам оварад;

– нигоҳдории бехатари молеро, ки барои нигоҳдорӣ супурда мешавад, таъмин намояд;

– талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор иҷро намояд;

– дигар талаботи пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намояд.

10. Ҷойҳои савдо дар бозор дар асоси нақшае, ки маъмурияти бозор дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба назорати таъмини бехатарӣ аз сӯхтор, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, назорати таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист ва оид ба назорати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таҳия ва тасдиқ намудааст, ҷойгир карда мешаванд. Ташкил ва пешниҳоди ҷойҳое, ки дар нақшаи ҷойгиркунонии нуқтаҳои савдо пешбинӣ нашудаанд, манъ аст.

11. Ба маъмурияти бозор мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти зиддиинҳисорӣ ҳангоми тақсими ҷойҳои савдо ба миён гузоштани шартҳои маҳдудкунанда манъ аст.

12. Ҳангоми тартиб додан ва тасдиқ намудани нақшаҳои ҷойгиркунонии ҷойҳои савдо дар бозорҳои универсалӣ маъмурияти бозор барои анҷом додани фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба шахсоне, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагии ёрирасони шахсӣ доранд, бо боғдорӣ, обчакорӣ ва чорводорӣ машғуланд, аз рӯи миқдори муайяннамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар ҳудуди он бозор ҷойгир аст, ҷойҳои савдо пешбинӣ ва ҷудо менамояд.

13. Маълумотеро, ки ҳангоми бастани шартнома дар бораи ҷудо намудани ҷойи савдо пешниҳод мегардад, бо ҳуҷҷат тасдиқ кардан зарур аст.

14. Арзиши шартнома оид ба пешниҳоди ҷойи савдо аз ҷониби маъмурияти бозор муайян карда мешавад.

15. Зимни имконнопазирии истифодаи ҷойи савдо аз ҷониби шахсе, ки дар бораи ҷудо кардани ҷойи савдо шартнома бастааст, дар ҳолатҳои боздоштани мӯҳлати амал ё бекор кардани шартнома ё қатъи фаъолияти маъмурияти бозор маъмурияти бозор дар назди ин шахс мутобиқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

16. Ҳангоми тартиб додан ва тасдиқ намудани нақшаи ҷойгиркунонии ҷойҳои савдо дар бозори кишоварзӣ ва бозори кооперативии кишоварзӣ маъмурияти бозор вазифадор аст бевосита ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои фурӯши мол ба миқдори муқаррарнамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аммо на камтар аз панҷоҳ фоиз аз шумораи умумии онҳо ҷойҳои савдоро пешбинӣ ва пешниҳод намояд.

17. Ҷойҳои савдо дар бозори кишоварзӣ ба истеҳсолкунандагони

маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин ба шахсоне, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагии ёрирасони шахсӣ доранд, бо боғдорӣ, обчакорӣ, чорводорӣ машғуланд, ба таври соддакардашуда ва бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мӯҳлати на зиёда аз 6 моҳ ҷудо карда мешаванд.

18. Фурӯшанда мол (иҷрои кору хизматрасонӣ)-ро дар бозор танҳо дар сурати мавҷудияти корти фурӯшанда, ки зимни бастани шартнома дар бораи пешниҳоди ҷойи савдо дода мешавад, ба фурӯш мебарорад.

19. Корти фурӯшанда ҳангоми бастани шартнома дар бораи ҷудо кардани ҷойи савдо ба расмият даровarda, ба ҳар як фурӯшанда дода мешавад ва дар сари сина насб гардида, нисбат ба ҳамаи ҷойҳои савдои дар он зикрёфта дар доираи як бозор эътибор дорад.

20. Дар бозор (ба истиснои бозорҳои махсусгардонидашуда ва универсалӣ) фурӯши молҳое, ки савдои озоди онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ ё маҳдуд карда шудааст, инчунин фурӯши маҳсулоти зерин манъ карда мешавад:

– тамоку, нӯшокиҳои спиртӣ, маҳсулоти алкоголӣ ва оби ҷав;

– маҳсулоти консервшудаи истеҳсоли хонагӣ, маҳсулоти кулинарии аз гӯшт, моҳӣ ва маҳсулоти қаннодии дар хона тайёргардида;

– молҳои таъиноти маишии аз нигоҳи техникӣ мураккаб;

– ҳомилҳои иттилоотии компютерӣ;

– молҳои кимиёӣ барои рӯзгор, пестисидҳо ва агрокимиёҳо;

– маснуоти пиротехникӣ;

– маснуот аз металлҳои қиматбаҳо бо сангҳои қиматбаҳо, аз металлҳои қиматбаҳо бо сангҳои нимқиматбаҳо ва сунъӣ, сангҳои қиматбаҳои сайқалдодашуда;

– автомобилҳо, ядакҳо ва агрегатҳои рақамгузоришудаи онҳо.

21. Назорати риояи талаботи савдо ва ташкили фаъолияти бозорҳо, ки Қонуни мазкур муқаррар намудааст, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколаташон амалӣ гардонида мешавад.

22. Ҷойгиркунӣ, фаъолият ва назорати нуқтаҳои хизматрасонии маишӣ дар бозор тибқи муқаррароти қисмҳои 9-15 ва 18-21 моддаи мазкур ба роҳ монда мешаванд. (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

Моддаи 15. Тартиби ҷойгиркунонӣ ва ташкили фаъолияти объектҳои савдои чакана, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ дар ҳудудҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Ҷойгиркунонӣ ва ташкили фаъолияти объектҳои савдои чакана, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ дар ҳудудҳои алоҳида, аз ҷумла дар нақлиёти роҳи оҳан, нақлиёти ҳавоӣ ва обӣ, минтақаи гумрукӣ ва муассисаҳои таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси

гурӯҳи истеъмолкунанда бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

2. Дар ҳудудҳои дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида метавонанд меъёрҳои пешниҳоди намудҳои алоҳидаи молҳо бо маҳдудкунии шаклҳои фурӯши мол (хизматрасонӣ), номгӯи молҳои фурӯшӣ (хизматрасонӣ) ва реҷаи кори объектҳои савдои чакана, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ ҷорӣ карда шаванд.

Моддаи 16. Тартиби ҷойгиркунонӣ ва ташкили кори объектҳои доимӣ ва сайёри савдо, хӯроки умумӣ, хизматрасони маишӣ ва шабакаи савдои хурди чакана

1. Ҳангоми нокифоягӣ ва ё сатҳи пасти таъминоти шабакаи савдои чакана, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, бо назардошти талабот ва таклифҳои сокинони маҳалли мазкур, фаъолияти сохторҳои зерин иҷозат дода мешавад:

– объектҳои доимии ғайриасосии савдои хурди чакана – павилйонҳо дӯконҳо, автоматҳои савдо ва дигар биноҳои муваққатӣ;

– объектҳои сайёри савдои хурди чакана – ғурфаҳо, мағозаҳои автомобилӣ, автосистернаҳо, аробаҳо.

2. Объектҳои мазкур дар қитъаҳои замини холии маҳал тибқи нақшаҳои ҷойгиркунонии онҳо бо асосҳои зерин ҷойгир карда мешаванд:

– шартномаҳои иҷораи қитъаҳои замин барои объектҳои доимии ғайриасосӣ; (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

– иҷозате, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои объектҳои сайёри савдои хурди чакана дода мешавад.

3. Тартиби таҳияи нақшаҳои ҷойгиркунонӣ ва ташкили кор, аз ҷумла талабот нисбат ба реҷаи кор ва махсусгардонии объектҳои доимии ғайриасосӣ ва объектҳои сайёри шабакаи савдои хурди чакана, тартиби додани иҷозат тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар карда мешаванд.

4. Бо гузашти мӯҳлати иҷозат барои ҷойгиркунонӣ ва ба охир расидани шартномаи иҷораи қитъаи замин соҳиби объекти доимии асосӣ ё сайёри шабакаи савдои хурди чакана ӯҳдадор аст фаъолияти худро қатъ намояд, ба истисноии ҳолатҳое, ки бо тартиби муқарраргардида мӯҳлати ҷойгиркунонӣ ва иҷораи қитъаи замин тамдид карда шуда бошад. (ҚҶТ аз 14.03.14с., №1075)

5. Тавассути объектҳои доимии ғайриасосӣ ё сайёри шабакаи савдои хурди чакана молҳое фурӯхта мешаванд, ки шароити махсуси нигоҳдорӣ ва фурӯшро талаб намекунанд ва хизматҳое расонида мешаванд, ки шароити махсуси хизматрасониро талаб намекунанд.

6. Дар объектҳои сайёри шабакаи савдои хурди чакана фурӯши молҳои озуқаворӣи истеҳсоли ғайрисаноатӣ, ки борбандии саноатӣ

нашудаанд ва молҳои озуқавории зудвайроншаванда ҳангоми мавҷуд набудани таҷҳизоти яхдонии коршоям манъ аст.

7. Дар объектҳои доимии ғайриасосӣ ва сайёри шабакаи савдои хурди чакана фурӯши тамоку, нӯшокиҳои спиртӣ, маҳсулоти алкоголӣ ва оби ҷав, ба истиснои павилйонҳои ҷавобгӯи талабот ба объектҳои савдо оид ба фурӯши чунин маҳсулот, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, манъ мебошад.

## БОБИ 4.
## ТАЛАБОТИ АСОСӢ БА СУБЪЕКТҲОИ САВДО ОИД БА ТАШКИЛ ВА АМАЛӢ НАМУДАНИ САВДО ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ

Моддаи 17. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ ҳангоми ташкил ва амалӣ намудани савдо ва хизматрасонии маишӣ

1. Бо савдо ва хизматрасонии маишӣ субъектҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур машғул мешаванд, ба шарте ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

2. Субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ ҳангоми ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти худ, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мустақилона муайян менамоянд:

– машғул шудан бо савдо (савдои яклухт ва (ё) чакана, хизматрасонӣ дар соҳаи хӯроки умумӣ ва ё маишӣ);

– шакли савдо (дар объектҳои доимии савдо, берун аз объектҳои доимии савдо, аз ҷумла ярмаркаҳо, намоишҳо, дастифурӯшӣ, усули фосилавии фурӯши мол, фурӯши мол бо истифодабарии автоматҳо, дигар шаклҳои савдо);

– усули савдо (бо истифодабарӣ ва бе истифодабарии объектҳои савдо);

– махсусгардонии савдо (савдои универсалӣ ва махсусгардонидашуда, хизматрасонӣ оид ба хӯроки умумӣ ва ё хизматрасонии маишӣ);

– навъи объекти савдо, ки барои амалӣ гардонидани савдо истифода мегардад (объектҳои доимии савдо ва объектҳои сайёри савдо);

– асосҳо барои истифодабарии молу мулк ҳангоми савдо ва хизматрасонии маишӣ (ҳуқуқи моликият ва (ё) дигар асосҳои қонунӣ);

– нархи молҳои фурӯшӣ, хизматрасонии хӯроки умумӣ ва маишӣ;

– шакли интишори реклама дар объекти савдо ва хизматрасонии маишӣ ва пешдӯконҳои он;

– шартҳои бастани шартномаҳои хариду фурӯши мол, шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ.

3. Тартиб ва шартҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ чунин

ҳолатҳоро дар бар мегирад:

– номгӯи (ассортименти) молҳои фурӯшӣ, маҳсулоти истеҳсоли худии корхонаҳои хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ;

– реҷаи кор;

– тарз ва усулҳое, ки тавассути онҳо савдо ва хизматрасонии маишӣ амалӣ гардонида мешавад;

– миқдор, навъҳо, моделҳои таҷҳизоти технологӣ, асбобу анҷоме, ки ҳангоми савдо ва хизматрасонии маишӣ истифода бурда мешаванд;

– усули ба маълумоти харидорон расонидани иттилоот дар бораи фурӯшанда, молҳои ба савдо пешниҳодшуда, хизматрасонӣ;

– кафолати сифат ва мӯҳлати амали он;

– тартиб ва шартҳои дигари савдо.

4. Тартиб ва шартҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ, ки дар қисми 3 моддаи мазкур пешбинӣ гардидаанд, нисбат ба корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои савдо бо қарори мақомоти давлатии дахлдор муқаррар карда мешаванд.

5. Субъекти савдо ва хизматрасонии маишӣ ҳуқуқ дорад:

– аз мақоми ваколатдори давлатӣ иттилооти марбут ба ҳамаи масъалаҳои ташкили савдо ва хизматрасонии маишӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои соҳаи савдоро дар бораи санҷишҳои пешбинишудаи фаъолияти онҳо (ба истисnои санҷишҳои амалиётӣ) талаб намояд ва мувофиқи масъалаҳои марбут ба риояи қонунгузорӣ оид ба танзими давлатии савдо ва хизматрасонии маишӣ тавзеҳоти хаттӣ гирад;

– манфиатҳои худро оид ба масъалаҳои муносибатҳои савдо шахсан ё тавассути намояндаи худ муаррифӣ намояд;

– ҳангоми гузаронидани назорати давлатии савдо дар соҳаи танзими савдо ва хизматрасонии маишӣ иштирок намуда, нусхаи ҳуҷҷатҳоро аз рӯи натиҷаи назорат талаб намояд;

– бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба санадҳои санҷиши мақоми ваколатдори давлатӣ ва огоҳиномаҳо оид ба санадҳои санҷиши савдо ва амали (ё беамалии) шахсони мансабдори мақоми ваколатдори давлатӣ шикоят намояд;

– ҳифзи сирри тиҷоратиро аз шахсони мансабдори мақоми ваколатдори давлатӣ талаб намояд;

– иттилоот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки ба савдо ва хизматрасонии маишӣ дахлдор нестанд, пешниҳод накунад;

– аз шахсони мансабдори мақоми ваколатдори давлатӣ ва сохторҳои минтақавии он ҳангоми анҷом додани амалҳо нисбат ба субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ риояи қонунгузориро дар соҳаи танзими давлатии савдо ва хизматрасонии маишӣ талаб намояд;

– санадҳо (қарорҳо) ва талаботи мақоми ваколатдори давлатӣ ва

шахсони мансабдори онро, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими давлатии савдо ва хизматрасонии маишӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои танзими давлатии савдо ва хизматрасонии маишӣ мутобиқат намекунанд, иҷро накунад;

– аз шахсони мансабдори мақоми ваколатдори давлатӣ, ки санҷиш мегузаронанд, асоси гузаронидани санҷишро талаб кунад, бо шаҳодатномаи хизматии онҳо шинос шавад;

– аз мақоми ваколатдори давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброни зарарро, ки дар натиҷаи қабули қарор ва амали (беамалии) шахсони мансабдори ӯ расидааст, талаб намояд;

– ҷиҳати гузаронидани санҷиши савдо ва хизматрасонии маишӣ мутахассисон, намояндагони ассотсиатсияҳо ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятиро ҷалб намояд:

– субъекти савдо ва хизматрасонии маишӣ дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

6. Ба субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ ҳимояи судии ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо кафолат дода мешавад.

7. Тартиби ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ бо Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

8. Иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳо оид ба таъмини ҳуқуқҳои субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

9. Субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти худ ӯҳдадоранд:

– ба харидор дар бораи сифат ва маҳалли истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ, хусусиятҳои истеъмолӣ, ӯҳдадориҳои кафолатӣ ва тартиби пешниҳоди арзу шикоят, усул ва қоидаҳои истифодабарии маҳсулот, тарзи нигоҳдории он, инчунин маҳалли ҷойгиршавӣ ва дигар реквизитҳои фурӯшанда ё тайёркунанда (иҷрокунанда) иттилооти зарурӣ ва саҳеҳ пешниҳод намоянд;

– асбобҳои назоратию ченкунии ҷавобгӯи талаботи низоми давлатии таъмини ягонагии ченакҳоро дар ҷойи муносиби объекти савдо ҷойгир намоянд;

– ҳангоми пайдоиши шубҳаи харидор нисбат ба ҳаҷм, вазн ва андозаи мол ба ӯ имконият фароҳам оранд, ки тавсифи зикргардидаи ченакҳоро бо асбобҳои назоратию ченкунӣ мустақилона санҷад;

– ҳангоми фурӯши молҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба молҳои сертификатсияшаванда мансуб дониста шудаанд, бо талаби харидор сертификати мутобиқати молро (ё нусхаи онро) пешниҳод кунанд;

– бо тартиб ва ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз дастгоҳҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ истифода баранд;

– молеро, ки ҷавобгӯи талабот ва меъёрҳои бехатарӣ нест, аз муомилот бароранд;

– дастурҳои мақоми ваколатдори давлатиро, ки бо тартиби муқарраргардида дода шудаанд, иҷро намоянд;

– ба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба моҳияти масъалаҳои марбут ба иҷрои Қонуни мазкур ва риоя накардани қоидаҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ дар рафти аз ҷониби он гузаронидани тафтиш ва аз рӯи натиҷаҳои он тавзеҳот манзур намоянд;

– бо тартиби муқарраргардида пешбурди баҳисобгирии амалиёти молиро таъмин намоянд, ҳисоботи пешбининамудаи қонунгузориро пешниҳод намоянд;

– дигар муқаррароти муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд.

10. Корманд намояндаи расмии фурӯшанда (иҷрокунанда) ҳисоб мешавад, ба шарте ки аз номи фурӯшанда (иҷрокунанда) ва ҳимояи манфиати он тибқи ваколатнома ва ё қонун баромад кунад ё агар он мустақилона ба истеъмолкунандагон ба ҳайси фурӯшанда (иҷрокунанда) хизмат расонад.

11. Фурӯшанда (иҷрокунанда) ҳуқуқ дорад, ки хизматрасонии истеъмолкунандагонро мустақилона анҷом диҳад, агар он ҷавобгӯи ҳамаи талаботе бошад, ки мутобиқи Қонуни мазкур нисбат ба корманд муқаррар шудааст.

12. Фурӯшандагон (иҷрокунандагон) барои иҷрои корҳое, ки бевосита бо хизматрасонии истеъмолкунандагон алоқаманданд, бояд кормандони тахассусӣ дошта бошанд, ки аз ҷумлаи кормандони ҳайати корхона буда, ба таври кироя кор мекунанд, таҳсилоти дахлдори касбӣ ва омодагии касбӣ, омодагии гигиении касбӣ доранд ва аз ташхиси тиббӣ гузаштаанд.

13. Дар толори фурӯш кормандоне, ки бо хизматрасонии истеъмолкунандагон машғуланд, бояд либоси ягонаи махсус дошта бошанд.

14. Ба кори савдо ва хизматрасонии маишӣ шахсони зерин роҳ дода намешаванд:

– агар иҷозати дахлдори тиббӣ надошта бошанд, ба шарте ки, мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор барои пешбурди ин гуна намуди савдо ва хизматрасонии маишӣ чунин иҷозат муқаррар гардида бошад;

– ноболиғони то 18-сола, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Моддаи 18. Таҳсилоти касбӣ, тайёрӣ ва бозомӯзии касбӣ

1. Кормандоне, ки бевосита ба истеъмолкунандагон хизмат

мерасонанд, бояд дар сатҳи на камтар аз курси таҳсилоти бо ҳуҷҷати дахлдор тасдиқшуда тайёрии касбӣ дошта бошанд.

2. Кормандон бояд ҳар се сол як маротиба аз ҳисоби маблағи фурӯшанда (иҷрокунанда) аз бозомӯзии касбӣ гузаранд.

Моддаи 19. Муоинаи тиббӣ

1. Кормандон вазифадоранд аз муоинаи пешакии тиббӣ (ҳангоми қабул шудан ба кор) ва муоинаи даврии профилактикии тиббӣ бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ гузаранд.

2. Муоинаи пешакии тиббӣ аз ҳисоби худи кормандон ё аз ҳисоби корфармо гузаронида мешавад.

3. Муоинаҳои даврии профилактикии тиббӣ аз ҳисоби фурӯшанда (иҷрокунанда) гузаронида мешаванд.

## БОБИ 5.
## ТАРТИБИ ХИЗМАТРАСОНӢ БА ГУРӮҲҲОИ АЛОҲИДАИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН, НАРХГУЗОРӢ, НОМГӮИ МОЛҲО ВА НАМУДҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ АЗ ҶИҲАТИ ИҶТИМОӢ МУҲИМ

Моддаи 20. Ташкили хизматрасонӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон, ки аз ҳифзи иҷтимоӣ истифод мебаранд

1.Ҷиҳати хизматрасонӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон, ки аз ҳифзи иҷтимоӣ истифода мебаранд, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколаташон метавонанд объектҳои махсусгардонидашудаи савдо ва хизматрасонии маиширо муайян намоянд, ки дар онҳо нархи мол (хизматрасонӣ) нисбат ба чунин моли (хизматрасонии) дар минтақа мавҷудбуда пасттар аст.

2. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколаташон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ метавонанд усул ва механизмҳои мухталифи дастгирии чунин объектҳои савдо ва хизматрасонии маиширо амалӣ намуда, аз ҷумла барои субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ имтиёзҳо фароҳам оваранд.

Моддаи 21. Нархгузорӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонии маишӣ

1. Нархи мол (кору хизматрасонӣ) аз ҷониби субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ, ба истисноии талаботи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти зиддиинҳисорӣ, мустақилона муайян карда мешавад. Ба танзими давлатии нархҳо танҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

2. Нархи молҳое, ки субъектҳои савдо мефурӯшанд ва подоши хизматрасонии маишӣ, инчунин дигар шартҳои шартнома барои

ҳамаи истеъмолкунандагон бояд якхела бошанд, ба истисноии ҳолатҳое, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон фароҳам овардани имтиёзҳо пешбинӣ гардидаанд.

3. Субъекти савдо ва хизматрасонии маишӣ ӯҳдадор аст, ки мавҷудияти нархномаҳои ягона, дақиқ ва ба расмият даровардашударо барои молҳои фурӯшӣ бо зикри номи мол, навъ, нархи вазн ё воҳиди мол, имзои шахси аз ҷиҳати моддӣ масъул ё мӯҳри ташкилот ва санаи таҳияи нархнома таъмин намояд.

4. Ҳангоми дастифурӯшии мол фурӯшанда ӯҳдадор аст бо худ нархномаеро дошта бошад, ки дар он номгӯй ва нархи мол зикр гардидааст.

5. Бо мақсади танзими давлатии нархи молҳо ва намудҳои алоҳидаи молу хизматрасонии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои мухталифи нарх ва тарифҳои (аз ҷумла муқаррар намудани ҳадди ақал ва ё ҳадди ниҳоӣ, танзими нархи иловагии (иловапулии) онҳо (аз ҷумла, муқаррар намудани ҳадди ниҳоӣ (ҳадди ақал ва ё ҳадди ниҳоӣ), мониторинги калкулятсия ва ташаккули нархро барои ин молҳо истифода мебарад. Нарх ва тарифҳо барои чунин молҳо, иловапулӣ ба нархҳо мутобиқи қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Моддаи 22. Навъҳои молу хизматрасонии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим

1. Дар объектҳои савдои чакана, хизматрасонии маишӣ, ки ба таври дахлдор махсус гардонида шудаанд, навъи молҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим фурӯхта ва хизматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим расонида мешавад.

2. Ба навъҳои молҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим инҳо дохил мешаванд:

– молҳои озуқаворӣ – нон, маҳсулоти нонӣ, биринҷ, орд, намак, шакар, чой, гӯшт, шир, маҳсулоти ширӣ, равғани ҳайвоноту растанӣ, маргарин, тухм, моҳӣ, ярма, маҳсулоти макаронӣ, картошка, карам, лаблабу, сабзӣ ва пиёз;

– молҳои ғайриистеъмолӣ – собун, воситаҳои шустушӯии синтетикӣ, хамираи дандон, мисвок, болопӯши рахти хоб ва либос, ҷӯроби мардонаю занона, китоб, молҳои мактабӣ, сӯзан, ришта, гӯгирд, шамъ ва чароғ.

3. Ба навъҳои хизматрасонии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим инҳо дохил мешаванд:

– барои сартарошхонаҳо – мӯйсаргирии оддӣ;

– барои шустагарӣ – шустушӯи болопӯши рахти хоб;

– барои ҳаммом ва саунаҳо – қабули душ;

– барои корхонаҳои таъмири асбобу анҷоми маишӣ, радиоэлектронӣ, мошину дастгоҳҳои маишӣ – таъмири яхдон, асбобҳои гармидиҳанда, телевизор, дарзмол ва чангкашакҳо;

– барои ателйе – таъмири маҳсулоти дарздӯзӣ, нассоҷӣ бе поракунӣ, аз нав буридан ва аз нав дӯхтан;

– барои суратгирхона – тайёр намудани сурат барои ҳуҷҷатҳо;

– барои корхонаҳои таъмири металл – сохтани калид;

– барои корхонаҳои таъмири пойафзол – ҳама гуна таъмир, ба истиснои нав ва иваз намудани қисми болоӣ ва пошнаи пойафзол.

## БОБИ 6.
## ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲОИ ИТТИЛООТИИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ САВДО ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ

### Моддаи 23. Ташаккулёбии захираҳои иттилоотии давлатӣ

1. Таъминоти давлатии иттилоотӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонии маишӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Дар сомонаҳои расмии мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳар се моҳ иттилооти зерин ворид мекунанд:

– дар бораи қарорҳои қабулнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ;

– дар бораи нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳоро дар соҳаи савдо ва хизматрасонии маишӣ танзим менамоянд;

– дар бораи нархи миёнаи намудҳои алоҳидаи мол;

– дигар иттилооти муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ.

3. Мақоми ваколатдори давлатӣ пешбурди феҳристи савдо ва хизматрасонии маиширо ташкил мекунад ва дастрасии маълумоти онро таъмин менамояд. Феҳристи савдо ва хизматрасонии маишӣ маълумотро дар бораи субъектҳои савдо, субъектҳои савдои чакана (ба истиснои молистеҳсолкунандагон) ва дигар субъектҳои савдо оид ба вазъи савдо ва хизматрасонии маишӣ дар бар мегирад.

4. Барои ба феҳристи савдо ва хизматрасонии маишӣ ворид намудани маълумоти дар қисми 3 моддаи мазкур пешбинишуда, ки ворид намудани чунин маълумотро тасдиқ менамояд, пешбинӣ намудани тобеият ҷиҳати анҷом додани амали муайян, қабули қарор нисбат ба субъектҳои савдо, субъектҳои савдои чакана (ба истиснои молистеҳсолкунандагон), дар хусуси ар феҳристи савдо ва хизматрасонии маишӣ мавҷуд будани иттилоот оид ба ҳамин субъектҳои хоҷагидор ва (ё) савдо ва хизматрасонии маишӣ ситонидани маблағ манъ аст.

5. Субъектҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ, ки ба савдои чакана, яклухт, дигар намудҳои фаъолияти савдо, хизматрасонии хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ машғуланд, ӯҳдадоранд, ки ба

мақоми ваколатдори давлатӣ барои ташаккули захираҳои давлатии иттилоотӣ тибқи шакл ва мӯҳлати муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ маълумот пешниҳод намоянд.

## БОБИ 7.
## МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 24.Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 25. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон
ш. Душанбе, 19 марти соли 2013, № 943